А.ҚАМАРЗОДА, Ҷ. ЭШОНҚУЛОВ, У.ҚАМАРОВА

АДАБИЁТ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 8-уми мактабҳои таълими умумии миёна

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия кардааст

Нашри панҷуми такмилёфта

ТОШКАНД
ХОНАИ ЭҶОДИИ ТАБЪУ НАШРИ
«O‘ZBEKISTON»
2019

http://eduportal.uz

УЎК 821.222.8(075)
КБК 83.3(0)
Қ 31

Муҳаррири масъул:

Ҷаъфар Холмӯъминов – номзади илми фалсафа,
Узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон

Муқарризон:

Ҳ. Қудратуллоев – доктори илми филология, профессор;
С. Саъдиев – доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС;
Р. Абдуллоев – дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз, номзади улуми филологӣ;
Ҳ. Ҳикматов – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ;
Ш. Бобоҷонова – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 7-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд;
Р. Қурбонов – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 58-уми ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё;
Д. Мирзоева – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 20-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд.

Донишомӯзони азиз!

Китобе ки дар даст доред, дар асоси «Барномаи таълими адабиёт барои синфҳои 5–9-и мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон» мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои муҳими дар соҳаи таълим қабулшудаи Республикаи Ӯзбекистон аз қабили «Андозаи Давлатии таълим» ва «Консепсияи авлоди нави китобҳои дарсӣ» таълиф шудааст.

Ин китоб барои хубу фаҳмо дарк кардани адабиёти бадеӣ ба шумо кӯмаки арзанда мерасонад.

Китобро хонед, маъноҳои онро аз бар намоед ва эҳтиёткорона истифода баред!

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика ба иҷора чоп шудааст.

ISBN 978-9943-01-512-8

© Қамарзода А., 2019
© ХЭТН «O‘zbekiston», 2005, 2006,
Бо иловаҳо соли 2010, 2014, 2019

http://edu.tdpu.uz

ОМӮЗГОРОН ВА ДОНИШОМӮЗОНИ МӮҲТАРАМ

Китоби «Адабиёт» барои синфи 8 дар асоси «Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V – IX»-и мактабҳои таълими миёнаи умумӣ навишта шуда, аз ҷониби вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия шудааст.

Муаллифон талабу дархости омӯзгорон ва эҳтиёҷи донишомӯзонро ба эътибор гирифта, ин китоби дарсиро бо таҳриру такмили нав таҳия намудаанд. Дар ин китоб пас аз овардани маълумот оиди зиндагинома ва мероси адабии шоиру нависандагон, маълумотҳои назарӣ, саволу супоришот доир ба мавзӯъҳои ҷудогона, намунаҳо аз асарҳои адибоне, ки мувофиқи барнома таълими онҳо дар назар дошта шудааст, оварда шудаанд. Интихоби асарҳои ҷудогона барои таҳлил дар ҷараёни дарс, навиштани иншо, супоридани вазифаи хонагӣ – аз ёд намудани шеърҳо, мутолиаи ғазалҳо, ҳикоёт, порчаҳо аз достонҳо ба салоҳдиди омӯзгорон вобаста аст.

Таълифи бобҳои адабиёти тоҷик ба қалами А. Қамарзода ва У. Қамарова ва бобҳои адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон ба қалами Ҷ. Эшонқулов ва У. Қамарова тааллуқ дорад. Дар китоб баробари зиндагинома ва эҷодиёти як қатор адибони машҳури тоҷик, ки дар асрҳои XVI – XIX умр ба сар бурдаанд, оиди баъзе намояндагони адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон низ маълумот бо луғату тавзеҳоташ оварда шудааст.

Дар ҷараёни таҳрир ва ба нашри навбатӣ омода намудани китоб, мо маслиҳат ва дархости омӯзгорони соҳибтаҷрибаи забон ва адабиёти тоҷикро, ки ҳангоми тақдимоти китоб ва дар ҷараёни сӯҳбатҳои мустақим ба мо баён намудаанд, ба эътибор гирифтем. Аз ҷумла, дар ин нашри китоб ба ҳаёт ва эҷодиёти шоири асри XVII Соиби Табрезӣ ва шоираи ширинбаён Зебуннисо, ки мавқеи онҳо дар таърихи адабиёти ин давр бузург аст, низ бобҳои ҷудогона дохил шуд.

http://edu.gov.uz

АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Истилоҳи ***адабиёт*** аз калимаи арабӣ гирифта шуда, шакли ҷамъи калимаи «адаб» аст. «Адаб» – нигоҳ доштани ҳадди ҳар чиз ва фазилатҳои маънавӣ: хубӣ, некӣ, хушгуфторӣ, хушнависӣ, ҳусни хулқ, соҳиби илму дониш ва санъат буданро ифода мекунад.

Адабиёт ба ду маъно – ба маънои васеъ ва танг кор фармуда мешавад.

Ба маънои васеъ – адабиёт аз тамоми осори хаттӣ ва чопии назмӣ ва насрии бадеӣ, илмӣ, танқидӣ, ҳаҷвӣ ва ғайра иборат буданро ифода менамояд. Аммо на ҳар чизи навишташуда, балки навиштаҳое, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд, адабиёт мебошад. Ба ин маъно мазмун ва мундариҷаи адабиёт гуногунранг аст. Чунончи, вақте ки мо дар бораи адабиёти илмӣ, сиёсӣ, таълимӣ ва ғайра сухан меронем, ин калима ба ҳамин маънои васеъ фаҳмида мешавад.

Ба маънои танг ва ё маҳдуд адабиёт танҳо маҷмӯйи осори бадеиро ифода мекунад.

Фарқи адабиёти бадеӣ аз адабиёти илмӣ, сиёсӣ, дарсӣ ва ғайра дар он аст, ки адабиёти бадеӣ зиндагӣ ва ҳодисаҳои онро муфассал ва ба таври оддӣ тасвир накарда, балки фактҳои зиндагӣ – ҳақиқати ҳаётро ба воситаи манзараву образҳои бадеӣ, яъне дар сурати одамон, васфи табиат, шароити зиндагӣ, забони хоси бадеӣ инъикос мекунад.

Адабиёти бадеӣ як навъ воқеаномаи ҷамъият ва аслиҳаи пурзӯри маданияти инсонӣ мебошад. Он, чунон ки дар боло ишора рафт, зиндагиро ба таври образнок инъикос карда, урфу одат ва ахлоқи одамонро бо лавҳаҳои зебо тасвир намуда, донишҳои оид ба зиндагиро, ки мо аз омӯхтани илмҳои гуногун ҳосил мекунем, пурратар менамояд.

Адабиёти бадеӣ аҳамияти калони тарбиявӣ дорад. Он на танҳо таълим медиҳад, балки ба шуур, ирода ва ҳиссиёти хонанда таъсири хуб мебахшад. Дар асари бадеӣ орзую омоли ҷамъиятии нависанда инъикос меёбад. Ин муносибати

http://edu.portal.uz

муаллиф ба хонандагон низ таъсир бахшида, ба ташаккули фикру ақидаҳои онҳо ёрӣ мерасонад.

Дигар ин ки адабиёти бадеӣ дар тарбияи ҳис ва идеалҳои эстетикии хонандагон мақоми босазо дорад. Ғайр аз ин, асарҳои ҳақиқатан бадеӣ моро ба ҳаяҷон оварда, аз ҳар гуна рафтори пасту нораво боз медорад. Ба ин тариқ, адабиёти бадеӣ мақоми таълимӣ-тарбиявӣ ва эстетикиро низ дар бар мегирад.

ҲАҚИҚАТИ ҲАЁТӢ ВА ҲАҚИҚАТИ БАДЕӢ

Манбаи эҷодиёти нависандаро ду чиз – ***ҳақиқати ҳаётӣ ва хаёлоти бадеӣ*** ташкил менамояд. Ҳодисаҳои ҳаррӯза дар табиат ва ҳаёти ҷамъият, воқеаҳои гузаштаи таърихӣ, ки дар китобҳои таърих ва ёддоштҳо айнан сабт шудаанд, ҳақиқати ҳаётӣ мебошанд.

Бо вуҷуди он ки эҷодиёти адибон онҳоро айнан тасвир намекунад, нависанда барои ифодаи ҳақиқат аз образҳо, воситаҳои тасвири бадеӣ ва ғайра истифода мебарад. Чунончи:

Чу бар зин бупечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид.

Бизад, найзаи ӯ ба ду ним кард,
Нишаст аз бари зину бархост гард.

Ба овард бо ӯ басанда набуд,
Битобид аз ӯ рӯю баргошт зуд.

Сипаҳбад инон аждаҳоро супурд,
Ба хашм аз ҷаҳон равшаноӣ бибурд.

Чу омад хурӯшон ба танг-андараш,
Бичунбиду бардошт хӯд аз сараш.

Раҳо шуд зи банди зиреҳ мӯйи ӯй,
Дурафшон чу хуршед шуд рӯйи ӯй.

Бидонист Сӯҳроб, к-ӯ духтар аст,
Сари мӯйи ӯ аз дури асфар аст.

http://edu.portal.uz

Дар порчаи шеърие, ки аз достони «Рустам ва Сӯҳроб» («Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид») оварда шудааст, ба ҳам пайвастагии воқеаҳои ҳаёт, ҳақиқати зиндагӣ ва хаёлоти эҷодии шоирро мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин занҳои ҷасур, ба монанди Гурдофарид дар саҳни зиндагӣ ва муборизаҳо буданд ва ҳастанд. Онҳо барои озодӣ ва ободии кишвари азизи худ ҷангу ҷадалҳо кардаанд ва хоҳанд кард. Ин ҳақиқати ҳаётӣ аст.

Ҳангоме ки мо ба аҳамияти бадеию ғоявии эҷодиёти адибон ва асарҳои ҷудогонаи онҳо баҳо медиҳем, то чӣ андоза ба тарзи бадеӣ инъикос гардидани ҳақиқати ҳаётӣ дар ин ё дигар асари бадеӣ низ эътибор медиҳем. Ба як маънӣ, ин халқияти асари бадеиро низ ифода менамояд. Дар зери ин мафҳум наздикии адабиёт ба ҳаёти халқ дар назар дошта мешавад, ки асосҳои он инҳоянд:

1. Дар асари бадеӣ, ки он барои халқ навишта шудааст, манфиати мардум, андеша ва тафаккуроти халқ чӣ хел тасвир шудааст?

2. Дар ин ё дигар асар адиб аз эҷодиёти даҳонии халқ, ки ибтидои санъати сухан аст, чӣ андоза ва чӣ хел истифода бурдааст?

3. Мазмун ва мундариҷа, симо (образ)-ҳои дар асар тасвиршуда то чӣ андоза аз ҳаёт гирифта шудаанд ва ба хонанда чӣ қадар фаҳмо мебошанд?

Аз ҷумла, агар мо ашъори Сайидои Насафиро дида бароем, ба назар мерасад,ки ӯ ҳамчун шоири ҳунарманд ба халқ наздик буда, дар ғазалиёту ашъори ба ҳунармандон бахшидааш, дар «Баҳориёт» ва «Шаҳрошӯб» рӯҳу кайфияти мардуми меҳнаткашро ифода намудааст. Шоир вазъияти ҳаёти ҳунармандонро, ки дар шароити ҳамон давр сахт азоб мекашиданд, ҳаёти вазнин ба сар мебурданд, то андозае ҳақиқатнигорона тасвир кардааст. Ин аз наздикии ҳақиқати ҳаётӣ бо ҳақиқати бадеӣ мисол шуда метавонад.

Агар ашъори Рӯдакӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомиро аз ҷиҳати халқияти адабиёт аз назар гузаронем, дар онҳо аз таронаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, латифаҳои халқӣ ва дигар унсурҳои эҷодиёти шифоҳии мардумӣ истифода

бурдани адибон равшан ба назар мерасад, ки онҳо низ дар асл ба тарзи бадеӣ як навъ ифода гардидани ҳақиқати ҳаётӣ мебошанд.

Бо дигар шудани сохтори замона, баланд рафтани афкори сиёсию иҷтимоии мардум мазмун ва образҳои бадеӣ низ бештар ҳақиқати ҳаётиро ифода менамоянд. Ин маънӣ дар асарҳои адибони охирҳои асри XIX Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ равшантар ба назар мерасад.

Дар асарҳои Аҳмади Дониш, ашъори Шоҳин, Савдо ва дигар ҳамзамононии онҳо нисбат ба халқи меҳнаткаш ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намудани муаллифон мушоҳида мешавад. Онҳо зиндагии мардумро дар асарҳояшон тасвир намуда, фикру андеша ва майлу кӯшиши онро барои аз ҷабру ситам озод шудан тасвир намудаанд. Онҳо барои он, ки асарҳояшон ба халқ фаҳмотар бошад, аз забони гуфтугӯии мардум бештар истифода менамуданд. Аз ҷумла, Шоҳин ва Савдо, бисёр ғазалҳои худро ба забони халқ наздик карда навиштаанд. Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» образи намояндагони мардуми оддӣ ва меҳнаткашро ба вуҷуд овардааст.

То ибтидои асри XIX қариб аксар мардуми кишварҳои зиёди олам бесавод буданд, чопи китобҳо на дар ҳама кишварҳо вуҷуд дошт, бинобар ин, аз асарҳои шоирон оммаи васеи халқ бебаҳра мемонданд. Аз ин рӯ, инъикоси ҳақиқати ҳаёт дар адабиёти бадеӣ низ маҳдуд буд.

Минбаъд, ба туфайли дигар шудани сохтори сиёсӣ, махсусан баъди Истиқлол ба даст даровардани кишварҳои мо, эътибори нависандагон ба тарзи бадеӣ инъикос намудани ҳақиқати ҳаётӣ рангу мазмунҳои тоза гирифт, ки мо инро дар асарҳои адибони муосири тоҷику ӯзбек низ ба хубӣ дарк карда метавонем.



Савол ва супоришот:

1. **Адабиёт чист?**
2. **Фарқи адабиёти бадеиро аз адабиёти илмӣ ва сиёсӣ гуфта диҳед.**
3. **Муносибати ҳақиқати ҳаётӣ ва хаёлоти бадеӣ дар чист?**

http://elibrary.tj.uz

4. **Дар порчаи шеърие, ки аз «Шоҳнома» оварда шудааст, хислатҳои занони далерро Фирдавсӣ ба воситаи чӣ тасвир кардааст?**
5. **Чаро адибон дар асарҳои худ аз эҷодиёти даҳонии халқ истифода мебаранд?**
6. **Оид ба муносибати адабиёти бадеӣ бо ҳаёти халқ дар асоси ягон асари худатон хондагӣ мулоҳиза ронед.**



Луғат ва тавзеҳот:

Асфар – зард.
Баргошт — баргардонд.
Басанда – бас, кифоя, кофӣ.
Дур(р) – марвориди калон, марворид.
Зиреҳ – либоси оҳанини ҷангварони қадим барои муҳофизат аз тиру шамшер.
Инон – лаҷом, ҷилав, афсор.
Сипаҳбад – сипаҳсолор, сарлашкар, султон.
Хӯд – кулоҳи ҷангӣ, ки аз филиз (метал) сохта мешавад.

http://eduportal.uz

АДАБИЁТИ ТОҶИК



http://eduportal.uz

ҲАЁТИ АДАБӢ-МАДАНӢ ДАР АСРҲОИ XV–XVI

Адабиёти тоҷик таърихи беш аз ҳазорсола дорад, ки шумо бо осори баъзе аз адибони бузурги асрҳои пешина дар синфҳои поён шинос шудаед. Ин китоб мувофиқи барномаи таълими адабиёт барои мактабҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ таҳия шуда, донишомӯзон дар синфи 8 бо асарҳои адибони тоҷик, ки дар асрҳои XV-ибтидои асри XX зиндагӣ ва эҷод кардаанд шинос мешаванд. Дар ибтидо дар бораи ҳаёти адабӣ-мадании асрҳои XV–XVI-и Осиёи Марказӣ ва Хуросон маълумот дода шуда, сипас дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони ҷудогонаи он ва асарҳои онҳо таваққуф карда мешавад.

Дар асрҳои XV–XVI дар Осиёи Марказӣ ва Хуросон ҳаёти илмӣ ва адабӣ-маданӣ то андозае пеш рафт. Зеро, дар ин давра Амир Темур, ки Самарқандро пойтахти давлати худ интихоб карда, барои рушду камоли ин шаҳри бостонӣ эътибори махсусе медод, аз тамоми кишварҳои ба тасарруфаш дароварда олимон, шоирон, меъморон ва устоҳои ҳунармандро ҷамъ оварда, барои равнақи илму фарҳанг эътибори ҷиддӣ дод. Меъморону бинокорон дар ин ҷо қасрҳои боҳашамат, мадрасаю масҷидҳо сохтанд. Ёдгориҳои бузурги меъморӣ, аз қабили маҷмӯйи мадрасаҳои дар майдони Регистон буда, Гӯри Амир, расадхонаи машҳури Мирзо Улуғбек ва ғайра, ки ҳоло ҳам зеби Самарқанд мебошад, асосан дар ҳамин давра сохта шудаанд.

Дар ҳамин давра шаҳри Ҳирот ҳам ободу зебо ва яке аз марказҳои илму адаб гардид. Ин ду шаҳр дар инкишоф ва равнақи маданият ва махсусан адабиёти бадеӣ мақоми бузург бозиданд. Дар ин асрҳо ҳаёти адабӣ инчунин дар Табрез ва Бухоро низ инкишоф ёфт. Дар ин шаҳрҳо мактабҳои адабӣ ба вуҷуд омада буданд ва ин мактабҳо бо якдигар робита доштанд. Махсусан мактаби адабии Ҳирот, ки сарвари он адиб ва мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ буд, дар таърихи адабиёти тоҷику форс таъсири амиқе гузоштааст. Вакилони ин мактаби адабӣ осори дар тӯли шаш асри гу-

зашта ба вуҷуд овардаи гузаштагонро ҷамъбаст намуда, дар жанрҳои гуногуни адабӣ асарҳои мукаммалу баландмазмун офариданд.

Дар ин давра ба Ҳирот аз шаҳру кишварҳои гуногун адибони ҷавон барои таҳсил меомаданд ва аз имтиҳони адибони бузург –Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ мегузаштанд.

Натиҷаи ғамхории падаронаи он устодони сухан буд, ки мактаби адабии Ҳирот самараи хуб дод. Дастпарварони ин мактаб Камолиддин Биноӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Бадриддин Ҳилолӣ дар таърихи адабиёт мақоми бузурге бозиданд.

Гарчанд дар ин давра дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Табрез инчунин дар Ироқ низ мактабҳои адабӣ вуҷуд доштанд, лекин ба дараҷаи мактаби адабии Ҳирот нарасиданд. Лекин байни ин мактабҳои адабӣ робитаю равуои мустаҳкаме мавҷуд буд.

Баъди Хуросонро ишғол кардани Исмоили Сафавӣ бисёр бузургони илму адаб ба Ҳиндустон, Бухорою Самарқанд, Тошканду Табрез ва ғайра сафар карданд ва мактаби адабии Ҳирот пароканда шуд. Минбаъд доираҳои адабии Бухорою Тошканд қувват гирифтанд ва дар сабзиши ин мактабҳои адабӣ хидмати намояндагони мактаби адабии Ҳирот калон буд. Дар натиҷа дар аввалҳои асри XVI дар Мовароуннаҳр шеъру шоирӣ вусъат ёфт.

Ҳамчун давраҳои пешина дар ин давра низ адабиёти бадеӣ дар ду равия офарида мешуданд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддин Биноӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдураҳмон Мушфиқӣ ва дигарон намояндагони адабиёти пешқадами ин давр ба ҳисоб мераванд.

Намояндагони ҷараёни пешқадам эҷодиёти худро ба манфиати халқ бахшида буданд. Дар эҷодиёти онҳо танқиди сохтори ҷамъияти ҳамон замон, зулму истисмори ҳукмдорони золими он давр мавқеи муҳимро ишғол мекард.

Дар адабиёти ин давр асосан назм ҳукмрон буд. Асарҳои манзум чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун назар ба асарҳои насрӣ мавқеи муҳимеро ишғол мекарданд.

Ғазал, қасида, достон, рубоӣ, қитъа, мухаммас, таркиббанд, тарҷеъбанд, мустазод шаклҳои маъмултарини адабиёти ин асрҳо ба шумор мерафтанд.

Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии адабиёти ин давра низ афзуда, навиштани асарҳои ахлоқӣ авҷ мегирад. Махсусан, асарҳои тарбиявӣ-ахлоқии Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Бадриддини Ҳилолӣ мавқеи калонро ишғол менамоянд. «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Даввонӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Макорим-ул-ахлоқ»-и Хондамир, «Беҳрӯзу Баҳром»-и Камолиддини Биноӣ низ ба ин мавзӯъ бахшида шуда, муаллифон дар асарҳои худ доир ба бисёр масъалаҳои ахлоқӣ фикру мулоҳизаҳои гаронбаҳо баён кардаанд.

Ба мавзӯъҳои панду ахлоқӣ шавқу рағбат пайдо кардани шоирон бесабаб набуд. Зеро дар он замон ахлоқ ниҳоят вайрон шуда, майпарастӣ кибру ғурур, фисқу фасод дар байни дарбориён ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Муаллифони асарҳои ахлоқӣ хостанд, ки бо ин роҳ онҳоро тарбият намоянд.

Дар асрҳои XV–XVI ҷавоб гуфтан ба достонҳои қаҳрамонӣ, ишқӣ-романтикии асрҳои пештара вусъат меёбад. Онҳо ба «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ҷавоб мегӯянд. Абдураҳмони Ҷомӣ ба ғайр аз ҷавоби достонҳои «Хамса», боз ду достони дигар нависта миқдори онҳоро ба ҳафт расонид.

Дар ин давр анъанаи зуллисонайн – дузабонӣ авҷ гирифт. Яъне бисёр шоирон ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони ӯзбекӣ шеъру достонҳо эҷод мекарданд, ки сарвари онҳо Алишери Навоӣ буд.

Дар адабиёти ин давр инкишофи наср низ ба назар мерасад. Асарҳои насрӣ чи аз ҷиҳати забону тарзи баён ва чи аз ҷиҳати услубу бандубасти худ аз якдигар фарқи калоне доштанд. Асарҳои насрии Абдураҳмони Ҷомӣ «Баҳористон», «Нафаҳот-ул-унс», Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Анвори Суҳайлӣ», Фахриддин Алии Сафӣ «Латоиф-ут-тавоиф», Зайниддин Маҳмуди Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» намунаи барҷастаи насрии ин асрҳо буда, аз ҷиҳати забон ва тарзи баён содда ва фаҳмо мебошанд.

http://elibrary.tj

Ҳамин тавр, агар бо суханони олими маъруфии тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев гӯем, *«...ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XV ва аввалҳои асри XVI аз давраҳои хеле пурмаҳсули таърихи афкори ҷамъиятии халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон будааст»*.



Савол ва супоришот:

1. Дар асрҳои XV–XVI ҳаёти маданӣ-адабӣ дар кадом шаҳрҳо тараққӣ кард?
2. Чаро дар ин давра дар Самарқанд илму адабиёт ва меъморӣ ривоҷ ёфт?
3. Дар ин давр чаро адибон ба Ҳирот аз шаҳру кишварҳои дигар меомаданд?
4. Дар ин асрҳо кадом анъанаҳои адабӣ ривоҷ ёфтанд?
5. Шоирони ин давр бештар дар кадом жанрҳои бадеӣ эҷод мекарданд?
6. Чаро адибони ин давр ба насрнависӣ ва ба мавзӯъҳои ахлоқӣ мурочиат карданд?
7. Доир ба ҳаёти адабӣ ва мадании ин асрҳо дар асоси асарҳои хондаатон ва мушоҳидаҳоятон аз дидани ёдгориҳои таърихӣ кори хаттӣ нависед.

http://edu.portal.uz



АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

(1414–1492)

«Манам дилдодаи халқе, ки Ҷомӣ буда аз онаш,
Ба олам нур пошида чароғи илму ирфонаш...
Кунун Ҷомӣ ниҳода пой бар як умри ҷовидон,
Ки ӯ як пири таълим асту ман тифли забондонаш».

Мубориз АЛИЗОДА

Тарҷумаи ҳол

Абдураҳмони Ҷомӣ олим, мутафаккир, шоир ва нависандаи барҷастаи халқи тоҷик буда, дар осмони илму адаби асри XV монанди ситораи дурахшон ҷилвагар аст. Ӯ адабиёти зиёда аз 500 соли форс – тоҷикро дар тамоми соҳаҳо бо асарҳои баркамолаш ҷамъбаст намудааст. Ҷомӣ ифтихори халқи тоҷик ва тоҷикзабонон аст.

Номи аслии ин адиби шӯҳратманд Абдураҳмон, лақабаш Нуриддин буда, бо тахаллуси Ҷомӣ дар тамоми дунё машҳур гардидааст.

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ 7 ноябри соли 1414 дар деҳаи Харҷурди вилояти Ҷом ба дунё омадааст. Падар ва бобои Ҷомӣ мардони бофазлу дониш буданд. Ҳангоме ки Ҷомӣ 11 сола мешавад, оилаи онҳо аз вилояти Ҷом ба Ҳирот меоянд. То ин дам Абдураҳмон дар Ҷом дар назди падараш Низомиддин Аҳмад хату саводи пурра бароварда, инчунин сарфу наҳви забони арабиро низ то андозае аз худ карда буд. Дар ин бора яке аз шогирдони вафодори Ҷомӣ Абдулғафури Лорӣ чунин менависад:

«Рӯзе сухан аз устодон ва муаллимони Ҳазрати Эшон (Ҷомиро дар назар дорад) дар миён афтод, фармуданд, ки мо ба ҳақиқат шогирди падари худем, ки забон аз вай омӯхтаем».

Баъд аз ин Абдураҳмон дар Ҳирот, дар мадрасаи «Низомия» таҳсили илмро давом медиҳад. Ӯ дар назди Мавлоно Ҷунайдӣ услуби забони арабӣ, асарҳои «Мухтасар–ул-маъонӣ», «Ал-мутаввал»-и Саъдиддини Тафтазониро, ки оид ба илми баён буданд, омӯхта доир ба илмҳои ҳикмат ва мантиқ аз олимони машҳури замон Хоҷа Алии

http://edu.portal.uz

Самарқандӣ ва Шаҳобиддин Муҳаммади Ҷоҷармӣ сабақ мегирад.

Ҷомӣ аз кӯдакӣ зеҳни бурро, ақли расо дошт. Ӯ дорои хислати аҷибе буд. Ба ҳар як чиз, ба ҳар як ҳодиса аз нуқтаи назари танқидӣ, кунҷковона назар мекард. Ӯ бештар ба илмҳои дақиқ майлу рағбат дошт. Ҷомӣ ба якбор хондан моҳияти асосии масъаларо дарк мекард. Ӯ монанди шогирдони дигар дар баҳсу мунозираҳо худнамоӣ намекард, баръакс дар он ҷойҳо орому ботамкин буд. Суханони Ҷомӣ қатъӣ ва факту далелҳои раднашаванда доштанд. Аз ин рӯ, ӯ ҳамеша дар баҳсу мунозираи муллобачагон ғолиб мебаромад. Қобилияту истеъдоди Абдураҳмони Ҷомӣ чунон бузург буд, ки ҳатто устодон аз ӯҳдаи дарс додани ӯ баромада наметавонистанд. Дар ин бора муаллифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» Зайниддин Маҳмуди Восифӣ нақли аҷибе овардааст, ки он «Хамсаи мутаҳаййира» («Панҷгонаи ҳайратовар») ном дорад.

«Онҳо панҷ нафар буданд, панҷ нафар толибилм, донишҷӯ ҳоло онҳо дар ҳуҷраи мадраса нишаста, устоди худро интизоранд. Устод Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ вориди ҳуҷра шуд. Шогирдон – Абдураҳмон, Ҳусайн, Шамсиддин, Довуд, Муиниддин аз ҷой хеста, ба устод салом доданд. Дарс сар шуд. Муаллим аз онҳо вазифаи хонагиро пурсид. Ҷавоби пурра ва саҳеҳ медоданд. Мавлоно ба шогирдон асари олими машҳур Мавлоно Алии Қушчӣ «Шарҳи таҷрид»-ро мегузашт. Ҳангоми шарҳу маънидоди баъзе масъалаҳои асар дар байни муаллиму шогирдон баҳсу мунозира авҷ мегирифт, гоҳо шогирдон ғолиб мебаромаданд.

Чӣ бояд кард «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ» – гуфтаанд, – андеша мекард, роҳ меҷуст устод.

Пас фикру тадбир он аст, ки ман худамро касал кунам ва шогирдонро дар кӯйи бекорӣ андозам. Вале бояд ман дар ин муддат шабу рӯз мутолиа кунам ва ба дарсгӯии шогирдон нағзтар тайёр шавам.

Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ шогирдонро ба мӯҳлати 40 рӯз бо сабаби «касалӣ» ва бо «табобат» машғул шудани худ ҷавоб дод. Вале шогирдон сабаби «касалии» устоди худро пай бурданд. Бинобар ин онҳо қарор доданд, ки ҳар

рӯз дар масҷиди Мулкон ҷамъ омада, як нафарашон муаллим шаванд.

Ба ҳамин тариқ дар муддати 40 рӯз бо навбат дарс гуфтанд ва дониши худро такмил доданд. Мавлоно Ҷоҷармӣ ҳам дар ин муддат шабу рӯз пайваста дар мутолиа буд. Барои шогирдони «гапнодаро» саволу супоришҳои ниҳоят душворро тайёр мекард. Ӯ аз он хурсанд буд, ки дониши зиёде гирифтааст ва он метавонад ба таълими яксолаи шогирдон кифоят кунад.

Ниҳоят рӯзи 40-ум ба шогирдон хабар медиҳанд, ки устод аз «бистари беморӣ» хестааст ва имрӯз дарс мегӯяд. Онҳо ба дарс ҳозир шуданд.

Мавлоно ба шарҳи як масъалаи мураккаб сар кард. Шогирдон пеш аз устод ҷавоб доданд. Мавлоно ҳайрон шуд ва гуфт:

Шогирдони азизам, ман касал набудам, мутолиа кардам, хондам то ки ба шумо дарс гӯям. Вале, хушбахтона, шумо устоди бузург шудаед. Ҷавон ҳам бошед, дигар шуморо ҳеҷ кас қудрати дарс додан надорад. Ҳамаи илмҳоро аз худ кардаед, ба шумо роҳи сафед металабам».

Он чор нафар шарикдарсони Ҷомӣ, ки зикрашон дар боло рафт, дар ҳақиқат олимони машҳури замони худ шуданд. Аз ҷумла, Мавлоно Камолиддин Шайх Ҳусайн, Мавлоно Шамсиддин Соҳиби Кашф, Мавлоно Низомиддин Довуди Хавофӣ ва Мавлоно Муиниддини Тунӣ доир ба илмҳои гуногун асарҳои пуразиши зиёде офаридаанд, ки бо ин асарҳо дар таърихи илму маданият мақоми босазо доранд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар синни 23-солагиаш ба Самарқанд меояд. Дар он рӯзгор шаҳри Самарқанд маркази илмҳои дақиқ ҳисоб мешуд ва олимони бузург аз қабили Қозизодаи Румӣ (1360–1437) дар ин шаҳр зиндагӣ ва мударрисӣ мекарданд. Ҷомӣ чанд муддат дар назди Қозизодаи Румӣ аз илмҳои ҳисоб, риёзиёт ва нуҷум таълим мегирад. Ӯ натанҳо дар назди устодаш дарс мехонад, балки ба корҳои илмии Қозизода ёрӣ мерасонад.

Ҷомӣ бештар дар баҳсу мунозираҳои олимони машҳур ҳозир мешуд ва агар лозим медонист, сухан мегуфт. Ҷомӣ суханро дароз намекард. Суханҳояш бамаънӣ, пурмағз буданд. Дар ҷамъомади шоирон иштирок карда, бо таҳаммул

гӯш мекард. Вале шеър намегуфт. Пай бурдан душвор набуд, ки Ҷомӣ ба ин пешаи эҷодӣ шавқи беандоза ва шеърҳои тоза дорад.

Абдураҳмони Ҷомӣ соли 1453 дар Самарқанд бо устодони худ хайру хуш карда ба Ҳирот меояд. Ӯ аввал хост, ба хизмати дарбор равад, вале одати хушомадгӯйӣ, ки надошт нарафтанро афзалтар донист. Боз чанд муддат ба таҳсили илм, аз ҷумла илми шеър, машғул гардид.

Сафарҳои Ҷомӣ

Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳаёти худ 7 бор ба сафар баромада, шаҳрҳои Самарқанду Тошканд, Форобу Марврo тамошо кардааст. Сафари охирин ва тӯлонии Ҷомӣ соли 1472 дар моҳи август оғоз ёфт. Ӯ шаҳрҳои Нишопур, Сабзавор, Бастом, Домғон, Қазвин, Ҳамадон, Бағдодро саёҳат карда, бо арбобони илму адаби ин кишварҳо вохӯрд, сӯҳбатҳо орост. Дар ҳар ҷо Ҷомиро иззату эҳтиром мекарданд. Ҷомӣ Макка, Мадинаро зиёрат карда, бозмегардад ва соли 1473 ба шаҳри Димишқ меояд ва аз он ҷо ба Ҳирот мерасад.

Поёни умри Ҷомӣ дар Ҳирот гузашт. Ӯ ба эҷод кардани асарҳои илмӣ-адабӣ батамом машғул буд. Як дақиқа вақти худро бекор, бе мақсад намегузаронид. Танҳо ба мактаби адабии Ҳирот роҳбарӣ карда, ба шоирони ҷавон маслиҳатҳои муфид медод.

Ҷомӣ ҳаётро дӯст медошт. Дӯстони зиёд дошт, ки бо онҳо базми шеъру суруд меорост, сӯҳбатҳои дилангез мекард. Яке аз шогирдони беҳтарини Ҷомӣ Алишери Навоӣ буд. Муносибати онҳо на ҳамчун устоду шогирд, балки мисли ду дӯсти ҷонӣ, ду ҳамкору ҳаммаслак ба назар мерасид.

Абдураҳмони Ҷомӣ 4 фарзанд дид. Фарзанди нахустинаш дар якрӯзагӣ, дуюм дар яксолагӣ, чорум дар 40-рӯзагӣ вафот карда буданд. Албатта вафоти фарзандон, қалби адибро ба шӯру ғалаён овард. Дар мотами фарзандон Ҷомӣ ашки ғаму ҳасрат рехт, оҳи ҷонсӯз аз дили пурсӯз бароварда. Ӯ дар марги фарзандон марсияҳо сурудааст, ки дар онҳо сӯзу гудози падари доғдида басо мутаассир ифода ёфтааст.

Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар.
Навбаҳор омаду гулҳо ҳама рустанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро, эй гули хандони падар.

Писари сеюми Ҷомӣ Зиёуддин Юсуф соли 1477 таваллуд ёфта, ҳангоми вафоти падар ӯ понздаҳсола будааст. Ҷомӣ «Баҳористон»-ро барои ҳамин фарзандаш навишта, ӯро аз рӯйи он таълим додааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ 9-уми ноябри соли 1492 дар шаҳри Ҳирот вафот кардааст. Ҳангоми вафоти Ҷомӣ қариб аксарияти мардуми гирду атрофи Ҳирот либоси мотам мепӯшанд. Дар вафоти Ҷомӣ аз тарафи шоирон ба миқдори 1000 байт марсияҳо ва қитъаҳои таърихӣ эҷод шуд. Чунончи, Мавлоно Комӣ дар вафоти Ҷомӣ бо як сӯзу гудоз марсияе эҷод мекунад, ки дар он мавқеи ҷамъиятӣ, хислатҳои хирадмандонаи адиб хеле равшану возеҳ инъикос ёфтааст. Мана чанд байт аз он марсия:

Равнақи илму амал рафт, дар аъёни ҷаҳон,
Зебу зинат ба ҷуз аз ҷуббаву дастор намонд...
Монд аз он сарвари аҳли сухан осор басе,
Дар ҷаҳон гарчи зи аҳли сухан осор намонд.
Рӯ ба девори лаҳад монд касе, к-ӯ ҳама умр,
Баҳри роҳат нафасе пушт ба девор намонд,
Ҳаргиз озурда нашуд аз суханаш хотири кас.
Дар дил аз ӯй ба ҷуз ҳасрати дидор намонд,
Рафт, эй дил, зи ҷаҳон мӯнису ғамхори ҳама,
Ғами худ хӯр, дигар мӯнису ғамхор намонд.

Ҳоло оромгоҳи Абдураҳмони Ҷомиро, ки дар шаҳри Ҳироти Афғонистон бо номи Тахти Мазор барҷост, ҳазорон одамони ҷаҳон зиёрат мекунанд. Шоҳи мутаассиб ва қадрношинос Исмоили Сафавӣ пас аз 18 соли вафоти шоир қабри Ҷомиро оташ зада хост, ки онро несту нобуд кунад. Вале ба мақсад нарасид. Зеро оромгоҳи шоири бузург кошонаи дили халқҳои ҷаҳон аст.

Омӯхтан ва тадқиқ намудани ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз аз замони зиндагии ӯ оғоз гардида, эътибор нисбати ин шоири хирадманд муттасил афзуда то рӯзҳои мо идома дорад.



Савол ва супоришот:

1. **Ҷомӣ дар куҷоҳо чӣ гуна таҳсил кардааст?**
2. **Оиди рафтори панҷ ҷавони донишҷӯ, ки устодро ба ҳайрат овардаанд, ба чӣ хулоса омадед?**
3. **Абдураҳмони Ҷомӣ чӣ гуна хислатҳо дошт?**
4. **Дар бораи сафарҳои Ҷомӣ мулоҳиза ронед.**
5. **Вафоти Ҷомӣ ба мардум ва аҳли адаб чӣ таассурот гузошт?**

Мероси адабии Абдураҳмони Ҷомӣ

Абдураҳмони Ҷомӣ умри дарозу пурбаракате дидааст. Вале онро зоеъ нагузаронида, аз худ осори пуразриши илмию адабӣ мерос гузоштааст. Ӯ қариб 50-соли ҳаёти худро ба офаридани асарҳои илмӣ ва ашъори дилангезу достонҳои барҷаста сарф кардааст. Шогирдон ва ҳамзамонони Ҷомӣ миқдори асарҳои ӯро аз 46 адад зиёд медонанд.

Дар ин бора шогирди наздики Ҷомӣ Камолиддини Биноӣ чунин мегӯяд:

Ҷомӣ он офтоби нуронӣ,
Он мунаввар ба нури субҳонӣ.
Буд аз чил зиёд таснифаш,
Рӯ дар эъҷоз карда таълифаш.

Соли 1503 куллиёти Ҷомӣ аз тарафи дӯстонаш тартиб дода мешавад, ки нусхаҳои он то замони мо омада расидааст. Асарҳое, ки дар куллиёти адиб ҷамъ оварда шудаанд, илмҳои гуногун: нуҷум, фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, тафсир, ҳадис, фиқҳ, ахлоқ, мусиқӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Вале бояд эътироф кард, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи халқи мо ҳамчун нависанда ва шоир маълуму машҳур аст. Ҳанӯз вақти дар қайди ҳаёт буданаш шӯҳрат ва эътибори Ҷомӣ ҳамчун шоир ба кишварҳои гуногун рафта будааст. Ба ин нукта худи Ҷомӣ ишорат карда чунин мегӯяд:

Агар ба Форс равад корвони ашъорам,
Равони Саъдию Ҳофиз кунандаш истиқбол.
В-агар ба Ҳинд расад, Хусраву Ҳасан гӯянд,
Ки: «Эй ҷаҳони ҳунар, марҳабо, таол, таол!»

http://edu.tj.uz

Аз Ҷомӣ ба мо се девон, ***«Ҳафт авранг»*** (иборат аз ҳафт маснавӣ), ***«Баҳористон», «Чиҳил ҳадис»*** ва бисёр дигар асарҳо омада расидааст, ки ҳар кадоми онҳо дорои аҳамияти калони адабию эстетикӣ мебошанд. Абдураҳмони Ҷомӣ фаъолияти адабии худро аз офаридани ашъори лирикӣ: ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва ғайра сар кардааст ва то охири умраш онро давом додааст.

Дар эҷодиёти шоир ғазал мавқеи асосӣ дорад. Масалан, дар девони аввал «Фотиҳат-уш-шубоб» 1016 ғазал, дар девони дуюм «Воситат-ул-иқд» 493 ва дар девони сеюм «Хотимат-ул-ҳаёт» 296 ғазал омадааст, ки миқдори умумии онҳо 1805-ро ташкил медиҳад. Ё ба тарзи дигар гӯем, агар абёти се девон 16 ҳазору 629 байтро ташкил диҳад, аз он 13 ҳазору 17 байташ ғазал аст, ки ин 78 фоиз мешавад.

Қасида дар девонҳои шоир ҷойи дуюмро мегирад, ки миқдори онҳо ба 53 мерасад. Қасидаҳои Ҷомӣ назар ба асарҳои қасидасароёни пешин ҳаҷман хурд буда, аз 8 то 15 байт иборатанд. Онҳо масъалаҳои фалсафӣ, панду ҳикмат, шарҳи ҳол ва ғайраро дар бар мегирад. Қасидаҳои «Луҷҷат-ул-асрор», «Ҷило-ур-рӯҳ», «Рашҳи бол ва шарҳи ҳол» дар ҳамин мавзӯъҳо суруда шуда, қимату арзиши зиёде доранд. Чунончи, шоир дар қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор» ба масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ диққат дода, таъкид менамояд, ки ҷавононро аз кӯдакӣ бояд тарбият карда, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуд. Зеро ба ақидаи шоир, ҷавонон ҳам ба мисли дарахти навбар нав ҳосилдиҳандаанд. Агар ин навниҳолҳо ҳам тарбият ёбанд, ҳосили аъло медиҳанд. Яъне ҷавонон низ, ҳангоме ки ба камол мерасанд, корҳои нек ва судбахш хоҳанд намуд:

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

Ана ҳамин гуфтаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ барои ҷавонони имрӯзаи Ӯзбекистони соҳибистиқлол низ ҳамчун дарси маънӣ хидмат менамояд ва ба талаботи аз ҷониби роҳбарони давлат, ки дар пеши ҷавонон гузоштаанд, пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ 274 рубоӣ дорад, ки дар онҳо мавзӯъҳои панду андарз, ҳасби ҳол, ирфонӣ, шикоят ва ғайра мавқеи асосӣ доранд.

Дар эҷодиёти Ҷомӣ қитъа, тарҷеъбанд, таркиббанд, мураббаъ, фард низ дида мешавад, ки онҳо чи аз лиҳози маънӣ ва чи аз ҷиҳати сохт соддаю фаҳмо буда, дар пояи баланд меистанд. Дар 137 адад қитъаҳои Ҷомӣ бештар фикрҳои панду ахлоқии шоир ифода ёфтааст.

Дар замони Ҷомӣ фарзандони табақаи болои ҷамъият ба айшу нӯш, фисқу фасод ва дигар корҳои ношоиста машғул буданд. Онҳо ҳунар омӯхтан ва меҳнат карданро барои худ ор медонистанд. Ҷомӣ чунин ашхосро маломат намуда, нишон медиҳад, ки бояд писар на падари «бузурги» хешро мадҳу ситоиш кунад, балки фазлу ҳунари худро дар назди мардум нишон диҳад. Агар ин сифатҳоро надошта бошад, шохи дарахти мевадор аст, ки ҳосил надорад ва ин шахс ба қатори ҳезум аст, мегӯяд шоир.

Ин гуфтаҳои шоир дар рӯзҳои мо низ қимати адабӣ-тарбиявии худро гум накардаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси илмӣ ва адабии Ҷомиро номбар кунед.**
2. **Ҷомӣ дар кадом жанрҳои адабӣ эҷод кардааст?**
3. **Асарҳои Ҷомӣ дар кадом мавзӯъҳо навишта шудаанд?**
4. **Кадом ақидаҳои Ҷомӣ дар рӯзҳои мо низ қимати худро гум накардаанд?**

Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҷомӣ

Чунон ки дар боло ишора шуд, дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ғазал мавқеи асосӣ дорад. Ҷомӣ дар сурудани ғазал ба шоирони бузурги гузашта – Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ пайравӣ намудааст.

Ин назми туст, Ҷомӣ, ё тоза дастаи гул,
К-аз «Бӯстон»-и Саъдӣ табъи Камол баста.

Чунин пайравӣ дар мазмуну мундариҷа ва шаклу сохти бадеии он мушоҳида мешавад. Ғазалҳои Ҷомӣ асосан аз 7 байт иборатанд. Мавзӯъҳои ғазалиёти шоир гуногунанд. Танқиди замон, аҳли ҷоҳ, намояндагони дин, шайху сӯфиёни риёкор дар як қатор ғазалиёти шоир хеле барҷаста ифода

http://edu-portal.uz

ёфтаанд. Масалан, шоир дар ғазали поён ба аҳли ҷоҳу сарват, яъне шоҳону ҳокимони вақт хитоб карда мегӯяд, ки шумо дили осуда, зиндагии пурнишот ва айшу нӯши шоҳона доред, магар аз ҳоли мазлумон, бечорагон воқифед?

Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ?
Хунхории ушшоқи ҷигархор чӣ донӣ?
Ҳаргиз нахалида ба кафи пойи ту хоре,
Озурдагии синаи афгор чӣ донӣ?
Шаб то ба саҳар хуфта ба хилватгаҳи нозӣ,
Бехобии ин дидаи бедор чӣ донӣ?

Дар ғазали дигар Ҷомӣ амалдоронро сахт мазаммат намуда, таъкид менамояд, ки шумоёнро замонаи «номард» соҳибмансаб кардааст. Вале шумо нокасед, бадкирдоред. Ҳеҷ кас аз беадолатии замона ризо нест, вале маҷоли сухан гуфтан надорад, беҳтараш аз ин роҳ баргардеду ба халқ некӣ кунед.

Ғарра машав, ки хоҷа ба некӣ ситоядат,
Бадмардии замона туро некмард кард.
Гар кард хун дилам, чу забон аз сухан бубаст,
Бо ӯ киро маҷоли сухан, ҳар чӣ кард, кард.

Шоир дар рӯзгори хеш медид, ки дар дарбори шоҳон як тӯда одамони қаллоб, бехирад ҷамъ омада, айшу нӯш мекунанд. Онҳо дар ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими давлатӣ оҷизӣ мекашанд. Ҷомӣ онҳоро ба зоғ ва ҷуғз монанд кардааст:

Ба қасри ишрату айвони айши шоҳон бин,
Ки зоғ нағмасаро гашту чуғз қофиясанҷ.

Ҷомӣ таҷрибаи бойи ҳаётӣ доша, инсонро ба роҳи рост ҳидоят кардааст. Шоир дар баробари танқид кардани намояндагони табақаи болои ҷамъият, ба мардуми меҳнатӣ, ба бечорагон муҳаббати беандоза дорад. Ҷомӣ дар ғазали зерин бечорагонро аз золимон ҳимоят мекунад, ба золимон хитоб карда мегӯяд, ки озор додани арбоби сафо, одамони дилсоф, аз халқ тамаъ кардани шумо кори бехирадон аст. Ҳар кореро, ки ба худ нолоиқу нохуб донед, онро ба дигарон низ раво набинед. Зеро дили мискинон мисли шиша нозук аст, чун шиша шикаст, онро пайванд кардан мушкил мебошад.

http://eduportal.uz

Эй, дар ин кохи амонӣ ба ғаму шодӣ банд,
Бандаи нафси худӣ, даъвии озодӣ чанд?
Лаб ба ҳар тӯъма маёлой, ки дандон шиканад,
Бар сари хоки фурӯмоя зи полудаву қанд.
Санги озор мазан бар дили арбоби сафо,
К-омад осон шикани шишаву мушкил пайванд!
Нописандида фитад таври ту, Ҷомӣ, ҳамаро,
Ҳар чӣ бар худ маписандӣ, дигаронро маписанд.

Ҷомӣ он касро инсони комил мешуморад, ки кор мекунад ва бо меҳнати ҳалол зиндагӣ менамояд. Вай ба одамони хушомадгӯ, коргурез ва муфтхӯр нафрат дорад. Аз ин ҷост, ки Ҷомӣ одамонро ба нигоҳ доштани шарафи инсонӣ даъват кардааст. Шоир касеро, ки аз паи молу мулк шабу рӯз дар такопӯй аст, мазаммат намудааст:

Ҷомӣ, ба мулку мол чу ҳар сифла дил мабанд,
Кунҷи фароғу ганҷи қаноат туро бас аст.

Ҷомӣ кашидани миннати дунон, сифлагонро беномусӣ ҳисоб мекунад, бо камии худ қаноат карданро авлотар мешуморад:

Ҷомӣ, зи хони ризқ чу ноне кифоят аст,
Озори бори миннати дунон чаро кашам?

Шоир ишқи поки инсониро сурудааст. Бино ба андашеи ӯ *«Кори Ҷомӣ ишқи хубон аст»*. Адиб гоҳе аз дидори ёр шоду масрур мегардад, меболад, ба ҳаяҷон меояд ва маъшуқаи худро ҳамчун бут парастиш мекунад:

Ҷомӣ, аз ман саҷдаи тоат маҷӯй,
Чун ман акнун пеши бут сар мондаам.

Ҷомӣ дар ғазали бо радифи «Ид шуд» чун ошиқи бебоку ҳиссиётпарвар намудор мешавад. Барои ӯ дидани ёр, дидори ёр ид аст. Шоир аз ҳама идҳо ҳамон дамро, ки ба дидори ёраш мушарраф шудааст, авлотар мешуморад:

Ид шуд, ҳар кас зи ёре идие дорад ҳавас,
Иди мову идии мо дидани рӯйи ту бас.
Иди мардум дидани маҳ, иди мо дидори ту,
Ҳамчу иди мо муборак нест иди ҳеҷ кас.

http://edu.portal.uz

Дар ин порча ҳиссиёти ботинии шоир басо рангин ва зебо ифода ёфтааст. Ҷомӣ ҳангоми баёни матлаб аз санъати таносуби сухан, такрор, тавсиф ва тазод бо камоли маҳорат истифода бурдааст.Такроршавии калимаи «ид», муқобил гузоштани «Ид» ба «Иди мардум» ба шеър оҳанги зебо бахшида, ҷозиба ва самимияти онро афзун гардонидаанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ ошиқ буд, ошиқи ҳаёту зиндагӣ. Маҳбубаи шоир ҳам як олиҳаи зебои ҳаёт аст. Илова бар ин, Ҷомӣ монанди шайхону сӯфиёни риёкор мардумро ба гӯшанишинӣ ва дунёбезорӣ даъват намекард. Баръакс, одамонро ба ҳаётдӯстӣ, аз зебоиҳои он лаззат бурдан ҳидоят менамуд:

Вақти гул маю мутриб давлатест, то донӣ,
Давлате чунин дарёб, эй ба давлат арзонӣ.

Дар ғазалиёти шоир табиат бо як зебоии нотакрори шоирона тасвир ётааст:

Мехиромад сӯйи бӯстон шоҳиди раъноӣ гул,
Меравад оби равон, то сар ниҳад бар пойи гул.
Ёфт абр аз сим ришта, сӯзан аз зар сохт меҳр,
То сабо дӯзад қабои лутф бар болои гул.
Базми мастонро биорой аз гул, эй соқӣ, ки шуд,
Базми боғ ороста аз рӯйи базморои гул.

Фасли баҳор, шукуфтани гулҳо умрро дароз карда ба инсон рӯҳу мадори тоза мебахшад ва бояд ҳар як фард аз зебоиҳо истифода барад. Чунин аст мақсади Ҷомӣ.



Савол ва супоришот:

1. **Оиди мавқеи ғазал дар эҷодиёти Ҷомӣ сухан ронед.**
2. **Ҷомӣ дар ғазалсароӣ бештар ба кадом шоирон пайравӣ намудааст?**
3. **Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти Ҷомӣ аз чиҳо иборат аст?**
4. **Ҷомӣ дар ғазалҳои худ киҳоро ситоиш ва киҳоро танқид кардааст?**
5. **Ҷомӣ киро инсони комил ҳисоб мекунад?**
6. **Дар ғазалиёти Ҷомӣ кадом санъатҳои каломи бадеъ бештар кор фармуда шудаанд?**
7. **Ягон ғазали Ҷомиро интихобан аз ёд намоед ва вожаҳои душворфаҳмро ба дафтари луғат нависта, маъноящро муайян намоед.**

http://e-darslik.uz

«Ҳафт авранг» ва таркиби он

Абдураҳмони Ҷомӣ на танҳо дар сурудани асарҳои лирикӣ соҳиби мартабаи бузург буд, балки дар эҷод намудани достонҳои ҳаҷман калони ишқӣ, ахлоқӣ истеъдоди комил дошт. Ӯ дар солҳои охири ҳаёташ дар пайравии «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ достонҳои «Хамса»-ро зиёд намуда, 7 достон гуфтааст.

Ҷомӣ ҳафт достони худро ба ҳафт хазинаи пурганҷ, ба ситораҳои Ҳафтдодарон монанд кардааст. Агар, Ҳафтдодарон дар осмон шӯҳратманд бошанд, мегӯяд шоир, ҳафт достони ман дар замин бо номи *«Ҳафт авранг»* мақоми хоса доранд:

Ин ҳафт сафина дар сухан якранганд,
В-ин ҳафт хазина дар гуҳар ҳамсанганд.
Чун ҳафт бародаранд бар чархи баланд,
Номӣ шуда бар замин ба «Ҳафт авранг»-анд.

Достонҳои Ҷомӣ чи аз ҷиҳати банду басту сохт ва чи аз ҷиҳати тасвири воқеаю ҳодисаҳо аз достонҳои Низомӣ ва Амир Хусрав фарқи калон дорад. Шоир ба ин маънӣ ишорат карда гуфтааст, ки бояд ҳар кас аз ҳисоби меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кунад, ном барорад. Дар офаридани асар низ бояд ҳамин тавр бошад, вагарна тири мақсуд ба нишон намерасад:

Гавҳар чу тавон зи кон гирифтан,
Сустӣ бувад аз дукон гирифтан.
Ҷон аз кафи дасти хеш кардан,
Об аз нами ҷӯйи хеш хӯрдан.
Беҳ з-он ки хӯрӣ ба косаи зар,
Аз ҳавзаи соқиёни дигар.

Ҷомӣ хурсанд аст, ки ба Низомию Амир Хусрав пайравӣ карда, асарҳои мазмунан тоза эҷод намудааст:

Ҳар сӯ ҷӯе зи об ронам,
Ҳам худ хӯрам об, ҳам хӯронам.

Маснавии якуми «Ҳафт авранг» достони *«Силсилат-уз-заҳаб»* (*«Занҷирҳои тиллоӣ»*) мебошад.

http://edu.tj.uz

Ин маснавӣ аз се дафтар, яъне се қисми калон иборат буда, дар байни солҳои 1468–1485 навишта шудааст. «Силсилат-уз-заҳаб» аз ҷиҳати ҳаҷм бузург буда, қариб 6200 байтро дар бар мегирад. Ин маснавӣ бештар ба маъалаҳои некӯкорӣ, адлу дод, хизмат ба халқ, мазаммати хислатҳои бади инсонӣ: тамаъкорӣ, дурӯғгӯӣ, инчунин танқиди аҳли чоҳ, сӯфиёну шайхони риёкор ва ғайра бахшида шудааст.

Ҷомӣ барои тақвияти фикраш аз ҳаёту зиндагии шахсони бузурги таърихӣ ҳикояту латифаҳои намакини халқиро ба риштаи назм кашидааст. Ӯ инсонро аз ҳама чиз бузургтар мешуморад. Дар маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» ва умуман дар ҳамаи маснавиҳои шоир образи инсони комил, инсони заҳматкаш дар ҷойи аввал меистад. Шоир дар бораи онҳо бо як самимияту эҳтиром сухан меронад.

Дар маснавии мазкур ҳикояҳои воқеие, ки аз ҳаёту зиндагии одамон гирифта шудаанд, хеле зиёданд. Ҳоло барои мисол аз дафтари саввуми «Силсилат-уз-заҳаб» ҳикояи «Пиразане, ки роҳ бар Санҷар гирифта ва додхоҳӣ кард»-ро меорем:

Пиразане дар шаҳри Марв зиндагӣ мекард ва умраш қариб ба сад расида буд. Вай чор фарзанди ятим дошт. Зиндагиаш ниҳоят бо фақирӣ мегузашт. Аҳли оила бо пораи ноне қаноат мекарданд:

Хуфта дар хонаам се-чор ятим,
Дилашон баҳри ним нон ба ду ним.

Як рӯз се-чор ятим ҳаваси ангур мекунанд. Пиразан барои хоҳиши фарзандонашро бачо овардан ба деҳи ҳамсоя меравад. Одамони деҳ ба пиразан як сабад ангур медиҳанд. Вале дар роҳ ду сипоҳии шоҳ аз кучое пайдо мешаванду пиразанро зада, сабади ангурашро ғорат мекунанд. Пас пиразан гирёну нолон ба назди шоҳи замон Санҷар меояд ва аз кирдори ду сипоҳӣ шикоят оғоз мекунад:

Як-ду бедодгар зи лашкари ту,
Дар раҳи адлу зулм ёвари ту.
Ба мани хаста ғорат оварданд,
Сабадам зи орзу тиҳӣ карданд.

http://eduportal.tj

Дар охир ҷойи гиряву лобаи пиразанро хашму ғазаб фаро мегирад. Вай хитоб карда ба шоҳ мегӯяд:

Ин чӣ шоҳиву мамлакатдорист,
Дар дили халқ тухми ғамкорист?
Даст аз адлу дод доштай,
Золимон бар ҷаҳон гумоштай!
Чашм бикшо чун оқибатбинон,
Бинигар ҳоли зори мискинон.

Суханҳои охирини пиразан ба шоҳу шоҳзодагони давраи темурӣ равона карда шудаанд. Дар ҳамон замон шоҳзодагон ба айшу нӯш дода шуда, халқи бечора бошад аз дасти одамони онҳо азобу ранҷ мекашид. Дар ин ҷо Ҷомии башардӯст нафрати худро ба шоҳони замонааш аз номи пиразани мазлум баён кардааст.

«Саломон ва Абсол». Ин достон соли1480 ба анҷом мерасад ва аз 1110 байт иборат аст. Мавзӯи асосии достон ишқӣ буда, шоир дар зимни он ба тариқи рамз бисёр масъалаҳои ирфонӣ ва панду ахлоқиро ба мулоҳиза гирифтааст.

«Тӯҳфат-ул-Аҳрор». Ин достон дар пайравии достони «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ ва «Матлаъ-ул-анвор»-и Хусрави Деҳлавӣ соли 1481 навишта шудааст. Дар ин бора муаллиф чунин мегӯяд:

Субҳи тараб «Матлаи анвор»-и ӯст,
Ҷайби адаб «Махзани асрор»-и ӯст.

Ҳаҷми маснавӣ 1712 байтро ташкил медиҳад. Вай аз ҷиҳати мазмун, сабки нигориш ва вазн ба «Махзан-ул-асрор» наздикӣ дорад. Аз ҷумла, маснавӣ монанди асари Низомӣ аз ҳамду муноҷот шурӯъ гардида, пас аз он 20 мақола ё боб меояд. Ин бобҳо ба мавзӯъҳои мухталифи фалсафию ирфонӣ, пайдоиши оламу офариниши одам ва ғайра бахшида шуда, олимони беамал, сӯфиёни риёкор, шоирони тамаъкор низ мазаммат када мешаванд.

«Сабҳат-ул-аброр» («Донаҳои накӯкорон»). Ҷомӣ дар ин маснавӣ бештар ба масъалаҳои фалсафӣ-динӣ аҳамият додааст. Маснавӣ аз 2885 байт иборат буда, соли 1482 навишта шудааст. «Сабҳат-ул-аброр» аз муқаддима, қисматҳои

анъанавӣ, 40 икд (гирех) ё фасл ва хотима таркиб ёфтааст. Шоир дар бисёр фаслҳои асараш шоҳони вақтро ба некӯкорӣ, адолатпарварӣ даъват кардааст. Дар асар тамсилҳои ахлоқӣ бештар оварда шудаанд. Асар аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дорад.

Достони панҷуми «Ҳафт авранг» ***«Юсуф ва Зулайхо»*** буда, он дар соли 1483 ба ивази достони «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ навишта шудааст. Достон аз 4000 байт иборат аст. Мавзӯи он ишқӣ буда, яке аз маъруфтарин асарҳои Ҷомӣ ба ҳисоб меравад. Достони «Юсуф ва Зулайхо» ба эҷодиёти адибони минбаъдаи Шарқ таъсири калон расонидааст.

«Лайлӣ ва Маҷнун». Ин достони ошиқонаро шоир соли 1484 ба итмом мерасонад, ҳаҷмаш 3860 байт аст. Ҷомӣ достони худро дар ҷавоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ сурудааст.

«Хирадномаи Искандарӣ» достони охирини «Ҳафт авранг» ба шумор меравад.

Ҷомӣ дар эҷод намудани достони «Хирадномаи Искандарӣ» ба Низомӣ ва Амир Хусрав пайравӣ кардааст, вале аз достонҳои онҳо фарқи калон дорад. Агар дар «Шоҳнома» ва «Искандарнома» ҳарбу зарби майдони ҷанг, қатлу ғорат, қаҳрамонию фидокории Искандар дар ҷойи аввал бошад, дар достони Ҷомӣ хирад, ақлу заковати инсони хирадманд мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар асар Искандар на ҳамчун шоҳи хунхору истилогар, шоҳи кишваркушо, балки шоҳи бомаърифату хирадманд тасвир ёфтааст. Аз ин ҷост, ки Ҷомӣ ба достони худ номи «Хирадномаи Искандарӣ»-ро раво дидааст.

Ин асар низ мисли достонҳои зикршула дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф эҷод шудааст. Достон аз 2315 байт иборат буда, соли 1485 ба анҷом мерасад.

Ҳамин тариқ, шоир ва мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст.

Ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз аз замони зиндагии ӯ ба эътибори эътиқодмандонаш ва аҳли илму адаб буд ва дар тазкираю рисолаҳо оиди эҷодиёти ӯ гуфтугузори муфассал ба миён омадааст.

Таваҷҷӯҳ ба эҷодиёти Ҷомӣ аз ҷониби олимони тоҷик назаррас аст. Дар ин бобат Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ

Мирзоев ва махсусан, Аълохон Афсаҳзод хидматҳои зиёде кардаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Ҷомӣ маҷмӯйи достонҳои худро чаро «Ҳафт авранг» номидааст?**
2. **«Ҳафт авранг» кадом достонҳоро дар бар мегирад ва дар пайравии кадом шоирон навишта шудааст?**
3. **«Силсилат-уз-заҳаб» кай навишта шудааст ва мавзӯи он аз чӣ иборат аст?**
4. **Чаро Ҷомӣ достони худро «Хирадномаи Искандарӣ» номид?**
5. **«Хирадномаи Искандарӣ» аз лиҳози мазмун чӣ хел достон аст?**
6. **Аз олимони тоҷик доир ба Абдураҳмони Ҷомӣ киҳо пажӯҳиш (тадқиқот) бурдаанд?**
7. **Як боби достонро ба наср баргардонед.**

Бузургдошти Ҷомӣ дар Ӯзбекистон

Ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ аз замони зиндагии худи ӯ дар маркази диққати аҳли илму адаби Вароруд, аз ҷумла Ӯзбекистон, қарор дорад.

Абдураҳмони Ҷомӣ бори аввал ба Самарқанд барои таҳсили илм омада буд, зеро овозаи олимони Самарқанд кайҳо аз доираи Мовароуннаҳр баромада, ба мамлакатҳои ҷаҳон паҳн шуда буд. Бинобар ин Ҷомии ҷавон баъд аз хатми таҳсил дар мадрасаҳои Ҳирот ихтиёри Самарқанд кард. Ин нахустин сафари ӯ ба Мовароуннаҳр буда, ба солҳои 30-уми асри XV рост меояд. Муаллифи «Рашаҳот» Алии Сафӣ навиштааст, ки Ҷомӣ бори аввал ба Самарқанд дар замони Мирзо Улуғбек барои омӯхтани илм омада, дар ҳузури Қозизодаи Румӣ дарс хондааст. Вай дар Самарқанд дар мадрасаи Мирзо Улуғбек, воқеъ дар майдони Регистон таҳсил намуда, бо шоирон ва аҳли илму фазли Самарқанд дар сӯҳбату маҷлисҳо шудааст.

Бори дуюм Ҷомӣ ба Самарқанд якуми сентябри соли 1465 омадааст. Ин сафар бо мақсади ҳамсӯҳбат шудан бо яке аз пирони тариқати нақшбандия Хоҷа Аҳрори Валӣ будааст.

http://eduportal.uz

Вай ин дафъа дар мадрасаи Мирзо Улуғбек зиндагӣ карда ба шогирдон дарс мегӯяд.

Бори сеюм Абдураҳмони Ҷомӣ соли 1479 ба Мовароуннаҳр омада ба воситаи Самарқанд азми сафари Тошканд мекунад ва зиёда аз ду моҳ бо Хоҷа Аҳрор дар мулоқот шуда, дар Шоши қадим мухлисони зиёде пайдо намудааст.

Ин аст, ки таваҷҷӯҳ ва эътиқод нисбати осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар тӯли садсолаҳои минбаъда бардавом монда, асарҳои ӯ аз ҷониби хаттотону хушнависҳои маҳаллӣ гаштаву баргашта китобат шуда, то рӯзҳои мо омада расидаанд. Танҳо дар шӯъбаи дастнависҳои Шарқи китобхонаи илмии ба номи Абдураҳмони Ҷомии Донишгоҳи Давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ даҳҳо ҷилд китобҳои ин шоир ва олими машҳур, аз ҷумла, «Куллиёт»-и мукаммали Ҷомӣ, ки дар замони худи ӯ китобат шудааст, маҳфуз аст.

Омӯхтан ва тадқиқ намудани асарҳои бадеӣ ва илмии ин нобиғаи даврони асри XV аз ҷониби олимон ва пажӯҳишгарони Ӯзбекистон низ муттасил давом намуда, дар ин бобат тадқиқотҳои пуразриш ба сомон расонида мешаванд, ки онҳо дар анҷуману кунгураҳои илмӣ ба тариқи маърӯзаву гузоришот қироат гардида, дар шакли рисолаҳои алоҳида ва мақолаҳои илмӣ табъу нашр ва манзури хонандагон мегарданд.

Адибон ва олимони адабиётшиноси Ӯзбекистон Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Озод Шарофиддинов, Ғафур Ғулом, Шоислом Шомуҳаммедов, Воҳид Зоҳидов, Иззат Султон, Воҳид Абдуллоев, Натан Маллаев, Порсо Шамсиев, Раҳим Муқимов, Абдуқодир Ҳайитметов, Азиз Қаюмов, Ботурхон Валихоҷаев, Наҷмиддин Комилов, Ҷаъфар Холмӯъминов ва дигарон дар ин бобат хидматҳои босазо кардаанд.

Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар сарзамини кунунии Ӯзбекистон низ қариб дар як радиф бо ҳаёт ва эҷодиёти сардафтари адабиёти мумтози ӯзбек Алишер Навоӣ ба роҳ монда шуда, бисёре аз асарҳои Ҷомӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидаанд.

Анҷуманҳои илмӣ ба шарафи солонаи Ҷомӣ дар марказҳои илмӣ, донишгоҳу мактабҳои Ӯзбекистон пайваста гузаронида мешаванд. Соли 1964 ба шарафи 550-солагии мавлуди Абдураҳмони Ҷомӣ, ки он бо қарордоди ЮНЕСКО

дар саросари ҷаҳон ҷашн гирифта шуд, дар Самарқанд ва Тошканд анҷуманҳои мӯҳташами илмӣ ба вуқӯъ пайваст.

Бузургдошт ва анъанаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар солҳои истиқлоли Ӯзбекистон низ идома дорад.

Ба ин муносибати таҷлили ҷашни 590-солагии таваллуди Абдураҳмони Ҷомӣ дар сатҳи байналхалқӣ гузаронидани анҷумани пуршукӯҳи илмӣ дар мавзӯи «Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ – ибрати ҳамкории азалӣ ва абадии мо», табъу нашри маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ низ далели ин гуфтаҳо ба шумор меравад Ин анҷумани илмӣ моҳи сентябри солои 2004 дар Донишгоҳи Давлатии Самарқанд шуда гузашт ва дар кори он олимон аз Эрон, Покистон, Тоҷикистон, ИМА ва як қатор марказҳои илмии Ӯзбекистон иштирок намуда, бо маърӯзаҳои пажӯҳишӣ ва гузоришоти худ баромад карданд.

Қарор дода шуд, ки матни маърӯзаҳои анҷумани илмӣ дар шакли китоби алоҳида табъу нашр гардида, он барои созмон додани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ барои мактабиёну донишомӯзон истифода карда шавад.

Соли 2014 низ ба шарафи 600-солагии зодрӯзи Абдураҳмони Ҷомӣ дар Тошканд анҷумани байналхалқӣ гузаронида шуда, маводи он дастраси аҳли илму адаб гардидааст.



Савол ва супоришот:

1. **Аз олимони Ӯзбекистон киҳо дар бораи Абдураҳмони Ҷомӣ асарҳо навиштаанд?**
2. **Ҷашни 600-солагии зодрӯзи Ҷомӣ дар Ӯзбекистон кай гузаронида шуд?**
3. **Даҳ панди Ҷомиро аз ёд намуда ба онҳо амал кунед.**
4. **Дар бораи бузургдоши Абдураҳмони Ҷомӣ лар замони мо кори хаттӣ нависед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Бо асирон назаре нест туро

Бо асирон назаре нест туро,
Бо ғарибон гузаре нест туро.
Чун наёрӣ дигарам пеши назар,
Ки назар бо дигаре нест туро.

http://edu.gov.uz

Қавли душман машунав дар ҳақи ман,
Ки зи ман дӯсттаре нест туро.
Сарам аз хоки дарат дур макун,
Гар зи ман дарди саре нест туро.
Хуни дил бар мижаам баст ҷигар,
Чанд гӯй: – Ҷигаре нест туро!
Дар дилат нолаи моро чӣ асар,
Аз вафо чун асаре нест туро?
Ҷомӣ, аз ишқи бутон ор мадор,
Ғайр аз ин худ ҳунаре нест туро.

Манам имрӯзу ашки дона-дона

Манам имрӯзу ашки дона-дона,
Ки рафт аз чашмам он дурри ягона.
Начӯяд дил ба ҷуз он оразу хол,
Надорад чора мурғ аз обу дона.
Зи бас афсонаи ишқи ту хондам,
Миёни ошиқон гаштам фасона.
Суруди ишқ ҳам бо ошиқон гӯй,
Чӣ донад зоҳиди хушк ин тарона.
Агарчӣ сарвро қадди баланд аст,
Намояд пеши қадди ӯ миёна.
Магӯ он шӯхро тифл асту нодон,
Ки донад баҳри бӯсе сад баҳона.
Ҳадиси бӯса то кай, Ҷомӣ, ин бас,
Ки мебӯсӣ ба хидмат остона.

«ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»

(Бобҳо аз достон)

Гӯши холии фарзанди арҷмандро ба гавҳари панд гавҳарбанд кардан ва лавҳи соддаашро ба нуқуши насиҳат нишонманд сохтан.

Биё, эй ҷигаргӯша фарзанди ман,
Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман.
Садафвор биншин даме лаб хамӯш,
Чу гавҳар фишонам, ба ман дор гӯш!

http://kitportal.uz

Шунав панду дониш ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун.
Зи гӯш ар наяфтад ба дил нури ҳуш.
Чи сӯрохи гӯшу чи сӯрохи муш.
Ба дониш, ки бо он куниш ёр нест,
Ба ҷузъ нохирадмандро кор нест.
Наёяд зи дил сурмадонит х(в)аш,
Чу набвад аз он дидаат сурмакаш...
Ҳаме бош равшандилу софрой,
Баинсоф бо бандагони худой.
Ба ҳар нокасу кас дар ин коргоҳ
Зи худ медеҳ инсофу аз кас махоҳ.
Дами субҳгоҳон чу гардон сипеҳр
Бар офоқ макшой ҷуз чашми меҳр.
Аз он чархро бартарӣ ҳосил аст,
Ки ҳар зарраро меҳри ӯ шомил аст.
Чу бояд бузургит пиронасар,
Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.
Ҳаме кун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева, донам,ба пирӣ расӣ.
Ба тахсис пире, ки сарвар бувад,
Ба пирӣ ба ҳам пирпарвар бувад.
Ба хурдон ба чашми ҳақорат мабин,
Басо хурди садри бузургинишин.
Бувад қимати гавҳар аз обу ранг,
Чӣ ғам з-он ки хурд аст нисбат ба санг?!
Ба ҳар душмане, к-он бурунӣ бувад,
В-агар душманиҳош хунӣ бувад.
Ба ҳилму мадоро чу кӯҳ ой пеш,
Зи теғи ҷафояш макаш фарқи хеш.
Ба хасми дарунӣ, ки он нафси туст,
Зи ту бурдборӣ набошад дуруст.
Дар озори ӯ теғи хунрез бош,
Ба хунрезияш дам ба дам тез бош.
Насиҳатгарӣ бар дили дӯстон
Бувад чун дами субҳ бар бӯстон.
Ба боғ ар набошад сабо баҳрадеҳ,
Зи дил ғунчаро кай кушояд гиреҳ?

http://edu.portal.uz

Ба дарвеши мӯҳтоҷ бахшиш намой,
Фурӯбаста кораш ба бахшиш кушой.
Бувад ӯ чу лабташна кишту ту меғ,
Чаро дорӣ аз кишт борон дареғ?
Зи нодон, ки асрордони сухан
Набошад, бигардон инони сухан.
Чу гардад, аз ӯ хирманат шӯълахез.
Паи куштани шӯъла равған марез!
Тавозӯъ кун онро, ки донишвар аст,
Ба дониш зи ту қадри ӯ бартар аст.
Бувад дониш об, ӯ замини баланд,
Зи оби равон кай шавад баҳраманд?!
Кай афтад ба каф мардро дурри ноб,
Сари худ набурда фурӯ зери об?
Забон суда шуд з-ин сухан хомаро,
Варақ шуд сияҳ з-ин рақам номаро .
Чӣ хуш гуфт доно, ки дар хона кас
Чу бошад, зи гӯянда як ҳарф бас.
Ҳамон беҳ, ки дар кӯйи дил раҳ кунем,
Забонро бад-ин ҳарф кӯтаҳ кунем.
Биё, соқию тарҳи нав дарфиган,
Гилин хишт аз торуми хум бикан.
Баровар ба хилватгаҳи ҷустуҷӯй
Ба он хишт бар ман дари гуфтугӯй.
Биё, мутрибу удро соз деҳ,
Зи тори ваям бар забон банд неҳ!
Чу ӯ парда созад, шавам ҷумла гӯш,
Нишинам зи беҳудагӯӣ хамӯш.

Гуфтор дар фазоили сухан ва суханварӣ ва тақриби назми ин манзумаи аз айбу такаллуф барӣ, ки номзад аст ба «Хирадномаи Искандарӣ»

Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст,
Ба иқлими ҷонҳо фуруд омадаст.
Кушода зи иқлими ҷон парру бол,
Чу товус дар ҷилвагоҳи хаёл.
Гаҳе гашта бар най чу тифлон савор,
Ба Рум омада аз раҳи Зангбор.

http://eduportal.uz

Чу Аббосиён дар абои сиёҳ
Саводи басар сохта ҷилвагоҳ.
Гаҳе бодпои нафас зери рон
Бурун ронда аз раҳгузори забон.
Фурӯд омада з-ин фазои фарох,
Ба даҳлезаи танги кохи симох.
Зи завқи қудумаш дили тезҳуш
Бувад дида бар равзани чашму гӯш.
Аз он бингарад ҷилваи нози ӯ,
В-аз ин бишнавад дилкаш овози ӯ.
Аз он ҷилва кавну макон пуршуоъ,
В-аз ин нағма ҷону ҷаҳон дар самоъ.
Бувад тобиши моҳу меҳр аз сухан,
Бувад гардиши нӯҳ сипеҳр аз сухан.
Ду ҳарфанд аз дафтараш кофу нун,
Ба ҳастӣ шуда нестро раҳнамун.
Сухан гар набудӣ, набудӣ қалам,
Ба лавҳи баён сар насудӣ қалам.
Қалам з-ӯст нолон ба чанги дабир,
Навои тараб з-он ба лаҳни сарир.
Забони муғаннӣ бурун з-он наво
Бувад чун тане монда аз ҷон ҷудо
Тиҳӣ з-он наво чангу даф нағз нест,
Чӣ ҳосил аз он пӯст, к-аш мағз нест?
Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Ба тахсис вақте ки мавзун бувад.
Аз он сеҳр бастам забон чанд бор,
В-аз он нодирафсун шудам тавбакор,
Валекин чу буд он маро дар сиришт,
Нагашт аз сарам ҳарфи он сарнавишт.
Дигарбора гаштам ба он ҳарф боз,
Суханро ба ҳар сурате ҳирфасоз.
Задам умре аз бемисолон масал,
Сурудам ба васфи ғизолон ғазал.
Қаламвор аз сар қадам сохтам,
Зи мушкинхатон нома пардохтам.
Дам аз содарӯёни зебо задам,
Ғазалро зи маҳ хайма боло задам.

http://edu.portal.uz

Намудам раҳи рост ушшоқро,
Зи овоза пур кардам офоқро.
Ба қасди қасоид шудам тезгом,
Баромад ба назми муаммом ном.
Зи бечорагиҳо дар ин чорсӯй
Ба қавли рубоӣ шудам чораҷӯй.
Кунун кардаам пушти ҳиммат қавӣ.
Диҳам маснавиро либоси навӣ.
Куҳан маснавиҳои пирони кор,
Ки мондаст аз он рафтагон ёдгор,
Агарчи равонбахшу ҷонпарвар аст,
Дар ашъори нав лаззати дигар аст.
Ба чандин ҳунар пир оростаст,
Вале не чу хубони навхостаст.
Дили навниёзони кӯйи умед
Хати сабз хоҳад, на мӯйи сафед.
Низомӣ, ки устоди ин фан вай аст,
Дар ин базмгоҳ шамъи равшан вай аст.
Зи вайронаи Ганҷа шуд ганҷсанҷ,
Расонид ганҷи гуҳарро ба панҷ.
Чу Хусрав ба он панҷа ҳампанҷа шуд,
В-аз он бозуи фикраташ ранҷа шуд,
Кафаш буд аз он гуна гавҳар тиҳӣ.
Деҳиш сохт, лек аз зари даҳдаҳӣ.
Зар аз сим агарчанд бартар бувад,
Басе камтар аз дурру гавҳар бувад.
Мани муфлиси дури дур аз ҳунар,
На дар ҳуққа гавҳар, на дар сурра зар,
Дар ин коргоҳи фусуну фусус.
Зи мис сохтам панҷ ганҷи фулус.
Ману шармсори зи даҳ ганҷашон,
Ки ин панҷи ман нест даҳпанҷашон,
Вале дошт чун зӯри поям навӣ,
Задам гоми ҳиммат ба чобукравӣ.
Кушодам ба мифтоҳи азми дуруст
Дари ганҷи гуфторро в-аз нахуст
Зи лаб тӯҳфа овардам аҳрорро,
Ба каф сабҳа биспурдам аброрро,

http://eduportal.uz

В-аз он пас чу килки тасарруф задам,
Рақам бар Зулайхову Юсуф задам.
Чу тифлон зи най чун фарас сохтам,
Ба Лайлою Маҷнун фарас тохтам.
Чу з-ин чор шуд табъи ман комёб,
Кунун овардам рӯ ба панҷум китоб.
Ба як силк хоҳам чу гавҳар кашид,
Хирадномаҳо к-аз Сикандар расид.
Хираднома з-он ихтиёри ман аст,
Ки афсонахонӣ на кори ман аст.
Зи асрори ҳикмат сухан рондан
Беҳ аз қиссаҳои куҳан хондан.
Зи Баҳроми Гӯраш нарондам сухун,
Накиштам ба боғи худ он сарвбун.
Чу маъмураи умр шуд хоктӯд,
Зи меъмории «Ҳафт пайкар» чӣ суд?!
Бар он баҳр як маснавӣ доштам,
Ки тухми ҳақоиқ дар ӯ коштам.
Ҳама нуктаҳои ҳакимони дин,
Ҳикоёти арбоби кашфу яқин.
Чу ин гавҳарам буд аз он баҳри жарф,
Мукаррар нарондам дар он баҳр ҳарф.
Сухан гарчи бошад чу оби зулол,
Зи такрор хезад ғубори малол.
Чу афтод бе он ба корам халал,
Талофиш кардам ба неъмалбадал.
Шудам аз дигар баҳр гавҳарфишон
В-аз он кардам аброрро сабҳахон.
Дареғо, ки бугзашт умри шариф
Ба ҷамъи қавофию фикри радиф.
Кунад қофия танг бар ман нафас,
Аз он чун радифам фитад кор пас.
Наёяд бурун ҳарфе аз хомаам,
Ки набвад сияҳрӯҳии номаам.
Чу бар даст навбат шаш ангушт х(в)аш,
Чаро созам аз хома ангушт шаш?
Зи роҳи хирад хат чу берунӣ аст,
Ба каф хома ангушти афзунӣ аст.

http://ziyouz.com/portal.uz

Ҳузури дил аз даст додам ба нақд,
Ки бикри суханро дарорам ба ақд.
Рамид аз ман он в-ин нагардид ром,
Гирифт он ҳаво в-ин наёмад ба дом.
Кунун медиҳад даври чархам ба ёд,
Ба зарбулмасал қиссаи ғуку ход...

ҲИКОЯТҲО АЗ «БАҲОРИСТОН»

(«Баҳористон» асари мансури Абдураҳмони Ҷомист, ки соли 1487 (892 ҳиҷрӣ) барои писари муаллиф Зиёуддин Юсуф дар пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ навишта шуда, он бо ҳуруфоти имрӯзаи тоҷикӣ пурра чоп карда шудааст).

ҲИКОЯТ

Ҳаҷҷоҷ дар шикоргоҳе аз лашкариён ҷудо афтоду ба тале баромад, дид, ки аъробие нишаста, аз ҳирқаи худ ҷунбандагон мечинад ва шутурон гирди ӯ мечаранд. Чун шутурон Ҳаҷҷоҷро бидиданд, бирамиданд. Аъробӣ сар боло кард, хашмнок гуфт:

– Кист, ки аз ин биёбон бо ҷомаҳои дурахшон баромад, ки лаънати худой бар вай бод!

Ҳаҷҷоҷ ҳеҷ нагуфт ва пеш омад, ки:

– Ассалому алайка, аъробӣ.

– Ло алайкассалом ва ло раҳматуллоҳ ва ло баракотуҳ. Аз вай об талабид.

Гуфт:

– Фурӯд ой ва ба зиллату хорӣ об бихӯр, ки валлоҳ, ман рафику навкари касе нестам.

Ҳаҷҷоҷ фурӯд омаду об бихӯрд ва пас гуфт:

– Эй аъробӣ, беҳтарин мардумон кист?

Гуфт:

– Расули худой, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бар рағми ту!

Боз гуфт:

– Чӣ мегӯӣ дар ҳаққи Алӣ ибни Абутолиб?

Гуфт:

– Аз караму бузургворӣ номи вай дар даҳан намеғунҷад.

http://ledu.portal.uz

Пас гуфт:

– Чӣ мегӯӣ дар ҳаққи Абдулмалик ибни Марвон?

Ҳеҷ нагуфт.

Гуфт:

– Ҷавоби ман бигӯй, э аъробӣ.

Гуфт:

– Бад мардест.

Пурсид, ки:

– Чаро?

Гуфт:

– Хатое аз вай дар вуҷуд омадааст, ки аз Машриқ то Мағриб аз он пур баромада.

Пурсид, ки:

– Он кадом аст?

Гуфт:

– Он, ки фосиқи фоҷир Ҳаҷҷоҷро бар мусулмонӣ гумоштааст.

Ҳаҷҷоҷ ҳеҷ нагуфт.

Ногоҳ мурғе бипариду овоз кард. Аъробӣ рӯй ба Ҳаҷҷоҷ карду гуфт:

– Ту чӣ касӣ, э мард?

Гуфт:

– Ин чӣ савол аст, ки мекунӣ?

Гуфт:

– Ин мурғ маро хабар дод, ки лашкаре мерасад, сардори эшон туӣ. Дар ин сухан буд, ки лашкариёни вай расиданду бар вай салом гуфтанд. Аъробӣ чун онро бидид, ранги ӯ мутағайир гашт. Ҳаҷҷоҷ фармуд, то вайро ҳамроҳ бибаранд. Чун рӯзи дигар бомдод карду моида биниҳод ва мардумон ҷамъ омаданд, аъробиро овоз доданд. Чун даромад гуфт:

– Ассалому алайка, айюҳа-л-амир ва раҳматуллоҳу ва баракатуҳ.

Ҳаҷҷоҷ гуфт:

– Ман чунон намегӯям, ки ту гуфтӣ: Ва алайка-с-салом.

Пас гуфт:

– Таом мехӯрӣ?

Гуфт:

– Таоми туст, агар иҷозат диҳӣ, мехӯрам.

http://eduportal.uz

Гуфт:

– Иҷозат додам.

Аъробӣ пеш нишаст ва даст дароз карду гуфт:

– Бисмиллоҳ, иншоаллоҳ, ки он чӣ баъд аз таом ояд, хайр бошад.

Ҳаҷҷоҷ бихандиду гуфт:

– Ҳеҷ медонӣ, ки дирӯз аз ин бар ман чӣ гузашта?

Аъробӣ гуфт:

– Аслаҳуллоҳул – амир сирре, ки дирӯз миёни ману ту гузаштааст, имрӯз дар ифшои он макӯш.

Баъд аз он Ҳаҷҷоҷ гуфт:

– Э аъробӣ, яке аз ду кор ихтиёр кун: ё пеши ман бош, ки туро аз хавоси худ гардонам ё туро пеши Абдулмалики Марвон фиристам ва он чӣ ӯро гуфтаӣ, ахбор кунам, то ҳар чӣ хоҳад, он кунад.

Аъробӣ гуфт:

– Сурати дигар ҳам метавонад буд.

Пурсид, ки:

– Он кадом аст?

Гуфт:

– Он ки маро бигузорӣ, ки саломат ба билоди худ боз равам ва дигар на ту маро бинӣ ва на ман туро.

Ҳаҷҷоҷ бихандид, фармуд, то вайро даҳ ҳазор дирам доданду ба диёраш фиристоданд.

ҚИТЪА

Мард бояд, ки ба лутфи сухану ҳусни хитоб
Табъи арбоби ситамро зи ситам боз орад.
Ҳар лаиме, ки зи эҳсону карам рам кардааст,
Ба фусуни сухан ӯро ба карам боз орад.

ҲИКОЯТ

Ҳотамро пурсиданд, ки:

– Ҳаргиз аз худ каримтар дидӣ?

Гуфт

– Бале! Рӯзе ба хонаи ғуломи ятим фуруд омадаву вай даҳ сар гӯсфанд дошт. Филҳол як сар гӯсфандро кушту пухту

http://edu.portal.uz

пеши ман овард ва маро қитъае аз он хуш омад. Бихӯрдаму гуфтам: «Валлоҳ, ин басе хуш буд». Он ғулом берун рафту як-як гӯсфандро мекушту он мавзеъро мепухту пеши ман меовард. Ман аз он огоҳ не. Чун берун омадам, савор шавам, дидам, ки беруни хона хуни бисёр рехтааст. Пурсидам, ки:

– Ин чист?

Гуфтанд, ки:

– Вай ҳамаи гӯсфандони худро кушт.

Вайро маломат кардам, ки чаро чунин кардӣ?

Гуфт:

– Субҳоналлоҳ, туро хуш ояд чизе, ки ман молики он бошам ва дар он бахилӣ кунам, ин зиштсиратӣ бошад дар миёни араб.

Пас, Ҳотамро пурсиданд, ки:

– Ту ба муқобилаи он чӣ додӣ?

Гуфт

– Сесад шутури сурхмӯю панҷсад гӯсфанд.

Гуфтанд:

– Ту каримтар бошӣ?

Гуфт:

– Ҳайҳот! Вай ҳар чӣ дошт, доду ман аз он чӣ доштам, андаке беш надодам.

ҚИТЪА

Чун гадое, ки ними нон дорад,
Ба тамомӣ диҳад зи хонаи хеш.
Бештар з-он бувад, ки шоҳи ҷаҳон
Бидиҳад ниме аз хонаи хеш.

ҲИКОЯТ

Каждуме заҳри мазаррат дар неш ва тири хабосат дар кеш азимати сафар кард. Бар лаби оби паҳновар расид, хушк фурӯ монд: на пойи гузаштан ва на рои бозгаштан. Сангпуште он маъниро аз вай мушоҳида кард, бар вай тараҳҳум намуд ва бар пушти худаш савор сохту худро дар об андохт ва шинокунон рӯй ба ҷониби дигар ниҳод. Дар он асно овозе

http://eduportal.uz

ба гӯшаш расид, ки каждум чизе ба пушти вай мезад. Суол кард, ки:

– Ин чӣ овоз аст?

Ҷавоб дод, ки:

– Ин овози неши ман аст, ки дар пушти ту ҳарчанд мезанам, ки бар он коргар намеояд, аммо одоби худро наметавонам гузошт, чунон ки гуфтаанд:

ФАРД

Неши ақраб на аз раҳи кин аст,
Муқтазои табиаташ ин аст.

Сангпушт бо худ гуфт, ки «Ҳеҷ беҳ аз ин нест, ки ин бадсириштро аз ин хӯйи бад бираҳонаму некӯсиратонро аз осеби вай халосӣ диҳам. (Сангпушт) ба об фурӯ рафт ва ақрабро мавҷ бирабуд».

ҚИТЪА

Ҳар авоне, ки дар ин базмгаҳи шарру фасод,
То зи сад ҳила ба ҳар лаҳза аз ӯ соз диҳанд.
Беҳ аз он нест, ки дар мавҷи фано ғӯта занад,
Вай зи бадхулқии худ, халқ аз ӯ боз раҳанд.

ПАНДУ ҲИКМАТҲО

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

* * *

Ба сухан зинда шавад номи ҳама,
Ба сухан пухта шавад хоми ҳама.

* * *

Сухан гар набудӣ, набудӣ қалам,
Ба лавҳи баён сар насудӣ қалам.
Қалам з-ӯст нолон ба чанги дабир,
Навои тараб з-он ба лаҳни сарир.

http://eduportal.uz

* * *

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.

* * *

Да талаби илм камар чуст кун,
Даст зи ашғоли дигар суст кун.

* * *

Нахуст аз илму дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.

* * *

Дор адаби дарси муаллим нигоҳ,
То нашавӣ таблаки таълимгоҳ.

* * *

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бе нуқсон бувад чун аз дарахти навбар аст.

* * *

Ба кор ор илме ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ.

* * *

Мазан пушти по бахти фирӯзро,
Ба қисмат се кун ҳар шабон рӯзро:
Якеро ба таҳсили дониш гузор,
Ки бедонишӣ нест ҷуз айбу ор.
Ба дониш шав андар дувум коргар,
Саввумро ба бедонишон бар ба сар.

* * *

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.

* * *

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

http://eduportal.uz

* * *

Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.

* * *

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

* * *

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде.

* * *

Ҳар кас, ки на ошиқ, одамӣ нест,
Шоистаи базми маҳрамӣ нест.

* * *

Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин!

* * *

Аз каҷиву каҷравӣ андеша кун,
Пайравии ростравон пеша кун!

* * *

Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,
То ба он базми касон афрӯзӣ.

* * *

Абр шав, то ки чу борон резӣ,
Ба гулу хас ҳама яксон резӣ.

* * *

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз,
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз

http://eduportal.uz

* * *

Ҳимати мард чун баланд бувад,
Дар ҳама кор сарбаланд бувад.

* * *

Аз нокасон вафову мурувват тамаъ мадор,
Аз табби дев хосияти одамӣ мачӯй.

* * *

Гуфтани бисёр на аз нағзӣ аст,
Валвалаи табл зи бемағзӣ аст.

* * *

Наёроста дил ба фазлу адаб,
Макун зинати ҷомаву ҷо талаб.

* * *

Боядат аввал адаб андӯхтан,
Пас дигаронро адаб омӯхтан.

* * *

Ба сабр ар барояд туро номи нек,
Диҳад номи некат саранҷоми нек.

* * *

Бикор он чӣ хоҳӣ чи гандум, чи ҷав,
Ки имрӯз кишт асту фардо дарав.

* * *

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

Луғат ва тавзеҳот:

Або – либоси сиёҳи пашмин, ки мисли яктаҳ аз болои либос мепӯшанд.

Саводи басар – сиёҳии чашм.
Коҳи симох – киноя аз гӯш

http://edu portal.uz

Сарир – садои қалам дар вақти навиштан.
Ҳирфа – пеша
Деҳиш – бахшиш, ато.
Зари даҳдаҳӣ – тиллои холис.
Сурра – киса, ҳамён.
Аҳрор – ҷамъи ҳур – озодагон.
Аброр – ҷамъи бурр – покон, некӯкорон-ишора ба ду маснавии худаш «Тӯфҳат-ул-Аҳрор» ва «Сабҳат-ул-Аброр».
Жарф – амиқ, чуқур.
Талофӣ – подош, товон.
Неъмалбадал – ба ивази чизе чизи беҳтар додан.
Ход – калход.
Риқба – таноб, ришта.
Арасту – Аристотел.
Шамус – нофармон, саркаш.
Каловуз – пешрави лашкар.
Вифқ – мувофиқ.
Меод – бозгашт, охират.
Ҳаҷҷоҷ – Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф (694–714) – аз золимтарин ҳокимони араб, ки суханпардоз ва шӯх ҳам будааст.
Аъробӣ – араби бодиянишин.
Ло алайка-с-салом ва ло-раҳмату-л-лоҳи ва ло баракотуҳ – одатан, ҳангоми салом ибораҳои «ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ (худованд ба ту меҳрубонӣ кунад ва баракат диҳад)-ро илова мекунанд. Аъробӣ онҳоро ба шакли инкор гуфтааст.
Валлоҳ – ба худо (қасам).
Рагм – зид, мухолиф.
Алӣ ибни Абӯтолиб – чаҳорумин халифаи араб баъди Муҳамади пайғамбар (с.).
Абдулмалик ибни Марвон – яке аз халифаҳои бани Умавия, ки солҳои 685–705 ҳукмат кардааст
Фоҷир – нобакор.
Моида – дастархон.
Бисмиллоҳ – ба номи худо.
Аслаҳуллоҳу-л-амир – эй амири покдилтарини худо.
Ҳотам – Абӯсафона Ҳотам, дар асри VI зиндагӣ кардааст.
Мазаррат – зарар.
Хабосат – хабисӣ.
Ошнокунон – шинокунон.
Анвон – золим.

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот дар бораи ҳикоят, қитъа, мавзӯъ ва ғояи асари бадеӣ

Дар адабиёти бадеӣ жанр ва намудҳои гуногуни асарҳо дида мешаванд. Яке аз намудҳои адабиёти эпикӣ (ҳамосавӣ) ***ҳикоя*** мебошад, ки дар ин асари хурди насри бадеӣ муаллиф як воқеаро аз ҳаёти шахсе тасвир менамояд, вале воқеаҳоро, ки пеш аз ин ва баъд аз ин рӯй додаанд, муфассал нақл намекунад.

Ҳикояҳои хурдро ***ҳикоят*** меноманд.

http://edu.portal.uz

Дар «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳикоятҳои зиёди насрӣ, дар «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Беҳрӯз ва Баҳром»-и Биноӣ ва асарҳои дигар адибони мумтози форсу тоҷик низ ҳикоятҳои манзум ба назар мерасанд.

Як намуди назми мумтоз ***қитъа*** ба шумор меравад, ки аз ҷиҳати шакл ба ғазал ва қасида наздик аст, аммо матлаъ надорад.

Мавзӯи қитъа хеле васеъ ва гуногун аст. Мо дар қитъа ҳам ҳаҷв, ҳам шикоят аз нуқсонҳои замон, ҳам танқиди норасоиҳои ҷамъият, ҳам тасвири лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти шоир ва инъикоси ақидаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқии ӯро мебинем. Қитъа дар эҷодиёти шоирони мумтоз ҳамчун жанри алоҳида ва ҳам дар дохили асарҳои насрӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, Саъдӣ дар «Гулистон» ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» барои таъсирбахш намудани ҳикоятҳои ҷудогона аз қитъа низ истифода бурдаанд.

Ҳодиса ва рӯйдодҳои ҳаётиро, ки нависанда дар асараш тасвир кардааст ва ба воситаи он масъалаҳои асосӣ пеш ронда шудааст, ***мавзӯи асари бадеиро*** ташкил менамояд.

Дар достони Абдураҳмони Ҷомӣ «Хирадномаи Искандарӣ» тарғиби ақлу хирад ва ахлоқи хамидаи инсонӣ ба воситаи образи Искандар ва устодони ӯ мавзӯи асосӣ ба шумор мераванд.

Он фикри асосӣ ва хулосае, ки нависанда дар асари худ аз тасвири паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт баровардааст, ***ғояи асари бадеӣ мебошад***.

Дар достони «Хирадномаи Искандарӣ» Абдураҳмони Ҷомӣ ғояи шоҳи одил ва маърифатпарварро дар образи Искандар ифода кардааст. Искандар дар ин достон шоҳи донишманд, одилу халқпарварвар тасвир ёфтааст Ӯ мамлакатро аз рӯйи маърифат, аз рӯйи хирадномаҳо, ки онҳоро донишмандон навишта буданд, идора мекард. Дар ин асар адиб роли хирадро баланд бардоштааст.

Воқеаҳои ҳаёт ки дар асари бадеӣ мувофиқи фаҳми нависанда тасвир гардидаанд ва баҳо дода шудаанд, ***мазмуни асари бадеиро*** ташкил медиҳанд. Он чи ки дар асари бадеӣ тасвир ёфтааст мавзӯи асар мебошад. Аммо нависанда ҳаётро на ин, ки бетарафона, балки аз нуқтаи назари муай-

яъне тасвир меукунад, ба он баҳо дода, ҳукми худро мегӯяд ва хонандаро ба хулосае меорад. Ин баҳо ва хулосаи муаллиф ***гояи асарро*** ташкил медиҳад.

Мавзӯи асарро аз ғояи он ҷудо кардан мумкин нест. Асоси ғоявӣ ва мавзӯи асар мазмуни онро муайян мекунад.

Воситаҳои тасвири бадеӣ, сохти асар, сужет ва забони он, ки бо ёрии онҳо мазмуни асар ифода меёбад, ба шакли асари бадеӣ тааллуқ дорад, ***яъне воситаҳои ифодаи мазмунро шакл меноманд***.

Мазмуни ҳикояи Саъдии Шерозӣ «Шуҷоат ва қаҳрамонӣ» далерию ҷасорати шахсеро дар бар мегирад, ки дар зоҳир назарногир, аммо ботинан хеле зебо ва ибратбахш мебошанд. Ин марди ҳақир ба қавли худ устувор буда, гуфтораш аз рафтораш фарқ намекунад.

Предмети тасвири нависанда дар ин ҳикоя симоҳои малик, маликзода ва бародаронаш мебошанд. Саъдӣ ба кӯтоҳии қад ва симои назарногири маликзода ишорае карда, корнамоии ӯро дар майдони муҳорибаи зидди душман хайрхоҳона тасвир мекунад ва ӯро ба бародарони хушсурату ороста ва тарсончаку бешуҷоаташ муқобил мегузорад. Дар пуртаъсир гардидани ғояи ҳикоя роли забони ширин ва оҳангдори Саъдӣ хеле калон аст. Дар лаҳзаҳои мувофиқ овардани порчаҳои шеърӣ, истифода кардани сухан ва ибораҳои ҳамоҳанг (ба монанди: *Эй мардон бикӯшед, то ҷомаи занон напӯшед. Маҳол аст, агар ҳунарманд бимирад, ки беҳунар ҷойи ӯ бигирад).* на фақат ба баландии мазмун, балки дар ороиши шакли ин ҳикоя роли калон бозидааст. Ҳамин зайл, шаклу мазмун ва ғоя асоси асари бадеиро ташкил медиҳанд.



Савол ва супоришот:

1. **Кадом навъи асари бадеиро ҳикоят меноманд?**
2. **Қитъа чист ва он дар кадом мавзӯъҳо навишта мешавад?**
3. **«Баҳористон» дар пайравии кадом асари Саъдии Шерозӣ навишта шудааст?**
4. **Муаллиф дар ҳикояти «Сангпушт ва каждум» чиро дар назар дорад.**
5. **Дар бораи мавзӯъ ва ғояи асари бадеӣ маълумот диҳед. Онро аз достони «Хирадномаи Искандарӣ» маънидод кунед.**

http://edu.portal.uz



АЛИШЕРИ НАВОӢ (ФОНӢ)

(1441–1501)

«Дӯстии Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ тимсоли дурахшони дӯстии ду халқи бародар – ӯзбекон ва тоҷикон аст, ки таърихи он ба қадимтарин замонҳо рафта мерасад...

Алишер Навоӣ яке аз бузургтарин шоирони асримиёнагии шарқ ва дар айни замон олим ва мутафаккири забардаст, мусиқидон ва наққоши моҳир, инчунин арбоби намоёни сиёсист».

Бобоҷон ҒАФУРОВ

Тарҷумаи ҳол

Низомиддин Алишери Навоӣ сардафтари адабиёти классикии ӯзбек буда, бо асарҳои барҷастааш дар таърихи адабиёти ӯзбек мақоми арзанда дорад.

Ӯ соли 1441 дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Падари Навоӣ Кенҷа-баҳодур яке аз амалдорони дарбори Темуриён буда, аз хату савод дастмояе надошт. Вале бо вуҷуди бесавод буданаш дар таълиму таҳсили фарзандаш саъю кӯшиши зиёде кард. Навоӣ таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро дар Ҳирот гирифта, пас ба Машҳад меравад. Ӯ дар он ҷо дар дарбори Абулқосим Бобур Мирзо хизмат карда, инчунин таҳсили худро давом медиҳад. Махсусан, ба омӯхтани эҷодиёти адибони бузурги форс-тоҷик Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ пайваста машғул мегардад. Навоӣ аз онҳо сеҳри каломи мавзун, санъати суханварӣ ва тарзу усули образофариро омӯхта ва дар пайравии онҳо шеърҳои аввалини худро иншо кардан мегирад.

Ғайр аз ин, Навоӣ дар ин ҷо дар сӯҳбати олимон, шоирон иштирок карда, аз онҳо низ дарси адабу дарси зиндагӣ омӯхт. Дар ҳамин ҷо Навоӣ девони аввалини худро тартиб медиҳад.

Алишери Навоӣ соли 1466 боз ба Ҳирот меояд. Вале аз сабаби номусоидии ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ, ҷангу хунрезиҳои Абусаид Мирзо дар ҳамон сол шаҳри Ҳиротро тарк карда, роҳи Самарқандро пеш мегирад. Дар Самарқанд Алишери

http://edu.portal.uz

Навоӣ боз ба таҳсили илму адаб машғул шуда, дар назди яке аз уламои машҳури замон Хоҷа Фазлуллоҳи Абулайси Самарқандӣ илми фиқҳро аз худ мекунад.

Ҳангоме ки соли 1469 Ҳусайн Бойқаро (Навоӣ бо ӯ ширхора буда, инчунин якҷоя таҳсил карда буданд) ба Ҳирот омада ба маснади подшоҳӣ менишинад, Навоиро ба дарбор даъват менамояд. Ӯ дар дарбори Ҳусайн Бойқаро вазифаи мӯҳрдориро ба ӯҳда мегирад. Маҳз дар ҳамин давра Навоӣ бо Абдураҳмони Ҷомӣ дӯстӣ пайдо карда, муриди ӯ мешавад.

Алишери Навоӣ шахси инсондӯст ва раиятпарвар буд. Ҳангоми дар вазифаи корҳои давлатдорӣ будан ба халқи бечора хубию некиҳо кард. Масалан, соли 1470 аз зулму истисмори амалдорон ва аз мардум гирифтани андозҳои зиёд ҳаёти иқтисодии халқ ниҳоят вазнин гардида, онҳо ба муқобили ҳамаи ин бедодгариҳои золимон шӯриш бардоштанд. Танҳо бо тадбирҳои оқилонаи Алишери Навоӣ шӯриш хобонда шуд. Навоӣ ба Султон Ҳусайн Бойқаро маслиҳат дод, ки пеш аз ҳама, золимонро ҷазо диҳад, андозҳои халқро то андозае кам кунад. Пас аз ин дар байни халқ обрӯйи Навоӣ зиёд шуда, ӯро беш аз пеш ҳурмату эҳтиром мекардагӣ шуданд.

Алишери Навоӣ соли 1472 ба мартабаи вазирӣ мерасад. Маҳз дар ин давра то андозае ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ осуда гардида, ҳаёти маданӣ ва адабӣ хеле пеш рафт. Аммо бисёр корҳои Навоӣ боиси хашму ғазаби шоҳу амалдорони давлат гардид ва онҳо аз паи ранҷу озори ӯ шуданд. Ҳокимону вазирон, дар назди шоҳ ҳар гуна тӯҳмату бӯҳтон мекарданд. Бо ҳамин сабабҳо Навоӣ соли 1476 аз мансаби вазирӣ даст кашид. Дар муддати 11-сол корҳои давлатиро ба як тараф монда, ба эҷод намудани асарҳои илмӣ ва адабӣ машғул шуд. Маҳз дар ҳамин давра ӯ асари панҷгонаи худ «Хамса»-ро навишта ба охир мерасонад. Ба ҳамаи ин қаноат накарда Ҳусайн Бойқаро Навоиро ҳокими Астаробод таъин мекунад. Навоӣ дар Астаробод танҳо як сол меистад ва соли 1488 ба Ҳирот меояд. Ӯ то охири умраш дигар ба корҳои давлатӣ машғул нашуда, вақти худро ба эҷод намудани асарҳо сарф мекунад.

Алишери Навоӣ моҳи январи соли 1501 дар шаҳри Ҳирот вафот мекунад. Муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» Хондамир мусибату ҳиссиёти мардуми Ҳиротро аз марги шоири бузург Навоӣ бо як сӯзу гудоз баён карда, бо байтҳои зерин ҷамъбаст намудааст:

Чаро хун наборид чашми сипеҳр?
Чаро гашт равшан дигар моҳу меҳр?
Чаро силқи айём дарҳам нашуд?
Чаро моҳ аз солҳо кам нашуд?

Ҷасади Навоиро дар гунбазе, ки худи Алишер дар Ҳирот бино карда буд, ба хок супориданд.



Савол ва супоришот:

1. **Алишер Навоӣ ҳангоми таҳсил ба омӯхтани асарҳои кадом шоирони классикӣ машғул буд?**
2. **Алишер Навоӣ бо Ҳусайн Бойқаро чӣ муносибат дошт?**
3. **Чаро Алишер Навоӣ аз мансаби вазирӣ даст кашид?**
4. **Хондамир кист ва ӯ дар вафоти Навоӣ чӣ навиштааст?**
5. **Навоӣ кай вафот кардааст ва ӯро дар кучо ба хок супориданд?**

Мероси адабии Навоӣ (Фонӣ)

Низомиддин Алишери Навоӣ бо забони форсӣ-тоҷикӣ таҳсил карда, забонҳои арабӣ ва тоҷикиро хеле хуб медонист. Ӯ қобилияту истеъдоди аҷиб дошт. Аз худ кардани илмҳои гуногун, аз бар намудани байтҳои зиёди шоирони форс-тоҷик чашми Навоиро ба шоҳроҳи шеъру шоирӣ кушод. Илова бар ин, ҳамчун Абдураҳмони Ҷомӣ устод дошт, ки дар пешрафти эҷодии ӯ саҳми арзанда гузошт. Навоӣ аз хурдӣ ба шеър гуфтан оғоз кард. Ӯ шеърҳояшро ҳам ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва ҳам бо забони туркӣ эҷод мекард. Адиб дар шеърҳои форсӣ-тоҷикӣ «Фонӣ» ба туркӣ-ӯзбекӣ «Навоӣ» тахаллус интихоб кард. Азбаски Навоӣ бо ду забон шеър мегуфту, асар эҷод мекард, ҳамзамононаш ба ӯ тахаллуси иловагӣ «зуллисонайн» (соҳиби ду забон) дода буданд.

Алишери Навоӣ аксарияти асарҳояшро ба забони модариаш-туркӣ-ӯзбекӣ иншо кардааст. Вай ба ин забон чор девони асарҳои лирикӣ дорад, ки дар якҷоягӣ «Хазоин-

http://edu portal.uz

ул-маъонӣ» мемоманд. То замони Навоӣ бо забони туркӣ-ӯзбекӣ эҷод намудани достонҳои ҳаҷман бузургро (фалсафӣ, ахлоқӣ, ишқӣ) ғайри имкон мешумориданд. Навоӣ аввалин шуда ин ақидаро нодуруст шуморида, барои исботаш панҷ достон эҷод мекунад. Онҳоро Навоӣ дар пайравии «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ иншо кардааст. Дар ин бора худи Навоӣ чунин мегӯяд:

Форсӣ чун гашт дар эшон адо,
Туркӣ кунам, нест аҷаб ибтидо.
Форс чу хурсанд шуд аз он гуҳар,
Турк ҳам ар шод шавад, хубтар.
Ман, ки дар ин роҳ ниҳодам қадам,
Ҳаст умедам, чу бигирам қалам.
Роҳбарӣ карда Низомӣ маро,
Ёр шавад Хусраву Ҷомӣ маро.

Достонҳои «Хамса»-и Навоӣ аз асарҳои зерин иборатанд: ***«Ҳайрат-ул-аброр», «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун»,«Саъбаи сайёр», «Садди Искандарӣ».***

«Хамса» дар якҷоягӣ зиёда аз 27 ҳазор байтро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, Навоӣ дар забони туркӣ-ӯзбекӣ чаҳор девон дорад, ки маҷмӯйи асарҳои лирикии шоир буда, 25-ҳазор байтро ташкил медиҳад. Маснавиҳои ***«Лисон-ут-тайр» («Забони мурғон»), «Панднома», «Чиҳил ҳадис», «Маҳбуб-ул-қулуб»*** низ ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Навоӣ инчунин ба забони модариаш дар бораи ҳаёту эҷодиёти нависандагони ҳамзамонаш «Маҷолис-ун-нафоис» ва оид ба қоидаю қонуни вазни арӯз «Мизон-ул-авзон»-ро офаридааст.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Алишери Навоӣ аз чиҳо иборат аст?**
2. **Девони форсӣ-тоҷикии Навоӣ чӣ ном дорад?**
3. **Чаро Алишер Навоиро «зуллисонайн» мемоманд?**
4. **Достонҳои «Хамса»-и Навоиро номбар кунед. Онҳо дар пайравии кадом шоирон нависта шудаанд?**
5. **Навоӣ шеърҳои тоҷикии худро бо кадом тахаллус навиштааст?**

http://ziyouzkonal.uz

Мундариҷаи ғоявии ашъори форсӣ-тоҷикии Навоӣ (Фонӣ)

Навоӣ як қисми асарҳояшро ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод кардааст. Аз мутолиаи ашъори тоҷикии адиб равшан мегардад, ки ӯ хусусияти назми моро хеле хуб медонистааст. Худи шоир ба ин маънӣ ишорат карда чунин мегӯяд:

Маънии ширину рангинам ба туркӣ беҳад аст,
Форсӣ ҳам лаълу дурҳои самин, чун бингарӣ.
Гӯиё дар ростбозори сухан бикшудаам,
Як тараф дӯкони қаннодиву як сӯ заргарӣ.

Девони тоҷикии Навоӣ бо номи ***«Майдони балоғат»*** шӯҳрат дорад ва қариб чаҳор ҳазор байтро дар бар мегирад. Дар девони шоир ғазал мавқеи асосӣ дорад. Як хусусияти муҳими девони Навоӣ аз он иборат аст, ки адиб пеш аз ҳар як ғазал ба кадом шоири гузашта пайравӣ намуданашро қайд карда мегузарад. Масалан, *«Татаббӯъи Мир Хисрав»*, *«Татаббӯъи ҳазрати Махдумӣ»* ва ғайра.

Ғазалҳои Навоӣ бештар дар пайравии ғазалиёти Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва Ҷомӣ эҷод шудаанд. Мавзӯъҳои ғазалиёти Навоӣ гуногунанд. Вале шоир бештари онҳоро дар мавзӯи ишқӣ сурудааст. Шоир баъзан дар ғазалҳояш лирикаи ишқиро бо лирикаи иҷтимоӣ омезиш медиҳад. Ин хусусият дар ҳамаи ғазалҳое, ки дар пайравии Ҳофиз гуфтааст, ба назар мерасад. Масалан, дар ин байт шоир аз носозиҳои замон, фитнаю найранг, тӯҳмату бӯҳтонҳои як гурӯҳ одамони пастфитрати рӯзгораш шикоят карда, орзу дорад, ки онҳо росткору ростқавл, монанди алиф (I), мисли қади ёраш рост бошанд:

Каҷиву кӯтаҳии давр малулам доранд,
Рост хоҳам, алифи қомати дилдор куҷост?

Навоӣ дар ғазалиёташ зебоиҳои ҳаётро бо як ҳиссиёти баланд тараннум мекунад. Адиб омадани баҳору шукуфтани гулҳои рангорангро васф карда, одамонро даъват мекунад, ки умри инсон ғанимат аст, аз ин зебоиҳои ҳаёт баҳра бояд бурд:

http://ziyouz.al.uz

Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шукуфт,
Дилҳо аз он нишот зи гул бештар шукуфт.
Дил аз сабоҳати рухи хубат кушода шуд,
Монанди ғунчае, ки ба вақти саҳар шукуфт.
Соқӣ, баҳор шуд, қадаҳам рез лаб ба лаб,
Хоса, ки аз шукуфа чаман сар ба сар шукуфт.

Қитъа ва рубоиёти Навоӣ низ соддаю равон буда, дар мавзӯъҳои гуногун суруда шудаанд. Шоир дар қитъаоти худ хислатҳои наҷиби инсониро тараннум карда, дар баробари он тамаъкорӣ, мардумфиребӣ, дурӯғгӯӣ, золимӣ барин сифатҳои пастро мазаммат намудааст. Чунончи, ӯ дар ситоиши мардию саховатмандӣ мегӯяд:

Ҷавонмард аз карам муфлис нагардад,
Сахиро аз ато чин нест дар чеҳр.
Ба пошидан чӣ нуқс ояд ба дарё,
Ба афшондан чӣ кам гардад зари меҳр?

Навоӣ дар қитъаи зерин шоҳони замонашро накӯҳиш карда мегӯяд, ки аз ҷабру зулми шумо халоиқ хонахароб ва мулк вайрон шуд. Зулму асорати шумо мисли оташ, ки онро куштан лозим, яъне шуморо нест кардан даркор:

Эй фалон, сӯхтӣ халоиқро,
Мулкро шиддати ту вайрон кард.
Оташеро, ки чун ту сӯзон аст,
Ҷуз ба куштан илоҷ натвон кард.

Ҳаёт ва эҷодиёти Алишер Навоӣ ҳанӯз аз замони зиндагии худи ӯ сар карда диққати аҳли илму адабро ба худ кашида омадааст. Дар тазкираву баёзҳо, асарҳои таърихию илмӣ оиди зиндагинома ва эҷодиёти пурбаракати илмиву адабии Навоӣ саҳифаҳои ҷолиби диққат бахшида шудаанд. Даҳҳо шоирони ӯзбеку тоҷик ва халқҳои дигар ба асарҳои ӯ пайравӣ намуда шеъру достонҳо офаридаанд. Асарҳои Алишер Навоӣ ба забонҳои гуногуни халқҳои ҷаҳон тарҷима ва нашр шудаанд. Ба ҷуз асарҳои ба забони тоҷикӣ навистаи Алишер Навоӣ-Фонӣ достонҳои «Фарҳод ва Ширин» (мутарҷим Муҳиддин Аминзода), «Лайлӣ ва Маҷнун» (дар тарҷумаи Ҷонибек Қувнок), «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» (тарҷумон Абдуқодир Маниёзов) ва боз чандин асарҳои дигари Навоӣ ба забони тоҷикӣ нашр шудаанд. Бисёр олимон,

аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Воҳид Абдуллоев, Абдулғанӣ Мирзоев, Ботурхон Валихоҷаев, Абдуқодир Ҳайитметов, Абдуқодир Маниёзов, Ҳасан Қудратуллоев ва боз чанде дигарон доир ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти Алишер Навоӣ рисола ва мақолаҳои илмӣ навиштаанд.

Ҳаёт ва эҷодиёти Алишер Навоӣ аз барномаҳои мактабҳои миёна ва олии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ ҷой гирифтааст. Доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Алишер Навоӣ асарҳои саҳнавӣ ва кинофилмҳо офарида шудааст, роману достонҳо таълиф гардидааст. Ғазалҳои Алишер Навоӣ дар иҷрои овозхонони тоҷику ӯзбек мунтазам садо медиҳанд. Ба номи Алишер Навоӣ дар Ӯзбекистон вилоят ва шаҳр, Донишгоҳи давлатӣ, Театри калон дар Тошканд, кӯчаву боғҳои истироҳатӣ, мактабҳо ва ғайра гузошта шудаанд.

Барои асарҳои беҳтарини адабиёт ва санъат мукофоти давлатии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ, дар мактабҳои олӣ барои донишҷӯёни беҳтарин стипендия ба номи Алишер Навоӣ таъсис шудааст. Ҳар сол 9-феврал зодрӯзи Алишер Навоӣ бо шукӯҳи хоса ҷашн гирифта мешавад. Ин аст бузургдошти Навоӣ ва зиндаву ҷовид будани ӯ.



Савол ва супоришот:

1. **Девони форсӣ-тоҷикии Навоӣ чӣ ном дорад?**
2. **Фонӣ дар ашъори форсӣ-тоҷикии худ ба ашъори кадом шоирон пайравӣ намудааст?**
3. **Кадом олимони тоҷик дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Навоӣ асарҳо навиштаанд?**
4. **Матни бобҳои аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар китоб овардашударо хонда, аз рӯйи он иншои хонагӣ нависед.**
5. **Яке аз ғазалҳои Навоӣ-Фониро аз ёд кунед.**

ТӮҲФАТ-УЛ-АФКОР

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Шаҳ, ки ёди марг н-орад, з-ӯст вайронии мулк,
Хусрави беоқибат хусри билоду кишвар аст.
Қайди зинат масқати фарру шукӯҳи хусравист,
Шери занҷирӣ зи шери беша камсавлаттар аст.

http://edu.uz

Лозими шоҳӣ набошад холӣ аз дарди саре,
Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст.
Хоҷа дил дар ваҷҳу сар афканда пеш аз фикри худ,
Садр аз баҳри тамаъ биншаста чашме бар дар аст.
То бувад шайхи риёӣ нуктагӯ, дилрост ранҷ,
То шиторо ях бувад, урён зи сармо музтар аст.
Ақл хандад он чӣ гӯянд аҳли зарқ аз воқеа,
Ханда орад ҳар кӣ хоб андар фасонагустар аст.
Воизу томеъ гадои нон бувад, фарқаш ҳамин,
К-ин ба зери минбар омад, он фарози минбар аст.
Тухми расвоӣ диҳад бар, донаи тасбеҳи зарқ,
Оре, оре дона ҷинси хешро боровар аст.
Фиқҳро чун доми макру ҳила месозад фақеҳ
Не фақеҳ аст ӯ, ки ҳарфи иллати фиқҳ андар аст.
Қозии пурҳила ояд бо сиҷилли пургувоҳ,
Маҳз кизб аст аз барои ҷирга гӯӣ маҳзар аст.
Ҷониби садр ар бигирад ақл, бешак, ҷоҳилист,
Ҷоҳил ар ёбад халос аз ҷаҳл илмаш мазҳар аст.
Раҳравони боркашро саҳл дон ошоми фақр,
Дар даҳони ноқа хори хушк хурмои тар аст.
Лофи бевачҳи ҳаким омад ба назди аҳли дил,
Офати беҳад бар Афлотун, агарчи афсар аст.
Нуктаи нодон барои ришханди ӯ накӯст,
Мӯҳраи хар дархури тазйини афсори хар аст.
Ҳар шаб ахтар бин чу буме чашм бар сар дӯхта,
То чӣ кизб орад бурун гар худ ҳама Бӯмаъшар аст.
Чарх маълулест, к-аз вай вочиб ояд эътироз,
К-аш бар аъзо ҳар тараф холи сафеди ахтар аст.
Гунбади хузро, ки хунрезист феълаш дур нест
Барги ҳино ахзар омад, лек рангаш аҳмар аст.
Сифла гар мирад паи аксуну атлас дур нест,
Ҳаст аз баҳри кафан кирме, ки абрешимгар аст.
Роҳравонро фоқаву неъмат кунад манъи сулук,
Асби раҳ он аст, к-ӯ на фарбеҳу на лоғар аст.
Чин ба рӯе афканад шиддат, ки шахсашрост ҳилм,
Мавҷазобе н-оварад сарсар, ки номаш мармар аст.
Пеши тардоман бувад ҳар мӯйи марди гармрӯ,
Ҷони батро ҳар паре аз боли шоҳин ханҷар аст.

Марди пурмаънӣ чӣ гар бинӣ ҳақираш пешвост,
Пеши ӯ кам, бал ду марворидро як музмар аст.
Марди раҳ бин рози дил махфӣ намонд он Ҷоми Ҷам,
Хизрро оби ҳаёт оинаи Искандар аст.
Гар шараф н-аз ашку сӯзи дил бувад бар ҳамсарон,
Шӯшаи ях шамъи кофурест, бал софитар аст.
Тавъамони бад бувад монанди хуни наҳсу наҷс,
Зодаи некӯ мушобеҳ чун абиру анбар аст.
Мулки дил пиру ҷавонро ҳаст ободон зи ишқ,
Бонии Марви куҳан Санҷар зи нав ҳам Санҷар аст.
Ранги зарди ошиқӣ, Фонӣ, бувад аз тири ишқ,
Ҳамчу сифре, к-аш алиф маснад ба паҳлу асфар аст.
Нест саргардони баҳри ишқро ҳоҷат ба қайд,
Киштии гирдобро гирдоб некӯ лангар аст.
Дил зи беишқӣ сияҳ бошад, зи ишқ оташ фишон,
Ҳаст аз сардӣ зуғол он к-ӯ зи гармӣ ахгар аст.
Маснади иқболи ошиқ гулхани девонагист,
Фарши санҷоби самандар тӯдаи хокистар аст.
Нозири қасри бутон ушшоқро аз ҳар тараф,
Чун асирони араб гирди ҳисори Хайбар аст.
Ақлу кунҷи некномӣ ишқу ҳар дам оламе,
Хонадорӣ кори зан, лашкар насиби шавҳар аст.
Мардро хатти наҷот амвоҷи хуноби дил аст,
Риндро ҳирзи қадаҳ арқоми даври соғар аст.
Хораи хоро асиронро ба болин муттакост,
Ҷомаи хунин шаҳидонро ба паҳлу бистар аст.
Мардро як манзил аз мулки фано дон то бақо,
Меҳрро як рӯза роҳ аз Бохтар то Ховар аст.
Сифларо ҳар накд, к-андар даст дорад, боқӣ аст,
Хуфтаро ҳар айш, к-андар хоб бинад, бовар аст.
Даллаи пурҳила, к-аш ҳар сӯст шӯхе ҷилвагар,
Лӯъбатакбозист, инак, хаймаи ӯ чодар аст.
Деви раҳзан дон, на зан,он к-ӯ ба чашмат чун парист,
Даври китфи ӯ ду бол афканда атфи меъҷар аст.
Бар сари амволи мадфун золими нақшинқабо,
Бар фарози ганҷ бо хулди мунаққаш андар аст.
Тоҷи зар бигзор, эй музиву наздикӣ гузин,
Қурб мемонад чу шуд айнӣ, ки акрабро сар аст.

Зарбати мард омад, инак, он ки аз зар хоҳияш,
Не зар Иброҳимро тоҷ асту бо зар Озар аст.
Бармакаш теғи забон ҳар дам, к-аз ин рӯ, шамъро,
Сар барандозад он аз шӯъла зарринмиғфар аст.
Бегунаҳро сохтан озурда аз захми забон,
Нотавон кардан раги беранҷро аз наштар аст.
Ҳокими норостиро оқибат саргаштагист,
Дур гардонад ба алиф онро, ки гӯй довар аст.
Хокиён дар поя болотар зи ҷабборон, ки мур,
Беҳ хиромад бар манобир, гарчи аз шер аҳқар аст.
Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк
Хук дигар дар шиёри мулку деҳқон дигар аст.
Эй басо нуқсон, ки дар зимнаш бувад як навъ суд,
Чун дафи лӯлӣ дарид, аз баҳри маймун чанбар аст.
Раҳ сӯйи ҳақ беҳад, аммо ҳаст акраб роҳи факр,
Баҳри он, к-ӯ «алфақру фахрӣ» гуфтаи пайғамбар аст.
Андар ин раҳ он ки дорад гом бар гоми расул,
Аршпарвозест, к-ӯ ҳам роҳраву ҳам раҳбар аст.
Ҳомии дини набӣ, Ҷомӣ, ки ҷоми факрро
Дошта бар каф лаболаб аз шароби кавсар аст.
Равзаи рои мунираш гулшане дон, к-аш зи лутф.
Қатраи рухсораи ҳар барг меҳри анвар аст.
Оҷиз аз теъдоди авсофи камоли ӯст ақл,
Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст?
Динпаноҳо, аҳли дӯзахро чу уммеди биҳишт,
Ҷони хокиро ҳавои васли он хоки дар аст.
Жоласон, к-андар даруни ғунча афтад муддатест,
К-орзуи дарди фақрам дар дили ғампарвар аст.
Мулкро аз мавкаби ду шаҳ бувад боди футур,
Чун зи қасри қайсар омад нукта ҳосил сарсар аст.
Дил, ки набвад ҷамъ дар мадди ҳаёташ кӯтаҳист,
Аз парешонӣ қасираш хонӣ, он к-ӯ қайсар аст.
Марди косибро зи ранҷи даст бар каф обила
Шуд далели гавҳари мақсуд, к-аш даст андар аст.
Шуд сироти мустақими саҷдасозон ростӣ,
Шоҳроҳи раҳрави хона хутути мистар аст.
Аз бидоят ҳар чӣ овардӣ, ба мурдан он барӣ,
Дар туфулият чӣ омӯзӣ, ба пирӣ азбар аст.

Мард аз зан кам на дар гавҳар, чӣ гар бошад ҳақир,
Дур зи байза кам на дар қиммат, агарчи асғар аст.
Меҳнати ифлоси муфрат дар гаронӣ Қоф дон,
Қоф шуд чун фоқа беҳад гашту ин мустакбар аст.
Аҳли ҳимматро зи ноҳамвории гардун чӣ бок?
Сайри анҷумро чӣ ғам, к-андар замин ҷӯю ҷар аст.
Нест бар хӯрдан зи қавли ҳиллагар чун қавли рост,
Тарраи фолизбозӣ гар на чун барзигар аст.
Зиллат омад ҳосили хоин, ки мушон чун кунанд,
Байзадуздӣ ин яке занбаркаш, он як занбар аст.
Чашм дар моли фақиронанд аъмол ар бувад,
Шоҳро ҳар мол мемонад, ки қути лашкар аст.
З-илтифоти хотират ин нуктаи ширин марост,
Ҳамчунон к-аз партави хуршед найро шаккар аст.
Як назар афкан, ки мустағнӣ шавам з-абнои ҷинс,
Саг, ки шуд манзури Наҷмиддин сагонро сарвар аст.
«Тӯҳфат-ул-афкор» агар номаш ниҳам набвад аҷаб,
Тӯҳфа наздат чун зи баҳри фикратам ин гавҳар аст.
Гашт явми ошири шаҳри раҷаб таърихи он,
Турфатар, к-ин моҳу рӯз итмоми онро мазҳар аст.
Толибони рубъи маскунро зи зилли олият,
Файз бодо, то мақоми меҳр чорум манзар аст!

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй аз баҳори ҳусни ту

Эй аз баҳори ҳусни ту бар чеҳраам гулзорҳо,
Дар сина з-он гулзорҳо дорам халида хорҳо.
Аз неши ҳаҷраш муттасил, гӯ ришгаи ҷонам гусил
Чун дӯхт натвон чоки дил, з-он сӯзану з-ин торҳо
Дар кулбаи ғам гар барам оӣ, наёбӣ пайкарам,
Бас хоку хоре бар сарам, к-афтода аз деворҳо.
Аз ҳасрати рухсор кай, битвон шудан ҳамранги вай?
Моро ба хун ӯро ба май, чун ранг шуд рухсорҳо.
Чун з-он бути ошуфтахӯ, орам ба сӯйи қибла рӯ,
Баста чу аз ҳар тори мӯ, бар гарданам зуннорҳо.
Будам ба ақли зуфунун пири хирад пеш аз ҷунун,
Тифлон давонандам кунун дар кӯчаву бозорҳо.

http://edu.tal.uz

З-ин назми нав чархи куҳун якбора гӯ ҳайрат макун,
Фонӣ, чу таълими сухан дорад зи Ҷомӣ борҳо.

Мусаддас бар ғазали Ҷомӣ

Кардаме дар хоки кӯйи дӯст маъво, кошкӣ,
Судаме рухсори худ бар хоки он по, кошкӣ,
Омадӣ берун зи кӯйи сарви боло, кошкӣ,
Бурқаъ афкандӣ зи рӯйи оламоро, кошкӣ,
«Дидаме дидори он дилдори раъно, кошкӣ,
Дида равшан кардаме з-он рӯйи зебо, кошкӣ».

Кӯйи он маҳ то бувад, ҷаннат намебояд маро,
То бувад ҷаннат, ба дӯзах дил фурӯ н-ояд маро,
Пеши лаълаш кай даҳан бо кавсар олояд маро?
То бувад он сарв, тӯбӣ хуш намеояд маро,
«Хотир андар сояи тӯбӣ наёсояд маро,
Соя кардӣ бар сарам он сарвболо, кошкӣ».

Дӣ шудам афғонкунон то кӯйи он сарви баланд,
То ҷамолаш бингарам, ҳар гаҳ бурун ронад саманд,
Мунтазир мебуд то имрӯз, ҷони мустаманд,
Чун бурун омад, ба рӯйи хештан бурқаъ фиганд,
«Гарчи имрӯз аз ҷамоли ӯ нагаштам баҳраманд,
Ваъдаи ин давлат афтодӣ ба фардо, кошкӣ».

Дар дили зорам ҳавас дидори он гулчеҳра буд,
Озими қасраш шудам, чун он ҳавас дар дил фузуд,
Монеъ омад ҳоҷибам в-он гаҳ ба сад гуфтушунуд,
Ҷониби гулзорам аз баҳри тамошо раҳ намуд,
«Ошиқонро рухсати гул чидану дидан чӣ суд?
Будӣ он гулчеҳраро изни тамошо, кошкӣ».

Бо вуҷуди он, ки дилро нест з-он гулрӯ насиб,
Е гули он рӯ, ки хоре аз сари он кӯ насиб,
Не ба ҷон як нукта з-он лабҳои ширингӯ насиб,
Не ба чашмам ҷилвае з-он орази некӯ насиб,
«Кошкӣ гӯям, маро гаштӣ висоли ту насиб,
Бенасибонро насибе нест, илло «кошкӣ».

Нест аҳли зуҳдро огоҳӣ аз асрори ишқ,
Нақши дин бе қиммат афтодаст дар бозори ишқ,

http://ledu.portal.uz

Аз тариқи оқилӣ беозор бошад зори ишқ,
Дин ҳаме барбод бояд дод дар атвори ишқ,
«Бо вуҷуди ақлу дин сомон нагирад кори ишқ,
Дар ҳуҷуми ин шудӣ он ҳарду яғмо, кошкӣ».

Он кӣ шарҳи ҳарфи ҳачраш коми ҷонро сохт мур,
Аз «Забур»-и ишқ дон ҳам байиноташ ҳам зи бур,
Баски васфи ӯ бувад вирди забони абду ҳур,
Гаштааст аз дурри назми аҳли табъ офоқ пур,
«Назми Ҷомиро, ки шуд дар васфи лутфи ӯ чу дур»,
Ҷо набудӣ ғайри гӯши шоҳи воло, кошкӣ!..»

ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН

(Бобҳо аз достон дар тарҷумаи Ҷонибек Қувноқ)

Дар васфи гавҳари сухан, ки сухани гавҳар пеши он як қатраи оби хушкида аст, дар таърифи ганҷи ҳакими Ганҷа, ки ганҷи Қорун пеши «Панҷ»-и ӯ вайронаест чанд сухане ва ба як силк кашидани гавҳари соҳири Ҳинд, ки ҷодугарони Кашмир пеши ӯ гиреҳе кушуда наметавонанд ва дар бораи пайвастани риштаи нотобу тори гусастаи назми худ бо назми эшон.

Он дам, ки набуд буду нобуд,
Мавҷуд набуд он чӣ мавҷуд.
Хушбоди нахусти офариниш,
Чун сӯйи вуҷуд кард ҷунбиш.
Бо адл назар бикард ҳар кас,
То дарк кунад, ишорате бас.
Чун амри «бикун» бишуд ҳувайдо,
Омад «фаякун» ба шӯру ғавғо.
Овои нахуст бас сухан буд,
Саркардаи савт пас сухан буд.
Эй ҳарфу сухан, аҷаб гуҳар ту,
Гавҳар на, ки баҳри мавҷвар ту.
Баҳре, ки ҳазор нақши дилкаш,
Мавҷе заду кард бас мунаққаш.
Қаъри замин, авҷи чархи гардон,
Маҷмӯаи мавҷи пешини он.

http://edu.tal.uz

Дур хондам агар, хато зи ҳар боб,
Ту ҷавҳари рӯҳ, дур – хушоб.
Гӯянд туро агар шабеҳ дур,
Чун шохнаме варо бинеҳ дур.
Пояндаву хуш тарона ҳастӣ,
Як махзани бекарона ҳастӣ.
Гар одамӣ зарра бурд ҷовид,
Кай кам бишавад зиёи хуршед?
Гар ҷазб кунӣ ба сӯзане нам,
Дарёи азим кай шавад кам?
Дар қадру атост баҳру афлок,
Дар лутфу баҳост гавҳари пок.
Ҳар кас, ки туро ба хома овард,
Гавҳар ба сиёҳнах ҳамел кард.
Зикрат ба забон бидод тарҷеҳ,
Дандона варо чу дурри тасбеҳ.
Нагрифт касе аз ин забон ком,
Ҷуз ганҷфишони Ганҷаором.
Айвони шараф нуҳуфта ганҷаш,
Мизони латиф ганҷсанҷаш...
Сарриштаи диққаташ гиреҳнок,
Ҳар уқдаву чанд гавҳари пок.
Ганҷинаи фикр гавҳароин,
Мардуми ҷаҳон аз он гуҳарчин.
Эй бас садафи дилаш гуҳаррез,
Нойи қаламаш ҳаме шакаррез.
Ваҳдатгуҳараш барои мардум,
Узлаткамараш ба ҷойи мардум.
Болонишини ҳарими маъно,
Ҳар бикри сухан гирифта оро.
Дар Тури фазилат аст Мӯсо,
Дар Қофи қаноат аст Анқо.
Мӯсош нахонӣ хомаи ӯ
Дар ҷавф чӣ сон нуҳуфт ҷоду?
Анқош надонӣ гар, бад-ин ҳад,
Дар Қофи сухан гузид узлат?
Машҳур ба афсаҳулкаломӣ,
Назмаш гуҳари сухан – Низомӣ,
Дар Ганҷа ниҳон мисоли ганҷ аст,

http://ziyouportal.uz

Ганҷест аён шумор панҷ аст.
Дарёфт басо ҷавоҳири пок,
Ҳар ганҷ, ки сайрафии идрок.
Ҳар қавҳари он хироҷи кишвар,
Арзандаву зебу фарри афсар.
Аз дурри маонӣ қисм-қисм аст,
Алфозу ибораташ тилисм аст.
Дасте, ки кушуд оҳаниндиз,
Дар банди тилисм монда оҷиз.
Чун дид тилисм соҳири Ҳинд,
Дар ҷодуву сеҳр моҳири Ҳинд.
Килкаш шуда саҳфаро фусунрез
Он саҳфа ба даҳр фитнаангез.
Ҳар саҳфаи назм гоҳи таҳрир,
Дар фитнагарӣ саводи Кашмир.
Ҳар нуқта дар ин варақ балое,
Дар гуна чу холи дилрабое.
Хатташ шуда шоҳроҳи Бобул,
Килкашро хавф чоҳи Бобул.
Ҳам соҳири номааш фусунсоз,
Ҳам ҷодуи табъ сеҳрпардоз.
Дар қайди тилисм монда оҷиз,
Соҳир чӣ кунад, чу дид мӯъҷиз?
Нагрехта лек чун забуне,
Ӯ низ бикард аҷиб фусуне.
Гирди он панҷ дижи хоро,
Ганҷи бинуҳуфта ошкоро.
Афрохт баланд панҷ қасре,
Ҳар қаср шукӯҳу зеби асре.
Ороста рӯйи санг дилкаш,
Ҳам дохили санг бас мунаққаш.
Мӯъҷизаву сеҳр – як тафовут,
Он қадр ки байни Каъбаву бут.
Буте, ки набуд аз чамоде,
Бунёд бикарда устоде.
Буте, ки рухаш гулу париваш,
Савдозада сад хирад мушавваш.
Дар сар ҳамаро бар ӯ ҳавое,
Он буд зада ду дасту пое.

http://eduportal.uz

Ҳамсанг бувад, гумону шак чист?
Авлост магар? Валек бад нест.
Омад чу ба базмгоҳ ашраф,
Шуд хурдаи хещро мушарраф.
Ин тарф даме гузор кардам,
Ин ранҷ худ ихтиёр кардам.
Аввал кардаам басе тааммул,
То ки ба дил омад ин тахайюл.
Дар Ганча чу ганҷҳо нуҳуфта
Ҳар ганҷ даруни қалъа хуфта.
Ӯ ҳинднажоди ҳиндувизод,
Қасру кохаш бикард обод.
Гар қалъа бубоядаш варо шаҳр,
Гар қаср зи боғи сабзае баҳр.
Гар марзаи умр бошад обод,
Тарҳе биниҳам ба шаҳру боғот.
Боғаш ба риёзӣ карда хуррам,
Шаҳраш созам саводи аъзам.
Ин буд маро ба сар хаёле,
Омад зи қазо яке маҷоле.
Монам паи он ду нома иқдом,
Шуд ком маро раво саранҷом.
Сеюм ба шумор номаи дард,
Кардаст маро зи ақлу ҳуш фард.
Дунё ба умед, охир ин ҳам,
Аз пешинааш намешавад кам.
Яъне, ки ба сони «Панҷ ганҷ»-е,
Ҳам баъдинааш чу «Ганҷи панҷ»-е.
Бинвишта чу ҳар ду ботааммул,
Он навъ, ки кардаам тахайюл.
Ояд ба муоди ман кушоде,
Ҳосил бишавад аз он муроде.
Ин ком маро, дигар чӣ тадбир?
Чун мултафит аст баҳри ман пир.



Луғат ва тавзеҳот:

Мир Хусрав – Амир Хусрави Деҳлавӣ.

Ҳазрати Махдумӣ – Абдураҳмони Ҷомӣ.

http://ebook.portal.uz

Сабоҳат – хушрӯй, дилкаш.
Самум – шамоли гармсери сӯзон, боди бисёр гарм.
Ҳотиф – овоздиҳанда, ҷегзананда.
Муод – бозгардондашуда.
Мултафит – таваҷҷӯҳкунанда, эътиқодкунанда.
Дурд – таҳнишини шароб ва ё дигар чизҳои моеъ.
Дан – хуми калон.
Бал – шакли кӯтоҳшудаи балки.
Хайл – гала, гурӯҳ, тоифа, ҷамоат.
Иршод – роҳи рост нишон додан, ҳидоят кардан.
Сарсар – шамоли сахт.

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот дар бораи анъана ва навоварӣ

Анъана – маънои луғавии ин калима ба гузаштаи худ фахр намудан аст. Ба туфайли анъана беҳтарин ҷиҳатҳои адабиёти замони пеш, сабк (услуб), санъат ва ғояҳои пешқадами он, ки аз санҷиши асрҳо гузаштааст, ба адабиёти асрҳои минбаъда, ҳатто то ба мо омада расидааст. Аз мероси адабию маданӣ ҳамон ҷиҳатҳои беҳтарине, ки ҳоло ҳам дар дунёи маънавии замони Истиқлол қимати калон дорад ва барои ривоҷи адабиёти муосир кӯмак мерасонад, анъанаи адабиёти классикӣ мебошад.

Анъана робитаест, ки адабиёти гузаштаи моро бо адабиёти минбаъд офаридашуда пайваст менамояд. Чунончи, анъанаҳои инсондӯстӣ, маорифпарварӣ, тарғиби ахлоқи неки одамӣ, ки дар адабиёти классикӣ буд, имрӯз ҳам барои мо аҳамияти калон дорад ва адабиёти даврони Истиқлол ин ҷиҳатҳои ғоявии онро инкишоф дода, дар шароити нав ба дараҷаи баланд мебардорад.

Анъана на танҳо ба адабиёти даврaҳои ҷудогона ё ҷараёнҳои адабӣ, инчунин ба эҷодиёти шоиру нависандагони гуногун низ дахл дорад. Чунончи, анъанаи ғазалсароӣ, қасидаофарӣ, достонсароӣ, хамсанависӣ ва монанди инҳо, ки дар адабиёти мумтози Шарқ хеле маъмул гардидааст. Аз ҷумла, ба «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ ва Хусрави Деҳлавӣ пайравӣ намуда, «Хамса» офаридани Алишер Навоӣ анъанаи хамсанависиро давом додани ӯ мебошад.

Беҳтарин давомдиҳандагони анъана пайваста бо ин навигарие дар адабиёт мувофиқи талаботи замон дар шакл ва мазмун дохил менамоянд, ки он навоварӣ номида мешавад.

Навоварӣ на фақат аз саъю кӯшиш ё майлу хоҳиши нависанда сар мезанад, балки пеш аз ҳама ба қонунҳои объективии тараққиёт ва табаддулоти ҷамъияти инсонӣ вобаста аст. Ҳар як нависандае, ки дар тараққиёт ва табаддулоти ҷамъияти инсонӣ бештар иштирок мекунад ва бо ҳаёти халқ робитаҳои наздиктар дошта бошад, вай ҳаёти иҷтимоиро дар асарҳои бадеии худ мувофиқи талаботи замон ба тарзи нав, бо мазмуни нав тасвир мекунад. Ҳамин тарзи нав ва мазмуни нав дар адабиёт навоварӣ мебошад.

Навоварӣ дар адабиёт пеш аз ҳама дар мазмун пайдо мешавад ва пас ба шаклҳо низ таъсир мерасонад. Агар асари нависанда мувофиқи талаботи замон набошад, аз қонунҳои тараққиёти ҷамъият берун равад, он гоҳ нависанда дар адабиёт ба эҷоди шаклҳои сунъӣ, ба шаклпарастӣ ва зоҳирписандӣ дода мешавад. Навоварӣ ҳамеша муқобили шаклпарастӣ аст.

Дар адабиёти мумтозу муосири форсу тоҷик барҷастатарин адибон ҳамеша баробари давом додани анъанаҳои гузаштагон навоварие дар шаклу услуб ва мазмуну мундариҷа дохил кардаанд.

Чунончи, Алишер Навоӣ анъанаи хамсанависии шоирони форсу тоҷикро пайравӣ намуда, ба забони ӯзбекӣ бори нахуст иборат аз панҷ достони мустақил «Хамса» офаридааст, ки ин дар адабиёти ӯзбек навоварист. Дигар ин ки дар ҷараёни таълифи достонҳои ҷудогонаи «Хамса» Навоӣ ҳамчун фарзанди замони худ амал карда, ҳаёти темуризодагонро ба қалам додааст. Навоварии Навоӣ дар достонҳои ҷудогонаи «Хамса» ҳангоми ба таври муоқоисавӣ омӯхтани достонҳои ҷудогонаи он бо асарҳои Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ равшантар ба назар мерасад, ки дар ин хусус ӯ дар бобҳои муқаддимавии достонҳои «Хамса»-и худ ишораҳо кардааст.



Савол ва супоришот:

1. **Анъана чист?**
2. **Дар хусуси навоварӣ дар адабиёт мулоҳиза ронед.**
3. **Алишер Навоӣ анъанаҳои кадом шоиронро давом додааст ва чӣ навоварӣ намудааст?**

КАМОЛИДДИН БИНОӢ

(1453–1512)

«Мавлоно Биноӣ аз табақаи миёна аст, ҷойи таваллудаш шаҳри Ҳирот мебошад. Қобилияти ӯ ба гоят зиёд аст. Аввал ба таҳсил машғул шуд, дар он соҳа рушди тамом ҳосил намуд, вале тарк кард. Ба хат ишқ пайдо намуд, ба андак фурсат хеле хушхат гардид. Ба мусиқӣ майл пайдо намуд, зуд омӯхт, хеле корҳо тасниф кард ва оид ба адвор рисолае навишт»...

Алишер НАВОӢ

Тарҷумаи ҳол

Камолиддин Биноӣ яке аз адибони соҳибистеъдоди ин давр буда, вай дар таърихи адабиёт бо достони тарбиявӣ-ахлоқии «Беҳрӯзу Баҳром» хеле машҳур гардидааст.

Биноӣ соли 1453 дар оилаи марди ҳунарманд, бинокор ва меъмор Муҳаммадхони Сабз ба дунё омадааст. Номи аслии ӯ Шералӣ буда, вай бачаи хушзеҳн ва зирак ба камол расид. Дар мактаб нағз хонд ва ба суханони устодонаш гӯш карда бо саъю кӯшиш илмҳои замонаашро ба хубӣ аз худ кард. Ӯ бештар ба забону адабиёт ва таъриху мусиқӣ майлу рағбат дошт. Пайваста осори адибони гузашта ва муосири худро мутолиа мекард ва худаш низ аввалҳо бо тахаллуси Ҳолӣ шеър эҷод мекард. Сонитар ӯ ба худ тахаллуси Биноиро интихоб мекунад. Камолиддин бошад, лақаби шоир аст. Вале ӯ бештар бо номи Биноӣ машҳур аст.

Биноӣ дар шаҳри Ҳирот, ки он вақтҳо яке аз марказҳои асосии илму адаб ба ҳисоб мерафт, зиндагӣ мекард. Бинобар ин мактаби адабии Ҳирот дар камолоти ӯ мақоми бузурге бозидааст. Вай яке аз шогирдони беҳтарини Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Ӯ дар синни 29-солагӣ ба дарбори Ҳусайн Бойқаро даъват мешавад.

Биноӣ гумон дошт, ки дарбор ҷойи олимон ва шоирони бузург аст. Дар он ҷо кас метавонад, асарҳои шоиста эҷод кунад. Вале баъд аз он, ки бо аҳли дарбор шинос мешавад, тамоман аз фикраш мегардад. Ӯ мебинад, ки дар назди шоҳ як гурӯҳ хушомадгӯён ва ниҳоят одамони пасту разил ҷамъ омада, ҳамеша аз паи озори якдигар мебошанд. Онҳо якди-

http://edu.portal.uz

гарро масхара карда, ба муқобили ҳамдигар шеърҳои ҳаҷвӣ мегӯянд ва бо ин шоҳу шоҳзодагонро хурсанд намуданӣ мешаванд. Биноӣ дар байни онҳо чанд вақт зиндагонӣ карда, аз фитнаю найранги аҳли дарбор ба дод меояд ва азоб мекашад. Байтҳои зерин зиндагии онрӯзаи шоирро инъикос менамояд:

Ситамгоро, фалако, каҷраво, ҷафокоро!
Нагӯямат, ки маро мулки подшоҳӣ деҳ.
Туию кӯҳнароботи хароб бар сари роҳ,
Зи ҳар кӣ хоҳӣ, ситонӣ, ба ҳар кӣ хоҳӣ, деҳ!

Биноӣ барои тамоман аз дарбор тарки алоқа кардан соли 1487 аз шаҳри Ҳирот баромада ба Табрез меравад. Шоир баъди 4 сол, яъне соли 1491 боз ба Ҳирот бармегардад. Вале дар ин вақт Осиёи Миёна ва Хуросон майдони ҳарбу зарбҳои хунин қарор мегиранд. Ҳуҷуми Муҳаммад Шайбонӣ ва Шоҳ Исмоили Сафавӣ мамлакатро нотинҷ ва халқро қашшоқ гардонида буд. Биноӣ маҷбур шуд, ки як макони осудае ёбад, то ки солҳои охири ҳаёти худро каме оромтар гузаронад. Аз ҳамин сабаб, ба Қаршӣ меравад. Вале дар тирамоҳи соли 1512 лашкари Шоҳ Исмоили Сафавӣ бо сардории Наҷми Сонӣ барои забти Мовароуннаҳр лашкар мекашад. Аввалин ваҳшонияте, ки ин сардори мутаассиб дар ин сарзамин анҷом дод, қатли оми мардуми бегуноҳи Қаршӣ буд. Дар ин куштор Камолиддин Биноӣ низ аз байн рафт.



Савол ва супоришот:

1. **Биноӣ дар куҷо ва дар кадом оила таваллуд шудааст?**
2. **Биноӣ дар кадом мактаби адабӣ таълим гирифтааст?**
3. **Чаро Биноӣ аз Ҳирот ба Табрез меравад?**
4. **Биноӣ дар куҷо ва аз тарафи кӣ кушта шуд?**
5. **Алишер Навоӣ дар бораи фаъолияти сершоҳаи Биноӣ чиҳо навиштааст?**
6. **Байтҳои дар бораи зиндагонии худ навиштаи Биноиро хонда маънидод намоед.**

Мероси адабии Камолиддин Биноӣ

Биноӣ дар муддати 59 соли ҳаёти худ асарҳои зиёде таълиф намудааст. Се девон, маснавии бузург бо номи «Беҳрӯзу Баҳром» ва асарҳои таърихӣ «Шайбонинома», «Футуҳоти хонӣ» ва ғайра ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

http://e-adabiyot.uz

Дар эҷодиёти Биноӣ маснавии ахлоқии ***«Беҳрӯзу Баҳром»*** мавқеи асосӣ дошта, дар он нуқтаи назари шоир дар бораи ахлоқ дар ҷамъияти замони худаш баён карда шудааст, ки бештарин нуктаҳои он дар замони мо низ аз аҳамият холӣ нест.

Биноӣ рӯйирост баромад карда, сабаби пайдоиши ахлоқи гуногуни одамонро дар асоси далелҳои эътимодбахш дар мисоли қаҳрамонони асосии достони «Беҳрӯзу Баҳром» равшан намудааст. Биноӣ қайд мекунад, ки ахлоқи инсон, хоҳ вай бад бошад, хоҳ нек, дар натиҷаи таъсири муҳит ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла, ӯ чунин мегӯяд:

Ҳар кӣ сар зад ба гулхани пурдуд,
Ҷомааш бӯйи дуд гирад зуд.
Нашав хоҷа ҳамнишини бадон,
То нагардӣ зи хели бехирадон
В-он кӣ бо гулханӣ шавад ҳампой,
Ҷуз ба хоки сияҳ нагирад ҷой.
Ҳар кӣ атвори неку бад гирад,
Ҳама аз ҳамнишини худ гирад.

Шоир барои исботи фикри худ кӯшиш мекунад, ки аз зиндагии одамон мисолҳои зиёд орад. Мисолҳои овардашуда бештар характери воқеӣ дошта, онҳоро ё худи шоир бевосита аз сар гузаронидааст, ё ин ки ягон дӯсташ ба ӯ ҳикоят кардааст. Чунончи, доир ба масъалаи таъсири муҳит ба шахс дар маснавии «Беҳрӯзу Баҳром» чор ҳикоя меоварад, ки ҳикояҳои овардашуда, бешубҳа, фикри болоро тасдиқ мекунанд.

Дар ҳикояи дуюм Биноӣ саргузашти як рафиқашро нақл мекунад. Ин рафиқаш дар давраи мактабхониаш ниҳоят ҷавони нағз, ҳалим, боодоб ва аз ҳама корҳои ношоиста дур буд. Вале баъд, ҳангоме ки бо одамони бад нишасту хез мекунад, тағйир ёфта, таҳсилро тарк мекунад ва рафта-рафта дар натиҷаи таъсири онҳо ба як нафар шахси хиёнаткор, разил ва ниҳоят, ахлоқан вайрон табдил меёбад.

Ба фикри шоир, ягона роҳи халосӣ аз ин кирдорҳои бад тарки ҳамсӯҳбат кардан бо чунин касон ва бо одамони хуб ҳамнишин шудан мебошад.

http://eduportal.uz

Биноӣ дар «Беҳрӯзу Баҳром» ба масъалаи кибру ғурур аҳамият додааст. Албатта, дар замони зиндагонии шоир аҳли сарват ва табақаи доро бештар дорои чунин хусусият буданд. Ҳатто дар байни аҳли илму ҳунар пайдо шудани кибр як ҳодисаи воқеӣ гардида буд. Олим ва ё ҳунарманде, ки ба дониши худ мағрур мешавад, – мегӯяд шоир, – аз самари он дониш асаре боқӣ намемонад. Олим бояд аз кибр дурӣ ҷуста, ба тавозӯъ ё хоксорӣ рӯ оварад, зеро ӯ фақат бо ҳамин роҳ мақбули омма шуда метавонад.

Шоир он шахсонеро, ки аз рӯйи хешу табор савлат мекунанд, ба зери тозиёнаи танқид мегирад ва дар ин бобат мегӯяд:

Мард бояд, ки худ падар бошад,
Боиси фахри сад писар бошад.
В-арна фазли падар чӣ суд кунад,
Фазли шахси дигар чӣ суд кунад?
Чанд аз пойи хеш мегӯӣ,
Фазли бобои хеш мегӯӣ!

Биноӣ мавқеъ ва одоби сухан гуфтанро ба инсон таълим медиҳад, Аз ҳамин сабаб як боби алоҳидаи маснавии «Беҳрӯзу Баҳром»-ро маҳз ба ҳамин масъала бахшидааст. Шоир мегӯяд, ки айб ва нуқсонҳои одамӣ зиёд аст. Ин нуқсонҳо дар навбати худ ба воситаи забон зоҳир мешаванд. Бинобар ин, дар вақти сухан гуфтан эҳтиёт шудан лозим аст. Ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки агар одам як сухани лозимиро дар вақташ нагӯяд, баъд афсӯс мехӯрад, вале як сухани ногуфтаниро гӯяд, аҷаб нест, ки то охири умраш хиҷил бошад.

Гуфтаҳои дигари Биноӣ дар бораи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аҳамияти худро дар замони мо низ гум накардааст.

Ҳаёт ва эҷодиёти Биноӣ аз ҷониби олими маъруфи тоҷик, академик Абдулғанӣ Мирзоев ҳамаҷониба тадқиқ карда шудааст. Вай дар рисолаи худ «Биноӣ» паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти Биноиро муфассал таҳлил кардааст.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Биноӣ аз чиҳо иборат аст?**
2. **Маснавии «Беҳрӯзу Баҳром» чӣ хел асар аст ва дар он кадом масъалаҳо баён карда шудааст?**

http://eduportal.uz

3. Эҷодиёти Биноӣ аз ҷониби кадом олими тоҷик тадқиқ карда шудааст?
4. Муносибати Биноиро дар бораи илму амал гуфта диҳед.
5. Оиди аҳамияти афкори Биноӣ дар бораи тарбияи инсони комил мулоҳизаҳои худро ба тариқи хаттӣ баён намоед.

ПОРЧАҲО АЗ «БЕҲРӮЗУ БАҲРОМ»

ИЛМУ АМАЛ

Чун бувад илм бе амал на накӯст,
Ки ғараз аз шукуфа меваи ӯст.
Нафъи илм аз амал зуҳур кунад,
Кори худ уд дар бахур кунад.
Олиме к-ӯ амал намедонад,
Рост бо мори ганҷ мемонад.
Ки занад печутоб ба сари ганҷ,
Ҳосилаш не зи ганҷ, ғайр аз ранҷ.
Илми кам бо амал чу гардад ёр,
Беҳ, ки дур аз амал ҳазор-ҳазор.
Бар ду-се гӯсфанди бозургон,
Беҳ, ки бошад ҳазор сар чӯпон.
Олиме к-аш амал набошад ёр,
Хар бувад, к-аш китоб бошад бор.
Илм агар бо амал наёмезад,
Халал орад, залолат ангезад.
Асалу сирка дофии сафрост,
Гар набошад яке, наояд рост.
Хуш бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.
Солҳо илму хат агар хонӣ,
Хушнависӣ ба илм натвонӣ.
Машқу таълим ҳарду мебояд,
В-ар яке нест, хат накӯ н-ояд.
Олими беамал ба қавли кибор,
Ҳаст монанди кӯри машъалдор.
Гар диҳад роҳи дигаронро нур,
Худ бувад гомзан ба дидаи кӯр.

http://eduportal.uz

Карда равшан барои мардум раҳ,
Худ ба торикӣ омада гумраҳ.
Гуфта равшан,ки «Чоҳ дар роҳ аст»,
Худ зи кӯрӣ фитода дар чоҳ аст.
Илми худро макун ҷудо зи амал!
Ки бувад корсоз илму амал.
Илм агар бо амал нагардад ёр,
Ҳеҷ чизе зи илм чашм мадор!

ДАР ТАЪРИФИ СУХАН

Сухан аз арши дил нузул кунад,
Ки ба ҳар дил расад, қабул кунад.
Ба сухан давлате, ки гашт баланд,
Гашт он давлат осмонпайванд...
Собите гар раво бувад, сухан аст,
Ҳодисе, к-аз бақо бувад, сухан аст.
Турфа бадрест бо камол сухан,
Офтобест безавол – сухан.
Сухан аст он, ки аз кеҳону меҳон,
Монда то ҳадди инқирози ҷаҳон.
Одамӣ дурри дурҷи арконист,
Нутқ дурри буруҷи инсонист.
Форисони ҳунар ба гоҳи хиром,
Тавсани нутқро зананд лаҷом.
Рахш дар арсаи сухан ронанд,
Қадри ҳар форис аз сухан донанд.
Шуда инсон ба қувваи нотиқ,
Мутамаййиз зи соҳилу ноҳиқ.
Назди аҳли сухан, сухан ганҷ аст,
Мори он хомаи сухансанҷ аст.
Хома номаш манеҳ, ки мор аст ин!
Дузабон мори мӯхрадор аст ин.
Неши хунрез чун барангезад,
Нӯш аз неши ӯ фурӣ резад.
Ду забон омадаст аз он хома,
Ки сарояд ба ҳар забон хома.
Хома каз ҳар забон сухансанҷ аст,
Ҳар забонаш калиди сад ганҷ аст.

http://ebook.portal.uz

Хома ратбул-лисон чу бархезад,
Абри найсон шавад, гуҳар резад.
Гуҳар аз баҳрҳо аён созад,
Баҳрро дар гуҳар ниҳон созад.
Хома чун нахли борвар гардад,
Самараш сар ба сар гуҳар гардад.
Ҳеҷ нахле чунин самар надиҳад,
Ҳеҷ баҳре чунин гуҳар надиҳад.
Суханоро ба зӯри назми баланд,
Гардани чархро кашад ба каманд.
Дасти назмаш чу сар ба авҷ барад,
Назми парвин зи якдигар бидарад...
Кашад аз баҳри зеб маънии бикр,
Мӯҳраҳои фалак ба риштаи фикр...
То сухан иштиҳор ёфтааст,
Ба ду қисм ихтисор ёфтааст...
Ҳаст насри фасеҳи завқомез,
Боз назми малеҳи шавқангез.

НАСИҲАТ БА ТАРИҚИ ТАМСИЛ

Эй бародар, басе сухан кам гӯй!
Ки бувад шоду камзарар, баргӯй!
Баста лаб аз ҳадиси беҳуда,
Ғунчасон лаб ба ҳарза накшуда.
Макушо лаб ба гуфтугӯ чу садаф,
Гавҳари нақди худ мадеҳ аз каф.
То садафро бувад даҳан баста,
Гавҳараш дар каф аст пайваста.
В-ар кушояд даҳан чу аҳли мақол,
Гавҳар аз даст оварад дарҳол.
Гар даҳанбоз ҳамчу писта шавӣ,
Чун кушоӣ даҳан, шикаста шавӣ.
Ғунчаро то даҳан кушода нашуд,
Хӯрдаи ӯ ба бод дода нашуд.
Сад ҳазор аст айб дар инсон,
Ҳама пинҳон бувад ба ҳифзи лисон.

http://eduportal.uz

ДАР ФАЗИЛАТИ НАКӮКОРӢ ВА МАЗАММАТИ МАРДУМОЗОРӢ ВА ЗУЛМ

Эй бародар, ба кас зарар марасон!
Неш бар кас мазан чу хармагасон.
Ҳамчу сӯҳон масоз дандон тез,
Ки сипеҳр оҳанест дандонрез.
Шаб чу парвин мабош дандонвор,
Субҳваш лаб зи меҳр хандонвор.
Ки саҳар бар даҳан хӯрӣ чандон,
Ки ба ҳалқат фурӯ равад дандон.
Нагирифтаст ҳеҷ кас бад пеш,
Ки нарафтаст дар сари бади хеш.
Аз бари чӯб хаст дандонаш,
Ҳам дар он ҷо шикаст дандонаш.
По чу ба фарқи кӯҳ лола занад,
Сари ӯ аз бадан ғазола канад.
Шаб агар кӯҳ теғ зад бар меғ,
Бар сараш меҳр субҳдам зад теғ.
Меҳр агар субҳ теғ зад бар кӯҳ,
Шаб фурӯ шуд ба оташи андӯҳ.
Шафақ афганд оташ андар меҳр,
Рехт хокистараш ба сар зи сипеҳр.
Кас нагардад ба ҳеҷ кас бадсоз,
Ки бади ӯ бад-ӯ нагардад боз.
Бад макун, бад макун, ки бад ёбӣ,
Бади худро ба гирди х(в)ад ёбӣ.
Дар ҳақи ҳар кӣ қасди бад дорӣ,
Накунӣ бад, ки қасди х(в)ад дорӣ.
Неку бад чун ба нафси х(в)ад бошад,
Накунад нек, ҳар кӣ бад бошад.
Ҳар касеро, ки шуд бадӣ фани ӯ,
Бадии ӯ бас аст душмани ӯ...
Гар занад захм каждум аз сари неш,
Дар сари неши худ кунад сари хеш.
Марди офатрасон дар офот аст,
Ки бадиро, бадӣ мукофот аст.

http://eduportal.uz

Роҳро бад марав, ки бад афтӣ,
Чоҳ дар раҳ макан, ки х(в)ад афтӣ.
Ҳар ситамгар, ки чаҳ канад дар роҳ,
То набинӣ, ки худ фитад дар чоҳ.
Чаҳ, ки аз баҳри ман канад чаҳкан,
Худ фитад дар даруни чаҳ, на ман.



Луғат ва тавзеҳот:

Рафеъ – баланд.
Олӣ, улуми олӣ – илмҳое ки ҳамчун восита барои таҳсили дигар илмҳо кӯмак мерасонанд, мисли сарфу наҳв ва мантиқ.
Мақосид – ҷамъи мақсад, киноя аз илмҳои боло, ки баъд аз сарфу наҳв ва мантиқ меомӯхтаанд, ҳамчун фалсафа, ҳикмат ва ғайра.
«Ишорат» ва «Шифо» – ду асари фалсафавии Ибни Сино.
Ҳикмати айн – «Ҳикмати улайн» – номи яке аз китобҳои дарсии мадраса оид ба фалсафа ва ҳикмат.
Иктисоб – касб кардан.
Савод кардан – рӯнавис намудан.
Насақ кардан – ба назм ва тартиб даровардан.
Мосабақ – пешино, гузашта.
Ғунудан – хобидан, пинак рафтан.
Ҷалис – ҳамсӯҳбат.
Муҷаззо – ҷузъ, ҷудо-ҷудо.
Шойгон – хуб ва писандида.
Форис – савор, аспсавор.
Тавсан – аспи шӯх, киноя аз нутқи хом.
Мутамайиз – фарқ кардашуда, фарққунанда.
Соҳил – шутури маст.
Ноҳиқ – хари бонгзананда.
Ратбул-лисон – тарзабон, хушбаён.
Иштиҳор – шӯҳрат ёфтан, машҳур будан.
Малеҳ – намакин, форам.
Бард – бурд (шояд мувофиқи талаби қофияи шеърӣ чунин тағйир дода шуда бошад).
Макнат – ҷоҳ ва манзалат.
Аҳвал – каҷ, олус.
Баст – фарохӣ, вусъат додан.
Дарой – занг, зангӯла.
Тавф – гирд гаштан, зиёрат кардан, киноя аз роҳи каҷ.
Ғазола – оҳу, оҳуи мода.
Мег – абр, туман.

http://eduportal.uz



ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

(1485–1556)

«Восифӣ қасиданависи забардаст аст, дар ғазал лирикаи баланд дорад, чистонҳоро устодона гуфтааст, муаммоҳоро ногуфта мекушояд, дар донистани вазну қофияи шеър иқтидори фавқулодда дорад, дар ҳаҷвгӯӣ маҳорати ҳайратовареро соҳиб аст. Ӯ насрнависи олидараҷаи замони худ низ буд...».

Садриддин АЙНӢ

Тарҷумаи ҳол

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар назм ва наср яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти асри XVI форсу тоҷик ҳисоб меёбад. Вай дар соли 890 (1485) дар шаҳри Ҳирот таваллуд ёфтааст. Падари ӯ Абдуҷалил яке аз одамони бофазлу ҳунари миёнаҳоли онзамонаи Ҳирот буд. Аксарияти хешу табори Восифӣ аз иштироккунандагони фаъоли ҳаёти адабии Ҳирот ҳисоб меёфтанд.

Овони ҷавонии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба давраи ҳукмронии Султон Ҳусайни Бойқаро дар Хуросон рост меояд. Солҳои охирини салтанати ӯ – махсусан, солҳои 1495–1505 ва умуман чоряки аввали асри XVI солҳои ҷанҷол ва ошӯбҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Дар ин солҳо дар Хуросон, Мовароуннаҳр ва Эрон ҷанҷолҳои сиёсӣ байни хонадонҳои феодалӣ ва моҷароҳои динӣ байни вакилони мазҳабҳои шиа ва суннӣ давом мекард. Дар давраи ҷавонӣ ва толиби илм будани Восифӣ дар доираи адабӣ ва илмии Ҳирот шоир ва олими бузурги форс-тоҷик Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ва шоиру мутафаккири бузурги ӯзбек Мир Алишер Навоӣ роҳбарӣ мекарданд. Дар ин давр санъат, адабиёт ва илм нисбатан тараққӣ карда, назар ба асрҳои пешина зиёдтар ривоҷу равнақ ёфт. Дар ин доираи адабӣ ва илмӣ шоирон, олимон, санъатшиносон, хаттотон, мусаввирон ва дигар аҳли касбу ҳунар нисбат ба маҳалҳои дигар бештар ҷамъ омада буданд ва шаҳри Ҳирот бо китобхонаи бои худ шӯҳрат дошт. Ин марказ хеле истеъдодҳои намоёнро тарбия

http://darsliklar.uz

кардааст, ки Восифӣ яке аз дастпарварони он буд. Вай истеъдоди худро ҳанӯз аз синни 12–13 солагиаш намоиш дода буд. Дар ҳамин синну сол вай аллакай қоидаҳои шеърро хуб медонист ва ба мубоҳисаю мунозираҳо иштирок карда бештар ғолиб мебаромад. Дар ин бора худи ӯ дар «Бадоеъул-вақоеъ» ном асари ёддоштиаш менависад, ки рӯзе ӯ сустмаъно будани байти

«Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар,
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бурун»-ро,

ки ба Гулханӣ ном шоири ҳамзамонаш мансуб буд, ба тариқи зайл ислоҳ менамояд:

«Офтобам зери хоку шаб мани хунинҷигар,
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд ба дар».

Гулханӣ ба ин розӣ мешавад ва ба Восифии ҷавон девони дастхати худро тақдим менамояд.

Восифӣ дар омӯхтани илми муаммо майл ва ҳаваси хуб пайдо мекунад. Ба ин майл яке аз сабабҳо он буд, ки ҳар як шоир ва нависанда, аз он ҷумла, Восифӣ кӯшиш доштанд, ки бо шоири бузурги давр Алишер Навоӣ муносибат пайдо кунанд ва мартабаи худро шиносонанд. Бо шеърҳои муаммодор ба Навоӣ наздик шудан осонтар буд, зеро вай муамморо дӯст медошт. Восифӣ бо тасодуфе ба як шахси табрезӣ дучор шуд ва аз ӯ илми муамморо бо тамоми нозукиҳояш омӯхт. Шиносоии Восифии 16-сола бо Навоӣ ба воситаи яке аз хешовандонаш, ки Мавлоно Соҳиби Доро ном дошта, бо Навоӣ ошнову ҳамсӯҳбат буд, оғоз гардидааст. Дар назди Навоӣ низ фазилатҳои муаммодонии Восифӣ ошкор гардид. Вақте ки Алишер Навоӣ як муаммо гуфт, Восифӣ ҷавоб дод, ки ин муамморо медонад, дигарашро гӯяд.

Алишер Навоӣ ба ҳунари Восифӣ қоил шуд, ки бача дар ҳақиқат муамморо бе ном ёфта метавонад.

Фазилатҳои хосаи ин соҳиби истеъдоди фавқулодда хеле бисёр аст. Боре дар яке аз сӯҳбатҳои сарлашкари Исмоили Сафавӣ – Наҷми Сонӣ ва наздикони вай Дӯсту Барноча дар бораи яке аз чистонҳои дар бораи бозии нард гуфтаи ӯ ва

http://ziyouportal.uz

маҳорати аризанависии ӯ, ки дар таҳрираш маҳорати зиёди худро нишон медод, сухан мерафт. Яке аз он маҷлисиён арз кард, ки ин шахси ягонаи даврон ҳунарҳои зиёде дорад. Мана ҳамин нақлро худи Восифӣ аз забони Амир Муҳаммад ба тарзи зерин нақл намудааст:

«...Амир Муҳаммад гуфт: Восифӣ дар чанд кор ягонаи замон ва бемонанд аст: якум, ӯ қувваи сарпанҷае дорад, ки дар Хуросон ҳеҷ забардасте бар вай зафар наёфта ва панҷаи ӯро натофта; дуввум, қувваи рафтор ва давандагии ӯ ба дараҷаест, ки аз Машҳад то Ҳирот 65 фарсанг (520 километр) буда, роҳест дар камоли сахт ва дурӯштӣ, дар ду рӯз пиёда тай кардааст; саввум, шиновар-оббозест, ки якбор дар Боғизоғон (Боғизоғони Ҳирот) Фиредун Ҳусайн Мирзо фармуд, ки ду дасти ӯро бо ду пояш баста (кулӯла карда) дар ҳавз андохтанд. Ӯ дар ин ҳол аз вақти намози пешин то намози аср дар он ҳавз оббозӣ кард; чорум, ӯ ҳофизи хушхоне аст, ки ҳеҷ ҳофиз баробари ӯ хондан наметавонад; панҷум, ӯ дар ваъз (нотиқӣ) шогирди Мавлоно Ҳусайн Воиз аст. Мавлонои мазкур дар ҳаққи ӯ гуфтаанд, ки «миёнаи ману ӯ ҳамин қадар фарқ ҳаст, ки ман хушовоз нестам ва ӯ овози хуш дорад»; шашум, чунон муқаллидест, ки ҳаракати ҳар касро айнан иҷро мекунад; ҳафтум, дар муаммошикофӣ ба мартабаест, ки ҳар муамморо, ки бошад, ном ногуфта мекушояд; ҳаштум, тезнавис аст, ки дар як рӯз «Қофия», «Шофия» ва «Шамсия»-ро (ҳамагӣ 6 ҷузъи чопӣ) чунон менависад, ки асло дар онҳо ғалате роҳ намеёбад; нӯҳум, дар сабр кардан ба шиддати гуруснагӣ ба ҳаддест, ки даҳ рӯз рӯзаи гузаро (шабу рӯз чизе нахӯрда) доштан метавонад; ёздаҳум, дар бадеҳа, шеъргӯӣ ба дараҷаест, ки агар касе фармояд, ягон қасидаи панҷоҳ-шаст байтаи устодонро дар як шаб ҷавоб мегӯяд...».

Фазилат ва маҳорати Восифӣ бо инҳо тамом намешавад. Вақте ки китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва шеърҳои Восифиро мехонем, боз ҳам симои ин шахс равшантар мегардад.

Аз тарафи Шоҳ Исмоили Сафавӣ дар соли 1510 ишғол карда шудани Ҳирот ба тақдири минбаъдаи Восифӣ таъсири калоне расонид. Восифӣ дар замони ҳуҷуми Шоҳ Исмоили Сафавӣ ба Хуросон ва истилои Ҳирот, монанди як

одами машҳури он замон ва мафкурачии сунниён дар таҳти таъқиби сӯйиқасдчиёни сафавиён афтод ва аз он ҷо аз байни фалокатҳое, ки ҳар замон эҳтимоли кушта шуданаш буд, ба Эрон гурехт, ки шояд дар он ҷо бе ному нишон зиндагӣ кунад. Лекин ин ба вай муяссар нашуд. Дар Машҳад яке аз ҳамроҳонаш, ки ӯ низ гуреза буд, ба даст афтод. Восифӣ барои аз зиндон гурезонидани он дӯсти худ машаққатҳои тоқатнопазир ва таҳлукаҳои вазнинро аз сар гузаронид.

Ӯ баъди аз сар гузаронидани чандин фоҷеаҳо боз маҷбур шуд, ки ба Ҳирот баргардад ва дар он ҷо ба тарзи пинҳонӣ зиндагонӣ кунад. Зиндагонии пинҳонӣ ҳам дер давом накард ва Восифӣ маҷбур шуд, ки илоҷе карда, ба Мовароуннаҳр сафар кунад. Вай моҳи апрели соли 1512 ба Мовароуннаҳр сафар карда, ҳаёти худро аз хавфу хатар халос намуд.

Восифӣ баъди ба Мовароуннаҳр омаданаш 10 соли аввали ҳаёташро асосан дар Самарқанд ва Бухоро гузаронид. Вай дар мадрасаҳои ин ҷо такмили таҳсил карда, маҳорати шоирии худро намоиш дод ва дар солҳои 1513–1514 ба қатори шоироне, ки дар шаҳри Бухоро – дар дарбори Убайдуллохон буданд, дохил гардид. Дере нагузашта макру фитнаи дарбориён маҷбур кард, ки Восифӣ Бухороро тарк карда ба Тошканд равад. Вай дар ин ҷо ба сифати муаллими хонагии ду писари Суюнчихон – Келдимуҳаммад ва Наврӯзаҳмад таклиф шуда буд. Восифӣ дар ин ҷо ҳам аз як сол зиёдтар истода натавониста боз ба Самарқанд баргашт ва дар мактаби назди яке аз масҷидҳои шаҳр бо муаллимӣ машғул шуд. Вай дар ин ҷо бо олимон ва фозилони шаҳр дар алоқаи наздик буд. Тахмин карда мешавад, ки Восифӣ дар ҳамин давр (солҳои 1517–1518) дар Самарқанд ҳаёти оромона ба сар бурдааст ва маҳз дар ҳамин солҳо ба навиштани ёддоштҳои машҳури худ шурӯъ кардааст. Лекин соли 1519 бо хоҳиши Келдимуҳаммад, ки ҳокими Шоҳрухия шуда буд, ба он ҷо таклиф гардид.

Гарчанд Восифӣ ба дарбори Келдимуҳаммад рафтан намехост, ӯро қариб зӯран ба он ҷо кашиданд. Ҳамин тавр Восифӣ то охири умри худ ба хизмати ҳамин хонадон монд. Соли 1524 Суюнчихон вафот карда ба тахти хонии Тошканд

Келдимуҳаммад нишаст ва Восифиро ҳамроҳи худ ба он ҷо овард. Соли 1533 ӯ низ вафот карда тахти хонӣ ба писари шашмоҳаи ӯ Ҳасансултон монд. Дар солҳои 1533–1539, ҳангоме ки Ҳасансултон 6-сола шуд, Восифиро ба ӯ муаллим таъин карданд. Восифӣ ёддоштҳои машҳури худро нависта ба анҷом расонид ва онро ба Ҳасансултон бахшид. Лекин дере нагузашта Ҳасансултон вафот кард, ки дар ин вақт Восифӣ 55-сола буд.

Дар бораи ҳаёти минбаъдаи Восифӣ на худи ӯ ва на ҳамзамононаш чизе нанавиштаанд. Фақат мувофиқи маълумоти тазкираи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «Музаккир-ул аҳбоб» тахмин кардан мумкин аст, ки Восифӣ дар синни пиронсолӣ (дар байни солҳои 1555–1566) вафот кардааст ва қабри ӯ дар Тошканд аст.



Савол ва супоришот:

1. **Овони ҷавонии Восифӣ дар кадом давра гузаштааст ва ӯ дар сӯҳбати кадом шоирон будааст?**
2. **Фазилатҳои Восифиро номбар кунед.**
3. **Дар ин хусус Садриддин Айнӣ чӣ гуфтааст? Худи Восифӣ чӣ?**
4. **Восифӣ дар хурдсолӣ байти кадом шоирро ислоҳ кардааст ва он шоир ба Восифӣ чӣ тӯҳфа кардааст?**
5. **Чаро Восифӣ дар Ҳирот пинҳонӣ зиндагӣ мекунад?**
6. **Восифӣ дар кадом шаҳрҳои кишвари мо зиндагӣ карда, бо чӣ корҳо машғул шудааст?**
7. **Поёни умри Восифӣ дар куҷо гузаштааст?**

Мероси адабии Восифӣ

Мероси адабии Восифӣ аз як асари бисёр бузурги ёддоштӣ-тарҷимаиҳолӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ», ғазалҳо, қасидаҳо, рубоию қитъаҳо иборат аст.

Дар байни мероси адабии Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мавқеи асосиро ишғол мекунад. Асари мазкур зиёда аз 40 ҷузъи чопӣ буда, мундариҷаи онро асосан ёддоштҳои худи муаллиф ташкил мекунад. Муаллиф дар ин китоб аҳволи илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятии замони худро, инчунин ихтилофҳои динӣ, мазҳабӣ ва ҳам аҳволи иқтисодии замони худро пурра акс кунонидааст.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» маҷмӯаи асарҳои назмӣ ва насрии Восифӣ буда, дар он қасида, ғазал, луғз, рубоӣ, муаммо, намунаҳои матнҳои бадеӣ, аз ҷумла санадҳо, ҳуҷҷатҳо, матни сӯҳбатҳои расмӣ, хати санги рӯйи қабрҳо ва ғайра дохил шудаанд, ки Восифӣ онҳоро дар даврaҳои гуногуни умри худ навиштааст. Восифӣ дар бобҳои аввали асари худ дар бораи аз Ҳирот ба Моваруннаҳр гурехтанаш, дар хусуси ба Самарқанд омаданаш ва дар бораи баъзе воқеаҳои машҳури солҳои аввали ҳаёти худ дар Самарқанд, Бухоро, Чоч (Тошканди имрӯза), ки дар таҳти ҳукмронии Шайбониён буд, ба тариқи ҳикоят нақл мекунад.

Баъд аз ин равияи китоб дигар мегардад. Ҳар як боб ба тасвири маҷлиси пурдабдабаи хонӣ, ки дар таҳти раёсати Келдимуҳаммад ташкил мегардид, оғоз мегардад. Хон дар маҷлис одатан ба Восифӣ муроҷиат карда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки дар бораи ягон воқеаи шоёни ҳаётиаш ё дар бораи ин ё дигар арбоби машҳури сиёсӣ ва ё адибони гузашта ҳикояе гӯяд. Воқеаҳои ба ин гуна хоҳиши хон ҷавобан ҳикоякардаи Восифӣ мазмуни аосии бобҳои минбаъдаи асарро ташкил менамоянд. Дар ин бобҳо дар бораи Фирдавсӣ, Ибни Сино, Ҷомӣ, Навоӣ, Улуғбек, Биноӣ ва дигарон ҳикоят карда мешавад. Аз ин ҷиҳат «Бадоеъ-ул-вақоеъ» барои омӯхтани тарҷумаи ҳоли худи шоир ва ҳамнишинони ӯ ҳамчун сарчашмаи муҳим хизмат мекунад. Аҳамияти маълумоти дар ин бобат додаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» то дараҷаест, ки онро истифода набурда, дар бораи тарҷумаи ҳоли якчанд шоирон, аз ҷумла Навоӣ, маълумоти пурра гирифтан муяссар намегардад.

Хусусияти дигари ин китоби Восифӣ дар он аст, ки дар вай бисёр шоирони асри XV номбар карда мешаванд, ки дар бораи онҳо дар сарчашмаҳои дигар маълумоти ниҳоят ноқис дода шудааст. Масалан, дар бораи Дарвеши Деҳакӣ, вохӯрии Биноӣ бо ӯ ва ғайра. Дар тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ» Дарвеш ҳамчун як нафар шоири дарбор номбар карда шавад, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» як марди камбағал буда дар қашшоқӣ умр ба сар бурдани Дарвеш қайд карда мешавад.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи муҳими адабиёти даҳонии халқ низ ба шумор меравад. Восифӣ дар ин асари

худ на танҳо ба далелҳои таърихӣ аҳамият додааст, балки кӯшиш намудааст, ки ҳикоя ва нақлҳои дар байни халқ машҳур бударо дохил кунад. Аз ин рӯ қимати ин ҳикояҳо ниҳоят бузург аст. Ҳикоят ва афсонаҳои дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» овардаи Восифиро аз нуқтаи назари характери таърихӣ доштаашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

ҳикоят ва ривоятҳое, ки дар бораи одамони таърихии то асри XV дар Осиёи Марказӣ (Мовароуннаҳр), Хуросон ва Эрон гузашта ба вуҷуд оварда шудаанд. Масалан, дар бораи Фирдавсӣ, Абӯали ибни Сино ва ғайра;

ҳикоят ва афсонаҳо дар бораи одамони таърихие, ки дар асрҳои XV-XVI умр ба сар бурдаанд, аз қабили Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Мирзо Улуғбек ва дигарон.

Беҳтарин афкори сиёсӣ-иҷтимоии Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» инъикоси худро ёфтааст. Зеро Восифӣ қариб тамоми умри худро дар байни табақаи ҷамъияти боло гузаронидааст. Аз ин ҷост, ки вай хислату авзои онҳоро хуб медонад ва дар асари худ аз ҳаёти онҳо ҳикояту саргузаштҳои аҷиберо нақл мекунад. Дар ин нақлу ҳикоятҳо золимӣ, гумроҳию нодонӣ ва пастфитратии подшоҳону ҳокимон ва дигар мансабдорони давр гоҳ бо номҳои аслиашон ва гоҳ дар зимни ҳикоятҳо ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудаанд. Дар ин бора устод Айнӣ хеле хуб гуфтааст:

«Восифӣ як нависандаи бериё ва бо таъбири оммавии тоҷикӣ «фӯртакигӯй» аст. Ӯ дар навиштани аҳволи худ, аҳволи ҳамзамонон, дӯстон, ошноён ва ҳамсӯҳбатони худ ҳеҷ чизро зери парда нигоҳ намедорад».

Восифӣ ҳаргиз дар гуфтани сухани ҳақ ибо намекард. Ӯ шоҳони давр Келдимуҳаммад, Ҳусайн Бойқаро, Абӯсаид Мирзо ва вазирону ҳокимонро бо номҳои ҳақиқиашон ба зери тоизиёнаи танқид мегирифт, нодонию гумроҳии онҳоро фош мекард. Чунончи, Восифӣ дар ин бора ҳикояти «Кимёгар»-ро меоварад:

Овоза дар шаҳри Ҳирот афтод, ки дар вилояти Нишопур шахсе пайдо шуд, ки илми иксир ва кимёро некӯ медонад. Ва қудрати вай дар ин фан то ба ҳаддест, ки дар як шабонарӯз сад ман мис ва сад ман қалъагиро тиллою нуқраи холис месозад. Подшоҳ кимиёгарро ба Ҳирот даъват мекунад.

Ҳамаи аркони давлат ба пешвози ӯ мебароянд. Худи Ҳусайн Бойқаро таассуф мехӯрад, ки «Эй дареғ, пойҳоям итоат намекунанд, ки дар рикоби он ҳазрат (кимёгар) пиёда равам». 40 рӯз кимёгарро иззату икром мекунанд. Дар рӯзи 41 сирру асрори кимёгар фош мешавад ва ӯро сангсор мекунанд.

Восифӣ ба воситаи ҳикояти мазкур пулпарастӣ, нодонию гумроҳии шоҳони замонро дар симои Ҳусайн Бойқаро нишон дода мегузарад. Худи муаллиф дар охир ба хулосаи зерин меояд:

«Касеро ақлу тамиз ин бошад, ки ин навъ муҳилотро қабул кунад, чӣ гуна қобили аморат ва салтанат хоҳад буд?»

Восифӣ сабаби ҳамаи ин қашшоқии мардум, ноободии кишвар, вайронии ахлоқи одамони рӯзгорро дар суст будани пояи давлат, интизому ноӯҳдабароии шоҳон медонад. Вай гуфтан мехоҳад, ки бе шоҳи бомаърифат, адолатпарвар ва сиёсатманд муваффақият ва ғалаба ҳам намешавад

Нависанда шоҳони гузаштаро ба ҳукмдорони замони худ муқобил гузошта, нотавонии онҳоро нишон медиҳад. Ӯ рӯйирост бо хон сухан гуфта хотиррасон мекунад, ки агар мамлакатдорӣ ҳамин асту кор ҳамин «Аз Шумо касе чӣ тамаъ кунад». Бинобар ин, афсӯс хӯрда мегӯяд: «Дареғи умедҳои норавоям, фиғони дардҳои бедавоям!».

Восифӣ пас аз ин барои исботи фикри худ ҳикояти «Тири тиллоии Санҷар»-ро нақл мекунад.

Гӯё Санҷар ҳар рӯз ба атрофи шаҳр тир меандохтааст. Тирҳои вай тиллоӣ будаанд. Ҳар кӣ тири тиллоиро ёбад ё дар назди хонааш афтад, соҳиби он мешудааст.

Рӯзе Санҷар тир меандозад, ки аз тираш кӯдаки марди бечорае ҳалок мегардад. Занак кӯдакро ба назди Санҷар оварда, хун талаб мекунад. Санҷар дар як табақ зар дар табақи дигар ханҷар ниҳода мегӯяд:

«Эй модар, инак зар, инак Санҷар, инак ханҷар!
Ҳар кадоме ки хоҳӣ, ихтиёр намой».

Аммо соҳибони писар зарро қабул намекунанд ва фақат қасоси фарзандашонро гирифтанӣ мешаванд. Шоҳ маҷбур мешавад, ки писарашро ба онҳо супорад. Даъвогарҳо писари подшоҳро гирифта ба беруни қаср мебаранд ва пас аз лаҳзае ба

назди ӯ баргашта мегӯянд: «Мо ин ҳама муболиға, ки намудем, арзи мо ин буд, ки подшоҳи худро дар адл имтиҳон намоем».

Восифӣ ҳам аз анҷоми ҳикоят хурсанд мешавад ва орзу менамояд, ки чунин шоҳони одилу халқпарвар дар рӯзгор бошанд:

«Фархунда шаҳру диёреву хуҷиста мулку кишваре, ки дар вай инчунин қозӣ ва шаҳриёре бошад».

Восифӣ ҷавониашро дар айёми ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро ва фарзандони ӯ гузаронидааст. Аз ин ҷост, ки кору рафтори намояндагони ин хонадонро хеле хуб медонад ва дар бораи ҳар кадомашон қиссаю ривоят, ҳикоёту мутоиботи аҷиб меорад. Вай ба бештари подшоҳони ин хонадон бо назари манфӣ нигариста, беандешагӣ ва зулму золимии онҳоро дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҷасурона тасвир намудааст. Аммо дар бораи Мирзо Улуғбек тамоман ба тарзи дигар сухан меронад. Ӯро ҳамчун шоҳи одил, босаҳоват, некӯкор, халқпарвар ва ботадбир ба қалам додааст. Восифӣ қайд мекунад, ки шаҳри Самарқанд дар замони ҳукмронии Мирзо Улуғбек васеъ гардида, дар он қасрҳои боҳашамат, мадрасаю масҷидҳои мӯҳташам бино ёфтанд.

Фактҳои таърихӣ ҳам исбот мекунанд, ки Мирзо Улуғбек дар ободу зебо намудани Самарқанд ва ривоҷ додани илму адаб саъю кӯшише кардааст. Вай нисбат ба аҳли илму адаб таваҷҷӯҳи зиёде дошта, ҳамеша онҳоро дар зери ҳимоят гирифта, ёрии моддӣ мерасонидааст Махсусан, тараққӣ намудани илмҳои дақиқ ва дар ин соҳа пайдо шудани як қатор олимони намоён, монанди Қозизодаи Румӣ, Алии Қушчӣ, Мавлоно Хавофӣ ва боз бисёр дигарон саҳми арзанда гузоштааст. Аз ҳамин рӯ, бисёр муаррихон ва нависандагони баъдина Мирзо Улуғбекро дар байни шоҳзодагони темурӣ шоҳи одил, шахси бомаърифат ба қалам додаанд.

Ӯ тарафдори халқи мазлум буда, барои беҳбудии ҳаёти онҳо чора меҷустааст. Гӯё Мирзо Улуғбек дар давраи подшоҳиаш намегузоштааст, ки ягон марди фақири бечора аз зулму тааддии ҳокими бедодгаре азобу ранҷ кашад. Барои ҳамин, Восифӣ дар бораи ӯ бо як муҳаббати беандоза сухан меронад.

Аз тарафи дигар, агар мо дурусттар мулоҳиза намоем, Восифӣ ҳикоятҳоро дар кадом маврид ва дар назди киҳо

нақл кардааст, дар он сурат қимату арзиши суханони муаллиф боз ҳам бештар мегардад. Восифӣ онҳоро дар маҷлиси Келдимуҳаммад, ки бо тамоми муқаррабонаш ҳузур доштанд, нақл менамояд.

Бешубҳа, дуздӣ, порахӯрӣ, беадолатӣ барин амалиётҳо дар ҷамъияти онрӯза ниҳоят дар авҷ буд ва аксарияти иштироккунандагони ин маҷлис чунин хислатҳоро доштанд. Восифӣ ғояи шоҳи одилро дар образи Мирзо Улуғбек нишон дода, бо ҳамин роҳ шоҳони замонаашро ба адлу дод даъват намудааст.

Нависанда ба ин восита нишон додааст, ки агар сардори давлат подшоҳ ва ё ҳоким инсондӯст, адолатпарвар, ростқавлу накӯкор набошад, дигар тобеъони вай, аз ҷумла қозию муфтӣ, ҳаргиз накӯкор шуда наметавонанд.

Чунин аст, ғоя ва мақсади нависанда.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки худаш марди донишманду ҳунарманд буд, барои пешрафти камолоти инсон илму ҳунарро зарур мешуморад. Бинобар ин, вай дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аҳли илму ҳунарро ситоиш мекунад. Нақлу ривоятҳое, ки дар бораи шоири бузург Абулқосим Фирдавсӣ, мутафаккирони барҷаста Абӯалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон оварда шудааст, фикри болоиро тасдиқ менамоянд. Нависанда дар ин нақлу ривоятҳо кору зиндагии ин мардони бузургро моҳирона ба қалам додааст. Восифӣ дар бораи онҳо бо камоли эҳтиром, бо муҳаббату самимияти беандоза сухан меронад.

Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» инчунин ҳикоятҳои зиёдеро овардааст, ки қаҳрамононаш аз табақаҳои поёни ҷамъятӣ гирифта шудаанд.

Аз гуфтаҳои болоӣ маълум мегардад, ки «Бадоеъ-ул вақоеъ» дар худ бисёр ҳикоят ва латифаҳои халқиро дар бораи шахсони таърихӣ муҷассам намудааст ва аз ин нуқтаи назар низ дорои қимати бузург мебошад.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳамчун намунаи барҷастаи насри бадеии асри XVI низ машҳур аст. Ин асар аз нуқтаи назари хусусиятҳои забонии худ низ ба аҳамияти калон соҳиб аст. Мо дар он намунаҳои беҳтарини санъати суханро дар насри бадеии ҳамон давр дучор карда метавонем. Ва онро, уму-

ман яке аз беҳтарин асарҳои адабиёти асри XVI форс-тоҷик ҳисобидан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки забон ва услуби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» якранг нест. Ҳангоми мутолиа ҳам услуби соддаи оммафаҳм ва ҳам услуби мураккаби душворфаҳм ба назар мерасад. Ҳангоми таърифу тавсифи подшоҳон, аҳли дарбор, маҷлисҳои онҳо забон ва тарзи баёни Восифӣ ниҳоят мураккаб мешавад. Дар онҳо ҷумлаҳои печ дар печ, ибораҳои арабӣ, калимаҳои душворфаҳм бештар истеъмол шудаанд. Вале, хушбахтона, қисми асосии эҷодиёти Восифиро насри содда ташкил медиҳад. Вақте ки сухан аз ҳаёти мардуми меҳнатӣ меравад, услуби баёни Восифӣ дигар мешавад. Махсусан, ҳангоми нақли ҳикоят ва ривоятҳои халқӣ забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ниҳоят содда, ба забони гуфтугӯӣ хеле наздик мегардад. Дар ин ҷо акнун ба ҷойи ибораҳои мураккаб таъбиру ибораҳои содда, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ асарро зебу зиннат медиҳанд.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Восифӣ аз чӣ хел асарҳо иборат аст?**
2. **Дар бораи сохт ва таркиби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном асари Восифӣ нақл кунед.**
3. **Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар бораи кадом шахсони таърихӣ ҳикоят ва ривоятҳо оварда шудааст?**
4. **Восифӣ ба кадом муносибат ҳикояти «Тири тиллоии Санҷар»-ро овардааст?**
5. **Мулоҳизаҳои Восифиро дар бораи Мирзо Улуғбек ва замони салтанати ӯ нақл намеод.**

Восифӣ – устоди назм

Восифӣ дар таърихи адабиёти тоҷик баробари воқеанигор ва устоди насри бадеӣ будан ҳамчун устоди назми асри XVI низ шӯҳрат дорад. Вай баробари шеършинос будан ҳанӯз дар замони худ бо маҳорати баланди шоирӣ доштанаш шӯҳрат пайдо карда буд. Барои исботи фикри мазкур ду далели зеринро аз назар мегузаронем:

1. Дар соли 918 (1507) рӯзе як гурӯҳ шоирони муҳити адабии Ҳирот, аз ҷумла Хоҷа Осафӣ, Мавлоно Бадахшӣ,

Биноӣ, Ҳилолӣ, Имомӣ ва ғайра сӯҳбати шеърие ташкил дода, суханҳои баланди шоиронро месанҷанд. Дар он маҷлис, вақте ки сухан дар бораи шеъри Котибӣ меравад, аҳли маҷлис ӯро хеле таъриф мекунанд, ки вай дар шеър маонии баландро баён кардааст. Аз ҷумла, як байти ӯро, ки дар муносибати об ба теғ аст, ба миён меоранд:

Ҷонро садои теғи ту аз ранҷи тан раҳонд,
Овози об заҳмати бемор мебарад.

Пас мегӯянд, ки ҳар кас ба муносибати теғу об ғазале хонад. Инро баъзеҳо қабул мекунанд, баъзеҳо душвор меҳисобанд. Восифии ҷавон ба унвони «Хамсаи мутаҳаййира» панҷ ғазал менависад ва ин 5 ғазали ҷавобии ӯ дар байни намояндагони мактаби адабии Ҳирот хеле шӯҳрат пайдо мекунад.

2. Мисоли дигар маълумоти шоири тазкиранависи асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ мебошад, ки дар бораи Восифӣ додааст. Нисорӣ пеш аз ҳама Восифиро шоир медонад. Бинобар ин сухани худро аз шоирии ӯ сар карда, бо баҳо додан ба санъати шеърии ӯ ба охир мерасонад. Нисорӣ Восифиро «амлаҳ-ул-шуаро» меномад. Пас дар санъати шеърӣ ва жанрҳои ҷудогонаи назм устод будани ӯро қайд мекунад ва ҳамон ғазали ба равияи Котибӣ навиштаи ӯро таърифу тавсия менамояд:

«Мавлоно Восифӣ 5 ғазал дар татаббӯйи ин маонӣ (обу теғ) гуфта ва ин 5 ғазалро «хамсаи мутаҳаййират» ном ниҳода ва аҳли ҳунар дар истеъмоли он таҳайюранд».

Мана ҳамин ду далел шоҳиди он мебошад, ки Восифӣ дар асри худ ҳамчун шоир шӯҳрат пайдо карда будааст.

Восифӣ ҳамчун шоир қисмҳои асосии назмро мувофиқи талаботи замони худ, ки дар он вақт ба санъати шеърӣ диққату эътибори махсус медоданд, хеле устодона кор карда баромадааст. Ба санъати шеърӣ ва муносибати шеърҳои Восифӣ назар андозем, равонӣ ва муносибати лафзро на фақат дар як шеър, балки тақрибан дар тамоми шеърҳои ӯ мушоҳида кардан мумкин аст.

Барои мисол шеъри ба сифати ангуштарин навиштаи ӯро дида мебароем:

http://ledu.portal.uz

То шуд аз номи шариат номдор ангуштарӣ,
Бар мамолик ёфт дасти иқтидор ангуштарӣ,
Мекашад бар пушт санг аз баҳри қасри давлатат,
З-он шуда хам чун фалак дар зери бор ангуштарӣ...

Ин қасидаи Восифӣ аз 35 байт иборат аст. Чӣ тавре, ки аз ин байтҳо дида мешавад, дар он ба мувофиқи маврид оварда шудани ташбеҳу истиораҳои нави ҳаётӣ хеле диққат дода шудааст. Аз ин ҷост, ки ин қасида низ дар замони худ аз тарафи устодони санъати шеърӣ, аз ҷумла аз тарафи Нисорӣ эътироф карда шудааст.

Восифӣ инчунин якчанд қасидаҳо дорад, ки ба равияи қасидаҳои шоирони гузашта ва ҳамзамонони худи шоир навишта шудаанд. Аз ҷумла, яке аз қасидаҳои Восифӣ ба равияи қасидаи «Чор дар чор»-и Абулвосеи Ҷабалӣ навишта шудааст.

Восифӣ дар жанри ғазал низ яке аз шоирони номии замони худ буд. Шоҳиди ин даъво ҳамон «хамсаи мутаҳаййира» мебошад, ки барои намуна порчае аз ғазали якуми он меоварем:

Гирифт теғи ту бар ҳалқ роҳи рафтани ҷон,
Зи оби тез гузаштан наметавон осон.
Ба чашми ман тунукобе намуд теғи ту, лек
Қадам чу пеш ниҳодам зи сар гузашт равон...

Дар ҳақиқат дар санъати бадеӣ ва нозукии мазмуни муносибати теғу об дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ин тариқа ғазалҳои санъаткоронаи ба теғу об бахшидашуда хеле кам дучор мешаванд.

Мутаассифона, Восифӣ маҳорати дар санъати шеърӣ доштаашро аз нуқтаи назари шакл тараққӣ додааст. Дар байни асарҳои назмии ӯ шеърҳое дучор мешаванд, ки ҳатто дар чор баҳр хонда мешаванд. Масалан, ғазали бо байтҳои:

Наргиси ҷодуи ту оҳуи чин
Нофаи обии ту холи ҷабин.
Ҳиндуи гесӯйи ту ҳомии куфр,
Ғамзаи хунии ту ҳомии дин –

http://eduportal.uz

оғошавандаро бо вазни баҳрҳои рамали мусаддаси маҳзуф, рамали мусаддаси мақбуни мақсур, хафифи муаддаси махбуни мақсур хондан мукин аст.

Восифӣ маҳорати худро дар санъати луғз (чистон) низ нишон додааст. Зеро монанди дигар намудҳои назм муаммонависӣ, таърихнависӣ, санъати луғз низ дар адабиёти асрҳои XV–XVI хеле ривоҷ ёфта буд. Аз ин ҷост, ки Восифӣ дар қатори шеърҳои санъаткорона навистаи худ ба навистани луғз низ аҳамият додааст. Луғзҳои ӯ баъзан дар муқаддимаҳои қасидаҳояш дучор мешаванд ва баъзан дар ҳолати алоҳида. Дар ҳар ду ҳолат ҳам луғзҳои шоир хеле устодона ба қалам дода шудаанд. Чунончи, луғзи дар бораи офтоб гуфтаи шоир ин аст:

Кист он султони гардун рафъати олампаноҳ?
Мулки оламро мусаххар карда бо хелу сипоҳ.
Гарчи бошад бениҳоят қисмати иқлими ӯ,
Пеши сайри рахши хинги ӯ бувад якрӯза роҳ...

Ҳамчунин луғзҳои ба шамъ, қалам, шатранҷ ва ғайра бахшидаи Восифӣ дар равонӣ ва санъати шеърӣ аз луғзҳои дигар устодони ин санъат болотар меистанд.

Чуноне ки дида гузаштем, Восифӣ, дар ҳақиқат, дар тамоми жанрҳои назм устодии худро исбот кардааст, вале ин устодии ӯ бештар дар шакл буда, аз нуқтаи назари тасвир кардани воқеа-ҳодисаҳои муҳими ҷамъиятӣ назми ӯ аз насраш хеле оқиб монда, аз ҷиҳати мазмун шеърҳои ӯ хушку холӣ баромадаанд. Ин бесабаб нест. Зеро дар аввалҳои асри XVI дар муҳити адабии дарборӣ бештар маҳорати шоиронро дар санъат ҷустуҷӯ мекарданд, на дар мазмун. Аз ин ҷост, ки ҳангоми аз Хуросон ба Мовароуннаҳр омаданаш Восифӣ ҳамин талаботро ичро менамояд. Ашъори ӯ дар муҳити дарборӣ мувофиқи табъу завқи бадеӣ ва талаботи дарбориён навишта шудаанд.

Бинобар ин, Восифӣ шеърҳои худро барои ифода кардани ҳаёти иҷтимоӣ истифода набурдааст. Аммо дар шеърҳое, ки шоир онро берун аз муҳити дарбор навишта буд, ба масъалаҳои ҳаётӣ дахл кардани ӯ ба хубӣ ҳис карда мешавад. Масалан, тасвир ёфтани ҳолати вазнини халқ дар яке

аз қасидаҳои бахшида ба қаҳтӣ ва ҳолати сахти мардум навиштаи Восифӣ дида мешавад.

Ҳамин тариқ, асарҳои Восифӣ, бахусус, асари бузурги насриаш «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар таърихи адабиёти форсу тоҷик қимати босазое доранд ва номи муаллифашонро абадӣ гардонидааст.

Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Восифӣ аз ҷониби донишмандон тадқиқоти зиёде бурда шудааст. Дар ин бобат, махсусан, хизмати олим ва нависандаи забардаст Садриддин Айнӣ, шарқшиноси рус А.Н. Болдирев ва донишманди забоншинос аз Самарқанд Р. Эгамбердиев бағоят калон аст.



Савол ва супоришот:

1. **Восифӣ дар муносибати обу теғ чанд ғазал навиштааст ва он бо кадом ном шӯҳрат пайдо кардааст?**
2. **Восифӣ дар таърифи кадом гулҳои наврӯзӣ қасидаҳо навиштааст?**
3. **Восифӣ дар шеърҳояш бештар кадом санъати каломи бадеъро ба кор бурдааст?**
4. **Кадом олимон доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Восифӣ тадқиқоти илмӣ бурдаанд?**
5. **Ҳикоятҳои латифамонанди Восифиро мутолиа намоед. Худатон низ аз хотираҳои худ чунин ҳикоятҳо нависед.**
6. **Аз шеърҳои Восифӣ порчаҳоро аз ёд намоед.**

НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ ВОСИФӢ

Чистони офтоб

Кист он султони гардунрафъати олампаноҳ?
Мулки оламро мусаххар карда бе хайлу сипоҳ.
Гарчи бошад бениҳоят фасҳати иқлими ӯ,
Пеши рахши хинг сайри ӯ бувад якрӯза роҳ.
Нест ғайр аз ӯ намоён, з-он шаҳи Юсуфҷамол,
З-он ки дар дарё фитода бошад, ӯ андар шиноҳ.
Мекунад аз меҳрубонӣ дигаронро тарбият,
То ба мулки хеш созад дигаронро подшоҳ.

http://eduportal.uz

Душманаш бошад сипоҳи шому дар ҷавлонгаҳаш
Шаб ҳама шаб, резаҳои шиша мерезад ба роҳ.
Лек худ гирад ба каф ҷорӯби заррину кунад
Рӯфтурӯбе ҷилвагоҳи хешро ҳар субҳгоҳ.
Гарчи бо мардум бувад гармихтилоту меҳрубон,
Тез натвонад касе кардан ба рӯйи ӯ нигоҳ.
Рӯз бошад ҷоҳ бар тахти Сулаймонаш ҷой,
Шом бошад манзилаш чун Юсуф андар қаъри чоҳ.
Гар кушояд чеҳра, созад оламеро ғарқи нур,
Вар бигирад, як замон, созад ҷаҳонеро сиёҳ.

Наргис

Дар чаман дорад агар дидаи бино наргис,
Бар асо такя чаро карда чу аъмо наргис.
Эй ба сад чашм рухат карда тамошо наргис,
Сурма аз хоки дарат карда таманно наргис.
Чашм то бар қади болои ту андохтааст,
Файзҳо мебарад аз олами боло наргис.
Бар замин дӯхта чашму сараш афканда ба пеш,
Гашта шарманда аз он наргиси шаҳло наргис.

Хайр бод

Меравам аз кӯйи ту, бо ҷони пурғам, хайр бод!
Бо дили пуроташу бо чашми пурнам, хайр бод.
Аҳли оламро зи ман гар буд дар хотир ғубор,
Ман зи олам меравам, бар аҳли олам, хайр бод!
Он парӣ дар вақти рафтан аз сари меҳру вафо –
Восифии хастаро мегуфт ҳар дам: «Хайр бод»!

ҲИКОЯТҲО АЗ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»

Ёддошти Восифӣ дар бораи ҳамсӯҳбат шудани Қозизодаи Сиистон бо Навоӣ ва Ҷомӣ

Шайх Баҳлул мегуфтанд, ки Мавлоно Наҳвии Ҳиротӣ, ки аз шоирони машҳури Хуросон буд, мардуми Нимрӯз, яъне Сиистон ва обу ҳавои онро ҳаҷв карда буд ва баъзе абёти он қасидаи ҳаҷвия ин аст:

http://edu.portal.uz

Саргаштатар зи ахтарам аз гардиши фалак,
Толеъ намекунад мададу бахт – ҳеҷ як.
Афтодаам ба хиттаи вайронае, ки ҳаст,
Бодаш самуми оташеву хоки ӯ намак.
Ҳар сӯ ба рӯз пай барияш дузд дар камин,
Бар қасди ҷон нишаста чун бемории лакак.

Қозии Сиистонро писаре буд зариф ва хуштабъ ва ӯ қасидаи мазкури Мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфта буд ва як байти он қасидаи ҷавобӣ ин аст:

Гар айби хоки поки Сиистон кунад касе,
Дарё палид менашавад аз даҳони саг.

Вақте ки қасида ба Мир Алишер расид, гуфт, ки писари қозии Сиистон фозили комил будааст, аҷаб аст, ки то ҳол бо вай маърифате надорем.

Чун ин меҳрубонии Мирро баъзе дӯстони ӯ ба вай расониданд, ба нияти ба ҳузури Мир Алишер расидан, аз Сиистон ба Ҳирот омад.

Вақте ки Қозизода ба сӯҳбати Мир Алишер расид, баъд аз пурсу пос Мир ба ӯ гуфт:

– Шумо қасидаи Мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфтаед, худ гӯед, ки шумо беҳтар гуфтаед ё Мавлоно Наҳвӣ?

– Ман беҳтар гуфтаам, – гуфт Қозизода дар ҷавоб.

Мир Алишер ин ҷавобро шунида дар андеша афтод, ки «Ин маврид мавриди шикасти нафс ва хоксорӣ буд, бояд ӯ мегуфт, ки «Мавлоно Наҳвӣ беҳтар гуфтаанд», аз Қозизода, ки ба хуштабъӣ ва толибилмӣ машҳур аст, ин гуна худситоӣ ва хулдписандӣ бисёр аҷиб аст?». Мир бо ин мулоҳиза боз аз вай пурсиданд:

– Ба кадом далел шумо беҳтар гуфтаед?

– Мавлоно Наҳвӣ, – гуфт Қозизода дар ҷавоб, – ҳар чизе ки дар ҳаққи сиистониён ва Сиистони мо гуфтаанд, ҳамагӣ рост ва ҳақиқат аст ва ҳар чизе ки ман дар мадҳи он сарзамин гуфтаам, тамоман дурӯғ аст. Чун гузаштагон гуфтаанд, ки «дурӯғтарини шеър беҳтарини вай аст», шеъри ман, ки дурӯғтар аст, беҳтар аст.

http://ziyouportal.uz

Мирро ин ҷавоби Қозизода бисёр хуш омад ва ӯ дар хуштабъӣ ва ҳозирҷавобӣ, аз он дараҷае ки шунида буд, ба назараш беҳтар ва болотар ҷилва кард ва ба ӯ аз ҳад зиёд инъом ва илтифот намуд.

Мир Алишер ҳамон рӯз ба мулозимати Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ расид ва дар вақти сӯҳбат таассуротеро, ки аз сӯҳбати Қозизода гирифта буд, ба Мавлоно ҳикоят кард.

Ҷомиро аз ин ҳикоят ҳаваси сӯҳбати Қозизодаи мазкур пайдо шуд ва ба Алишер гуфт:

– Мо гар манзили Қозизодаро медонистем, ба мулозиматашон мерасидем.

Вақте ки Мир Алишер ба хонаи худ бозгашта омад, ба мулозимони худ фармуд, ки Қозизодаро ёфта бинанд ва ӯро бо ин илтифоти Мавлоно Ҷомӣ табрик намоянд ва ба ӯ гӯянд, ки зудтар ба хизмати Мавлоно равад.

Вақте ки Қозизода аз меҳрубонии Ҷомӣ хабардор шуд, зуд ба хонаи ӯ рафт, то ки ӯро зиёрат кунад...

Қозизода аз он пеш ба Ҳирот наомада буд ва мардуми он ҷоро ва аз ин ҷумла Ҷомиро намешинохт. Дар хаёли ӯ Ҷомӣ монанди уламои бузурги он замон дар зери ҷомаҳои пурқимат ва дастори бузург ҷилва менамуд.

Аммо Ҷомӣ дар тобистон ва зимистон ҷомаи оддии пахтадор мепӯшид ва ба сар тоқии Убайдӣ (як хел каллапӯши сафед, ки пештар дар Самарқанд медӯхтанд) ниҳода, бар вай ду-се печ дасторчаи хурде мепечонд. Миёни худро бо фӯтаи ҳаммомиён мебаст ва ду нӯги фӯтаро аз пеш овезон мегузошт. Бар даст асои ҷавбеде мегирифт, ки аз қоматаш як вақаб баландтар буд.

Дар вақте ки Қозизода ба ҳавлии Ҷомӣ омад, ӯ дар долони дарвозаи вай пойҳояшро овезон карда ба болои суфача нишаст ва дар он ҷо касе дигар набуд. Дар ҳамин вақт Ҷомӣ бо қиёфате, ки дар боло тасвир рафт, асо дар даст аз хона баромад.

Қозизода гумон кард, ки ин мард бояд ошпаз ё ҳезумкаш ва ё ягон хизматгори оддии Мавлоно Ҷомӣ бошад. Бинобар ин, аз ҷой барнахост, эҳтироме ҳам накард ва пурсид:

– Ҳазрати Мулло дар хона ҳастанд?

– То ин замон дар хона буданд, – гуфт Ҷомӣ дар ҷавоб ва табассуме кард.

Қозизода худ ба худ гуфт: «Субҳоноллоҳ, дар мулозамати ин гуна азизони бузург чӣ гуна мардум мебошанд ва ҷавоби нодуруст медиҳанд ва бесабаб механданд». Баъд аз қадре андеша карда истодан ба Ҷомӣ гуфт:

– Эй гӯли гаранг! Чӣ шавад, ки равӣ ва ба ҷониби Махдум арз кунӣ, ки писари қозии Сиистон омадааст, орзуи мулозамат дорад. Агар марҳамат намуда қадаме ранҷа намоянд, ниҳояти илтифот аст.

Ҷомӣ бо шунидани ин супориш, худдорӣ карда натавониста баландтар хандид. Қозизода бошад, рӯй турш карда ва оташин шуда гуфт:

– Ин хандаи шумо чӣ бало зебандааст!

Дар ҳамин вақт якчанд нафар аз калонон, олимон ва фозилони Ҳирот савора ба зиёрати Ҷомӣ омаданд. Чун аз сари кӯча диданд, ки Ҷомӣ ба асо такя карда ба пеши дарвоза рост истодааст, дар ҳамон ҷо аз аспҳо фаромаданд ва дастҳо пеш гирифта бо камоли таъзим ба Ҷомӣ наздик шуда, ӯро зиёрат ва ба ӯ арзи эҳтиром карданд.

Қозизода бо дидани ин ҳол зиёдтар дар тааҷҷуб афтод ва дар дили худ мегуфт: «Субҳоноллоҳ, ҳазрати Махдумро чӣ қадар азамат ва бузургворист, ки бузургони шаҳр ба пасттарин хизматгори ӯ ҳама арзи эҳтиром менамоянд».

Хулоса, ба меҳмонхона даромаданд. Ҷомӣ, чунон ки одати ӯ буд, аз ҳама поинтар ва дар пеши дари даҳлез нишаст ва дигарон – ҳар кас ба қадри дараҷаи худ бар ҷойи худҳо нишастанд. Ҷойи Қозизода дар паҳлӯи Амир Атоуллоҳ афтода буд ва оҳиста гӯшакӣ карда ба вай гуфт:

– Чаро ҳазрати Махдумро касе хабардор намекунад, ки азизон ба зиёраташон омадаанд ва мунтазири мулоқотанд?

– Махдумо, магар шумо аз ин шаҳр нестед? Ҳазрати Махдум онанд, ки дар кафшгоҳ нишастаанд! – гуфт Амир Атоуллоҳ дар ҷавоб.

Қозизода бо шунидани ин ҷавоб фавран аз ҷой ҷаста берун давид ва Ҷомӣ ба мардум фармуд, ки:

– Қозизодаро нагузоред, ки гурезад ва ӯро дошта пеши мо оред!

Ӯро дошта меоваранд ва «Алғарибу калъамо – ғариб мисли кӯр аст. Худоро, маъзур доред ва аз банда даргузаред»... гӯён фарёд мекард.

Ҷомӣ ӯро таъзим ва ба ӯ меҳрубонии бисёре карда гуфт:

– Мо дар умри худ аз мулоқоти ҳеҷ кас он қадар хурсанд нашуда будем, ки аз мулоқоти шумо шудем.

Ёддошти Восифӣ дар бораи рассом Беҳзод ва сурати Навоӣ

Восифӣ дар ёддошти худ дар муқаддимаи тасвири Мир Алишер мегӯяд: подшоҳон ҳамеша ҷамъе аз мусаввирони (рассомони) сеҳрофарин ва наққошони бадеъоинро дар дарбори худ нигоҳ дошта, назари илтифот ба ҳоли эшон гумоштаанд. Чунки ин тоифаи тарабангез ва ин фирқаи латофатомез сабаби хурсандии онҳоанд. Бинобар ин подшоҳи мабрур (Ҳусайн Бойқаро) аз миёни ҳунармандони ин санъат Беҳзоди наққошро баргузида, ӯро «Монии сонӣ» лақаб дода буд.

Ҳар гоҳ он подшоҳро ғаме ва аламе мерасид, устоди моҳир сурате бармеомехт ва пайкаре меангехт (сурати ҳачвие мекашид), ки ба муҷарради ба вай нигоҳ кардан оинаи хотираш аз занги кудурат пок мешуд.

Устод Беҳзод ҳамеша суратҳои гуногун ва нақшҳои нав бо худ дошт, ӯ аксар сурати Бобо Маҳмудро, ки аз ҷумлаи умарои бузург буд, ба вазъиятҳои гуногун мекашид.

Бобо Маҳмуд сурати аҷиба ва ҳайъати ғариба дошт ва ин қитъа гӯё дар шаъни ӯ воқеъ шуда буд:

Ҳама шаҳмиву лаҳм, эй мири аъзам,
Хуш он, к-ӯ чун ту мире баргузинад.
Агар аспи ту ҳаргиз каҳ наёбад,
Зи заъфи лоғарӣ кай ранҷ бинад?
Ту ҳар гоҳе, ки бар вай барнишинӣ,
Дусад ман гӯшт бар вай барнишинад.

Бобо Маҳмуд бо вуҷуди ин фарбеҳии бадан ва ғафсии пайкар дар камоли чустӣ ва чобукӣ ва дар ғояти сабукрӯҳӣ

http://edu.portal.uz

буд. Ӯ бо ҳаракатҳои ширин ва латифаҳои намакин худро дар дили оламиён ҷой гиронда буд.

Аз ҷумлаи ҳикоятҳои ширин, ки аз Бобо Маҳмуд нақл мекунанд, ин аст: султон Ҳусайн Мирзоро «Ашҳаб» ном аспи тозинажод (арабинажод) буд ва дар ҳаққи ӯ ин байтҳо рост меомад:

Агар мард бар пушти ӯ по задӣ,
Нахустин қадам бар сурайё задӣ.
Савор аз хироми вай огаҳ нагашт,
Чу умре, ки дар шодмонӣ гузашт.
Ба сони ду гӯшаш ду пайкон кӣ дид?
Ду пайкон ба як тири паррон кӣ дид?

Қазоро он асп бемор шуд ва дар он вақтҳо вабои асп омада буд ва мирохур ҳар рӯз ба подшоҳ хабари марги асперо меовард.

Чун подшоҳ хабари бемории он аспи сархиромро шунид, беором шуд ва гуфт: «Ҳар касе, ки хабари марги он аспро биёрад, аз миёнаш ду ним мекунам».

Иттифоқо, ҳамон рӯз он асп мурд ва мирохур ба пеши Бобо Маҳмуд омада гуфт: «Ашҳаб» ҷон ба ҷонофарин супурд. Агар ман ин хабарро ба подшоҳ расонам, бешак, рӯҳи маро бар равони «Ашҳаб» савор карда, маро ба сарҳадди адам равон хоҳад кард. Ба ғайр аз шумо касе ин воқеаро ба гӯши подшоҳ расонида наметавонад. Акнун ихтиёр дар дасти шумост».

Бобо Маҳмуд пеши подшоҳ даромад ва дар ҷойи муқаррарии худ нишаст. Подшоҳ аз вай аз аҳволи «Ашҳаб» пурсид. Ӯ аз ҷойи худ бархост ва дар рӯ ба рӯйи подшоҳ зону зада нишаст ва гуфт:

– Шоҳо! Ҳамеша рахши давлатат дар зери зини виқор ва ҳашмат бод! Итифоқо, бар дари ахтахона мегузаштам, «Ашҳаб»-ро дидам, ки аҷаб ҳолате ва одате пайдо карда ва ғариб тариқае ихтиёр намуда, ки коҳу ҷаву об асло намехӯрад ва чунон хуфта буд, ки ҳеҷ ҳаракат намекард ва нафас намезад...

http://ziyouportal.uz

Подшоҳ хандакунон сухани ӯро бурид ва гуфт:

– Э бадбахт, «Ашҳаб» мурд гӯй-чӣ?

Бобо Маҳмуд гуфт: «Ҷаҳонпаноҳо! Шумо расонидани ин хабарро бо таҳдиди куштан манъ карда будед. Алҳамдулиллоҳ, ки оқибат худ бо забони муборак аз ин манъе хабар дода, бандагонро аз ин душворӣ баровардед.

Подшоҳ аз ширингуфторӣ ва суханварии Бобо Маҳмуд хурсанд ва хандон шуда фармуд, ки «Ашҳаб»-ро кафан карда дар қабристони аъён гӯронанд ва барои вай таъзия гирифта ош доданд.

* * *

Алқисса. Рӯз ба рӯз ва соат ба соат ҳунар ва мартабаи устод Беҳзод дар тараққӣ буд ва ҳар нақше, ки мекашид аз паси вай ӯро аз пардаи ғайб сурати фатҳе (муваффақияте) рӯй менамуд.

Машҳур аст, ки устод Беҳзод саҳифаи мусавваре (сурате) ба маҷлиси фирдавсоини сипеҳртазйини амири кабир – Мир Алишер овард. Дар он сурати ҳол чунон тасвир ёфта буд, ки: боғчае ороста бо дарахтони гуногун ва бар шохсори он дарахтон мурғони хушилҳони бӯқаламун ва дар ҳар тараф ҷӯйборҳо ҷорӣ ва гулҳои шукуфта ва нимшукуфтаи сурху зарду зангорӣ. Сурати Мир Алишер чунон кашида шуда буд, ки дар он боғ бар асои худ такя зада истодааст ва табақҳои пур зару сим дар пеши худ ниҳода муҳайёи инъом ва эҳсон кардан аст.

Чун ҳазрати Мир он суратро мушоҳида ва мулоҳиза намуд, он саҳифаи латиф – боғчаи ботинашро бо гулҳои беҳҷат ва сурур ва атрофи ҳавзаи хотирашро бо дарахтони фарҳат ва ҳузур биёрост ва аз андалеби табъаш бар шохсори шавқ ва завқ ва навои «Алҳасан-алҳасан!» – (хуб-хуб!) бархост ва гуфт:

Наққош, аҷаб сафҳа мунаққаш кардӣ!
Эй вақти ту хуш, ки вақти мо хуш кардӣ!

Ва баъд аз он рӯй ба аҳли маҷлис оварда пурсид:

http://edu.portal.uz

– Азизонро дар таъриф ва тавсифи ин саҳифаи шарифа ба хотир чӣ мерасад?

Мавлоно Фасеҳуддин, ки устод ва муаллими Мир буда, аз ҷумлаи олимони машҳури Хуросон буд, фармуд:

– Махдумо! Ман чун ин гулҳои шукуфтаро дидам, хостам, ки даст дароз кунам ва гуле аз гулбун ҷудо карда ба дастори худ халонам.

Мавлоно Соҳиби Доро, ки надим ва мусоҳиби Мир буд, гуфт:

– Маро низ ҳамин хоҳиш буд, аммо андешидам, ки мабодо даст дароз кунам, ин мурғон рамида аз сари дарахтон парвоз намоянд.

Мавлоно Бурҳон, ки саромади зарифони Хуросон буд ва доимо бар Мир зарофат ва шӯхиҳо менамуд, гуфт:

– Ман мулоҳиза карда даст ба забон нигоҳ медорам ва дам задан намехоҳам, ки мабодо Мир ранҷида рӯй турш намуда, абрӯйи ризоро дарҳам кашанд ва ин шукуфтарӯй, ки дар расм доранд, якбора барҳам хӯрад.

Мавлоно Муҳаммад Бадахшӣ, ки ӯ ҳам аз зарифони Хуросон буд ва Мир Алишер ба вай «латифатарош» лақаб дода буд, гуфт:

– Эй Мавлоно Бурҳон, агар беодобӣ ва густохӣ намешуд, ман ин асоро, ки дар расм дар дасти Мир аст, гирифта бар сари ту мезадам.

Мир Алишер гуфт:

– Азизон суханони хуб гуфтанд. Агар Мавлоно Бурҳон он дуруштиро намекарданд, ба хотир расида буд, ки ин табақҳои пурзарро, ки дар саҳифа нақш ёфтаанд, бар сари ёрон нисор намоям, баъд аз он устод Беҳзодро асп бо зину лаҷом ва ҷомаи муносиб бахшида, ба ҳар кадом аҳли сӯҳбат низ либосҳои фохир инъом кард.

Восифӣ дар охири ин ёддошти худ ин байтро қайд кардааст:

Даруғу дард аз ин мардумон, ки хок шуданд,
Ба теғи марг ҷигаррешу синачок шуданд.

http://edu.ortal.uz



Луғат ва тавзеҳот:

Муҳилот – ҳила, макру фиреб.
Гардунрафъат – дар баландӣ, монанди осмон.
Мусаххар кардан – ба даст даровардан, фатҳ кардан.
Хел – сипоҳ, қӯшун.
Рахши хинг – ҳар ду ҳам ба маънои асп.
Ихтилот – омехта.
Бемории лакак – табларза.
Амир Атоуллоҳ – яке аз мударрисони мадрасаи Мир Алишер буд.
Шаҳм – чарбу.
Садад – майл кардан, хостан.
Тунбон (танбон) – эзор, умуман либос.
Ҳезуми саланг – як навъ гиёҳи биёбонист, ки дар регзорҳо бисёр мерӯяд ва дар вақти оташ додан зуд шӯълавар шуда фавран хокистар мешавад. Ширмолпазони Бухоро баъд аз пухтани ширмол як панҷа аз ҳамин ҳезумро дар даруни танӯр дармегиронанд, ки бар рӯйи ширмол ҳол меафтад. Дар Бухоро одами зуд оташиншавандаро ҳам «ҳезуми саланг» мегӯянд.

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот дар бораи ёддошти бадеӣ

Ёддошт – асарест, ки дар он саргузаштҳои худи муаллиф ва ё воқеаҳое, ки муаллиф шоҳиди онҳо будааст тасвир ёфтаанд. Асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ намунаи барҷастаи асари ёддоштӣ мебошад.

Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» сафарҳои тӯлонии худро ба шаҳрҳои Машҳад, Нишопур, Самарқанд, Бухоро, Шоҳрухия, Тошканд ва ғайра ба тафсил нақл кардааст. Аз сар гузаронидани ҳодисаю воқеаҳои хушу нохуш, сӯҳбату вохӯриҳои нависанда бо шахсони гуногун, иштироки ӯ дар базму маҷлисҳои шоҳу амирон, фаъолона иштирок намудани вай дар ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии давр мазмуну мундариҷаи асари ёддоштии ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро ташкил кардааст.

Бояд эътироф кард, ки ёддошт ҳам аз рӯйи хусусиятҳои алоҳидаи худ якчанд хел мешавад.

Ёддоштҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҳамчун рӯзнома тарҷумаи ҳоли муаллиф ба тарзи бадеӣ оварда мешаванд.

Инчунин, асарҳои ёддоштие низ мавҷуданд, ки аз ҳикоятҳо ё қиссаҳои алоҳида иборат буда, дар онҳо муаллиф

http://edu.portal.uz

аз ҳаёти худ ҳикоят мекунад ва ё чанд саргузашти дӯстони худро ба тафсил меорад. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо ҳамин услуб навишта шудааст.

Дар адабиёти тоҷик асарҳои ёддоштие ҳастанд, ки дар жанрҳои роман ва қисса (повест) навишта шудаанд ва ба адабиёти муосир хосанд. Аз ҷумла, асарҳои Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо», Сотим Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо», Ҳасан Ирфон «Дар кулбаи косибон», Ҷалол Икромӣ «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман» намунаҳои чунин ёддоштҳои бадеӣ мебошанд.

Дар асарҳои ёддоштӣ ҳодисаҳои зиндагӣ ба тарзи ҳаққонӣ тасвир меёбанд, ки барои амиқтар фаҳмидани мақсаду мароми халқ мақоми муҳим мебозад.



Савол ва супоришот:

1. **Чӣ гуна асарро ёддошт меноманд?**
2. **Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» кадом воқеаҳоро тасвир кардааст?**
3. **Дар адабиёти тоҷик боз кадом адибон дар жанри ёддошт асарҳо навиштаанд?**
4. **Лаҳзаҳоеро аз ёддошти худ ба тариқи ҳикоят нависта ба муаллиматон нишон диҳед.**

http://eduportal.uz

БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ

(1470–1529)

«Ҳилолӣ қувваи ҳофизаи хеле қавӣ доштааст. Си-чиҳил ҳазор байт ёд медонистааст. Мегӯянд, ки аксарияти абёти хамсатайнро аз ёд медонад. Дар илми арӯз, қофия ва шеър хеле ҳозирҷавоб аст».

Заҳириддин Муҳаммад БОБУР

Тарҷумаи ҳол

Бадриддин Ҳилолӣ аз машҳуртарин шоирони охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI-и тоҷик мебошад. Ӯ дар Астарабод ном шаҳри Хуросон таваллуд ёфтааст. Соли таваллуди Ҳилолӣ аниқ маълум нест. Вале дар солҳои 70-уми асри XV таваллуд ёфтани ӯ тахмин карда мешавад. Даврaҳои кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии Ҳилолӣ низ дар Астаробод мегузарад. Пас барои давом додани таҳсили илм дар соли 1491 (897 ҳичрӣ) ба маркази сиёсӣ, илмӣ ва адабии онвақтаи Хуросон – ба шаҳри Ҳирот меояд. Дере нагузашта ӯ ба муҳити адабӣ ва илмии Ҳирот, ки дар он вақт Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданд, шиносо мешавад. Мулоқоти аввале, ки дар байни Ҳилолӣ ва Навоӣ рӯй дода буд, ба Ҳилолии ҷавон таъсири зиёде мегузорад. Назар ба маълумоти Соммирзо, ки дар тазкираи худ «Тӯҳфаи сомӣ» овардааст. Ҳилолӣ байти аввали яке аз ғазалҳои худро, ки ба тариқи зерин аст:

Чунон аз по фиканд имрӯзам он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам –

дар ҳузури Навоӣ мехонад. Истеъдод ва табъи баланди шоирии Ҳилолӣ диққати Навоиро ба худ ҷалб менамояд. Навоӣ дар тазкираи худ «Маҷолис-ул-нафоис» дар бораи қувваи ҳофизаи қавӣ ва табъи баланд доштани Ҳилолӣ баҳои баланд медиҳад.

Навоӣ тазкираи худ «Маҷолис-ул-нафоис»-ро дар соли 1491 тасниф намуда буд. Аз суханони ӯ маълум мегардад, ки дар он вақтҳо Ҳилолӣ ҳанӯз ҷавон будааст. Агар дар он вақтҳо Ҳилолиро 18–20 сола пиндорем, дар солҳои 70-уми

http://eduportal.uz

асри XV ва ё дар ибтидои солҳои 80-уми ҳамон аср таваллуд ёфтани ӯ тасдиқ мегардад.

Ҳамасри дигари шоир Заҳириддин Муҳаммад Бобурмирзо (1483–1530) қувваи ҳофизаи қавӣ доштани Ҳилолиро низ эътироф кардааст.

Гуфтаҳои Бобур зоҳиран ба нимаи дуюми солҳои бистуми асри XVI, яъне ба он вақте ки Ҳилолӣ мадрасаро хатм намуда, илова ба илмҳои расмии мадраса арӯз, қофия, санъатҳои шеърӣ ва ғайраро аз худ карда, ба қатори беҳтарин шоирони онвақтаи Хуросону Мавороуннаҳр дохил шуда буд, тааллуқ дорад.

Дарвешалии Чангӣ дар «Тӯҳфат-ус сурур» ном рисолаи оид ба мусиқӣ таълиф намудаи худ донандаи илми мусиқӣ будани Ҳилолиро низ қайд мекунад. Дар бораи ба ҳақиқат наздик будани фикрҳои оид ба мусиқадонии Ҳилолӣ баёнкардаи Дарвешалӣ шубҳае нест. Зеро қариб ҳамаи ғазалҳои Ҳилолӣ дорои оҳанг ва хусусияти мусиқӣ мебошад. Ҳилолӣ дар вақтҳои аз тарафи хони ӯзбек Муҳаммад Шайбонӣ (дар соли 1507) ва аз тарафи шоҳи Эрон Исмоили Сафавӣ (дар соли 1510) забт гардидани Ҳирот низ дар ин шаҳр буд ва дар натиҷаи ҷангу кушторҳои онҳо ва фитнаву низоъҳои динӣ-мазҳабӣ нобуд гардидани хеле қувваҳои илму адабии Ҳиротро бо чашми худ дид. Дар соли 1529 шаҳри Ҳирот дубора аз тарафи хони Шайбонӣ – Убайдуллохон ишғол карда мешавад. Дар вақти муҳосираи Ҳирот Ҳилолӣ дар ҳаққи Убайдуллохон ду рубоии ҳаҷвӣ менависад, ки он рубоиҳо боиси шиддат гирифтани душмании Убайдуллохон нисбат ба Ҳилолӣ мегардад. Убайдуллохон баъди ба тасарруфи худ даровардани Ҳирот ба ҳамаи он касоне, ки ба шиамазҳабӣ гумон бурда мешуданд, бераҳмона ҷазо дод. Мавлоно Бақоӣ ва Мавлоно Шамсиддини Қаҳтонӣ ном шоирони дарборӣ, ки ҳамеша дар хизмати хон буданд ва аз кини рашку ҳасад низ ба Ҳилолӣ муносибати душманӣ доштанд, ба Убайдуллохон хабар мерасонанд, ки Ҳилолӣ ҳам аз шиаҳо мебошад. Убайдуллохон, ки барои нобуд кардани Ҳилолӣ баҳона меҷуст, фавран ба қатли Ҳилолӣ фармон медиҳад. Одамони хон Ҳилолиро дастгир намуда, дар моҳи октябри соли 1529 (936 ҳичрӣ), дар бозори Ҳирот ба қатл расониданд. Назар

ба муъламоти муаллифи «Тӯҳфаи сомӣ» ҳангоми Ҳилолиро ба қатл бурдан сари ӯро ба санг зада кафонида буданд ва Ҳилолӣ қатраҳои хунро дар рӯйи худ дида бо дили ҳазин байти зеринро хондааст:

Ин қатраи хун чист ба рӯйи ту, Ҳилолӣ,
Гӯё ки дил аз ғусса ба рӯйи ту давида.

Ҳаёти шоир чи гуна гузаштааст, маълум нест. Вале аз мазмуни бисёр ғазалҳои ӯ аён мегардад, ки доимо маҳзуну ғамгин будааст. Масалан, дар байтҳои зерини яке аз ғазалҳои шоир ҳоли ғамангез доштани ӯ чунин ифода ёфтааст:

Бо ту хоҳам шарҳи ғамҳои дили маҳзун кунам,
Лекин аз хӯйи ту метарсам, надонам чун кунам?
Ман ба ин дил бас намеоям надонам чора чист?
То ба чанд афсона гӯям, то ба кай афсун кунам?
Гар ба домони фалак резам, Ҳилолӣ, ашки худ,
Ранги зарди моҳро ҳамчун шафақ гулгун кунам.

Қисми шашуми муқаддимаи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба панд додани фарзандаш бахшида шудааст ва он чунин шурӯъ мешавад:

Эй дурри шарар, зи баҳри кавнайн,
Фарзанди азиз – қурратул-айн,
Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.

Аз ин чо маълум мешавад, ки Ҳилолӣ зану фарзанд ҳам дошта будааст.

Қабри Ҳилолӣ дар Ҳирот аст.



Савол ва супоришот:

1. **Ҳилолӣ дар ҳузури Навоӣ кадом байти ғазали худро хонда дод ва Навоӣ ба он чӣ хел баҳо дод?**
2. **Бобурмирзо дар бораи Ҳилолӣ чӣ гуфтааст?**
3. **Ҳилолӣ аз тарафи кӣ ва дар куҷо қатл карда шуд?**
4. **Аз кадом порчаи шеърӣ маълум мешавад, ки Ҳилолӣ зану фарзанд доштааст?**
5. **Назар ба маълумоти ҳамасронаш Ҳилолӣ ба ғайр аз шоирӣ боз кадом илмро хуб медонист?**

http://edupotal.uz

Мероси адабии Ҳилолӣ

Ҳилолӣ аз худ мероси адабии ҷолиби диққат боқӣ гузоштааст. Аз ӯ як девони лирикӣ, се маснавӣ бо унвонҳои «Шоҳу Дарвеш», «Сифот-ул-ошиқин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» то ба мо омада расидааст. Назар ба маълумоти муаллифони баъзе аз сарчашмаҳо Ҳилолӣ «Рисолаи қофия» ном асаре низ дошта будааст.

Девони лирикӣ. Ҳилолӣ ҳанӯз дар вақти ҳаёт будани худ шеърҳои лирикиашро ҷамъ намуда, то соли 1521 ба шакли девон даровардааст. Девони ӯ асосан аз ғазалу рубоӣ иборат буда, нусхаҳои чопии он зиёда аз 360 ғазали асосан 6–7 байтӣ, 32 рубоӣ, 8 қитъа, шеъри ҷавобия ба «Қасидаи шутур-ҳуҷра»-и шоири маъруф Котибӣ ва «Чистони шамъу фонус»-ро дарбар мегирад. Ҳамаи шеърҳои девони Ҳилолӣ дар атрофи 2700 байт мебошад.

Лирикаи Ҳилолӣ

Ҳилолӣ дар таърихи адабиёти тоҷик аз ҷумлаи беҳтарин шоирони лирик ба шумор меравад. Агар дар асри XIII Саъдӣ, дар асри XIV Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ ва дар асри XV Ҷомӣ бузургтарин устодони лирика ба шумор раванд, дар асри XVI дар ин бобат аз Ҳилолӣ пештаре нест. Ғазал дар лирикаи Ҳилолӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Худи Ҳилолӣ ғазалро навъи асосии маҳсули эҷодиаш шуморидааст. Дар ин бобат ӯ дар қисми сабаби таълифи маснавии «Шоҳу Дарвеш» менависад:

Нақди ганҷинаи сухан ғазал аст,
Шукри беҳад, ки шеъри ман ғазал аст.

Мавзӯи асосии ғазалиёти Ҳилолӣ ишқ ва муҳаббат мебошад, ки ин бесабаб нест. Мувофиқи анъанаи то замони Ҳилолӣ вуҷуддошта, мавзӯи лирика, яъне ғазал бояд тасвири ҳоли ошиқи ноком ва сӯзу гудози ӯ, бетараҳҳумиҳои маъшуқаи дилсахт, фитнакориҳои рақиб ва монанди инҳо бошанд, аз тарафи дигар, шакли ғазал барои ифода намудани ҳолати рӯҳӣ, ҳиссиёт ва ғаму андӯҳи шоир мувофиқтар аст. Аз ин ҷост, ки Ҳилолӣ бештар ба мавзӯи ишқ рӯ оварда-

http://kitobxon.uz

аст. Ӯ «дарди ишқ»-ро хоси ҳаёт ва дили дардноку пурғами худ медонад:

Дармони мо мачӯй, Ҳилолӣ, ки дарди ишқ,
Хос аз барои ҷону дили дардноки мост.

Ҳилолӣ аз ибтидо то интиҳои фаъолияти адабиаш дар мавзӯи ишқ ғазал сурудааст. Вай дар яке аз ғазалҳояш ба ин маънӣ мегӯяд:

Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеҷ кас.
Подшоҳи аҳли дардам бар сари майдони ишқ,
Ман миёни фитнаю хайли бало аз пешу пас!

Ишқи тасвирнамудаи Ҳилолӣ ишқи инсонӣ – ишқи ҳақиқӣ буда, аз он ишқи илоҳие, ки шоирони тасаввуф тасвир кардаанд, ба куллӣ фарқ мекунад. Маъшуқаи тасвирнамудаи Ҳилолӣ одами ҳақиқӣ, яъне одамест, ки монанди духтарони дигар дар рӯйи замин, дар иҳотаи табиат, дар байни мардум зиндагӣ мекунад ва маҳз табиати хубу фараҳбахш ба вай ҳусни зебое бахшидааст.

Дар диёре, ки гули рӯйи туро парварданд,
Хуш баҳорею фараҳбахш ҳавое будаст.
Боғи фирдавс заминест, ки он ҷо рӯзе
Сарви гулпираҳани тангқабое будаст.
Чораи дарди Ҳилолист балои ғами ишқ,
Ишқро дард нагӯӣ, ки давое будаст.

Ишқи Ҳилолӣ, ки дар он мақсадҳои олии инсонӣ тасвир шудаанд, фақат эҳсосоти фардии як худи шоир набуда, балки ифодаи бадеии фикру ақида, марому мақсад ва орзуву умедҳои халқи меҳнатии гирифтори дарду ғам гардида низ мебошад. Инчунин, ишқи тасвирнамудаи Ҳилолӣ, характери тарбиявӣ дошта, шоир дар он зимни мафҳумҳои ишқӣ ҳар гуна хислатҳои ношоистаи одамон, ба монанди бевафоӣ, пастфитратӣ, бадахлоқӣ, бераҳмӣ, қаллобӣ ва ғайраҳоро маҳкум мекунад ва ба онҳо ҳамчун вафодорӣ,

http://edu.portal.uz

поктинатӣ, ростӣ, дӯст доштани ҳаёт ва зебоиҳои он, ахлоқи ҳамида барин хислатҳои неки инсониро муқобил мегузорад.

Инак, ҳангоми бо диққат аз назар гузаронидани ашъори лирикии Ҳилолӣ маълум мегардад, ки дар онҳо зимни масъалаҳои ишқӣ ва алоқамандона ба онҳо масъалаҳои дигаре ҳам ифода гардидаанд, ки дорои аҳамияти муҳимми иҷтимоӣ мебошанд:

Ҳар чӣ мегӯяд Ҳилолӣ дар баёни зулфи ӯ,
Ҳасби ҳоли тирабахту дилпарешони ман аст.

Ҳилолӣ дар ғазали дигар оҳи сӯзон доштани худро қайд карда, ғамашро ба кӯҳ ва худашро ба барги коҳи зери кӯҳи ғам монда монанд намуда, сахт эътироз мекунад, ки ин азоб то ба кай давом мекунад:

Гар дилам з-ин гуна оҳи дам ба дам хоҳад кашид,
Оташи пинҳони ман охир алам хоҳад кашид.
Зери кӯҳи ғам тани фарсуда коҳе беш нест,
Барги коҳе чанд, ё раб, кӯҳи ғам хоҳад кашид?

Шоир дар байти зерин изҳор мекунад, ки ӯ гирифтори ғамҳои беқиёс шудааст. Ғамҳои беҳадду канори вайро ба ягон чизе ва ё ба ғамҳои касони дигар монанд кардан ғайри имкон аст:

Ғами маро ба ғами дигарон қиёс макун,
Ки ман нишонаи ғамҳои беқиёс шудам.

Шоир барои раҳоӣ ёфтан аз дарду ғам чорачӯӣ мекунад:

Бо ҳар кӣ ҳаст, дарди диле арз мекунам,
Бошад, ки чораи дили маҳзун кунад касе –

мегӯяд шоир, вале чорае пайдо карда натавониста:

Чанд гӯйӣ, ки «Ҳилолӣ дигар аз дард манол»,
Ман аз ин дард ба фарёду фиғонам, чӣ кунам?
Гӯянд: «Нола чист, Ҳилолӣ? Хамӯш бош!,
Бо кӯҳи дарду меҳнати ҷонкоҳ чун кунам?

http://edu.tj.uz

гуфта, аз ҳисси ноилоҷӣ баъзан маъюс ва ҳатто аз зиндагии хеш безор ҳам мешавад:

Он, ки аз дарди дили худ ба фиғон аст, манам,
В-он, ки аз зиндагии хеш ба ҷон аст, манам.

Дар қитъаи дигар шоир ба тарзи кинояву тамасхур шикоят мекунад, ки «гавҳари ҷуди илоҳӣ» – саховату меҳри илоҳӣ фақат ба одамони давлатманд, яъне ба онҳое, ки зиндагии хубу хуш доранд, тааллуқдор будааст. Одамони оддӣ бо вуҷуди гирифтори ранҷу ғам будан, набояд шикоят кунанд, балки ҳар хориву сахтӣ ва бадбахтиҳои ба сарашон омадаро барои худ ҳамчун шараф қабул кунанд.

Эй хоҷа, мапиндор, ки мо гавҳари ҷудем,
В-ин ҳуққаи фирӯзаи гардун садафи мост.
Мо ҳеҷ касонем, ки бар мо зи ҳама халқ,
Хорӣ расиду он ба ҳақиқат шарафи мост!
Аз неку бади мардуми айём нанолем,
Эшон ҳама неканд, бадӣ аз тарафи мост!

Ҳилолӣ дар рубоии зерин ба муқобили одамони беғам эътироз мекунад. Одамони беғам дар замонаи ӯ шахсони сарватманду бонуфуз буданд, ки зиндагонии хушҳолона дошта, ба камбағалони мӯҳтоҷу бенаво парвое надоштанд. Шоир чунин шахсони ноинсофро ҳатто одам ҳам намешуморад:

Дар олами бевафо касе хуррам нест,
Шодиву нишот дар бани одам нест.
Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

Ҳилолӣ дар муҳити тираву тор барои худ ҳомӣ ва ғамгусоре пайдо карда натавониста, аз бекасӣ такрор-такрор шикоят мекунад. Аз ҷумла, вай дар яке аз рубоиҳои худ чунин менависад:

Кас нест аниси дили ғампарвари ман,
То пок кунад ашк зи чашми тари ман.
Сӯям ҳама оби чашм меояду бас,
Он низ равон мегузарад аз бари ман.

http://eduportal.uz

Дар ғазали дигар гуфтааст:

Ҳоли мани дилхаста хароб аст, Ҳилолӣ,
Озурда диле дораму ғамхор надорам.

Мавзӯи дигаре, ки мо дар ғазалиёти шоир мебинем, ин тасвири табиат ва пеш аз ҳама манзараҳои зебои баҳор, айёми гулу лола мебошад. Алоқамандона ба ин мавзӯъ масъалаи май ва майгусорӣ низ инъикос ёфтааст:

Омад баҳору хуш дилам аз рангу бӯйи гул,
Он беҳ, ки май кашам ду – се рӯзе ба рӯйи гул...
Дид он ду рух Ҳилоливу осудадил нишаст,
Аз чустучӯйи лолаю аз гуфтугӯйи гул.

Афкори тарбиявӣ-алоқӣ дар ашъори лирикии шоир нисбатан кам ба назар мерасанд. Дар ин қисмати мавзӯи лирикаи худ шоир асосан ба соҳибмансабон, давлатмандон панд дода, онҳоро ба адлу инсоф ва раҳмдиливу саховатмандӣ даъват мекунад. Ин фикри шоир дар байтҳои зерини яке аз ғазалҳои ӯ чунин ифода ёфтааст:

Хушо касе, ки дар ин олами харобобод
Асоси зулм фиканду бинои дод ниҳод...
Тавонгаре, ки дари хайр бар фақирон баст,
Даре зи олами боло ба рӯйи ӯ накшод.
Касе, ки ёфт бар аҳволи зердастон даст,
Ба зулм агар наситонад, худош хайр диҳод...

Ҳилолӣ дар айни ҳол ба масъалаи бартараф намудани зулму ситам ва беҳтар кардани аҳволи сахти фуқарои камбағал бо мақсаду мароми хоса наздик мешавад. Ба ақидаи ӯ, чунон ки аз байтҳои боло аён мегардад, гӯё золимон агар зулм накунанд ва давлатмандон нисбат ба фақирон раҳмдилу босаховат бошанд, нуқсонҳои замон ислоҳ мешудааст. Ҳилолӣ нағз мефаҳмид, ки ин орзуву хоҳишҳои ӯ ичро нашавандаанд. Бинобар он, ғам хӯрдани худро як кори беҳуда ва беманфиат медонад.

Ғам хӯрдани ман, ки заҳр хӯрдан беҳ аз ӯ,
Талх аст чунон, ки заҳр хӯрдан беҳ аз ӯ.
Умре ки ба ин меҳнату талхӣ гузарад,
Биллаҳ, ки ҳазор бор мурдан беҳ аз ӯ.

http://elibportal.uz

Ба ин тариқ, Ҳилолӣ дар ғазалиёти худ зимни мавзӯи асосии он дарди ишқ ва масъалаҳои ба он алоқаманд, инчунин дар баъзе қитъаву рубоиҳои алоҳида, ки миқдоран онҳо зиёд нестанд, ба як қатор масъалаҳои зиндагии иҷтимоӣ дахолат намуда, дар онҳо ҳамчун ҳомӣ ва тарафдори одамони одии меҳнаткаш бар зидди нобаробарӣ, беадолатӣ ва зулму истибдоди замонааш баромад мекунад.



Савол ва супоришот:

1. **Аз Ҳилолӣ то ба мо чӣ гуна мероси адабӣ боқӣ мондааст?**
2. **Лирикаи Ҳилолиро асосан кадом жанри шеърӣ ташкил менамояд?**
3. **Аз ғазалҳои Ҳилолӣ интихобан аз ёд намоед ва онҳоро шарҳ диҳед.**

Хусусиятҳои асосии лирикаи Ҳилолӣ

Дар лирика Ҳилоӣ беҳтарин анъанаҳои устодони гузаштаро бо муваффақият давом додааст. Агар дар таълифи маснавӣ ба Низомӣ ва Хусрави Деҳлавӣ пайравӣ карда бошад, дар ғазал пайрави Камоли Хуҷандӣ мебошад.Ин маънӣ аз порчаҳои зерин, ки аз ду шоир оварда шудаанд, ба хубӣ равшан мегардад:

Камол:

Ёр гуфт: «Аз ғайри мо пӯшон назар».
Гуфтам: «Ба чашм!»
«В-он гаҳе дуздида бар мо менигар».
Гуфтам: «Ба чашм!»
Гуфт: «Агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар!»
Гуфтам: «Ба чашм!»

Ҳилолӣ:

Ёр гуфт: «Аз мо макун қатъи назар».
Гуфтам: «Ба чашм!».
Гуфт: «Қатъан ҳам мабин сӯйи дигар».
Гуфтам: «Ба чашм!»

http://edu.portal.uz

Гуфт: «Агар бо мо сухан дорӣ, ба чашми дил бигӯ,
То нагардад гӯши мардумро хабар»
Гуфтам: «Ба чашм!»

Чуноне ки дида мешавад, мазмун, вазн, қофияву радиф ва тарзи ифода дар ҳар ду порчае, ки дар боло оварда шуд, як хел аст. Ҷолиби диққат аст, ки ибораи «ба чашм» дар ҳар байти ҳар ду порча бо ду маънӣ – ҳам ба маънии қабул ва ҳам ба маънии аслиаш омадааст.

Инчунин, Ҳилолӣ дар лирика худро давомдиҳандаи равияи Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ мешуморад. Дар ин бора ӯ дар яке аз ғазалҳояш чунин гуфтааст:

Ҳилолӣ аз камоли шеър дорад мансаби шоҳӣ,
Ки сӯзи Хусрав асту нозукиҳои Ҳасан бо ӯ.

Хусрави Деҳлавӣ аз шоирони нозукбаёни адабиёти тоҷикзабони Ҳинд мебошад, ки ӯ ҳамчун Саъдии Ҳиндустон шӯҳрат пайдо кардааст. Ҳасани Деҳлавӣ ба монанди Камоли Хуҷандӣ дар масъалаи кор карда баромадани хусусиятҳои забониву услубии ғазал, мувофиқати радифу қофиябандӣ, интихоби вазнҳои муносиб, кор фармудани санъатҳои бадеӣ ва монанди инҳо хизмати калоне кардааст. Аз ин ҷост, ки Ҳилолӣ равияи дар лирика пешгирифтаи ин ду устоди ғазалро пайравӣ намудааст. Аз тарафи дигар бо роҳу равияи дар лирика касб намудаи Ҳилолӣ эҷодиёти устодони бузурги муосири ӯ – Ҷомӣ ва Навоӣ низ бетаъсир намондааст. Инро чанде аз ғазалҳои ба тарзи ғазалиёти Ҷомӣ ва ғазалҳои тоҷикии Навоӣ-Фонӣ сурудаи шоир тасдиқ мекунад. Дар баробари ин, Ҳилолӣ ба он муваффақ гардидааст, ки дар лирика сабку услуби ба худ хосеро нигоҳ дорад.

Беҳтариин хусусияти ашъори лирикии Ҳилолӣ иборат аз он аст, ки онҳо бар хилофи мураккабнависиҳои шоирони дарборӣ бо забони содда, услуби равон ва таркибҳои басо латифу ҷозибанок суруда шудаанд. Ҳилолӣ дар онҳо аз истифода намудани калимаҳои душворфаҳм, киноятҳои сарпечу ташбеҳҳои мураккаби аз ҳаёт дур худдорӣ намуда, кӯшиш намудааст, ки калимаву ибора ва воситаҳои тасвири

http://ziyouz.uz

кор фармудаи ӯ баробари зудфаҳму ҳаётӣ будан, хонандаву шунавандаро ба вақд меоварад. Барои мисол ғазали зеринро аз назар мегузаронем:

Рӯзи наврӯз аст, сарви гулъузори ман куҷост?
Дар чаман ёрон ҳама ҷамъанду, ёри ман куҷост?
Гашта мардум ҳар яке имрӯз сайди чобуке,
Чобуки сайдафкани мардумшикори ман куҷост?
Нест як соат қарор ин ҷони беоромро,
Ё раб, он ороми ҷони беқарори ман куҷост?
Сӯхт аз дарди ҷудоӣ дил ба уммеди висол,
Марҳами доғи дили уммедвори ман куҷост?
Рӯзгоре шуд, ки дур афтодаам, охир бипурс,
К-он сияҳрӯзу парешонрӯзгори ман куҷост?
Буд умре бар сари кӯят, Ҳилолӣ, хоки роҳ,
Соате, эй маҳ, нагуфтӣ хоксори ман куҷост?

Дар ин ғазал, навъе ки дида мешавад, ба ғайр аз калимаи «гулъузор», ки фаҳмидани маънои он ҳам чандон душвор нест, дигар калимаҳои аз зеҳни хонанда дур дучор намеоянд. Дигар ин, ки ба ҳамоҳангӣ ва таносуби байни калимаву ибораҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст. Шоир дар ғазали мазкур боз як санъаткории дигареро кор фармудааст, яъне ӯ баъзе калимаҳои дар мисраи аввали байтҳо ҷойдоштаро дар мисраи дуюми ҳамон байтҳо такроран меоварад. Калимаҳои «сайд» ва «чобук»-и мисраи аввали байти дуюм, калимаҳои «ҷон» ва «ором»-и мисраи аввали байти сеюм, калимаҳои «дил» ва «уммед»-и мисраи аввали байти чорум, калимаи «рӯзгор»-и мисраи аввали байти панҷум ва калимаи «хок»-и мисраи аввали байти шашум дар мисраи дуюми ҳамон байтҳо бо тағйироти таркибӣ такрор омада, боиси барҷаста ифода гардидани ҳиссиёти шоир ва хушоҳангии ғазали мазкур шудаанд. Соддабаёнӣ ва равонию оҳангнокӣ танҳо хоси ғазали боло набуда, балки ба дигар шеърҳои лирикии шоир низ тааллуқ доранд.

Инчунин дар лирикаи Ҳилолӣ образнокӣ, бо маҳорати баланд кор фармуда шудани санъатҳои бадеии назми классикӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, тавсиф, тазод, муболиға, таҷнис, талмеҳ ва ғайра низ ҷолиби диққат аст.

Яке аз хусусиятҳои хоси лирикаи Ҳилолӣ халқӣ будани он мебошад. Ҷиҳатҳои халқии лирикаи Ҳилолӣ бештар дар он зоҳир мегардад, ки ҳиссиёт ва ақидаву андешаҳои шоир ба мафкураи халқ зич алоқаманд буда, ба таври ҳақиқатнигорона ва табиӣ тасвир шудаанд. Илова ба соддагию равонии услуб, дар мавқеъҳои мувофиқ устодона кор фармуда шудани мақолу ибораҳои халқӣ боиси боз ҳам афзудани халқияти лирикаи шоир гардидаанд. Ҳилолӣ мақол ва ибораҳои халқиро гоҳо бо андаке тағйирот ва гоҳо айнан истифода намудааст.

Чунончи, ӯ мақоли халқии **«кори имрӯзаро ба фардо магузор»**-ро дар байти зерин чунин овардааст:

Рӯзи васли туст имрӯз, фидои ту шавам,
Кори имрӯз нашояд, ки фардо афтад.

Ё худ мақоли халқии **«чӯянда ёбанда аст»**-ро Ҳилолӣ чунин кор фармудааст:

Касон гӯянд: «Ҳар чӯяндае ёбанда мебошад»,
Туро мечӯяму ҳаргиз намеёбам, чӣ ҳол аст ин?

Ин гуна мисолҳоро дар эҷодиёти шоир хеле бисёр дарёб кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар лирикаи Ҳилолӣ пеш гирифта шудани тасвири ҳақиқатнигорона, тарзи ифодаи равон, устодона кор фармуда шудани намудҳои гуногуни санъатҳои бадеӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шоир дар сурудани шеърҳои лирикӣ, дар ҳақиқат, соҳиби маҳорати баланд будааст ва дар ин роҳ аз бисёр муосирони худ пеш рафтааст. Бинобар ин ҳам, бисёр ғазалҳои Ҳилолӣ ба сурудҳои дилкаши халқ табдил ёфта, онҳоро овозхонон бо шавқи тамом месароянд. Бисёр ғазалҳои Ҳилолӣ дар оҳангҳои гуногуни «шашмақом» садо медиҳанд ва имрӯз ҳам он аз ҷониби ҳофизон иҷро карда мешаванд. Бисёр шоирони асрҳои сонӣ ба ғазалҳои Ҳилолӣ мухаммасҳо бастаанд. Ин аст яке аз ҷиҳатҳои назарраси халқияти эҷодиёти Ҳилолӣ.

http://eduportal.uz



Савол ва супоришот:

1. **Ҳилолӣ дар лирика ба кадом шоирони пешгузашта пайравӣ намудааст?**
2. **Ҳасани Деҳлавӣ кист? Чаро Ҳилолӣ дар лирика ба ӯ пайравӣ намудааст?**
3. **Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар лирикаи Ҳилолӣ чӣ тавр кор фармуда шудааст?**
4. **Чаро бисёр ғазалҳои Ҳилолӣ ба оҳанги «Шашмақом» дохил карда шудааст?**
5. **Кадом ғазалҳои Ҳилолиро дар иҷрои кадом овозхонон шунидаед?**
6. **Кадом шоирон ба ғазалҳои Ҳилолӣ мухаммасҳо бастаанд?**
7. **Ғазалеро, ки бо байти**

Тарки ёрӣ кардию ман ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷонию аз ҷон дӯсттар дорам туро –

оғоз меёбад, аз ёд карда, дар кадом оҳанг иҷро шудани онро муайян намоед.

Маснавиҳои Ҳилолӣ

«Шоҳу Дарвеш». Ҳилолӣ аввал маснавии «Шоҳу Дарвеш» (ё «Шоҳу Гадо») ва баъд аз он маснавии «Сифот-ул-ошиқин»-ро таълиф намудааст. Дар ин бора худи Ҳилолӣ дар боби охирини маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун» чунин мегӯяд:

Аввал сухане ки гуфт аз ин пеш,
Афсонаи Шоҳ буду Дарвеш
Зебо гуҳаре зи баъди он суфт,
Назме зи сифоти ошиқон гуфт.

Таърихи таълифи маснавии «Шоҳу Дарвеш» аниқ маълум нест. Маснавии «Сифот-ул-ошиқин»-ро Ҳилолӣ дар соли 913 ҳ. (1507–1508) таълиф мекунад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки «Шоҳу Дарвеш» то соли 1508 навишта шудааст. Ҳилолӣ ба таълифи «Шоҳу Дарвеш» баъд аз он шурӯъ намудааст, ки баъзе аз шоирони маснавигӯ Ҳилолиро дар ғазалсароӣ даст дошта бошад ҳам, вале дар достоннависӣ қобилият надорад, гуфта маломат карданӣ шуданд. Дар ин бора худи Ҳилолӣ гуфтааст:

http://edu.portal.uz

Буд шахсе ба маснавӣ машҳур,
Дар фунуни сухан ба худ мағрур.
Лек фанни ғазал наварзида,
Ҳама гирди фасона гардида.
Гуфт: «Оре, агарчи бебадал аст,
Шеваи шеъри ӯ ҳамин ғазал аст,
Нест ӯро зи маснавӣ хабаре,
Дар раҳи мо зи пайравӣ асаре».
Бетааммул аз он миён ҷастам,
Бо тааммул миёни худ бастам.
Бозуи фикрро қавӣ кардам,
Рӯй дар фикри маснавӣ кардам...

Маснавии «Шоҳу Дарвеш» аз 1144 байт ва 28 боб иборат мебошад. Се боби аввали он ба мадҳу санои анъанавӣ, боби IV ба таълифи сухан ва боби V ба сабаби таълифи асар бахшида шудааст. Аз боби VI қисми асосии достон шурӯъ мешавад ва ин боб «Оғози достони ишқи Шоҳу Дарвеш» ном дорад. Мундариҷаи он муносибати Шоҳ бо Гадост.

Дарвеше шоҳро дӯст медорад. Шоҳ ба ивази хизмат ва фидокориҳои Дарвеш ва аз табақаи поён будани вай нигоҳ накарда, ӯро яке аз наздикони худ мегардонад:

Рӯзу шаб роздори ҳам буданд,
То дами марг ёри ҳам буданд.

Маснавии «Шоҳу Дарвеш»-и Ҳилолӣ аз нуқтаи назари мавзӯъ як асари нав нест. Пеш аз Ҳилолӣ шоири нимаи аввали асри XV Орифӣ (вафоташ соли 1449) бо унвони «Гӯю Чавгон» асаре таълиф намудааст, ки дар он ҳам сухан дар бораи муносибати Шоҳ бо Гадо меравад. Вале дар асари Орифӣ Дарвеш аз касони наздики Шоҳ нагардида, бо фармони Шоҳ ба қатл расонида мешавад ва бо ин бо ҳам наздик шудани намояндагони ду табақаи иҷтимоӣ – табақаи боло бо табақаи поён аз байн меравад. Дар достони Ҳилолӣ бошад чуноне, ки дар боло зикр шуд. Дарвеш бо Шоҳ наздик мешавад ва Ҳилолӣ бо ин ҳудуди табақавии ҷамъиятиро вайрон кардааст. «Шоҳу Дарвеш»-и Ҳилолӣ аз ҷиҳати ғоя нисбат ба дигар маснавиҳои ӯ ба дараҷаи паст меистад. Зеро Ҳилолӣ дар ин маснавии худ ҳудуди

http://edu.portal.uz

табақавии ичтимоиро на ба воситаи сурудани ишқи табии байни марду зан, балки ба воситаи тасвир намудани ишқи байни марду мард (Шоҳу Дарвеш) тасвир кардааст. Дигар ин, ки мазмуну мундариҷаи ин маснавӣ бештар сӯфиёна мебошад. Маснавӣ бо вазни хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф навишта шудааст.

«Сифот-ул-ошиқин». Ин маснавии Ҳилолӣ асари тарбиявӣ-ахлоқӣ буда, бо мазмуни ғоявии худ аз «Шоҳу Дарвеш» баланд меистад ва дар эҷодиёти шоир мавқеи муҳимеро ишғол мекунад. Ҳилолӣ дар ин маснавӣ дар ифода намудани афкори фалсафию назарӣ ба маснавии «Махзан-ул–асрор»-и Низомии Ганҷавӣ ва «Матлаъ-ул-анвор»-и Хусрави Деҳлавӣ, дар баёни ақидаҳои ахлоқию тарбиявӣ ба «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ пайравӣ намудааст. Инро худи Ҳилолӣ чунин қайд мекунад:

Ба васфи ошиқон дафтар кушодам,
«Сифот-ул – ошиқин» номаш ниҳодам.
Навиштам номае дар некномӣ,
Ки Хусрав офарин карду Низомӣ.

Калиди «Махзан–ул-асрор» бо ӯст,
Фурӯғи «Матлаъ-ул-анвор» бо ӯст.
«Гулистон»-ест дар вай «Бӯстон»-ҳо.
Дар авроқаш ҳазорон достонҳо...

Дар ҳақиқат, «Сифот-ул ошиқин» ба монанди «Махзан-ул-асрор» ва «Матлаъ-ул-анвор» дорои сужети ягона нест. Он аз бист боб иборат буда, зиёда аз 2400 мисраъро дар бар мегирад. Ҳар як боби он ба тавсифи яке аз хислатҳои хуби инсонӣ ба монанди сидқ, вафо, хулқи хуш, карам, шуҷоат, мардӣ, ҳиммат, эҳсон, тавозӯъ, зарари такаббурӣ, одоб, ҳаё, сабр, шукр, таваккул, қаноат, камхӯрӣ ва зарари баднафсӣ, шикампарастӣ, камгӯӣ, камхобӣ ва ғайра бахшида шудааст. Инчунин дар ин асар ақидаҳои фалсафию тасаввуфии Ҳилолӣ ва фикру мулоҳизаҳои ӯ дар бораи адолат ва корҳои мамлакатдорӣ ифода ёфтааст.

Беҳтарин хусусияти «Сифот – ул-ошқин» аз он ибрат аст, ки Ҳилолӣ дар ин асар дар замони тираи рӯзгораш як қатор

http://eduportal.uz

масъалаҳои муҳими тарбиявии ахлоқиро далерона баланд бардошта, ақидаҳои хуби инсонпарварона шоирони пеш гузаштаро давом додааст. Ӯ дар афкори тарбиявӣ-ахлоқии худ ҳамчун як нафар ҳомӣ ва ғамхори халқи меҳнатӣ сар бардошта рафтору кирдори ношоистаи аҳли зулму ситамро маҳкум менамояд. Масалан, вай дар боби 8, ки дар бораи эҳсон аст ба аҳли зулму ситам хитобан чунин мегӯяд:

Ситамгоро! Ба эҳсон хӯ накардӣ,
Ҳама бад кардию некӯ накардӣ.
Ҷафокорӣ макун в-аз муҳсинон бош!
Чунин то чанд бошӣ, ончунон бош!
Чу бинӣ тирабахтеро сияҳрӯз,
Шабашро чун маҳ аз курсе барафрӯз.

Ба ин навъ, Ҳилолӣ дар «Сифот-ул-ошиқин» ғояҳои некӯкории инсонро ба муҳит ва ҳаёти тираи замони худ вайронии ахлоқ, зулм ва монанди инҳо муқобил гузоштааст. Вале фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқии шоир дар бисёр мавридҳо бо масъалаҳои динӣ-тасаввуфӣ вобаста карда мешавад. Ин ба он далолат мекунад, ки Ҳилолӣ ҳам дар таълифи «Сифот-ул-ошиқин» аз ақидаҳои тасаввуфии замони худ дар канор намондааст.



Савол ва супоришот:

1. **Ҳилолӣ чанд маснавӣ навиштааст ва онҳо кадомҳоянд?**
2. **Мавзӯи маснавии «Шоҳу Дарвеш» аз чӣ иборат аст?**
3. **Маснавии «Сифот-ул-ошиқин» дар пайравии кадом достонҳои шоирони мумтоз навишта шудааст?**
4. **Дар маснавии «Сифот-ул-ошиқин» кадом хусусиятҳои инсонӣ ситоиш карда шудааст?**
5. **Оид ба мавзӯъ ва ғояи ин маснавӣ иншо нависед.**

ДОСТОНИ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

«Лайлӣ ва Маҷнун» маснавии сеюми Ҳилолӣ буда, дар соли (928 ҳ) 1521–1522 м. таълиф гардидааст ва чуноне ки аз номаш маълум мегардад, ҳамон қиссаи деринаи ишқи

http://edu.portal.uz

нокоми Лайлӣ ва Маҷнун аст, ки мо онро дар эҷодиёти Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигарон мушоҳида мекунем. «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳилолӣ зиёда аз 3500 мисраъро дарбар мегирад ва аз 34 боб иборат аст. Шоир панҷ боби аввали достонро ба ҳамду наът бахшидааст. Боби VI-и достон насиҳат ба фарзанди арҷманд буда, характери пандомӯзӣ дорад ва шоир дар он ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва омӯхтани илму ҳунарро тарғиб менамояд. Шоир ба фарзанди азизи худ насиҳат мекунад, ки боодоб бошад ва умри худро беҳуда нагузаронида, ба омӯхтани илму ҳунар ва ба амал татбиқ намудани он бубахшад:

Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.
Сармояи умр бас азиз аст,
Дарёб, ки ин нафас азиз аст...
Умре, ки баҳо бувад гаронаш,
Бо ҳар баду нек магзаронаш.
Дар коргаҳе чунин дилафрӯз,
Коре куну пешае биёмӯз...
Бояд зи дари талаб дароӣ,
Аз раҳгузари адаб дароӣ...
Дар илм ба нияти амал кӯш,
То заҳри ту з-ин амал шавад нӯш.
Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.
Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад...
Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.

Ин гуфтаҳои шоир дорои аҳамияти муҳими тарбиявӣ буда, то ҳол қимати худро гум накардаанд. Ҳилолӣ дар хотимаи достон низ бар зидди роҳи пешгирифтаи намояндагони адабиёти маддоҳии дарборӣ баромада, шоирони тамаъкорро, ки ҳукмронони ҷоҳилро бардурӯғ мадҳ мекарданд, сахт мазаммат мекунад:

http://eduportal.uz

Ҳайф аст, ки номаҳои номӣ,
Гардад зи тамаъ хати ғуломӣ!
Афсӯс, ки фозилони олам,
Бар сифла ниҳанд номи Ҳотам.
Сад ҳайф, ки шоирони фозил,
Аллома кунанд васфи ҷоҳил!
Безорам аз ин дурӯғ гуфтан,
В-ин гавҳари бефурӯғ суфтан!..
Гирам, сила сад хазина бошад,
Кай дархӯри як сафина бошад!

Дар ҳақиқат, Ҳилолӣ ягон достони худро ба касе набахшидааст.

Сужети достон. Ин достон низ ҳамчун достонҳои ҳамноми пешина дар асоси мазмуни афсонаҳои қадимаи халқҳои машриқзамин доир ба ишқи Лайлӣ ва Маҷнун офарида шудааст.

Мири араб фарзанди хурдсоли худ Қайсро ба мактаб медиҳад. Ӯ дар мактаб ба Лайлӣ ошиқ мешавад. Лайлӣ ҳам ба ӯ дил мебандад. Аз муҳаббати ин ду ҷавон модари Лайлӣ воқиф гардида, ба мактаб рафтани духтарашро манъ мекунад. Қайс аз Лайлӣ ҷудо шуда, дар фироқи вай хеле ғамгин ва ошуфта мегардад. Одамон ӯро Маҷнун, яъне девона мегӯянд. Падари Қайс аз ин ҳол хабар ёфта, ба ӯ насиҳат мекунад, ки аз ишқи Лайлӣ даст кашад. Вале Маҷнун панди падарро намегирад. Як рӯз Маҷнун дар либоси дарвешӣ чун гадое ба хонаи Лайлӣ меравад. Лайлӣ овози Маҷнунро шунида, ба пешвози ӯ мебарояд. Маҷнун аз дидани Лайлӣ беҳуш гардида, ба замин меафтад. Лайлӣ бо меҳрубонӣ дасти ӯро гирифта бармехезонад. Маҷнун остонаи хонаи Лайлиро бӯсида пас мегардад. Баъди ин дарди ишқи Маҷнун боз ҳам сахттар шудан мегирад. Ниҳоят, Маҷнун аз наздиконаш дур шуда, ба дашту биёбонҳо баромада меравад. Падараш бо маслиҳати як пири хирадманд Маҷнунро ёфта, ба рӯйи синаи ӯ номи Лайлиро нависта, дар хонааш сурати Лайлиро мекашонад. Маҷнун ба расми Лайлӣ овора шуда, чанд рӯз дар хонаи падар мемонад.

Лекин боз дар ҷустуҷӯйи Лайлӣ шуда, ба кӯҳи Наҷд баромада меравад ва бо ҳайвонҳои ваҳшӣ унс мегирад. Лайлӣ

http://edu.ziyonet.uz

бо баҳонаи зиёрати мазоре аз хона берун шуда, бо Маҷнун вомехӯрад ва пас аз муддате бо ӯ будан, бармегардад. Падари Маҷнун бо ду-се наздикони худ ба ҷустуҷӯйи Маҷнун баромада, ӯро аз кӯҳи Наҷд пайдо мекунад ва «Лайлӣ ба хонаи мо омадааст», гӯён ӯро бо фиребе ба хона меорад ва поҳояшро занҷирбанд карда, ба назди табибе мефиристанд. Табиб мегӯяд, ки ягона давои дарди Маҷнун ба висоли маъшуқааш, яъне Лайлӣ расидани ӯ мебошад. Падари Маҷнун ба ҳамроҳии чанд каси дигар ба назди падари Лайлӣ ба хостгорӣ меравад. Лекин падари Лайлӣ хоҳиши онҳоро қабул намекунад. Маҷнуни ноумед боз рӯ ба кӯҳу биёбон мениҳад. Ин дам сардори яке аз қабилаҳо Ибни Салом ном як шахси давлатманд барои писараш ба Лайлӣ хостгор мефиристад. Падари Лайлӣ ба ин розӣ мешавад ва розигии духтарашро низ мепурсад. Ин хабарро Лайлӣ шунида, бар хилофи хоҳиши падар мебарояд ва мегӯяд, ки ба ғайр аз Маҷнун ӯ дигар касеро ихтиёр намекунад. Пирзоле ба Маҷнун хабари дурӯғеро расонида, мегӯяд, ки «Лайлӣ барои ба каси дигар ба шавҳар баромадан розӣ шудааст», Маҷнун ба Лайлӣ мактуб навишта, ӯро ба бевафогӣ сарзаниш мекунад. Лайлӣ дар номаи ҷавобии худ дар роҳи ишқ содиқ буданашро изҳор мекунад. Як рӯз Маҷнун саги Лайлиро дучор омада, ӯро ба оғӯш мегирад ва навозиш мекунад. Инро падари Маҷнун дида, писарашро ба зиёрати Каъба бурданӣ мешавад. Вале Маҷнун боз ҳам бадтар девона гардид ва аз ин ҳол падараш ошуфтатар шуда ба қабилаи худ бармегардад. Қабилаи Лайлӣ ба сафар мебарояд ва дар роҳ шутури Лайлӣ аз корвони қабила ҷудо шуда, ӯро ба назди Маҷнун мебарад. Онҳо як шабро бо ҳам мегузаронанд. Лайлӣ ба Маҷнун таклиф мекунад, ки якҷоя гурезанд, лекин Маҷнун ба ин розӣ намешавад. Вай Лайлиро шарманда кардан намехоҳад. Пагоҳӣ Лайлӣ ба қабилаи худаш пас мегардад ва ваъда медиҳад, ки боз меояд. Маҷнун як сол дар ҳамон ҷо интизори Лайлӣ мешавад ва аз беҳаракатӣ ҳатто паррандаҳо болои сари ӯ лона мегузоранд. Шоҳи як қабилаи дигар, ки Навфал ном дошт, ҳангоми шикор Маҷнунро дар ин ҳолат дучор омада. Аз таърихи ишқи вай огоҳ мегардад. Ӯ ваъда медиҳад, ки

Маҷнунро ба висол мерасонад ва бо ин мақсад ба падари Лайлӣ мактубе мефиристад. Вай талаб менамояд, ки барои ба мақсад расонидани ду ҷавони дилдода розӣ шавад. Лекин падари Лайлӣ хоҳиши ӯро рад мекунад. Навфал бар зидди қабилаи Лайлӣ ҷанг сар мекунад. Дар ҷанг Навфал ғалаба мекунад ва Лайлиро бо чанд нафар наздиконаш ба асирӣ гирифта ба назди Маҷнун мефиристонад. Вале Маҷнун мегӯяд, ки то қабилаи Лайлӣ ба ақди никоҳи онҳо розӣ набошанд, Лайлиро бо зӯрӣ қабул намекунад. Навфал Лайлӣ ва асирони дигарро ҷавоб медиҳад. Қабилаи Лайлӣ аз ин рафтори Маҷнун хабардор шуда қарор медиҳад, ки онҳоро бо ҳам якҷоя намоянд. Ин хабар падари Маҷнунро шод мегардонад ва бо иштироки ду қабила тӯй барпо мекунад. Аммо дар айни қиёми тӯй Лайлӣ ва Маҷнун ба ҳам нигариста, фарёде мекашанду ҳар ду ҳам шодимарг мешаванд. Тӯй ба азо табдил ёфта Лайлӣ ва Маҷнунро дар як қабр мегузоранд.

Образи Лайлӣ. Дар тасвири Ҳилолӣ Лайлӣ духтари соҳибҷамолу боақл, вафодору далер, соҳиби муҳаббати самимӣ ба назар мерасад. Ӯ ба ҳама гуна маҳрумиятҳои занону духтарони Шарқи исломӣ бепарвоёна назар мекунад. Ӯро на манъи падар, на суханони модар ва на таъсири пурзӯри қувваи дину расму оин ва на ҳарос аз нангу номус аз иродааш, аз роҳи ишқи пок нигоҳ дошта наметавонад. Вақте ки падараш ӯро ба писари Ибни Салом доданӣ мешавад, ӯ сахт эътироз мекунад:

Ин кор мувофиқи қазо нест,
В-ар ҳаст, маро ба ин ризо нест.
Гар Ибни Салом ҷумла ком аст,
Бо ӯ на алайку на салом аст.
Бояд, ки саломи ман нагӯяд,
В-ар гуфт ҷавоби худ наҷӯяд...
Дар боғи биҳишт бошадаш кӯй,
Ман сӯйи ҷаҳаннам оварам рӯй.
Гар кӯза кунад зи хокаш афлок,
Дил об намехӯрад аз он хок.
В-ар хоки маро фалак бибезад,
Як зарра ба он тараф нарезад.

http://eduportal.uz

Аз зери ҳарамсарои гардун,
Бо кас наравам, магар ба Маҷнун...
Ман Лайлиям аз барои Маҷнун,
Лайлӣ чӣ кунад барои Маҷнун.

Ҳамин тавр, Лайлӣ духтари далер, соҳиби иродаи мустаҳкам ва бовафову меҳрубон буда, ба воситаи образи ӯ шоир ба муқобили зулму тааддӣ ва беҳуқуқии занони замони худ эътироз баён мекунад.

Образи Маҷнун. Дар достони Ҳилолӣ Маҷнун ҳам ба монанди Лайлӣ бовиҷдону поктинат, хирадманд бовафо ва дорои сифатҳои хуби инсонӣ тасвир шудааст. Вақте ки падараш аз муҳаббати Лайлӣ даст кашидани писарашро талаб мекунад, хоҳиши ӯро рад менамояд. Вай ба ҳар васила кӯшиш менамояд, ки ба висоли Лайлӣ расад. Лайлӣ ва шарафи ӯ барои Маҷнун аз ҳама чиз пурқимат аст. Бинобар ин вақте ки Лайлӣ бо ҳам гурехтанро таклиф мекунад, ба ин хоҳиши ӯ розӣ намешавад ва инро нанг медонад:

Тарсам, ки миёни ҷамъи авбош,
Ин қисса ба тӯҳмате шавад фош.
Дар маъракаҳо фасона гардад,
Дар майкадаҳо тарона гардад.
Хуш нест зи ҳар хасею хоре,
Бар домани иззатат ғуборе.

Ҳангоме ки Навфал аз болои қабилаи Лайлӣ ғолиб омада, Лайлиро ба асирӣ мегирад, Маҷнун имконият пайдо мекунад, ки бо Лайлӣ хонадор шавад. Вале Маҷнун дар ин ҳолат ҳам худдорӣ мекунад. Зеро вай мехоҳад, ки муҳаббати поки онҳо на ба воситаи ҷангу зӯрӣ, балки ба тариқи қонунӣ эътироф карда шавад:

Васле, ки ба зӯри ҷанг бошад,
Номест, ки ҷумла нанг бошад.
Бе майлу ризои қавми Лайлӣ,
Моро набувад ба васл майле...

Аз ин гуфтаҳои Маҷнун то чӣ андоза дурандешу бозаковат будани Маҷнун ва нисбат ба одамон ҳурмати бузург

http://elibrary.tsl.uz

доштани ӯ равшан зоҳир мегардад. Шоир ба воситаи образи Маҷнун бар зидди беадолатиҳои замонааш баромада, поктинатию сулҳпарвариро тарғиб менамояд.

Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» боз образҳои дигаре амал менамоянд, ки шоир ба воситаи онҳо хислатҳои қаҳрамонони асосии достонро возеҳу равшантар кушода додааст. Аз ҷумлаи чунин нақшҳо Навфал, падари Маҷнун сазовори эҳтиром бошад, падари Лайлӣ, Ибни Салом, Пирзол бар хилофи онҳо ҳамчун шахсони ҷоҳил тасвир карда шудаанд.

Баъзе хусусиятҳои бадеии достони «Лайлӣ ва Маҷнун»

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳилолӣ ба достонҳои ҳамноми Низомӣ ва Хусрави Деҳлавӣ як навъ тақлид набуда, балки дар он эҷодкории муаллиф хеле барҷаста ба назар мерасад. Ҳилолӣ сужети ин достонро аз нав кор карда, ба он то андозае мазмуни ғоявии тоза бахшидааст. Ин, пеш аз ҳама, дар ҷаҳонбинӣ, амалиёт ва рафтору кирдори қаҳрамонҳои асосии достон – Лайлӣ, Маҷнун ва образи Навфал зоҳир мегардад.

Тафовути байни ин достонҳо на танҳо дар хислату амалиёти нақшҳо ва инъикоси воқеаҳо, балки дар хусусиятҳои забониву услубӣ ва тарзи кор фармуда шудани воситаҳои тасвири бадеӣ низ мушоҳида мешавад. Достони Ҳилолӣ бо соддагӣ ва равонии забони худ ҷолиби диққат аст. Шоир дар ин достони худ санъатҳои бадеии адабиёти мумтозро хеле устокорона истифода бурдааст.

Чунончи, дар достон истифодаи санъати тазоду муқобила низ боиси ба таври возеҳу равшан ифода ёфтани ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳои асар гардидаанд. Дар порчаи зерин дар ҳар байт ду ҳолати ба ҳам зид ва акси якдигарии Лайлӣ ва Маҷнун тасвир шудааст:

Лайлию карашма бар карашма,
Маҷнуну ду чашм чун ду чашма.
Лайлию ба дил ҳазор роҳат,
Маҷнуну ба сина сад ҷароҳат.
Лайлию аҷаб рухи чу моҳе,
Маҷнуну аҷаб шаби сиёҳе.

http://edu portal.uz

Ҳамин тариқ, санъатҳои бадеии дар достон кор фармудаи Ҳилолӣ барои тасвир намудани ишқи нокоми Лайлӣ ва Маҷнун хизмат кардаанд.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳилолӣ низ ҳамчун достонҳои ҳамноми Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Навоӣ дар вазни «ҳазаҷи мусаддаси акраби мақбузи маҳзуф» (мафъӯлу мафоилун, фаӯлун) навишта шудааст.



Савол ва супоришот:

1. **Ҳилолӣ достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро дар пайравии достонҳои ҳамноми кадом шоирон навиштааст?**
2. **Хусусияти пандомези достон дар кадом боби он чӣ тавр ифода гардидааст?**
3. **Сужети мухтасари достонро гуфта диҳед.**
4. **Доир ба хусусиятҳои образҳои асосии достон иншо нависед.**
5. **Хусусиятҳои бадеии достон аз чӣ иборат аст?**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ҷон хуш аст...

Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,
Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро.
Ман чӣ гӯям, к-он чунон бошад, ки ҳадди ҳусни туст?
Ҳам ту худ фармо ки чунӣ, то чунон гӯям туро.
Ҷони ман, бо он, ки хос аз баҳри рафтан омадӣ,
Соате биншин, ки умри ҷовидон гӯям туро.
То рақибонро набинам хушдил аз ғамҳои хеш,
Аз ту бинам ҷавру бо худ меҳрубон гӯям туро.
Баски мехоҳам, ки бошам бо ту дар гуфтушунид,
Як сухан гар бишнавам, сад достон гӯям туро.
Қиссаи душвори худ пеши ту гуфтан мушкил аст,
Мушкиле дорам, намедонам чӣ сон гӯям туро.
Хуштар аз меҳр аст ҳар ҷавре, ки бо ман мекунӣ,
Моҳи ман, хуш нест, гар номеҳрубон гӯям туро.
Ҳар куҷо рафтӣ, Ҳилолӣ, оқибат расво шудӣ,
Ҷойи он дорад, ки расвои ҷаҳон гӯям туро.

http://edu.portal.uz

Тарки ёрӣ кардию

Тарки ёрӣ кардию ман ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷонию аз ҷон дӯсттар дорам туро.
Гар ба сад хори ҷафо озурда созӣ хотирам,
Хотири нозук ба барги гул наёзорам туро.
Қасди ҷон кардӣ, ки яъне даст кӯтаҳ кун зи ман,
Ҷон зи каф бигзораму аз даст нагзорам туро.
Гар бурун оранд ҷонамро зи хилватгоҳи дил
Нест мумкин, ҷони ман, к-аз дил бурун орам туро.
Як-ду рӯзе сабр кун, эй ҷони бар лаб омада,
З-он, ки хоҳам дар ҳузури дӯст биспорам туро.
Инчунин, к-аз савти мутриб базми айшат бар садост,
Мушкил огоҳӣ шавад аз нолаи зорам туро.
Гуфтӣ: «Мехоҳам Ҳилолиро ба коми душманон»,
Ин сазои ман, ки бо худ дӯст медорам туро.

Ошиқон ҳарчанд муштоқи ҷамоли дилбаранд

Ошиқон ҳарчанд муштоқи ҷамоли дилбаранд,
Дилбарон бар ошиқон аз ошиқон ошиқтаранд.
Ишқ менозад ба ҳусну ҳусн менозад ба ишқ,
Оре-оре ин ду маънӣ ошиқи якдигаранд.
Дар гулистон гар ба пойи булбулон хоре халад,
Наварӯсони чаман сад ҷома бар тан медаранд.
Ҷони ширин бо лабат омехт гӯё дар азал,
Ҷавҳари ҷони ману лаъли ту аз як гавҳаранд.
Эй рақиб, аз манъи мо бигзар, ки ҷонбозони ишқ,
Аз сари ҷон бигзаранд, аммо зи ҷонон нагзаранд.
Мурдаму раҳме надидам з-ин бутони сангдил,
Ман намедонам мусулмонанд ё худ кофаранд?!
Бо тани лоғар, Ҳилолӣ, аз ғами хубон манол,
Тан агар бигдохт, боке нест, ҷон мепарваранд.

АЗ РУБОИЁТ

Ёрони куҳан, ки банда будам ҳамаро,
Дар банди ҷафои худ сутудам ҳамаро.

http://ziyouz.com

Зинҳор, зи кас вафо маҷӯед, ки ман
Дидам ҳамарову озмудам ҳамаро.

Дар ишқи накӯён чи фироқу чи висол,
Бадҳолии ошиқон бувад дар ҳама ҳол.
Гар васл бувад, мудом сӯз асту гудоз,
В-ар ҳаҷр бувад, тамом ранҷ асту малол.

Не аз ту ҳаёти ҷовидон мехоҳам,
Не айшу танаъуми ҷаҳон мехоҳам.
Не коми дилу роҳати ҷон мехоҳам,
Оне, ки ризои туст, он мехоҳам.

Гаҳ дар паи озори дили ранҷурӣ,
Гаҳ бар сари бедоди мани маҳҷурӣ.
Шӯхию ба ҳусни хештан мағрурӣ,
Бар ошиқи худ ҳар чӣ кунӣ, маъзурӣ.

Дардо, ки асири нангу номем ҳанӯз,
Дар гуфтушуниди хосу омем ҳанӯз.
Шуд умр тамому нотамомем ҳанӯз,
Сад бор бисӯхтему хомем ҳанӯз.

АЗ «СИФОТ-УЛ-ОШИҚИН»

Боби ҳафтум

ДАР БАЁНИ ШУҶОАТ ВА ДАЛЕРӢ

Биё, эй бедили аз кор монда,
Зи бим андар паси девор монда.
Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст.
Диле, ки аз ҳайбати оҳе биларзад,
Бари соҳибдилон коҳе наярзад.
Чӣ хуш гӯянд мардони ҷигардор,
Ки: «Пое пеш неҳ, дасте берун ор!»

http://eduportal.uz

К-аз ин даст аз ҳама кас пеш бошӣ.
Ба ин по аз ҳама кас беш бошӣ.
Раҳи саҳрои расвоӣ гурез аст,
Калиди мамлакат шамшери тез аст.
Ба як дам оламеро фатҳ кардан,
Беҳ аз нанги ҳама олам ба гардан.
Сари душман равон аз тан ҷудо кун,
Вагарна рав сари худро фидо кун.
Агар сад сол зери санг бошӣ,
Аз он беҳтар, ки зери нанг бошӣ.
Зи ғайрат гар яке мардонагӣ кард,
Ту гӯйӣ ҷоҳиле девонагӣ кард.
Магӯ ҷоҳил, ки ҷойи ҳайрат аст ин,
Беҳ аз сад оқили беғайрат аст ин.
Мапурс аз дил, ки ҷони тарснок аст,
Ҳам аз бими худаш бо бими ҳалок аст.
Қавидил шав, ки дар майдони мардӣ,
Гар аз куштан битарсӣ, кушта гардӣ.

Аз «Лайлӣ ва Маҷнун»

ОҒОЗИ ДОСТОН

Хуррам нафасе, ки ёфтам бор
Дар равзаи мушкинбӯйи Аттор.
Он тӯтии нотиқи фалаксайр,
Донои рамузи «Мантиқ-ут-тайр»
Атри нафасаш Масеҳи Марям,
Бӯйи хуши ӯ гирифта олам.
Аттор на, балки роҳати рӯҳ,
Марҳамнеҳи синаҳои маҷрӯҳ.
Хонои васиқаи тариқат,
Донои тариқати ҳақиқат.
Назми суханаш зи рӯҳи мазмун,
Шаръест ба вазни шеър мавзун.
Танҳо на ба шеър достон буд,
Дар шамъ имоми ростон буд.

http://edu.portal.uz

Саҷҷодаи шаръ пеши он пок,
Пешогни худ ниҳода бар хок.
Тасбеҳ зи зикри он ягона,
Гардид ба ашк дона-дона.
Мисвок чу дид аз лабаш ком,
Ҷо кард ба фарқи аҳли ислом.
Асрори худост дар каломаш,
Анвори худост дар мақомаш.
Алқисса, дар он мақоми олӣ,
Ганҷинаи файзи лоязолӣ.
Рӯзею шабе нишаста будам,
Хотир ба умед баста будам.
Асбоби мурод шуд мураттаб
Аз дидаи рӯз то дили шаб,
Бастам чу ба хоб чашми бедор,
Дидам, ки ба ман намуд дидор.
Чун Хизр яке ба зулмати шаб,
Аз чашмаи зиндагӣ лаболаб.,
Дар ханда рухаш чу бӯстоне,
Дар даст гирифта достоне.
Фармуд, ки ин дурест макнун,
Шеърест зи Лайлию зи Маҷнун.
Дар риштаи назм бояд ин дур,
То гӯшаи ҷаҳон аз ӯ шавад пур.
Чун дида зи хоб боз кардам,
Фонуси хаёл соз кардам.
Печу хами номаро кушодам,
Дандонаи хомаро кушодам.
Ин хомаи ман ниҳоли чӯбист,
Нахлест, ки дар камоли хубист.
Чун найшакарест рағбатангез,
Ширин ҳаракоту шаккаромез.
Шохест, ки меваи тар орад,
Ҳарчанд буранд, сар барорад.
Шамъест забонаҳо намуда,
Афрӯхта дидаро ба дуда.
Милест зи ҳикмати илоҳӣ,
З-ӯ мардуми дидаро сиёҳӣ.

http://ziyouzportal.uz

Ширинсухану шакарзабон аст,
Гӯёст, чӣ ҳоҷати баён аст?
Бо теғи забон суханвар аст ин,
Теғи дузабони Хайбар аст ин.
Имрӯз кушодаам забонро,
З-ин теғ гирифтаам ҷаҳонро.
Табъам гули тоза вошукуфтаст,
Рангин вараҡе зи ишқ гуфтаст.
Чун ин гули тозаро шукуфтам,
Чун ғунча ба гӯшае нуҳуфтам..
Чун бурдаму бар табақ ниҳодам,
Не пеши касе варақ кушодам.
Ҳарчанд, ки кас надид рӯяш,
Лекин ҳама кас шунид бӯяш.
Чун бӯй аз он шунида буданд,
Бехост зи дасти ман рабуданд.
Гуфтанд, ки «Дар ҳавои ин гул,
Савдозада шуд ҳазор булбул.
Ҳайф аст, ки ин гули шукуфта
Аз дидаи мо шавад нуҳуфта».
Бурданд ба ҳар тараф варақҳо,
Хонданд зи ҳар варақ сабақҳо.
Ҳар кас. ки шунид, ҳуши ӯ рафт,
Ҳарфи дигарон зи гӯши ӯ рафт.
Афсуни навам нишаста дар гӯш,
Афсонаи кӯҳна шуд фаромӯш.
Хуршеди ман аз уфуқ баромад,
Моҳи ҳама дар тутуқ баромад.
Мехост табиати сухансанҷ,
К-аз кони сухан бурун диҳам ганҷ.
Шабҳо сари худ ба ҷайб бурдам,
Дар луҷҷаи фикр ғӯта хӯрдам.
Алмоси хаёл баркашидам,
Дур суфтаму ришта даркашидам,
Чашмам чу садаф зи қатра шуд пур,
Сад қатра зад аз барои як дур.
Дури суханам, ки бикрфикр аст,
Шуд суфта, вале ҳанӯз бикр аст.

http://kutubxonal.uz

Чун лаъл шабе ба хун нишастам,
К-омад гуҳаре чунин ба дастам.
Ё раб, ки муқорини шараф буд,
Ӯ гавҳари гӯши ҷон садаф буд.

ДАР ПАНД ДОДАНИ ФАРЗАНДИ АРҶМАНД

Эй дурри шараф зи баҳри кавнайн,
Фарзанди азиз – қурратулъайн.
Худ ҳамчу садаф ба ҳуш бошӣ,
Ман дурру ту ҳамчу гӯш бошӣ.
Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.
Сармояи умр бас лазиз аст,
Дарёб, ки ин нафас азиз аст.
Ин умри азизро макун хор,
Чун ҷони худат азиз медор.
Умре, ки баҳо бувад гаронаш,
Бо ҳар баду нек магзаронаш.
Дар коргаҳи чунин дилафрӯз
Коре куну пешае биёмӯз.
Аммо коре, ки кор бошад,
Коре, ки қабули ёр бошад.
Ёре, ки бувад ба назди он ёр
Ёрони ҷаҳон тамом ағёр.
Зинҳор, ки фикри кори худ кун,
Рӯйи дили худ ба ёри худ кун.
Бояд зи дари талаб даровӣ,
Аз раҳгузари адаб даровӣ.
З-офоти ҷаҳони пурмухофот,
Ҳифзи адаб аст ҳирзи офот,
Дар илм ба нияти амал кӯш,
То заҳри ту з-ин амал шавад нӯш.
Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.
Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад...

http://darslik.portal.uz

ОҒОЗИ ДОСТОНИ ИШҚИ ОН НИГОРИ МАВЗУН ВА ОН ДИЛФИГОРИ МАҲЗУН, ЯЪНЕ ЛАЙЛИЮ МАҶНУН

Ин қисса ҳикоятест дар ишқ,
Бишнав, ки ривоятест дар ишқ.
Гӯянд, ки буд номуроде,
Дар мулки Ҳиҷоз комроде.
Мири Арабу шаҳи Аҷам буд,
Солори қафофили ҳарам буд.
Ҳам қиблаи маҷбаи қабоил,
Ҳам ҷомеи ҷумлаи фазоил.
Чун қибла қабоилаш муаззам,
Чун Каъба манозилаш мукаррам.
Болои сараш ниёзнома,
Чун чатри сиёҳи хисравона.
Хайлаш зи ҳади баён зиёда,
Хайле зи ҷаҳониён зиёда.
Тифле, ки чу мардумони дида,
Дар дидаи мардум орамида.
Покиза чу қатраи гулобӣ,
Як зарра, валек офтобӣ.
Бо шаҳд лабу даҳони ширин,
Ширин писаре чу ҷони ширин
Ба он ҳусне, ки он писар дошт,
Аз олами ишқ ҳам хабар дошт.
Шуд мастии ишқи дилпазираш,
Гӯё, ки шароб буд ширaш.
Он тифл, ки маҳ ғуломи ӯ буд,
Гӯянд, ки Қайс номи ӯ буд.
В-он нодира тифли наврасида,
Аз гиря намекушуд дида.
В-аз дида ба дилбарӣ кушудӣ,
Доим ба назора боз будӣ,
Бикшода ду даст дар ҳавояш,
Мезад пару бол аз барояш.
Гаҳ гирякунон хурӯш мекард,
Гаҳ хандазанон хамӯш мекард.

http://elibrary.uz

Инҳо ҳама хор-хори ишқ аст,
Аввалгули навбаҳори ишқ аст.
Минбаъд аз ин ғами нуҳуфта,
Ҳар рӯз гуле шавад шукуфта.
Оре, сару кор пеш аз ин аст,
Ҷавлонгаҳи ишқ беш аз ин аст.
Он рӯз, ки Қайс шуд дусола,
Чун тифли дурӯза дошт нола.
Он нолаи зори гиряолуд,
Оҳанги мақоми ошиқӣ буд.
В-он арбадаву фиғону фарёд,
Аз нағмаи шавқ ёд медод...
Он гиря набуд, балки хунаш
Мекард тарашшӯҳ аз дарунаш.
Ҳар ҷо, ки парирухе бидидӣ,
Афтон-хезон ба ӯ расидӣ.
Филҳол ба пеши ӯ нишастӣ,
Чун оина рӯ ба рӯ нишастӣ.
Гуфтӣ ба забони безабонӣ,
Ҳоли дили худ, чунон ки донӣ.
Аз сӯҳбати ӯ чу бозгаштӣ,
Раҳ дар назараш дароз гаштӣ.
Дар ҳар қадаме ба сар фитодӣ,
Бархостию дигар фитодӣ
Биншастию гиря баргирифтӣ,
Фарёду фиғон зи сар гирифтӣ.
Ҳарчанд ки соли ӯ фузун шуд,
Он ҳолату ҳоли ӯ фузун шуд,
Дарду ғами ишқ ҳар киро ҳаст,
Бе ин ғаму дард нест, то ҳаст.
Хоке, ки ба ошиқӣ сириштанд,
Дар вай ҳама тухми меҳр киштанд.
Аз нӯҳ чу ба даҳ расид солаш,
Даҳчанд буд он, ки ҳолаш.
Ҳар рӯз, ки офтоби тобон,
Бар хинги фалак шудӣ шитобон.
Ӯ низ саманди шавқ рондӣ,
Худро ба қабилае расондӣ.

http://eduportal.uz

Рафтӣ ба гурӯҳи хурдсолон,
То домони дашт чун ғизолон.
Эшон сухани ғазола гуфтӣ,
Ӯ байту ғазал ба нола гуфтӣ.
Эшон ҳама гил ниҳода бар даст,
Ӯ дастагуле гирифта дар даст.
Бар сабха дамида қамъи эшон,
Ӯ аз хати сабзашон парешон.
Алқисса, ки ҳар сабоҳ то шом
Дар хона намегирифт ором.
З-ин воқеа модараш барошуфт,
Афсонаи Қайс бо падар гуфт.
Фармуд падар, ки «Табъи фарзанд,
Дар гӯшаи хона нест хурсанд.
Он беҳ, ки ба мактабаш супорам
Рӯзаш бараму шабаш биёрам».
Мактаб сабаби виқору ҳилм аст,
Бозорчаи диёри илм аст.
Аз мактабу васфи ӯ чӣ пурсӣ?
К-он ҷо фалак асту лавҳу курсӣ.
Эй тифл, зи илм баҳра бардор,
К-аз лавҳу қалам шавӣ хабардор.
Тифле, ки қалам гирифт дар даст,
Дасти ҳамаро ба чӯби тар баст.
В-он кас, ки ба лавҳу хат напардохт,
Ҳаргиз сияҳ аз сафед нашнохт.

РАФТАНИ МАҶНУН БА МАКТАБ ВА ОШИҚ ШУДАН БА ЛАЙЛӢ

...Эй Муштарии хуҷастаодат,
Бихром ба давлату саодат.
То он маҳи муштаришамоил,
Дар ҷилва дарояд аз муқобил.
Эй Зӯҳра, чу ашки ман равон шав,
Охир чӣ ситодаӣ, давон шав!
То ин шаби тираро набинам,
Бо зӯҳраҷабини худ нишинам.

http://edubook.uz

Эй Меҳр, биё алам баровар,
Эй субҳ, ту низ дам баровар.
То субҳи саодате, ки дорам,
Аз меҳр даме ба ӯ барорам.
Ногоҳ насими субҳ дам зад,
Хуршед бар осмон алам зад.
Машшотаи субҳхез бархост,
Рӯйи фалак аз сафеда орост.
Оинаи зар ниҳод дар пеш,
К-аз зулф аён кунад рухи хеш.
Лайлӣ зи ҳарими ноз бархост,
Қайс аз ҳарами ниёз бархост.
Филҳол ба раҳ қадам ниҳоданд,
По дар раҳи васли ҳам ниҳоданд.
Аз хона ба раҳгузар расиданд,
Дар роҳ ба якдигар расиданд.
Доданд салому пеш рафтанд,
Рафтанд вале зи хеш рафтанд.
Аввал сари даст бӯса доданд,
Охир сари худ ба по ниҳоданд.
Гоҳе сари остин гирифтанд.
Гаҳ соиди нозанин гирифтанд,
Аммо чу ба мактаб орамиданд,
Бегонасифат зи ҳам рамиданд.
Дар доира дур барнишастанд,
Рух дар рухи якдигар нишастанд.
Аз сӯҳбати ҳам канора карданд,
Дуздида ба ҳам назора карданд.
Буд аз ду тараф ҳамин нигоҳе,
Он ҳам, ки ҳамеша гоҳ-гоҳе.
Чандин чу бар ин сухан баромад,
Дуд аз тани он ду тан баромад.
Аз ҳасрати ғам хароб гаштанд,
Бар оташи ғам кабоб гаштанд.
Чун бори дигар ба ҳукми устод,
Гаштанд зи қайди мактаб озод.
Гуфтанд, ки оҳ аз ин ҷудоӣ,
Ин аст тариқи ошноӣ.

http://ziyouz.com/portal.uz

То чанд зи ҳам канора карданд?
В-аз дур ба ҳам назора карданд.
То чанд чунин хамӯш буданд?
Лаб баставу ҷумла гӯш буданд.
Фарёд, ки гарчи дар ҳузурем,
Наздик нишастему дурем!
Дардо, ки агарчи ҳамвисоқем,
Дар айни висол дар фироқем.
Алқисса, баҳонасоз гаштанд,
В-аз рӯйи баҳона боз гаштанд.
З-он пеш, ки баркашанд овоз,
Карданд ба ҳила гиря оғоз.
Гуфтанд, ки ҳамсабақ надорем,
Асло хабар аз варақ надорем.
Бо ҳам сабақе агар бихонем,
Ҳар дам варақи дигар бихонем.
Устоду муаллим офарин кард,
Бо ҳам ду ҳарифро қарин кард.
Чун ҳамсабақон ба ҳам нишастанд,
Фориғ зи ҳазор ғам нишастанд.
Ҳар ҳарф, ки ин ба завқ гуфтӣ,
Он як ба ҳазор шавқ гуфтӣ.
Ҳар сафҳа, ки ин ба ноз хондӣ,
Он як зи сари ниёз хондӣ.
З-он гуна, ки ҷону тан яке буд.
Аз ҳар тарафе сухан яке буд.
Ҳар гаҳ, ки ба ҳам сабақ кушоданд,
Аз роҳи ниҳон варақ кушоданд.
Гуфтанд ба ҳам дар он миёна,
Сад ҳарфи дигар ба он баҳона.
Ҳар лаҳза зи пеши чашми устод,
Ғоиб шудӣ он ду сарви озод.
Гуфтию ба гуфтугӯ нишастӣ,
Бевосита рӯ ба рӯ нишастӣ.
Як рӯз ниҳон зи чашми ағёр,
Буданд нишаста он ду дилдор.
Дар гуфтушуниди ишқ буданд,
Хуш мегуфтанду мешуниданд.

http://ledu.portal.uz

Ногоҳ ҷамоате расиданд,
Дар сӯҳбати ҳар ду орамиданд.
Эшон ғами ишқро нуҳуфтанд,
Бо ҳам ба тариқи ишқ гуфтанд:
«Мо тез давем дар давидан,
Ҳаргиз натавон ба мо расидан».
Гаштанд давон ба ин баҳона,
Ҷастанд берун аз он миёна.
Онгоҳ нуҳуфта роз гуфтанд,
Ғамҳои гузашта боз гуфтанд.
Ин қисса ниҳояте надорад,
Андозаву ғояте надорад.
Аз шаб чу сиёҳ шуда замона,
Гаштанд равон ба сӯйи хона.
Дар фикру хаёли ҳам нишастанд,
Бар ёди висоли ҳам нишастанд.
Буданд зи ҷоми васл сармаст,
Фориғ зи ҷаҳон, ки нест ё ҳаст.
Дар пардаи айш рақс карда,
Ғофил, ки чиҳост зери парда.



Луғат ва тавзеҳот:

Тавозӯъ – хоксорӣ.
Ҳирмон – маҳрумӣ.
Тараб – шодию хурсандӣ.
Ҳомун – ҳамворӣ.
Нишот – шодӣ, хурсандӣ.
Ҳуққа – сандуқчаи ҷавоҳирот.
Аҳбоб – дӯстон.
Харобот – майкада, шаробхона.
Мӯҳтасиб – назоратчии дини ислом.
Дод – адлу инсоф.
Гирам – фарз кардам, ки...
Сила – инъом, тӯҳфа.
Сафина –девон, маҷмӯаи шеърҳо.
Рақиб – душман, рақобаткунанда.
Мутриб – навозанда ва хонанда.
Қабо – як навъ либос; тангқабо – касе, ки либоси танг пӯшидааст (дар ин ҷо ба маънои миёнборик ҳам омадааст).
Турбат – қабр, гӯр.
Ҳирқа – ҷанда, ҷомаи дарвешон.
Мизон – тарозу, паймона.
Эътидол – дурустӣ, солимӣ, баробарвазнӣ.
Маозуллоҳ – паноҳ ба худо, худоё паноҳ деҳ.
Соҳирӣ – сеҳргарӣ, ҷодугарӣ.
Чавгон – чӯби саркаҷест, ки бо он дар бозии гӯю чавгон иштӣ (гӯй)-ро мегиранд.
Гӯй – иштӣ (тӯп) дар бозии гӯю чавгон.
Маъзур – узрнок, лоиқи бахшоиш.
Нотамом – нимкора, нокомил, ба дараҷаи камолот нарасида, хом.

http://edu.portal.uz

Анис – ҳамдаму улфат, ҳамдард.
Танаъум – нозу неъмат, нуқлу наво.
Соҳибдил – нотарс, далер.
Ҷаъд – тоби мӯй ва зулф, занҷира ва шиканҷаҳои мӯй.
Гови замин – гове, ки гӯё дар зери замин аст. Аз рӯйи афсона замин дар шохи гове истодааст ва гов дар болои моҳие қарор гирифтааст.
Равза – боғ.
Румуз – рамзҳо, маъниҳои пардапӯш ва нозук.
Марям – модари Исо – пайғамбар.
Шаръ – шариат, қонунҳои ислом.
Саҷҷода – ҷойнамоз, қолинчаи намозхонӣ.
Мисвок – лифи дандоншӯяк, ки аз чӯби нарми хушбӯй месохтанд ва онро дар печи сала монда мегаштанд.
Анвори ҳудо – нурҳои роҳи рост.
Лоязолӣ – абадӣ, нобуд ва нестнашаванда.
Дурри макнун – дурру гавҳари хушоб ва пурқимат, ки пинҳон нигоҳ дошта мешавад; маҷозан сухани баланд, шеъри олӣ.
Дуда – дар ин ҷо маънии сиёҳии чашм.
Нуҳуфтан – пинҳон кардан, махфӣ доштан.
Афсун – сеҳру ҷоду, куфусуф.
Тутуқ – ба маънои парда.
Луҷҷа – дарёи чуқур, ҷойи чуқури дарё, луҷҷаи фикр – дарёи андеша, баҳри тафаккур.
Дур суфтаму ришта дар кашидам – дурру гавҳарро сӯрох карда ба ришта кашидам, яъне шеъри баланд гуфтам.
Бикр – тоза, нав, ҳар чиз ва коре ки монанди он пештар нашуда бошад, дастнорасида.
Муқорин – қарингардида, дӯст, наздик.
Кайнайн – ду дунё ва охират.
Қурраттулъайн – нури дида, фарзанд.
Мухофот – ваҳшат, чизҳои воҳиманок, пурмухофот – пурдаҳшат.
Ҳирз – мустаҳкамӣ, қуввату мадор; ҳирзу офот – воситаи пурқуввати муҳофизат ва офатҳо, тӯмор, бозбанд. Мазмуни байт: муҳофизат кардани худ аз офатҳо мебошад.
Мунодӣ – ҷорчӣ, мунода задан – ҷор андохтан, бо овози баланд эълон кардан.
Ҳарзарию ҳарзароӣ – беҳудагардӣ ва беҳудафикрӣ, бо кору фикрҳои беҳуда вақт гузаронидан.
Машъуф – мамалакатҳои ғайриараб.
Солори қувафили ҳара буд – сардору сарвари корвони аҳли рамуз буд, дар байни рамузфаҳмон ягона буд.
Қабоил – қабилаҳо.
Фазоил – фазилатҳо.
Манозил – манзилҳо, истиқоматгоҳҳо.
Мукаррам – мӯътабар, азиз, лоиқи иззату икром.
Хайл – гурӯҳ, лашкар.
Хор-хор – майлу хоҳиш.
Тарашшӯҳ – таровиш, чакидани қатра; тарашшӯҳ кардан – чакрачакра намоён шудан.
Филҳол – дарҳол, зуд.
Сириштан – омехтан, омезиш додан.
Хинг – асп. Мазмуни байт: ҳар рӯз вақте ки офтоб мебаромад.
Эшон – онҳо.
Гил бар даст ниҳодан – хокбозӣ ва лойбозӣ кардан.

Виқор – хилму тамкин, савлату шукӯҳ.
Лавҳ – лавҳа, тахтаи хатнависӣ.
Гирифт зардӣ – мазмуни байт: осмони кабуди торик аз офтоб равшан гардид.
Ҳуру гилмон – духтару писарони биҳиштӣ, соҳибҷамолон.
Оби зиндагонӣ – оби ҳаёт, ки ҳар кас аз он нӯшад, гӯё зиндаи ҷовид мемондааст.
Сурхӣ ва сафедӣ – ранге, ки занон ба лабу рӯйи худ мемоланд.
Ҳақ – худо.
Ҳуққа – сандуқчаи ҷавоҳирот; ҳуққаи лаъл – киноя аз даҳон ва дандон.
Аргувон – дарахте, ки дар мавсими баҳор гулҳои сурх мекушояд ва хеле зебост.
Ситора рехт – яъне оби дида рехт.
Муштарӣ – Юпитер, номи ситора.
Зӯҳра – Ноҳид, номи ситораи саҳарӣ.
Машшота – ходимае, ки зулфу мӯйи арӯсонро ороиш медиҳад. Машшотаи субҳхез – киноя аз офтоб.
Соид – соқаи даст, аз оринҷ то банди даст.
Висоқ – хона; ҳамвисоқ – ҳамхона.
Қарин кард – наздик кард, наздик шинонд.
Танаъум – нозу неъмат, нуқлу наво.

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Санъати тазод

Тазод аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънояш муқобила ё худ рӯ ба рӯ гузоштан, ба ҳам зид гуфтан аст. Дар забоншиносӣ онро антоним мегӯянд. Масалан: обу оташ, рӯзу шаб, пасту баланд, сафеду сиёҳ ва ғайра.

Дар адабиёти бадеӣ яке аз санъатҳои бадеист, ки шоир нақш (образ) ва воқеаҳои бо ҳам муқобилро як ҷо оварда, бо ҳамин ҳодисаҳои мусбат ё манфиро равшану возеҳтар нишон медиҳад.

Тазод дар шеър бар тарзи гуногун меояд. Шоир бо истифодаи он барои баёни ҳаматарафаи воқеа ва ашхос – мафҳумҳои сифатӣ, вазъияту фаъолияти инсон, рӯҳияту кайфият, замону макон имконият меёбад.

Тазод дар адабиёти шифоҳӣ ва адабиёти мумтози (классикии) форсу тоҷик дар чандин достонҳои безавол мақоми калон дорад. Бисёр порчаҳои ҷолиби диққати «Гӯрӯғлӣ», «Шоҳнома», «Хамса»-ҳои Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ ва Ҳилолӣ бо санъати тазод офарида шудаанд.

Лаҳзаҳои тазодӣ бештар имконият фароҳам меоваранд, ки конфликт (зиддият)-и асар тезу тунд вусъат ёфта,

http://bt-portal.uz

мақсади адиб равшантар зоҳир гардад. Барои ифодаи ҳолати рӯҳии образҳо дар достонҳои классикӣ вазъияти шахсии персонажҳо муқобил гузошта мешаванд. Шоирон ба воситаи тасвири ҳолу аҳволи Лайлӣ ва Маҷнун, мусибати ҷудоӣ ва ҳаҷри ошиқонро таъкид намудаанд.

Дар тасвири Ҳилолӣ ду ҳолати рӯҳии қаҳрамонон тасвир ёфта, он чӣ, ки нисбат ба Лайлӣ характери мусбат дода шудааст, аз беғамӣ набуда, балки аломати зебу ҳусн ва нозу карашмаи маъшуқа аст:

Лайлию карашма бар карашма,
Маҷнуну ду чашм чун ду чашма.
Лайлию ба дил ҳазор роҳат,
Маҷнуну ба сина сад ҷароҳат.
Лайлию шароби ҳусн дар сар,
Маҷнуну дили кабоб дар бар.
Лайлию зи ҳусн боғ дар боғ,
Маҷнуну зи ишқ доғ дар доғ.

Истифодаи чунин санъати сухан дар адабиёти минбаъда низ давом кардааст, ки намунаҳои онро дар эҷодиёти қариб аксар адибони тоҷик дидан мумкин аст.



Савол ва супоришот:

1. **Чӣ гуна санъати суханро тазод мегӯянд?**
2. **Кадом шоирони форс-тоҷик аз санъати тазод бештар истифода бурдаанд?**
3. **Тазодро дар илми забоншиносӣ чӣ гуна ном мебаранд? Ба он мисолҳо биёред.**
4. **Аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳилолӣ порчаҳои бо санъати тазод гуфташударо муайян намоед ва онҳоро маънидод кунед.**

http://eduportal.uz

АБДУРАҲМОНИ МУШФИҚӢ

(1525–1588)

«Мавлоно Мушфиқӣ аз шоирони машҳур аст, дар гуфтани анвои шеър салиқааш некӯст, қасоиди хуб ва ашъори маргуб дорад. Дар ҳичо гуфтан табъаш ба тавре диққат менамояд, ки маълум нест, ки касе одили ӯ буда бошад. Дар нучум ва рамл низ дахле мекунад. Гӯё рамлро некӯ медонад ва дар ин айём кавкаби саъди толеаш дар нитоқи саъодат аз ҳубут ва судуд ҳаракат намуда, аз тариқи нақӣ дар хонаи қузаҳ ба атабаи нусрат дохил гашта. Дар ҷамоати фузало ба мансаби китобдорӣ мушарраф шуда, аъдоро манкӯс гардонидааст...».

Хоҷа Ҳасани НИСОРӢ

Тарҷумаи ҳол

Абдураҳмони Мушфиқӣ дар шаҳри Бухоро соли 1525 таваллуд шудааст. Ватани аслии Мушфиқӣ Марв буда, падару бобояш баъдтар ба Бухоро омада, муқимӣ мешаванд. Аз ин рӯ, Мушфиқӣ дар бисёр мавридҳо аз Марв будани худро ба хотир овардааст.

Падари шоир аз мардуми миёнаҳоли шаҳр буда, барои тарбияи фарзандон кӯшиши зиёде кардааст. Вале, мутаассифона, ӯ хеле барвақт вафот мекунад. Муддате нагузашта модараш низ аз олам чашм мепӯшад ва Абдураҳмони хурдсол бепарастор мемонад. Дар ин хусус худи шоир чунин гуфтааст:

Бо падар хурсанд будам, бевафоӣ кард умр,
Меҳр бар модар ниҳодам, ёфт модар ҳам вафот.

Пас ӯ мачбур мешавад, ки ба хизмати як марди ҳунарманди бухорӣ дарояд. Азбаски шоири оянда бачаи зирак, гапдаро буд, ба хӯчаин маъқул мешавад ва ба Абдураҳмон некиҳои бисёре мекунад. Пеш аз ҳама, барои таҳсил гирифтани Абдураҳмон шароити хуб фароҳам меоварад. Абдураҳмон пас аз гирифтани таълими ибтидоӣ таҳсили худро дар мадраса давом медиҳад. Вай дар мадраса яке аз шогирдони пешқадам ба ҳисоб мерафт. Устодонаш аз донишу кӯшиши ӯ хеле хурсанд буданд. Махсусан, илмҳои ҳисоб, нучум, ҳикмат, ҳайат, рамл ва каломро хеле хуб медонист ва дар баҳсу мунозираҳои илмӣ, ки дар байни толибилмони мадраса барпо шуда меистод, дастболо буд.

http://ed.portal.uz

Абдураҳмони Мушфиқӣ аз хурдсолӣ ба шеър гуфтан шавқу рағбати зиёде дошт. Вай бештарин вақти холигии худро ба омӯхтани санъти шеър ва аз бар кардани шеърҳои адибони гузашта ва беҳтарин шоирони муосири худ сарф мекард. Натиҷаи ҳамин гуна саъю кӯшиш буд, ки дар як муддати кӯтоҳ ӯ низ дар байни адибони Бухоро машҳур шуд. Ӯ дар базму маҷлисҳои адабӣ фаъолона иштирок карда, аз шеърҳои худ мехонд. Вале дар дарбори амирони Бухоро шоирони маддоҳ аҳволи Мушфиқиро танг карданд ва зиндагиаш чандон хуб набуд. Бинобар ин ӯ соли 1564 ба Самарқанд меравад. Мушфиқӣ дар ин ҷо дар дарбори Султон Саид вазифаи китобдориро иҷро мекунад ва қариб даҳ соли ҳаёти худро дар Самарқанд мегузаронад. Дар бораи ҳаёти ин давраи адиб муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ маълумоти хубе додааст:

Вазифаи китобдорӣ маоши ночизе дошт ва барои харҷи рӯзонаи шоир кифоят намекард. Бинобар ин, ҳаёти ин давраи шоир чандон хуб набуд. Ҳатто ӯ хона ҳам надоштааст.

Мушфиқӣ дар як шеъраш ҳаёти вазнини худро баён карда, онро ҳамчун як шикоятнома ба султон мефиристад:

Хони олиқадри кайвонманзилат, Султон Саид,
Пеши даргоҳи ту гардуни муалло ҳеҷ нест...
Шуд се сол рост, к-аз ҷинси ҷаву гандум маро,
Дона ҷуз дар мазраи Парвину Ҷавзо ҳеҷ нест.
Қуръа афкандам барои фол, мӯрон саф заданд,
Нуқтаҳоро дона пиндоранду аммо ҳеҷ нест.

Мушфиқӣ гоҳо аз ин нодорамӣ, қашшоқии хеш ба тааҷҷуб меояд, ҳайрон мешавад ва бо як оҳанги ҳазлу шӯхӣ ҳаёти вазнини худро ба шоҳ маълум мекунад.

Шоҳ баъзан ба шоир инъоми ночизе медод. Вале ҳамин инъоми ночизро ҳам муқаррабон, лаганбардорони султон ба ӯ намедоданд.

Дар қитъаи поён шоир аз надодани чакман ба вай чунин шикоят кардааст:

Подшоҳо! Чакмани инъомро меҳтар надод,
Дар либоси назм бо ӯ гуфтугӯ хоҳад шудан.

Чун ба таври оштӣ чизе аз ӯ ҳосил нашуд,
Ҷанги чакман дар миёни мову ӯ хоҳад шудан.

Бечорагию нодорамӣ шоирро барвақттар пир кард. Дар мӯйҳояш сафедӣ, дар рӯяш ожанг пайдо шуда буд. Мушфиқӣ дар як ғазалаш ҳаёти ғамангези онрӯзаашро бо дарду алам чунин баён кардааст:

Хуни дил мегиряму ашки ҷигаргун мехӯрам,
Пеш аз ин май мекашидам, ин замон хун мехӯрам.
Ваҳ, ки дар аҳди ҷавонӣ пир гаштам, Мушфиқӣ,
Чун нагардам пир аз ин ғамҳо, ки акнун мехӯрам?

Мушфиқӣ нобаробарии байни одамонро ба воситаи ҳаёти шахсии худ тасвир мекунад. Дар ин ҷо аз санъатҳои тазод ва муқобила ба хубӣ истифода бурдааст:

Ҳарифон ҳама бода дар ҷому сархуш,
Маро об дар дидаву хок бар сар.
На гардун ҳаводору ахтар мусоид,
На давлат мададгору иқбол ёвар.
Сари ман ба санги маломат шикаста,
Тани ман ба хоки мазаллат баробар.

Пас аз марги Султон Саид аҳволи Мушфиқӣ аз будааш ҳам бадтар мешавад. Бинобар ин, барои аз ин қашшоқӣ раҳо ёфтан ба сафари Ҳиндистон тайёрӣ мебинад. Дар Мовароуннаҳр овоза шуда буд, ки гӯё шоҳи Ҳиндустон Акбаршоҳ марди хирадманд, шеърдӯсту шоирпарвар аст. Аз ин рӯ, бештари аҳли қалам ба он тараф мусофират менамуданд. Мушфиқӣ ҳам соли 1577 ба Ҳиндустон меравад. Ӯро Акбаршоҳ қабул мекунад. Вале пас аз як сол, яъне соли 1578 боз ба ватан бармегардад.

Мушфиқӣ дар як ғазалаш ишорат карда мегӯяд, ки ёру диёр азиз аст, аз онҳо ҷудо шудан бисёр ҳам мушкил, аммо ҳаёт маҷбур намуд, зарурат пеш омад, ки ба кишварҳои бегона мусофират кунам, орзу доштам, ки зиндагиам хуб шавад, вале ба мурод нарасидам:

http://edu.portal.uz

Сафар кардам, фироқи дилрабое пеши ман омад,
Намерафтам, зарурат шуд, балое пеши ман омад.
Ғаму дарди ҷудоӣ кам шавад аз қатъи манзилҳо,
Ба ҳар манзил ғаму дарди ҷудое пеши ман омад.
Ба ғурбат мурдан осон менамуду зиндагӣ мушкил,
Чӣ кори мушкили осоннамое пеши ман омад.

Мушфиқӣ дар Ҳиндустон мебинад, ки ҳамаи мадҳу ситоише, ки дар бораи Акбаршоҳ карда будаанд, ғалат, хаёли хом будааст, аҳли қалам иззату эътиборе надорад, аз омаданаш пушаймон мешавад ва роҳи Бухороро пеш мегирад:

Кардам сафари Ҳинду пушаймон шудам он ҷо,
Гардид бадал рӯзи сиёҳам ба шаби тор.
Дидам, ки агар боз наоям ба вилоят,
Хуни ҷигарам мехӯрад ин Ҳинди ҷигархор!

Шоир пас аз сафари Ҳинд ба дарбори Абдуллохон роҳ меёбад. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ дар байни аҳли дарбор ва бевосита Абдуллохон обрӯ ва мақом пайдо мекунад. Ҳатто ба мартабаи маликушшуароӣ мерасад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳаёти шоир осуда ва пурнишот мегардад. Вале, мутаассифона, дар ин айём Мушфиқӣ аз шаст гузашта, пир шуда буд. Шоир дар як қитъааш ба ҳамин маънӣ ишорат карда чунин мегӯяд:

Имтиҳон кардаанд пиру ҷавон,
Ҳеҷ кори фалак ба сомон нест.
Ком бахшад даме, ки ком намонд,
Нон ба вақте диҳад, ки дандон нест!

Мушфиқӣ ниҳоят дар шаҳри Бухоро соли 1588 ҷаҳони пур аз фитнаю найрангро падруд гуфт. Ҷасади ӯро дар мазори Шайх Ҷалол дафн карданд ва дар санги болои қабраш як байти ғазали ӯро сабт намуданд:

Ба хоки Мушфиқӣ он дам, ки дӯстон гузаранд,
Расад ба хотири эшон, ки хоксоре буд.

http://eduportal.uz



Савол ва супоришот:

1. **Мушфиқӣ кай ва дар куҷо таваллуд шудааст? Дар бораи овони бачагии шоир чӣ медонед?**
2. **Тазкиранавис Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар бораи Мушфиқӣ чӣ хел маълумот додааст?**
3. **Мушфиқӣ ба Самарқанд бо чӣ мақсад омада буд ва онро дар кадом байти худ ифода кардааст?**
4. **Мушфиқӣ чаро ба Ҳиндустон сафар кард?**
5. **Порчаҳои ҳасбиҳолии Мушфиқиро ба дафтаратон навишта гиред ва онҳоро маънидод кунед.**

Мероси адабии Мушфиқӣ

Мушфиқӣ низ ҳамчун бисёр шоирони гузашта аз худ мероси зиёди адабӣ боқӣ гузоштааст. Ӯ дар аксар жанрҳои адабиёти классикӣ асарҳои хуб эҷод кардааст. Асарҳои ӯ дар шакли куллиёт ҷамъоварӣ шудааст. Ба куллиёти Абдураҳмони Мушфиқӣ асарҳои зерини ӯ дохил шудаанд: девони мутоибот (ҳаҷвиёт); ду девони ғазалиёт; девони қасидаҳо; се маснавӣ: *«Соқинома», «Гулзори Ирам», «Ҷаҳоннамо»*.

Дар эҷодиёти Мушфиқӣ жанри ғазал мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз ду девони ғазалиёт, ки бештар аз чаҳор ҳазор байтро ташкил менамояд, маълум мегардад, ки Мушфиқӣ ба эҷод кардани ин жанри шеърӣ бештар майл зоҳир намудааст. Ғазалҳои Мушфиқӣ чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун ба ғазалҳои адибони гузашта комилан наздиканд. Ғазалҳои ӯ асосан аз 6–7 байт иборат буда, дар мвзӯъҳои гуногун навишта шудаанд. Мавзӯи ишқ дар эҷодиёти Мушфиқӣ низ ҷойи асосиро ишғол менамояд. Ӯ дар сурудани ғазал асосан ба Ҳасани Деҳлавӣ ва Камоли Хуҷандӣ пайравӣ намудааст. Дар ин хусус худи шоир чунин ишора мекунад:

Назми ту, Мушфиқӣ, ба камоли Ҳасан расид,
Ту гуфтаӣ, ки пайрави пири хуҷандиям.

Ғазалҳои Мушфиқӣ содда ва равон буда, шоир дар онҳо ибораю таъбирҳои халқиро хеле устодона ва маҳораткорона истифода бурдааст. Адиб ва донишманди маъруфи тоҷик –

http://eduportal.uz

устод Айнӣ ба эҷодиёти Мушфиқӣ баҳои баланд дода, баъзе ғазалҳои ӯро ҳамчун намунаи баландтарини шеър дар адабиёти классикии тоҷик қайд кардааст. Аз ҷумла, дар бораи ғазале, ки бо матлаъи

Дар ғамаш дилро фигору хаста мегӯем мо,
Аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо.

оғоз мегардад, устод Айнӣ менависад:

«Ғазале, ки сар то ба пояш мисли ин ғазал хуб, латиф, равон афтад, кам аст».

Дар воқеъ, агар шумо тамоми девони ғазалиёти шоирро аз назар гузаронед, чунин ғазалҳои латифу равонро дар он боз ҳам пайдо карда метавонед, ки ин аз маҳорати баланди шоир дар ғазалсароӣ гувоҳӣ медиҳад.

Мушфиқӣ дар рубоисароӣ низ шоири беҳамто буда, рубоиҳои хуб гуфтааст. Рубоиёти ӯ дар девонҳои ғазалиёташ гирд оварда шудаанд. Дар рубоиёти шоир афкори панду ахлоқӣ, танқиди замон, ишқу муҳаббати инсонӣ, тасвири табиат ва ғайра ифодаи худро ёфтаанд.

Дар рубоии зерин дигаргун шудани манзараи табиат нисбати фаро расидани зимистон чунин ба қалам дода шудааст:

Авроқи баҳор рафт барбод ҳама,
Овора шуд аз хазони бедод ҳама.
Гул буду бунафша буду сунбул дар боғ,
Аз нохушии барф барафтод ҳама.

Гарчанд дар ин рубоӣ манзараи табиат, аз бориши барф барбод рафтани тамоми офаридаҳои баҳор тасвир шудааст, шоир инчунин ишора бар он мекунад, ки ба туфайли фаро расидани айёми пиронсолӣ ва сафед гардидани мӯй ҳамаи хушиҳои ҷавонӣ, ки ҳамчун гулу сунбул буданд, аз байн меравад.

Дар эҷодиёти Мушфиқӣ пас аз ғазал жанри қасида меистад. Девони қасидаҳои шоир аз 3000 байт иборат аст. Қасидаҳои Мушфиқӣ аз ҷиҳати шакл ба қасидаҳои адибони гузашта монанд буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба қасидаҳои мадҳии шоирони дарбор наздикӣ доранд. Ак-

http://kutubxona.uz

сарияти қасидаҳои Мушфиқӣ мадҳӣ буда, ба таърифу тавсифи хонҳои шайбонӣ, махсусан, султон Саид ва Абдуллохон бахшида шудаанд. Бояд гуфт, ки муаллифи асари таърихӣ «Абдуллонома» Ҳофизи Таниш, чанде аз ин гуна қасидаҳои Мушфиқиро дар асараш дохил кардааст. Аз ин рӯ, миқдори қасидаҳои шоир барои омӯхтани таърихи асри XVI-и халқҳои Осиёи Миёна аҳамияти калон доранд.

Мутоиботи Мушфиқӣ низ хеле зиёд буда, дар жанрҳои қитъа, маснавӣ, ғазал, қасида ва ғайра гуфта шудаанд.

Эҷодиёти Мушфиқӣ аз замони зиндагии худи шоир эътибори аҳли илму адабро ба худ кашида, номи ӯ дар тазкираҳо зикр гардида, минбаъд дар адабиёти илмӣ низ номбар шудааст.



Савол ва супоришот:

1. **Куллиёти Мушфиқӣ кадом асарҳои ӯро дар бар гирифтааст?**
2. **Мушфиқӣ чанд маснавӣ дорад? Онҳоро номбар кунед.**
3. **Мушфиқӣ дар ғазалсароӣ ба кадом шоирони классикӣ пайравӣ намудааст?**
4. **Қасидаҳои Мушфиқӣ бештар ба киҳо бахшида шудаанд?**
5. **Мазмун ва мундариҷаи рубоиёти Мушфиқӣ аз чиҳо иборат аст?**

Мундариҷаи ғоявии ғазал ва мутоиботи Мушфиқӣ

Мушфиқӣ монанди бештарин шоирони гузашта дар бисёр асарҳояш садои эътирози худро аз замона, аз зулми золимон баланд карда, дар баробари ин, хайрхоҳӣ, некандешии худро нисбат ба омма нишон дода мегӯяд, ки рӯзе ин даври золимпарвар хароб мегардад ва халқи ҷафодида аз кулфату ғам раҳо меёбад:

Замона, Мушфиқӣ, меҳнатсарой аст,
Бувад рӯзе, к-аз ин меҳнат бароем.

Шоир дар бисёр ғазалҳояш ҳаёти вазнини худро бо сӯзу гудоз тасвир кардааст. Дар ҳақиқат, ахволи зиндагии

http://edu.portal.uz

Мушфиқӣ, чунон ки аз тарҷумаи ҳолаш маълум шуд, хеле сангин гузаштааст:

Дармони дил куҷост, ки баҳри даво равам,
Бечораам, илоҷ надорам, куҷо равам?

Мушфиқӣ дар образи қаҳрамони лирикӣ ҳаёти ноосуда ва ғамангези аҳли қаламро ҷамъбаст кардааст. Вай мегӯяд, ки ба ин гуна одамон бахт намехандад, умрашон ба охир мерасаду ба муроду мақсадашон намерасанд:

Гулбуни фирӯза ҳаргиз бар муроди ман нарафт,
Умрҳо рафту надидам бахти фирӯзе чунин,
Мушфиқӣ, дар сина як ҷон дорию сад ғам дар ӯ,
Ҳеҷ ҳосил дорӣ аз ҷоми ғамандӯзе чунин?

Шоир ҳамаи инро аз нобаробарии байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, зулму тааддӣ, беадолатии синфи ҳукмрон медонад. Ӯ дар як ғазалаш вазъияти рӯзгорро қайд карда, «мусулмонӣ намонд» – мегӯяд. Дар зимни ин ибора ӯ вайронии одобу ахлоқ, беадолатии шоҳону ҳокимони рӯзгорашро дар назар дорад:

Дурди май даврон ба мо з-ин маҷлиси фонӣ намонд,
Давр охир гашту инсофу мусулмонӣ намонд.
Гиряи чашми ману борони ғам таскин наёфт,
То бинои хонаи ман рӯ ба вайронӣ намонд.

Мушфиқӣ бо вуҷуди ҳамаи қашшоқию бечорагӣ ба пастфитратӣ роҳ надодааст. Ӯ инсонро дар чунин ҳолатҳои душвор ба қаноат ва сабру таҳаммул даъват кардааст:

Зи мақоми бенавоӣ гила нест Мушфиқиро,
Гузарост ин гадоӣ зи ҳазор даври шоҳӣ.

Шоир одамонеро, ки аз пайи сарвату боигарӣ, симу зар гашта, вичдону шарафи худро поймол месозанд, мазаммат кардааст:

Бояд эътироф кард, ки фош намудани нуқсонҳои ҷамъиятии замона, танқиди рӯйирости подшоҳону ҳокимон дар эҷо-

http://adu.portal.uz

диёти Мушфиқӣ назар ба адибони гузашта, ҳамчун Восифӣ, Ҳилолӣ, Биноӣ хеле сусттар аст. Ӯ дар баёни ин масъалаҳо то андозае худдорӣ кардааст. Шоир дар дил дарду алами зиёд дорад, вале замона ба даҳонаш мӯҳри хомӯшӣ задааст. Лекин вай танҳо шахсони алоҳидаро ҳачву танқид кардааст. Аз ин ҷост, ки дар девони мутоиботи ӯ ҳачвҳои тезу тунди сиёсӣ-иҷтимоӣ кам аст. Чунончи, Мушфиқӣ намояндагони табақаи болои ҷамъиятӣ Арбобзода, Лаҳмии баззоз, қозӣ, мударрис, Хоҷаи Молдор, Сидқӣ, Мулло Маҳмуд ва Масъуди сармоядорро ҳачву масхара кардааст. Мушфиқӣ дар порчаи зерин хислатҳои мумсикӣ, гурусначашмӣ, зарпарастии Масъуди сармоядорро ҳачв намуда, ҳатто марги ӯро орзу намудааст:

Дар кори ту, Масъуд, аҷал дер кунад,
Вақт аст, ки зӯр ованду зер кунад.
Аз симу зари ҷаҳон нашуд чашми ту сер,
Чашмони туро хоки лаҳад сер кунад.

Мушфиқӣ дар ҳачви Мулло Маҳмуди Гелонӣ зиёда аз 88 байт гуфтааст. Шоир фосиқӣ, аҳмақӣ, бедонишии муллои мазкурро танқид карда, ӯро ба образҳои манфии адабиёт монанд мекунад. Чунончи, дар намунаи поён муллоро ба ғунда ташбеҳ додааст:

Мулло, ки ба сар ниҳода полонеро,
Пур карда зи заҳри ғунда анбонеро.
Кораш ҳама озори мусулмонон аст,
Ғунда нагазад ҳеҷ мусулмонеро.

Шоир дар рубоии дигар бадкирдориҳои Маҳмудро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст:

Маҳмуд, дили ту рӯй дар шар дорад,
Феъли бади ту балои дигар дорад.
Бардоштаанд мардумон дасти дуо,
Аз рӯйи замин худо туро бардорад!

Абдураҳмони Мушфиқӣ дар шеъри «Тақсими мерос» нобаробарии байни одамони ҷамъият ва махсусан байни за-

http://edu portal.uz

нону мардонро нишон дода, бо тарзи нозук ва бо камоли маҳорат ин қонуни ноодилонаро ҳаҷв менамояд. Ҳангоме ки бобо (падар)-и қаҳрамони лирикӣ вафот мекунад, писар мероси падарро бо ҳамширааш тақсим намуда, ҳама чизу чораи асосиро худаш соҳиб мешавад.

Дар ин шеър шоир аз санъати тазод ва муқобила хеле маҳораткорона истифода бурдааст.



Савол ва супоришот:

1. **Дар ғазалиёти Мушфиқӣ аҳволи зиндагии шоир чӣ гуна ифода ёфтааст?**
2. **Мушфиқӣ дар мутоиботи худ бештар киҳоро ҳаҷв кардааст?**
3. **Мулло Маҳмуди Гелонӣ кист ва чаро Мушфиқӣ ӯро ҳаҷв кардааст?**
4. **Шеъри «Тақсими мерос»-ро хонда маънидод кунед.**
5. **Мушфиқӣ дар ин асари худ аз кадом санъати шеърӣ истифода бурдааст?**

Мушфиқӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ

Халқи тоҷик ба шоири маҳбуби худ Абдураҳмони Мушфиқӣ ва эҷодиёти ӯ меҳру муҳаббати зиёд дорад. Чунон ки аз тарҷумаи ҳоли шоир маълум аст, Мушфиқӣ шахси ҳозирҷавоб, хуштабъ буда, ҳазлу мутоибаро хеле хуш мепазируфтааст. Аз девони мутоиботи шоир равшан мегардад, ки ӯ душманонашро беибо, нотарсона ва гоҳе бадеҳатан ҳаҷву масхара намуда, ҳамеша дастболо мешавад. Илова бар ин, Мушфиқӣ дар ҳаҷвиёти худ калимаю ибораҳои маъмул, образу сужетҳои халқиро бештар истифода мебарад. Шоир ҳатто ғазалу рубоиёте дорад, ки тамоман ба асарҳои халқӣ наздиканд. Чунончи:

Ҳар гаҳ чамани кӯйи туро ёд кунам,
Сад оҳу фиғон аз дили ношод кунам.
Дур аз гули рӯйи ту чунонам, ки дигар,
Булбул шаваму ҳазор фарёд кунам.

Ин рубоӣ дар байни халқи тоҷик ниҳоят паҳн шуда, асари халқӣ гардидааст. Равонию соддагӣ, салосати сухан ва

http://eduportal.uz

оҳангнокии рубоии боло рубоиёти халқиро хотирнишон мекунад.

Аз ин рӯ, мардуми меҳнаткаш ба Мушфиқӣ ихлоси зиёд дошта, ӯро қаҳрамони латифаҳои худ интихоб кардааст. Дар латифаҳои халқии тоҷикӣ Мушфиқӣ ҳамчун қаҳрамони мусбӣ амал мекунад. Ӯ подшоҳ, амалдорон, вазирон ва дигар одамони табақаи болои ҷамъиятро ҳаҷву масхара мекунад. Дар баъзе латифаҳои бо номи Мушфиқӣ вобаста дуздӣ, порахӯрӣ, фисқу фасоди аҳли риё ҳаҷв карда шудааст.

Чунончи, дар яке аз латифаҳо, ки дар байни халқи тоҷик паҳн шудааст, оварда мешавад:

«Аз Мушфиқӣ пурсидаанд:

– Кас дар ин дунё чӣ кор кунад, ки бароҳат рӯз бинад?

Мушфиқӣ гуфт:

– Дар вақти ҷавониаш фиребгарӣ, дуздӣ карда, дар калонсолиаш шайх ё эшон шавад».

Ҳамин тавр, баъди вафоти шоир дар байни халқ латифаҳои зиёде пайдо шудаанд, ки онҳоро мардум ба шахсияти Мушфиқӣ нисбат додаанд. Вале бештарини онҳо ба ҳаёти адиб ҳеҷ алоқае надоранд. Лекин бо вуҷуди ҳамаи он мардум нисбат ба Мушфиқӣ муҳаббати зиёде дошта, аз номи вай латифаҳои зиёде офаридааст, ки қисме аз онҳо бо номи «Заҳрхандаи Мушфиқӣ» нашр шудааст. Дар солҳои 20-уми асри гузашта журнали ҳаҷвие бо номи «Мулло Мушфиқӣ» нашр мегардид, дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» саҳифаи махсуси ҳаҷвии «Чойхонаи Мушфиқӣ» нашр мешавад. Ҳамаи ин далели он аст, ки Абдураҳмони Мушфиқӣ дар байни мардуми тоҷик ба симои дӯстдошта табдил ёфта, дар он афкору андеша ва орзую омоли мардуми меҳнатиро ифода мекунад.

Ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Мушфиқӣ аз замони зиндагии шоир диққати аҳли илму адабро ба худ кашида, дар бисёр тазкираҳои замонаш ва минбаъда номи ӯ бо эҳтиром зикр карда шудааст.

Аз олимони адабиётшиноси тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Зоҳир Аҳрорӣ, Раҳим Муқимов ва дигарон доир ба паҳлӯҳои ҷудогонаи ҳаёт ва мероси адабии шоир тадқиқоти ҷолиби диққат бурда, рисола ва мақолаҳои илмӣ навиштаанд. Гулчини асарҳои

http://ziyouportal.uz

Мушфиқӣ дар шакли китоби алоҳида ва асарҳои ҷудогонааш дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ нашр шудаанд.



Савол ва супоришот

1. **Чаро номи Мушфиқӣ ба қаҳрамони шартии латифаҳои халқии тоҷикӣ табдил ёфтааст?**
2. **Яке аз латифаҳои бо номи Мушфиқӣ вобастаро хонда маънидод кунед.**
3. **Аз олимони тоҷик киҳо дар бораи Абдураҳмони Мушфиқӣ тадқиқоти илмӣ бурдаанд?**
4. **Аз ғазалҳои Мушфиқӣ интихобан аз ёд кунед.**
5. **Дар бораи ҳаҷвиёти Мушфиқӣ кори хаттӣ нависед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Хуни дил мегиряму ашки ҷигаргун мехӯрам

Хуни дил мегиряму ашки ҷигаргун мехӯрам,
Пеш аз ин май мекашидам, ин замон хун мехӯрам.
Хуш намеомад шакар хӯрдан ҳарифонрову ман,
Ҳайрате дорам, ки чандин заҳри ғам чун мехӯрам.
Неъмати хони биҳишт аст ин ғами хубон, ки ман,
Кам намегардад, аз ӯ ҳарчанд афзун мехӯрам.
Ҳамчу нақши панҷаи савсан дамад аз хоки ман,
Баски силии ҷафо аз дасти гардун мехӯрам.
Ташна мемирам, ки дар ҷони ман оташ мезанад,
Ҳар дамии обе, ки бе он лаъли майгун мехӯрам.
Аз сари Фарҳод месозад қадаҳ дар базми ишқ,
Бода аз хуноби дил бар ёди Маҷнун мехӯрам.
Ваҳ, ки дар аҳди ҷавонӣ пир гаштам, Мушфиқӣ,
Чун нагардам пир аз ин ғамҳо, ки акнун мехӯрам.

Умрам ба охир омад

Эй ҷони ман асират, эй умри ман фидоят,
Умрам ба охир омад бе лаъли ҷонфазоят.
Фарёд аз он, ки ҳаргиз тарки ҷафо накардӣ,
Афсӯс аз ин, ки мурдам бар ваъдаи вафоят.

http://edu.portal.uz

Ту меравӣ хиромон, ман бо ду чашми гирён,
Ошуфтаву парешон чун кокул аз қафоят.
Не бахти он, ки як шаб дастам расад ба зулфат,
Не пойи он, ки рӯзе бигрезам аз ҷафоят.

ТАҚСИМИ МАРОС

Ҳамшира харҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману масорифи қурро аз они ту.
Анбори пур зи ғаллаи бобо аз они ман,
В-он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту.
Танбӯри пур зи хотами бобо аз они ман,
В-он нағмаҳои тарна-таранно аз они ту.
В-он ҷойхоби мондаи бобо аз они ман,
Тасбеҳи пора-пораи бобо аз они ту.
Дастор, ҷома, фӯтаи бобо аз они ман,
Бетоқативу нолаи шабҳо аз они ту.
Кафгиру дегу дегчаи бобо аз они ман,
Дастгиру дегхонаи бобо аз они ту.
Ҳамёни пур зи тангаи бобо аз они ман,
Занги фулуси мондаи бобо аз они ту.
Ҷумла гилему қолини бобо аз они ман,
В-он нақшҳои мондаи бӯрё аз они ту,
Аз рӯйи ҳавлӣ то ба лаби бом аз они ман,
Аз пушти бом то ба сурайё аз они ту.
Мардум гусел кардану шистан аз они ман,
Такфини об кардани бобо аз они ту.
Рафтан ба сӯйи қабру нишастан аз они ман,
Саҳҳофхону чалпаки бобо аз они ту.



Луғат ва тавзеҳот:

Муалло – олӣ, баланд, боло.
Мазраъ – ҷойи зироат, киштзор.
Парвин, Ҷавзо – бурҷҳои осмонӣ.
Қурға – тиккаи коғаз ё чизи дигар, ки аз рӯйи он насиб ва ё ҳиссаи касро муайян мекунанд.

http://edu.portal.uz

АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVII– XVIII ВА НИМАИ ЯКУМИ АСРИ XIX

«Дар охирҳои асри XVIII Осиёи Миёна ба се давлати хонӣ – Бухоро, Қӯқанд ва Хоразм тақсим гардида буд ва ҳаёти адабӣ-маданӣ низ дар ин се марказ инкишоф ёфт».

Холиқ МИРЗОЗОДА

Доираи адабии Бухоро

Дар натиҷаи ҷангу хунрезиҳои харобиоварӣ дар ибтидои асри XVII дар байни шайбониёну темуриҳо ва дар миёнаҳои нимаи аввали ин аср байни сафавиёну шайбониҳо ба вуқӯъ омада ҳаёти иқтисодӣ, хоҷагии мамлакат таназзул ёфта буд. Ин таназзул, ки ба ҳаёти маданӣ ва адабии мамлакат низ таъсири муайяне дошт, то аввалҳои асри XVII давом кард. Ниҳоят, аз миёнаҳои нимаи аввали асри XVII сар карда, ба монанди ҳаёти иқтисодӣ ҳаёти маданӣ ва адабӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Бухоро, ки пойтахти давлати аштархонӣ буд, ба маркази асосии илмӣ ва адабӣ табдил гардид ва аз ҳама зиёдтар қувваҳои илмӣ, адабии давр дар ҳамин шаҳр гирд омада буданд. Дар нимаи аввали асри XVII агар ба монанди Мулло Нахлӣ, Назмӣ, Лоиқ, Мулло Қатлӣ, Ягона, Якто, Ҳасанбек, Ҳоҷӣ Собир як гурӯҳи калони шоирон дар дарбори хонӣ ҷамъ шуда бошанд, дар нимаи дуюми асри XVII шумораи онҳо боз ҳам зиёд шуд. Назар ба маълумоти тазкиранависи асри XVII Малеҳои Самарқандӣ доираи адабии дарбори Абдулазизхон (1645–1680) зиёда аз 30 нафар шоиронро фаро мегирифт. Ба ғайр аз шоирони ба доираи адабии дарбор мансуб, боз як қатор шоирони дигар буданд, ки берун аз дарбор бо касбу коре ҳаёт ба сар мебурданд, вале онҳо ҳам ба умеди инъом ва ё ба лутфу марҳамати хон ва амалдорони вай сарфароз гардидан, эҷодиёти худро ба манфиати ҳукумати давр ва ҳукмронони замон равона карда буданд.

Ба ин тариқ, намояндагони доираи адабии дарборӣ аз ҷиҳати миқдор хеле сабзид. Ба монанди Олими Бухороӣ, Ғаммози Самарқандӣ, Қозӣ Носир, як қатор намояндагони

адабиёти дарборӣ эҷодиёти худро ба манфиати ҳукумати феодалӣ ва табақаи ҳукмрон равона карда, аз ин нуқтаи назар бо муболиғаҳои зиёду бардурӯғ шавкату иқтидори давлати хонӣ ва арбобони мӯҳташами давлатро мадҳу ситоишҳо мекарданд.

Умуман, адабиёти дарборӣ ин давра ба монанди давраҳои пешина ба шаклпарастӣ асос ёфта, маҳсули адабии намояндагони он чи аз ҷиҳати ғоя ва чи аз ҷиҳати қимати бадеӣ ягон пешравие надошт.

Ба муқобили адабиёти дарборӣ дар нимаи дуюми асри XVII адабиёти пешқадам – адабиёти гурӯҳҳои меҳнатии аҳолӣ ва аҳли касбу ҳунар вусъат ёфта, намояндагони барҷастаи он, ки ба монанди Сайидои Насафӣ, Халили Бухороӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ аксар аз табақаи ҳунармандони шаҳру деҳот буданд, асарҳои дорои ғояи баланду арзиши муҳимми бадеӣ-эстетикӣ дошта ба вуҷуд оварданд.

Дар охирҳои асри XVII, яъне пас аз ба сари ҳокимият омадани Субҳонқулихон (1680 – 1702) дар натиҷаи сиёсати пешгирифтаи ӯ ва шиддат ёфтани режими давр харобии мамлакат афзуд. Аҳволи мардумони меҳнаткаш ва аҳли илму адаб ва ҳунар боз ҳам вазнину пурдаҳшат гардид. Вазъият то ба дараҷае сахт шуд, ки як қатор шоирон маҷбур шуданд, ватани худро гузошта, ба ҷойҳои дигар баромада раванд. Ин буд, ки дар як муддати басо кӯтоҳ, ба монанди Ҷалоли Китобдор, Муфиди Балхӣ, Дастури Насафӣ, Мунъими Бухороӣ, Ломии Насафӣ, Хоҷа Сомеи Содот, Нашъа, Насим, Маҳрам зиёда аз бист нафар шоирон ва шахсони бофазлу хирад аз ватани худ дил канда, ба таври доимӣ ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд. Ҳатто Сайидои Насафӣ ҳам ба хулосае омад, ки бояд ба Ҳиндустон ҳиҷрат кунад. Вале заъфи пирию хастагӣ ӯро аз ин сафар боз медорад.

Аз тарафи дигар, сахт шудани вазъияти мамлакат ва режими давр ҳиссу назари бадбинӣ ва эътирози намояндагони адабиёти равияи пешқадамро нисбат ба замони тираи феодалӣ ва табақаҳои ҳукмрон зиёд кард. Аз ин ҷост, ки шеърҳои зидди замонӣ, зидди низому тартиботи ҳукумати давр ва аҳли мансабу сарват ривоҷ гирифт. Намояндагони ҳукумат ба ҳар роҳ кӯшиш мекарданд, ки чунин шеърҳои

пешқадамонаи характери иҷтимоӣ-сиёсӣ дошта дар байни мардум паҳн нагардад, вале майлу ҳаракати онҳо бесамар буд. Ба ҳар ҳол фишору тазйиқи онҳо шоиронро водор сохт, ки фикрҳои пешқадамонаи худро бештар дар чорчӯбаи ғазалу маснавиҳои ишқӣ-тасаввуфӣ ва таҳти ибораҳои сарпечу истиораҳои пур аз рамз ифода намоянд. Чунин тарзи ифодаи фикр бештар дар эҷодиёти Шавкати Бухороӣ, Мулҳами Бухороӣ ва ба андозае дар маҳсули адабии Сайидои Насафӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва дигарон мушоҳида мешавад.

Дар асри XVIII дар замони ҳукмронии Абулфайзхон (1711–1747) ва Раҳимхони Манғит (1748–1758) бинобар афзудани зулму бедодӣ, андозҳои расмию ғайрирасмӣ ва услуби ваҳшиёна ситонидани онҳо, вазъияти халқу мамлакат беш аз пеш душвор гардид. Дар ин давр таассуби динӣ низ пурқувват гардида, тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифта буд ва ба адабиёт ҳам таъсири калоне расонида, онро аз тасвири воқеъоти зиндагӣ ба канор мекашид. Ба ин тариқ дар асри XVIII барои пешрафти адабиёт ва санъат ҳеҷ гуна заминае мавҷуд набуд. Бо вуҷуди ин дар ин давр ба монанди Музҳаб, Хусрав, Имло, Бедодӣ якчанд шоирон ба майдони адабиёт омаданд. Вале асарҳои онҳо аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ сусту холӣ буда, дар онҳо бештар ақидаҳои динӣ, оҳангҳои яъсу ноумедӣ ифода гардидаанд. Масалан, аксарияти шеърҳои девони Имло таҳти таъсири пурқуввати дину тасаввуф сурат гирифта буданд.

Дар байни пайравони Бедил ба монанди Шавқии Каттақӯрғонӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ дар охирҳои асри XVIII ва аввалҳои асри XIX шоироне дучор меоянд, ки онҳо ба андозае афкори пешқадамонаи Бедилро ривоҷ додаанд.

Дар нимаи аввали асри XIX бинобар андаке беҳтар шудани шароити иқтисодию сиёсии мамлакат дар ҳаёти адабӣ як тағйироти намоёне ба амал омад. Адабиёти равияи пешқадам дар ин давр аз ҷиҳати мазмуну ғоя ва услуби бадеӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар эҷодиёти намояндагони он ба ҷуз оҳангҳои яъсу ноумедӣ, ки бештар хоси адабиёти асри XVIII буд, соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва аҳволи вазнини гурӯҳҳои меҳнатии аҳолӣ ифода гардидаанд.

Масалан, эҷодиёти Мирзо Содиқи Муншӣ, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Абдураҳмон Носеҳи Хатлонӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Мирзо Атои Бухороӣ, Парии Ҳисорӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Шӯҳии Хуҷандӣ, Раҳими Ғармӣ, Шавқии Каттақӯрғонӣ, Музтари Косонӣ, Қудрати Бадахшонӣ дорои чунин хусусият мебошад.

Чун дар даврањои пешина дар ними аввали асри XIX ҳам қуввањои адабӣ ба ғайр аз Бухоро дар дигар шаҳру вилоятҳо, аз ҷумла дар Самарқанд (Маҳзун, Матлаб), Ӯротеппа (Нодим, Фано, Хиҷлат), Ҳисор (Мулло Рачаб Парии Ҳисорӣ, Ҳасрат), Каттақӯрғон (Шавқӣ, Хумулӣ), Бадахшон (Мавзун, Аҳқар) ва дигар ҷойҳо пароканда буданд. Қисме аз шоирони тоҷик эҷодиёти худро дар Қӯқанд (дар дарбор) ва маҳалҳои гирду атрофи он давом медоданд.

Доираи адабии Қӯқанд

Доираи адабии Қӯқанд, ки дар замони ҳукмронии Олимхон (1799 – 1804) оғоз ёфта буд, дар аҳди Умархон (1809 – 1822) шӯҳрати зиёде пайдо кард ва ин шӯҳрат то охирҳои нимаи аввали асри XIX бардавом буд. Доираи адабии Қӯқанд бо хусусиятяи худ аз доираи адабии Хоразм тафовут дошт.

Дар доираи адабии Хоразм адабиёт асосан ба забони ӯзбекӣ инкишоф меёфт. Шеърҳои ба забони тоҷикӣ эҷод намудаи намояндагони ин доираи адабӣ қисмати хеле ночизи маҳсули адабии онҳоро ташкил кардаанд. Адабиёти форсу тоҷик дар доираи адаби Хоразм бештар бо роҳи ба забони ӯзбекӣ тарҷима гардидани асарҳои назмӣ ва насрии намояндагони назарраси илму адаби форсу тоҷик интишор мешуд. Аз ҷумла, дар ин давра «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ, «Тӯтинома»-и Зиёвуддини Нахшабӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Саломон ва Абсол», «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Шоҳу дарвеш»-и Ҳилолӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ. «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайни Кошифӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир ва ғайра ба забони ӯзбекӣ тарҷима шуданд. Ин далолат ба он мекунад, ки дар доираи адабии Хоразм нисбат ба доираи адабии Қӯқанд ба

http://adabportal.uz

забони ӯзбекӣ тарҷима намудани асарҳои адабӣ ва таърихӣ ривоҷ гирифта будааст.

Аксарияти намояндагони доираи адабии Қӯқанд бо ду забон - ӯзбекӣ ва тоҷикӣ асар эҷод мекарданд. Амир Умархон ва ҳамсари ӯ Нодира (1792–1842) шоирони боистеъдод буда, ба забонҳои ӯзбекию тоҷикӣ шеър мегуфтанд ва дар ин забонҳо девонҳои ашъор ҳам тартиб додаанд. Умархон, ки аз қадру манзилати шеъру шоирӣ ба хубӣ огоҳ буд, ба равнақи адабиёти дарбори худ аҳамият медод ва мехост, ки шавкату ҳашамати давлаташро ба воситаи адабиёт бештар таҷассум кунонад. Бинобар ин, ӯ ба шоирони маддоҳ лутфу марҳамати зиёде зоҳир мекард ва барои ба дарбори худ ҷалб намудани чунин шоирон ташаббус нишон медод. Ин буд, ки аз ҳар гӯшаю канори Осиёи Миёна шоирони зиёде ба муҳити адабии дарбори ӯ ҷамъ омада буданд. Фазлии Намангонӣ дар тазкираи худ «Маҷмӯаи шоирон» тақрибан 80 шоирро зикр мекунад, ки аксарияти онҳо ба дарбори Умархон мансуб буданд. Аз ҳудуди аморати Бухоро ҳам ба монанди Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Умеди Самарқандӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Муштоқи Шаҳрисабзӣ, Камоли Бухороӣ, Мирзо Абдулатиф, Шавқӣ, Турбӣ, Ваҳшӣ барин як қатор шоирон бо орзую умедҳои зиёде рӯ ба Қӯқанд ниҳоданд. Қисме аз ин шоирон ба монанди Ҳозиқ, Ваҳшӣ, Камоли Бухороӣ, Умеди Самарқандӣ ба доираи адабии дарбори Умархон роҳ ёфта бошанд ҳам, вале аз сабаби «мувофиқи табъи амир» шеър нагуфтан ва ба қавли Фазлии Намангонӣ бо амир «аз як ҷайб сар набаровардан» муваффақияте пайдо карда натавонистанд. Баъзеҳо пуч будани умедҳои худро фаҳмида, бо хорию зорӣ ба ватанашон баргаштанд.

Гурӯҳи дигари шоирон, ба монанди Махмур, Гулханӣ, Маъдан, Акмал, Ғозӣ, Шӯхӣ, Узлат бар хилофи расмияти адабиёти дарборӣ аз замонаи номусоид, зулму ноодамиҳои аҳли мансабу сарват, аҳволи бисёр вазнини халқи аз пой афтода, хору залил гардидани аҳли илму ҳунар, вайрониҳои шаҳру деҳот дар шеърҳои худ шикояту эътироз мекарданд. Махсусан, шеърҳои зидди замонӣ ва ҳаҷвияҳои тезу тунди бар зидди мансабдорону давлатмандон равона кардаи Махмур, Гулханӣ ва Маъдан дар адабиёти пешқадами ни-

маи аввали асри XIX-и доираи адабии Қӯқанд мавқеи хосе доранд.

Азбаски бисёре аз шоирони ин муҳити адабӣ ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пайваста шеър эҷод намудаанд, омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти онҳо барои ҳар ду халқ ҳам аз аҳамият холӣ нест.

Мазмун ва мундариҷаи адабиёти пешқадами ин давр

Намояндагони адабиёти пешқадами ин давр Сайидои Насафӣ, Халили Бухороӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Муҳаммадшариф Гулханӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Маъдани Понғозӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Қудрати Бадахшонӣ, Содиқ, Махмур, Фориғи Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ ва дигарон дар эҷодиёти худ ба масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва тарбиявию ахлоқӣ дахолат намуда, дар онҳо нуқсонҳои замонаи феодалӣ, ҷабру зулм ва ноинсофиҳои мансабдорону давлатмандон, риёкорӣ ва фиребу найрангҳои рӯҳониёни иртиҷойиро танқиду мазаммат карда, меҳнат, касбу ҳунар ва хислатҳои неки инсониро тарғиб намудаанд. Чунин масъалаҳо аз ҳама зиёдтар дар эҷодиёти шоири машҳури асри XVII Сайидои Насафӣ ба таври возеҳу барҷаста ифода гардидаанд.

Ҳамасри Сайидо, шоири маъруф – Халили Бухороӣ ҳам бар зидди ҳукуматдорони замонаш эътироз мекунад, ки бинобар санъатношиносию кӯрботинии онҳо аҳли ҳунар поймолу лагадкӯби замон шудаанд:

Гар лагадкӯби ҳаводис шуд ҳунарвар, айб нест,
Чун бувад дар шаҳри кӯрон зери по оинаҳо.

Намояндаи дигари адабиёти пешқадами асри XVII Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ бо як ғамхорию дилсӯзӣ бар зидди беҳуқуқии косибони шаҳр баромада, агар дар маснавии «Толиб ва Матлуб» Толиб ном як козурписари камбағали бекасу кӯйро дар ҳуқуқ ва рутбаи инсонӣ баробари шоҳдухтари нозанин – Матлуб гузошта бошад, дар ҳаҷвияҳои худ қаллобӣ

http://elibrary.tj.uz

ва фиребгариҳои сарватмандонро фош карда, нисбат ба онҳо нафрати зиёд доштани худро исбот намудааст.

Шикояту эътироз аз нобаробариҳои замону кирдорҳои нафратовари табақаи ҳоким ва хору залилии аҳли фазлу дониш дар шеърҳои Содиқ, Ирсӣ, Ҳасрат, Қудрати Бадахшонӣ, Маҳзун мавқеи намоёне доранд.

Шоирони дузабонаи равияи пешқадами доираи адабии Қӯқанд низ дар асарҳои худ ба инъикос намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ аҳамият додаанд. Ҳозиқ бар зидди замонаи беадолат эътироз мекунад, ки он «дун» (паст) ва «дунпарвар» аст ва агар чунин намебуд, устухони хушкро ба ҳумои баландпарвозу шакарро ба магаси пасту мурдор лоиқ намедид:

Даври гардун нест гар дун, пас чаро дунпарвар аст?
Кай ҳуморо устухон лоиқ, магасро шаккар аст?

Ҳозиқ золими озорҷӯро ба каждум нисбат дода мегӯяд, ки чуноне ки каждум барои заҳр пошидан неши худро хам мекунад, ба монанди ҳамин тавозӯъкориҳои золим ҳам маҳз барои зулми худ замина тайёр кардан аст:

Қасди золим аз тавозӯъ нест ҷуз тамҳиди зулм,
Мешавад хам неши ақраб заҳр чун бар мекашад.

Ҳозиқ дар якчанд шеърҳояш аз пастфитратию бетамизиҳои соҳибмансабон шикоят мекунад:

Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун шуд,
Набудӣ, кош, лавҳи хотирамро нақши идроке.

Ҳозиқ замонаи худро маҳкум мекунад, ки дар он аҳли мансабу сарват ба воситаи пул ҳама гуна корҳои дилхоҳи худро ба сомон расонида метавонанд. – Он, – мегӯяд шоир бо рамз, – ба воситаи пул ҳатто «худоро» ҳам аз худашон миннатдору хурсанд карда метавонанд:

Метавон бо зар худоро ҳам зи худ хушнуд сохт,
Зар худоро чун хуш ояд, пас чӣ ҳарфи дигар аст?!

http://edu.ortal.uz

Ин гуфтаҳои Ҳозиқ зоҳиран аз он сабаб аст, ки дар замонаи ӯ пораю ришвагирӣ хеле авҷ гирифта буд ва аҳли мансабу сарват ба ивази пулу ришва аз вазнинтарин гуноҳу ҷиноятҳои худ раҳоӣ ёфтаанд.

Шоири дигари муҳити адабии Қӯқанд Маъдани Понғозӣ дар шеърҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии худ (асосан дар ғазалу мухаммасҳояш) бо танқиду ҳаҷви тезу тунд тартибу усули мамлакатдории замони феодалӣ, зулму истисмори бераҳмона ва ноинсофиҳои аҳли мансабу сарват, ҳолати сахти зиндагии мардумони меҳнаткаш ва харобию вайронии вилоятҳоро тасвир мекунад. Масалан, ӯ дар яке аз мухаммасҳояш зулму ноодамиҳои мансабдорону сарватмандони маҳаллӣ, вайрону хароб гардидани деҳоти Понғозро ва ба вартаи ҳалокат дучор шудани аҳолии он ҷойро чунин ифода намудаст:

Диёнат рафт, ё раб аз диёри мардуми Понғоз,
Ба дасти аблаҳон шуд ихтиёри мардуми Понғоз,
Ба вайронӣ муқаррар киштукори мардуми Понғоз,
Сагон серанд аз сайди шикори мардуми Понғоз,
Ки ин номардакон хасми кибори мардуми Понғоз.

Чунон ки дида мешавад, Маъдан дар мисраъҳои боло амалдорону сарватмандони зулмпешаро «аблаҳон», «сагон», «номардакон» номида, нисбат ба онҳо нафрати бепоён доштани худро собит намудааст.

Маъдан дар байти зерин золимони давлатмандро, ки бо зулму ғоратгарӣ соҳиби молу дунё мешуданд, бо мукофоти амал таҳдид намуда, онҳоро таъкид мекунад, ки мувофиқи рафтору кирдори қабеҳашон ҷазои сазовор хоҳанд дид:

Аз гаронборӣ бинеҳ, Маъдан, ки дар поёни кор,
Меситонад интиқом аз марди дунёдор дор.

Ҳамин тариқ, намояндагони равияи пешқадами адабиёти асри XVII ва нимаи аввали асри XIX ба як қатор масъалаҳои муҳимми ҳаёти воқеъӣ дахолат намуда, дар онҳо нуқсону нобаробариҳои замони номусоиди худро тасвир кардаанд, ки мазмуну мундариҷа ва моҳияти асосии равияи пешқадами ин давраро ташкил медиҳанд.

http://eduportal.uz

Анъанаҳои адабии давр

Дар адабиёти асри XVII нисбат ба дигар навъҳои назм ғазал ва мухаммас ривоҷ ёфт. Масалан, дар эҷодиёти Сайидои Насафӣ ғазал чи аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ ва чи аз ҷиҳати шакл такмил ёфта бошад, мухаммас ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расид. Инчунин дар назми шоирони охирҳои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар баробари ғазал суръати мухаммаснависӣ суст нашуд. Аксарияти шоирони ин давра, аз ҷумла Ҳозиқ, Шавқӣ. Содиқ, Музтар, Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ ва дигарон ғазалҳои бузургтарин шоирони гузашта ва муосирро мухаммас кардаанд. Вале қасида дар асри XVII рӯ ба таназзул ниҳод ва ин таназзул дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX боз ҳам шиддат гирифт. Дар девони ашъори як қатор шоирони ин давр ба монанди Мирзо Атои Бухороӣ, Қонеъи Насафӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ, Хоҷаи Убонӣ қасида умуман ҷой надорад. Баъзе шоирон ба монанди Содиқ, Ҳозиқ, Адо, Афғон дар ин намуди назм табъозмоӣ карда, баъзе қасидаҳо навишта бошанд ҳам, вале миқдори онҳо хеле кам буда, қисми ночизи маҳсули адабии ин шоиронро ташкил медиҳанд.

Дар асри XVII анъанаи достоннависӣ давом кард. Масалан, дар ин давр достонҳои «Толиб ва Матлуб»-и Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мулҳами Бухороӣ таълиф гардидаанд. Ин анъана дар адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асрии XIX низ бо суръат давом намуд. Чунончи, маснавиҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ, «Дахмаи шоҳон»-и Содиқ, «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез», «Ҳадиқат-ур-расул»-и Носеҳи Хатлонӣ, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Муҳаммаднабии Аҳқар, «Раъно ва Зебо»-и Масеҳои Бойсунӣ дар ин давр навишта шудаанд. Махсусан дар ин давр дар шакли маснавӣ таълиф намудани манзумаҳои хурд ривоҷ гирифт. Ин манзумаҳои хурд аксар ба инъикоси масъалаҳои ҷудогонаи ҳаёти воқеъӣ бахшида шуда, дар онҳо нуқсонҳои замон, зулму кирдорҳои зишту ношоистаи ҳокиму амалдорони баъзе вилоятҳои давлати хонии Бухоро танқиду мазаммат карда шудаанд. Манзумаҳои хурди

дар шакли маснавӣ гуфташуда дар асри XVII ҳам мавҷуд буданд. Масалан, маснавиҳои таърихӣ ва маснавиҳои «Дар васфи қиматӣ», «Дар мазаммати дузде, ки хонаи шоирро ғорат кардааст», «Дар сифати сармои зимистон», «Тасвири боғ ва меваи он» таълиф намудаи Сайидои Насафӣ аз ҷумлаи манзумаҳои хурди дар шакли маснавӣ эҷодгардида ба шумор мераванд.

Дар баробари асарҳои адабӣ дар асри XVII ва нимаи аввали асри XIX як қатор асарҳои таърихӣ низ таълиф гардиданд. Аз ҷумла, агар дар асри XVII «Баҳр-ул-асрор»-и Маҳмуд ибни Валӣ, «Муҳит-ут-таворих»-и Мулло Шарафиддини Самарқандӣ (таълифи ин асар дар соли 1680 ба поён расида буд ва дар соли 1702 нусхаи мухтасари онро Саид Роқим ба вуҷуд овард, ки бо унвони «Таърихи Саид Роқим» шӯҳрат дорад), «Имомқулинома»-и Суҳайлӣ (бо назм) навишта шуда бошад, дар асри XVIII «Убайдуллонома»-и Муҳамадамини Бухоройӣ, «Таърихи Муқимхонӣ»-и Муҳаммад Юсуф, «Тӯҳфаи Хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ва дар нимаи аввали асри XIX «Гулшан-ул-мулук»-и Муҳаммад Яъқуб, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Ҳакимхон ва ғайраҳо ба вуҷуд омадаанд.

Дар нимаи аввали асри XVII дуюмин тазкираи Мутрибӣ «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир» ва дар охирҳои асри XVII тазкираи Малеҳои Самарқандӣ «Музокир-ул-асҳоб» ба майдон меоянд. Дар аввалҳои нимаи дуюми асри XVIII Муҳаммадамини Насафӣ бо унвони «Мазҳар-ул-мусаннифин» (соли 1758 – 1759) асаре низ таълиф мекунад, ки он асосан ба масъалаҳои таърихӣ бахшида шуда бошад ҳам, вале бо характеру хусусиятҳои ҷудогонаи худ ба тазкира монанд аст. Дар ин асар дар бораи як қатор шоирони Бухоро, Самарқанд, Қаршӣ ва дигар ҷойҳо маълумоти муҳим дода шудааст. Баъд аз ин то миёнаҳои нимаи дуюми асри XIX дар ҳудуди давлати хонии Бухоро дигар тазкира навишта нашудааст. Фақат дар нимаи аввали асри XIX дар доираи адабии Қӯқанд Фазлии Намангонӣ тазкираи худ «Маҷмӯаи шоирон»-ро тартиб медиҳад. Ба ин тариқ, анъанаи тазкиранависӣ дар асри XVII бо муваффақият давом карда бошад ҳам, вале ин анъана аз охирҳои асри XVIII сар карда, то миёнаҳои нимаи дуюми асри XIX, яъне то ба майдон омадани тазкираи Возеҳ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», ки таъ-

лифи он дар соли 1871 ба поён расида буд, дар доираи адабии Бухоро қатъ меёбад. Дар охирҳои асри XVIII дар Эрон тазкираи Лутфалибеки Озар «Оташкада» ва дар Ҳиндустон тазкираи Ғуломалихони Озод «Хизонаи Омира» навишта мешаванд, ки дар ин тазкираҳо ҳам дар қатори шоирони Эрон, Ҳиндустон, Афғонистон оид ба бисёр шоирони Осиёи Миёна, аз ҷумла шоирони тоҷик маълумот дода шудааст.

Муҳимтарин хусусиятҳои доираҳои адабии асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX Бухоро ва Қӯқанд аз он иборат аст, ки дар байни намояндагони ин доираҳои адабӣ бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ асар эҷод кардан ба куллӣ ривоҷ ёфт. Ин анъана дар адабиёти тоҷику ӯзбек таърихи қадимӣ дорад. Ҳанӯз дар асри XV дар замони зиндагии Ҷомӣ ва Навоӣ аксарияти шоирони туркнажод бо ду забон – ӯзбекию тоҷикӣ асар эҷод мекарданд. Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX бошад, шоирони тоҷик ҳам ба ғайр аз забони тоҷикӣ бо забони ӯзбекӣ асар эҷод карда, девонҳо тартиб додаанд, ки шеърҳои ба ҳар ду забон навиштаи онҳоро дарбар гирифтаанд. Шоирони дузабонаи ин давр Ҳозиқ, Нозил, Маъдан, Махмур, Нодира, Шавқӣ, Гулханӣ, Афғон, Акмал ва дигарҳо дар таърихи тараққиёти адабиёти тоҷику ӯзбек ҳисса гузоштаанд, аз ин рӯ, ба ҳар дуи ин адабиёт тааллуқ доранд.

Доир ба адабиёти ин давра аз олимони тоҷик ва ӯзбек Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Воҳид Абдуллоев, Ботурхон Валихоҷаев, Холиқ Мирзозода, Азиз Қаюмов, Носирҷон Маъсумӣ, Ғулом Каримов, Расул Ҳодизода, Раҳим Муқимов, Садрӣ Саъдиев, Маҳбуба Қодирова, Аҳмад Абдуллоев, Усмон Каримов, Абӯбакр Зуҳуриддинов, Зоҳир Аҳрорӣ ва дигарон тадқиқотҳои ҷолиби диққат бурда, рисолаҳои илмӣ навиштаанд ва китобҳои дарсӣ таълиф намудаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Дар асрҳои XVII–XVIII ва нимаи аввали асри XIX адабиёти тоҷик дар кадом ҳавзаҳои адабӣ инкишоф ёфтанд?**
2. **Дар бораи муҳити адабии Бухорои ин давра маълумот диҳед.**
3. **Дар муҳити адабии Қӯқанд кадом анъанаи адабии асри XV давом ёфт?**

4. Дар бораи шоирони зуллисонайни ин давр маълумот диҳед.
5. Чаро бисёре аз шоирони муҳити адабии Бухоро ба дигар кишварҳо рафтанд?
6. Дар ин давра адибони муҳити адабии Хоразм кадом асарҳои адибони гузаштаи форс-тоҷикро ба ӯзбекӣ тарҷума карданд?
7. Сарчашмаҳои адабӣ ва таърихии ин даврароро номбар кунед.
8. Дар бораи анъана ва навоварии адибони ин давра маълумот диҳед.
9. Кадом тазкиранависони ин даврро медонед? Тазкираҳои онҳоро номбар кунед.
10. Аз олимони тоҷик ва ӯзбек киҳо дар бораи адабиёти ин давр тадқиқот бурдаанд?

http://eduportal.uz



СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Мирзо Муҳаммадалии Соиб яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти асри XVII буда, бо маҳсули гаронбаҳои адабӣ ва фикру андешаҳои баланди пешқадамонаи худ дар таърихи адабиёт мақоми шоиста дорад.

Зоҳир АҲРОРӢ

Тарҷумаи ҳол

Мирзо Муҳаммадалии Соиб соли 1603 милодӣ дар шаҳри Исфаҳон дида ба дунё кушодааст. Гузаштагони ӯ аз шаҳри Табрез будаанд, ки дар ин хусус худи шоир чунин гуфтааст:

Соиб аз хоки поки Табрез аст,
Ҳаст Саъдӣ гар аз гили Шероз.

Падараш Мирзо Абдураҳим, ки аз аҳли тиҷорат буд, аз тарафи ҳукмрони онрӯзаи Эрон Шоҳ Аббоси Кабир бо гурӯҳе аз ҳамкасбон ба Исфаҳон кӯчонида шудааст. Соиб дар Исфаҳон таҳти ғамхорӣ ва сарпарастии падари маҳбуб таҳсилоти ибтидоиро ба поён расонида, минбаъд аз илмҳои замон баҳраҳои кофӣ бардоштааст. Вай хусусан дар фанни шеъру шоирӣ дониш ва малакаи тамом андӯхта, шуғли шеъргӯиро аз дигар анвои ҳунар муқаддамтар дошт. Ӯ осори адабии устодони пешинаро бо камоли эҳтиром, бо шавқу ҳаваси хоса мутолиа намуда, равияи эҷодии онҳоро пайравӣ кард ва муваффақиятҳои эҷодии онҳоро такмил дод.

Соиб, илова бар шоирӣ, боз дар ҷодаҳои дигари санъат роҳ паймуда, дар санъати хаттотӣ яке аз номварони даврони худ гардид. Соиб ин санъатро аз амаки худ – Шамсиддини Табрезӣ, ки ба Шамси Сонӣ машҳур буд, омӯхт ва дар ҷараёни ҳаёт онро ба сарҳади камол расонд. Чандин китобҳо ва девону маҷмӯаҳои шоирон, аз ҷумла «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, куллиёти Шамси Табрезӣ бо хати зебои ӯ нусхабардорӣ шудааст.

Соиб, дар Исфаҳон, чӣ бо саъю кӯшиши шахсӣ ва чӣ бо кӯмакҳои бедареғи ҳаррӯзаи падар дар маҳфилҳои илмиву

http://eduportal.uz

адабӣ ширкат варзида, бо олимон ва шоирони забардаст ошно гардид. Ин ҳолат дониш ва диди адабию бадеии ӯро афзуд ва торафт онро ба такмили сухансароӣ раҳсипор гардонид.

Аз байтҳои зерин равшан мегардад, ки Соиб дар фанни шеър худомӯз будааст:

Татаббӯйи сухани кас накардаам ҳаргиз,
Касе накарда ба ман фанни шеърро талқин.
Ба зӯри фикр бар ин тарз даст ёфтаам,
Садаф зи обилаи даст ёфт дурри санин.

Албатта, устод доштан ва ё надоштани Соиб масъалаи чандон муҳиме нест, вале мурод аз зикри ин лаҳзаи ҳаёти шоир ин аст, ки истеъдоди зотӣ, саъю кӯшиш, меҳнат ва шавқи омӯзиш бе устод ӯро ба мақому мартабаи устодӣ расонидааст.

Соиб пас аз касби камол ва хатми омӯзиши расмӣ ва ғайрирасмӣ, мувофиқи расму қоидаи ҷории замон дар ҷавонӣ ба зиёрати Макка ва Мадина рафта, баъд аз адои маросими ҳаҷ ба ватан баргашт.

Пас аз муддате ба нисбати ғубори озурдагиҳое, ки аз муҳити зиндагӣ рух дод, тарки диёр намуда, азми сафари Ҳиндустон кард, ки дар ин хусус худи ӯ чунин ишорае кардааст:

Баландном нагардад касе, ки дар ватан аст,
Зи нақши содда бувад, то ақиқ дар Яман аст.
Дили рамидаи мо шиква аз ватан дорад,
Ақиқи мо дили пурхуне аз Яман дорад.

Баъдтар, ҳангоме ки дар Ҳинд қарор ёфта, дар он ҷо тарҳи иқомат афканд ва ёди ватан сӯзе дар вуҷуди ӯ андохт, ҳамон озурдагиҳои сабаби мусофираташро дар байте боз гӯшрас сохта будааст:

Доштам шиква зи Эрон, ба талофи гардун,
Дар фаромӯшкадаи Ҳинд раҳо кард маро.

Дар ин мусофират Соиб муддате дар Кобул таваққуф намуда, ба мулоқоти ҳукмрони он ҷо Зуфархон расид ва бо фазлу дониш, маҳорати суханварӣ, ахлоқи писандида мавриди

http://eduportal.uz

навозиш ва эҳтироми ӯ қарор гирифт. Баъд Соиб ба воситаи Зуфархон ва кӯмаки ӯ ба дарбори султони Ҳинд Шоҳчаҳон роҳ ёфт. Дар дарбор мақом ва мартаба пайдо кард ва барои кори эҷодии ӯ шароити хуб муҳайё гашт. Дар хусуси шӯҳрати худ дар Ҳинд Соиб дар бисёр ҷойҳои осори адабиаш ишора кардааст. Чунончи, дар байти зерин гуфтааст:

Пеш аз ин шӯҳрат дошт дар мулки Ироқ,
Сайри мулки Ҳинд Соибро баландовоза кард.

Вале бояд гуфт, ки бо вуҷуди шӯҳрат ва эътиборе, ки шоир дар Ҳинд дошт, ҳамвора орзуи ватан ва шавқи бозгашт ба диёри худ ҳамеша бо ӯ буд. Соиб баъди мусофирати беш аз шашсолаи худ ба Ҳинду Кобулу Кашмир ба ватан баргашт. Давоми умри Соиб дар Исфаҳон гузашт.

Шӯҳрати Соиб саросари Эрон ва кишварҳои дуру наздикро фаро гирифт. Ӯ ба дарбори Шоҳ Аббоси Сонӣ кашида шуд ва ба мартабаи малик-уш-шуарої соҳиб шуд.

Соиб дар айёми пирӣ дар боғи худ ба эҷод ва қабули ҳамқаламон, мухлисон ва эътиқодмандонаш, ки аз ҳар ҷо ба зиёрататаш меомаданд, машғул буд. Хонаи ӯ макони маҷлис ва маҳфилҳои адабӣ, мактаби омӯзиш ва парвариши аҳли адаб буд.

Соиб соли 1677 чашм аз олами ҳастӣ пӯшид ва ӯро дар гӯшаи боғи худаш дафн карданд. Қабри ӯ ҳоло ҳам дар зодгоҳаш Исфаҳон буда, маҳалли зиёрати аҳли завқ ва «Анҷумани адабии Соиб аст».



Савол ва супоришот:

1. **Соиб кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?**
2. **Соиб кадом ҳунарҳоро омӯхтааст?**
3. **Соиб барои чӣ ба Ҳиндустон сафар кардааст?**
4. **Сабабҳои эътибор пайдо кардани Соиб дар чист?**
5. **Соиб кай вафот кардааст ва қабраш дар куҷост?**

Мероси адабии Соиб

Соиб шоири меҳнатдӯст буда, аксари фурсату вақти ҳаёти худро сарфи эҷод кардааст. Соиб муваффақиятҳои

http://darsliklar.uz

эҷодиашро, ба қавли худаш, «файзи хӯрдани дуди чароғ» медонад:

Ситорарези килки сияҳзабон, Соиб,
Зи файзи хӯрдани дуди чароғ медонам.

Вай дар давоми ҳаёташ, бо вуҷуди маҳрумият ва гирифториҳо, асарҳои зиёде эҷод намуда, аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст.

Эҷодиёти Соиб аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва мундариҷа басо гуногун ва пурдомана буда, масъалаҳои муҳими зиндагиро дар бар гирифтааст.

Миқдори ашъори Соиб дар сарчашмаҳо аз ҳаштод ҳазор то садубист ҳазор ва сесад ҳазор ҳатто зиёдтар аз ин ҳам таъкид шудааст.

Соиб шеърҳояшро аз рӯйи мавзӯъҳо ба қисматҳо ҷудо карда, ба ҳар яке мувофиқи мавзӯъ сарлавҳа гузоштааст.

Масалан, шеърҳои ба васфи маъшуқа бахшидаашро ***«Миръот-ул-ҷамол»***, шеърҳои ба васфи оина ва шона гуфташударо ***«Ороиши нигор»***, ашъори дар боби ба маю майхона сурудашударо ***«Майхона»*** ва дар мавзӯъҳои дигар офаридаашро ***«Воҷиб-ул-ҳифз»*** ном гузоштааст. Ин шеърҳо бо иловаи қасидаҳо куллиёти шоирро ташкил намудааст. Дигар аз осори Соиб баёзест, ки аз нусхаҳои нодири китобхонаҳои шоҳии Ҳиндустон ва Эрон ва осори худи шоирони муосири ӯ истифодашуда, тартиб ёфтааст. Ин баёз аз биступанҷ ҳазор байт иборат буда, қариб ҳаштсад адад шоирро дар бар мегирад.

Маснавии «Маҳмуду Айёз» низ ба Соиб нисбат дода мешавад.

Осори Соиб ба тарзи мунтахаб дар Ҳиндустон чопи сангӣ шуда, чанд дафъа дар Эрон низ ба табъ расидааст.

Нашри куллиёти шоир соли 1333 ҳиҷрӣ (1913–1914 мелодӣ) аз рӯйи нусхаи хаттие, ки худи шоир тасҳеҳ карда будааст, бо муқаддима ва шарҳи ҳоли Соиб аз ҷониби Амирии Фирӯзкӯҳӣ дар Теҳрон нашр шудааст.

«Мунтахабот»-и Соиб соли 1980 тариқи нашриёти «Ирфон» дар Душанбе низ чоп шудааст.

http://edu.ziyonet.uz

Соиб шоири сермаҳсул буда, дар мавзӯъҳои гуногун шеърҳо эҷод кардааст.

Осори Соиб, равияи эҷодиёти ӯ, дар ҳақиқат, ҳамчун мактаби адабие буд, ки бисёр шоирон дар он тарбият ёфта, ҳар кадоме аз он мактаб ҳунар ва маҳорати эҷодӣ, тарзи суханронӣ касб кардаанд.

Таъсири Соиб на танҳо ба суханварони асри XVII Ва асрҳои минбаъдаи Эрон, Ҳиндустон ва Туркия, балки ба як қатор намояндагони машҳури адабиёти асрҳои XVII–XX тоҷик низ назаррас мебошад.

Бисёре аз шоирони тоҷик, чун Сайидои Насафӣ, Мулҳами Бухороӣ, Шавкати Бухороӣ ва монанди инҳо Соибро устоди худ шуморидаанд.

Эҳтиром ва пайравӣ ба Соиб танҳо ба хотири маҳорати эҷодӣ набуда, пеш аз ҳама, мундариҷаи ҳаётӣ, фикрҳои пешқадам, махсусан инсонпарварии бузург, ҳақиқатнигорӣ барин хусусиятҳои эҷодиёти ӯ диққати аҳли адабро ба худ кашида буд. Бисёр шоирони минбаъда ба ғазалҳои Соиб мухаммасҳо бастаанд.



Савол ва супоришот:

1. Дар бораи мероси адабии Соиб маълумот диҳед.
2. Кадом маснавиҳо ба Соиб нисбат дода мешаванд?
3. Куллиёти Соиб кай ва дар куҷо нашр шудааст?
4. Кадом шоирони асрҳои минбаъда ба Соиб пайравӣ намуданд?

Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Соиб

Яке аз мавзӯъҳое, ки дар эҷодиёти Соиб мақоми хосеро ишғол намудааст, мавзӯи тарбиявӣ-ахлоқӣ мебошад.

Афкори тарбиявӣ-ахлоқии Соиб, ки ба сурати байту мисраъ ва порчаҳои шеърӣ ҳамчун пандномаи муфид ва дастуруламали судманде ба хидмати ҷомеа пешкаш карда шудааст, бисёр соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти мардумро фаро мегирад.

Соиб дар ин бобат ба сифати муаллими ахлоқ, омӯзгори хулқу атвори шоистаи инсонӣ сар бароварда, дар роҳи руш-

http://darsuportal.uz

ду камоли маънавии инсон, тарбияи ахлоқии ҷомеа хидмати пурмасъулиятеро ба ӯҳда гирифта будааст. Дар ин хусуси худи ӯ чунин мегӯяд:

Матлаби мо гавҳари ибрат ба даст овардан аст,
Гар ба зоҳир ҳамчу тифлон дар тамошоем мо.

Шоири бузург ва мардумшинос дар боби саъю кӯшиш, ростӣ ва дурустӣ, накӯӣ ва накӯкорӣ, адлу инсоф, ҳимоят ва дастгирии мардум, беозорӣ, эҳсон ва мурувват, ҳиммат ва ҷавонмардӣ, дӯстӣ ва рафоқат, ҳушёрӣ ва бедордилӣ, ҳифзи обрӯ ва мартабаи баланди инсонӣ, одоб ва тарзи сухангӯйӣ, мавқеи сухан, қалам ва аҳли қалам, фазилати хомӯшӣ, ҳилму виқор, хоксорӣ, кушодарӯйӣ ва хандонӣ, шодмонӣ ва бедардӣ, шарму ҳаё, меҳмон ва оини меҳмондорӣ, сафар ва ҳамсафари мувофиқ, сабру бурдборӣ, амал ва подоши амал, ишқу муҳаббати поки инсонӣ, сидқу вафо ва ғайра фикрҳои ҳакимона гуфта, манфиати ҳар якеро дар ҳаёт таъкид намудааст.

Аз ҷумла, бе саъю кӯшиш ва ранҷу заҳмат гули мурод ба даст нахоҳад омад, мегӯяд шоир:

Дар коми аждаҳо наравӣ то ҳазор бор,
Соиб, гули мурод начинӣ зи рӯйи ранҷ.

Шоир таъкид мекунад, ки бе меҳнату тараддуд ҳатто як порча нон ёфтан ҳам мумкин нест:

Бе меҳнату тараддуд гардун наёфт қурсе,
Хоҳӣ ту бе кашокаш нон аз ҷаҳон биёбӣ?..

Соиб дар таълимоти ахлоқии худ масъалаи бо ташаббус ва саъю кӯшиши шахсӣ ба камол расидан ва дар ҷомеа танҳо бо фаъолияти манфиатнок мақому мартаба ёфтани шахсро васеъ ба миён гузошта, таъкид намудааст, ки кас дар зиндагӣ бояд ҷавҳари зотӣ, дониш ва ҳунарашро зоҳир сохта, ба қуввату тавононии хеш дар ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёт мустақилона амал намояд.

http://edu.tj.uz

Шоир одамонеро, ки ба рушду такомули маънавии худ накӯшида, ба фазли падар ва шӯҳрати аҷдод фахр мекунанд, ба саге нисбат медиҳад, ки ба як пора устухон шодӣ мекунад. Шоир ин маъниро дар маърази баён гузошта, ба ин восита нуқтаи назари манфии худро нисбат ба «он нокасон» ошкоро изҳор менамояд:

Он нокасон, ки фахр ба аҷдод мекунанд,
Чун саг ба устухон дили худ шод мекунанд.

Соиб пайваста бо масъалаи ташвиқи дастгирӣ ва роҳатрасонии мардум, масъалаи беозорӣ, безарарӣ, ҳифзи фароғат ва оромиву осудагии хотири халқро хеле муҳим мешуморад.

Шоир дар бисёр маврид ба иттифоқу иттиҳод ва дастҷамъӣ ҳал намудани корҳои гуногуни зиндагиро таблиғу таъкид менамояд. Аз ҷумла, ин фикр дар байти зерин хеле барҷаста ифодаи худро ёфтааст:

Барнамехезад ба танҳоӣ садо аз ҳеҷ даст,
Лол гӯё мешавад, чун тарҷумон пайдо шавад.

Соиб таълим медиҳад, ки инсон дар ҳар мавриду шароит бояд обрӯ ва иззати инсонии худро ҳифз дошта, авҷи иззати худро ба хоки хорӣ наандозад. Ҳатто дар мушкилтарин лаҳзаҳои ҳаёт, тасодуф ва пешомадҳои сахти моддӣ ҳам обрӯ ва шарафи одамиро нигаҳ дорад. Ба ин маънӣ ӯ мегӯяд:

Марез оби рухи худ барои нон, к-ин об,
Чу рафт, навбати дигар ба ҷӯ намеояд.

Соиб дар тасвири дигар мавзӯъ ва масъалаҳои ҳаётӣ низ устоди моҳир аст. Вай ҳангоме ки аз ишқ сухан меронад, чунин эҳсос мешавад, ки ҳама ҳастии ӯ дар гарави ишқ аст. Ишқе пок ва беолоиш, муҳаббате соф ва самимӣ. Ишқи Соиб қавӣ ва забардаст аст, ишқест ки нашъаи хушгувори он қуввату илҳом мебахшад:

Пеш аз ин инҷо намакро қимати алмос буд,
Шӯри ман кони малоҳат кард хони ишқро.

http://eduportal.uz

Шукри иллаҳ, Соиб аз иқболи ҳиммат оқибат,
Меҳрубони хеш созад меҳрубони ишқро.

Шоир дар талқини ин мавзӯъ агарчи аз таъсири қоидаҳои ирфонӣ низ холӣ нест, лекин аксар вақт ишқи ҳақиқии инсонӣ, моҷароҳои ошиқона, муносибатҳои самимонаи байни ҳамдигарии одамонро дар саҳнаи ҳаёти воқеӣ тасвир намудааст.

Ҳамин тариқ, Соиб ҳамчун шоири ифодакунандаи ғояи халқи меҳнатӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақоми босазеро ишғол менамояд.

Ин аст, ки асрҳо боз ашъори шӯрангез ва дилошӯби ӯ бо мазмуну мундариҷаи баланди халқӣ ва лутфу таровати дилнишин дар садри маҳфили завқу адаб маъво гирифтааст. Ба ғазалҳои Соиб аз ҷониби шоирон мухаммасҳо гуфта шуда, шеърҳояш аз ҷониби ҳофизону овозхонон суруда мешаванд.



Савол ва супоришот:

1. **Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи шеърҳои Соиб аз чиҳо иборат аст?**
2. **Дар бораи ақидаҳои панду ахлоқии Соиб чӣ медонед?**
3. **Соиб дар бораи саъю кӯшиш чиҳо гуфтааст?**
4. **Ишқ дар тасвири Соиб чӣ гуна садо медиҳад?**
5. **Яке аз ғазалҳои Соибро аз ёд карда, маънидод намоед.**

НАМУНАҲО АЗ АШЪОР

Медиҳад умри абад

Аз гулистон нашавад ғунчаи дил боз маро,
Панҷаи шер бувад чангали шаҳбоз маро.
Метавон нола шунид аз кафи хокистари ман,
Нашавад сӯхтагӣ сурмаи овоз маро.
Заҳмати он наи ман мадеҳ, эй равшангар.
Дил сияҳ мешавад аз миннати пардоз маро.
Дафтари болу параш тӯъмаи миқроз шавад
Ҳар кӣ афканд сари ристаи парвоз маро.
Сари ҳамсӯҳбати Хизр надорам, Соиб,
Медиҳад умри абад килки сухансоз маро.

http://ziyouz.uz

Хуш он рӯзе

Хуш он рӯзе ки манзил дар саводи Исфаҳон созам,
Зи васфи Зиндарӯдаш хомаро рутбуллисон созам.
Сабоосо ба гирди сар бигардам чорбоғашро,
Ба ҳар шохе ки биншинад дили ман, ошён созам.
Шавад равшан ду чашмам аз саводи сурмахези ӯ,
Зи мижгон зиндарӯди гиряи шодӣ равон созам.
Зи шаккар бишканам хусравсифат бозори Ширинро,
Ба мулки Исфаҳон Шабдезро оташинон созам.
Салои оби ҳайвон мезанад теғи ҷавонмардаш,
Чаро чун Хизри камқиммат ба умри ҷовидон созам.
Ба он гармӣ, ки ман рӯ аз ғарибӣ дар ватан дорам,
Агар бар санг бугзорам қадам, реги равон созам.
Ба мижгон хоби махмал медиҳад ҷо чашми зорамро,
Чаро оромгоҳи хеш аз теғу синон созам.
Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтам, аммо
Намедонам туро бар хештан чун меҳрубон созам.
Баланд афтода, Соиб, он қадар табъи худододам,
Ки шамъи Турро хомӯш аз теғи забон созам.

http://edu.tj.uz



САЙИДОИ НАСАФӢ

«Шаҳрошӯб»-аш шӯрҳо дар бозорҳо андохта, рубоияш аркони абётро бар по сохта, қасоидаш лангардор, маснавияш соҳибасрор муқаттаъоташ панд, мустазоди ӯ дилписанд, мувашшаҳоташ муаъммо, лугзаш рамзу имо, номатбӯйи ӯ матмӯъ, он чӣ гуфта ҳама маснӯъ».

Малеҳои САМАРҚАНДӢ

Тарҷумаи ҳол

Миробид Сайидои Насафӣ машҳуртарин шоири нимаи дуюми асри XVII-и тоҷик мебошад. Номаш Миробид буда, Сайидо тахаллуси адабии ӯст. Дар Насаф (шаҳри Қаршии ҳозира) таваллуд ёфтааст. Соли таваллудаш аниқ маълум нест, дар миёнаҳои нимаи аввали асри XVII тавлид шудани ӯ тахмин карда мешавад. Даврaҳои кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии Сайидо дар Насаф мегузарад. Пас Сайидо барои давом додани таҳсил ба маркази сиёсӣ, илмӣ ва адабии онвақтаи Осиёи Миёна ба шаҳри Бухоро омада, дар мадрасаи лаби ҳавзи Нодир Девонбегӣ таҳсилро давом медиҳад. Ӯ дар яке аз ҳуҷраҳои тангу тори қафасмонанди ин мадраса истиқомат мекардааст:

Сайидо, баски ҷаҳон дар назарам танг шудаст,
Ҷой дар кунҷи қафас кардаам аз беватанӣ.

Сайидо баъд аз хатм кардани мадраса ба зодгоҳи худ ба шаҳри Насаф барнагашта, то охири ҳаёташ дар Бухоро истиқомат мекунад. Сабаби асосии ба зодгоҳи худ барнагаштани Сайидо асосан аз он иборат буд, ки дар натиҷаи ҷангҳои харобиовар ва зиддиятҳои мунтазами феодалон зулму истибдод авҷ гирифта, ба монанди дигар маҳалҳои гирду атроф дар Насаф ҳам зиндагии халқи меҳнатӣ, аз он ҷумла аҳли касбу ҳунар ниҳоят сахту тоқатфарсо гардида буд. Ин аҳвол як қисми аҳолии он диёрро ҳам водор менамояд, ки зодгоҳи худро тарк карда, аз паи ризқу рӯзӣ ба дигар ҷойҳо раванд. Аз тарафи дигар, дар Бухоро, дар баробари илму

http://ebook.tdpu.uz

адабиёт, санъатҳои гуногуни ҳунармандӣ тараққӣ карда, дар ин шаҳр нисбат ба дигар ҷойҳо пеш бурдани корҳои эҷодӣ ва касбу косибӣ мувофиқтар буд. Ба ғайр аз ин, Сайидо дар муддати таҳсили худ дар Бухоро бо як қатор шоирон, одамони бофазлу хирад ва косибони ҳунарманд шиносоӣ ва муносибати наздики дӯстӣ пайдо карда буд. Бинобар ин, Сайидо дар Бухоро зиндагӣ карданро мувофиқтар донист. Сайидо худ косиби бофанда буд. Ба ин касб кай ва дар кучо тахассус пайдо кардани ӯ маълум нест. Зоҳиран Сайидо касби бофандагиро дар зодгоҳи худ – дар шаҳри Насаф омӯхта будааст. Дар Бухоро Сайидо баъд аз тамом кардани таҳсил, баробари шеъру шоирӣ, бо касби бофандагӣ низ машғул шуда, бо кӯмаки дӯстони ҳунармандаш зиндагонии худро аз ҷиҳати моддӣ қадре беҳтар мекунад. Ӯ дар байти зерин дар бораи зиндагии миёнаҳол доштани худ чунин гуфтааст:

Айшу ғам бо Сайидо ҳаргиз нагардад бешу кам,
Шукр, ки мо аз ҳад фузун дорем чун ҳоли васат.

То андозае беҳтар гардидани зиндагонии Сайидо ба ӯ имконият медиҳад, ки ба корҳои эҷодӣ боз бештар машғул шавад.

Қисми зиёди шеърҳои Сайидо дар ҳамин давраи ҳаёти ӯ, яъне то солҳои 70-уми асри XVII эҷод гардидаанд. Дар ин давр шоир ба ҳаёти ҳунармандон ва вазъи замон беш аз пеш аз наздик шинос шуда, ҷаҳонбинии ӯ хеле инкишоф ёфта буд. Баробари боло рафтани корҳои эҷодӣ шӯҳрат ва эътибори Сайидо дар байни мардум, махсусан, дар байни гурӯҳҳои меҳнатии аҳолӣ ва аҳли ҳунар баланд шудан мегирад. Зиёд шудани нуфуз ва эътибори Сайидо, пеш аз ҳама аз он ҷиҳат буд, ки шеърҳои ӯ бо мазмуни ҳаётӣ-иҷтимоӣ, соддагии забон ва санъати баланди худ ба халқи оддӣ наздик буданд ва онҳо дар дили халқ зуд роҳ меёфтанд. Аз ин ҷост, ки «...шӯҳраташ, – мегӯяд Малеҳо, – дар байни хосу ом, ҳар кас шеъри ӯро медонад ва ҳар шахс бошад мехонад ва ашъори ӯро мардум беҳтар медонанд ва бештар мехонанд».

Сайидо нағз мефаҳмид, ки мураббӣ ва ҳимоятгари асосии ӯ ҳунармандон-косибони шаҳр мебошанд. Вале номувофиқии

замона шоирро водор мекунад, ки аз одамони бонуфузи табақаи боло ҳам барои мудофиаи худ як ҳомие пайдо кунад. Ӯ аз охирҳои салтанати Абдулазизхон (1645–1680), яъне аз солҳои 70-уми асри XVII сар карда бо баъзе мансабдорони давлати аштархонӣ, аз ҷумла бо Ҳоҷидодхоҳ ва Раҳимбии Юз наздикӣ пайдо мекунад. Шояд дахолати онҳо бошад, ки Сайидо дар ҳамин давраи зиндагии худ бахшида ба хонҳои аштархонӣ – ба Абдулазизхон, Субҳонқулихон (1680–1702) ва Убайдуллохон (1702–1711) баъзе қасида ва маснавиҳо навиштааст, вале ин шеърҳо аз ҷиҳати мазмун ва санъати шеърӣ назар ба дигар асарҳои ӯ паст меистанд ва аз самимияту ҳақиқат басо дур мебошанд.

Дар натиҷаи вазъияти бисьёр сахти зиндагӣ ва ягон қадру қимате надоштани сухан ва илму ҳунар дар Осиёи Миёна як қатор шоирон ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ва кишварҳои дигар ҳиҷрат мекунанд:

Аз аҳли дил намонд дар ин хокдон нишон,
Бастанд обу оина рахти реш аз миён.

Сайидо ҳамчун шоири ватандӯст бо ватани худ видоъ гуфта, ба кишварҳои бегона мусофират карданро як навъ зулм медонад:

То омадам зи мулки адам, дар тараддудам,
Зулм аст, ҳар кӣ аз ватани худ сафар кунад.

Бо вуҷуди ин, вақто ки қисме аз ҳамроҳону дӯстони наздики Сайидо вафот намуда ва қисме ба кишварҳои дигар ҳиҷрат мекунанд ва бесару сомониҳои мамлакат боз ҳам қувват гирифта, аҳволи аҳли илму ҳунар хеле танг мешавад, дар худи Сайидо ҳам хоҳиши аз ватан ба Ҳиндустон ҳиҷрат кардан пайдо мегардад:

Чун сипанд имрӯз беоромам аз савдои Ҳинд,
Ёди хокистарнишинӣ беватан дорад маро.

Аммо дар ин вақтҳо Сайидо ба синни пиронсолагӣ расида, аз қувват рафта буд ва ҳолати сафар кардан надошт:

Мепарад барги хазон аз ҷой бо андак насим,
Пираму бар сар таманнои сафар бошад маро.

Аз тарафи дигар Сайидо, ки ниҳоят камбағал шуда монда буд, барои харҷи роҳи сафар маблағе ҳам надошт:

Аз тиҳидастӣ чу сарви боғ поям дар гил аст,
Рахт мебандам, агар зоди сафар бошад маро.

Ба ин тариқ, заъфи пирӣ, нодорамӣ ва меҳри ватан Сайидоро аз сафари Ҳиндустон боз медорад. Сайидо дар Ватани худ монда, ҳисси бадбинӣ ва нафрати худро бар зидди аҳли зулму ситам бештар баён кардан мегирад. Ӯ дар байти зерин ба муқобили аҳли ситам дар мубориза будани худро чунин ифода намудааст:

Барқаму бар хирмани аҳли ситам дорам гузар,
Ҳар куҷо хори мағелон аст, бошад бешаам.

Сайидо дар бораи аз ҳунар даст кашида, гӯшанишин шудани худ чунин мегӯяд:

Умрест, Сайидо, зи ҳунар даст шустаам,
Шуд муддате, ки гӯшанишинист пешаам.

Гӯшанишинӣ аҳволи зиндагонии Сайидоро аз ҷиҳати моддӣ боз ҳам сахттар намуд. Шоир аз музде, ки аз касби бофандагӣ ба даст медаровард, маҳрум шуда ба нодорамию мӯҳтоҷӣ дучор гардид.

Ба ин тариқ, гӯшанишинӣ ба шоир, ба ғайр аз зарари моддӣ ва рӯҳафтодагӣ, чизи дигаре набахшид. Бинобар ин, Сайидо гӯшанишиниро тарк карда, худро ба тарафи бозор – ҷамъият мекашад ва боз машғули касби бофандагии худ мешавад:

Ҳосил нашуд зи гӯшанишинӣ муроди ман,
Худро зи хона бар сари бозор мекашам.

Лекин аз касби бофандагӣ ҳам акнун чандон манфиате набуд, матоъҳои бофта тайёр намудаи ҳунармандон ба фурӯш намерафт. Зеро дар охирҳои асри XVII ва аввалҳои

http://eduportal.uz

асри XVIII халқи меҳнатии мамлакат хеле қашшоқ гардида, талаботи харидории онҳо ва муносибатҳои савдои хоричӣ ниҳоят суст шуда, бозори касбу ҳунарро касод карда буд. Аз касодии хариду-фурӯши бозор моли Сайидо ҳам ба фурӯш нарафта, зери гарду чанг ба кӯҳнагӣ мерасид:

Бар матоъи касмаёби ман харидоре намонд,
Дар таҳи гарди касодӣ аз баҳо афтодааст.

Сайидо гӯшанишиниро тарк карда, бо ҳаёти камбағалон, ҳунармандони бенавогардида аз наздик шинос мешавад ва меҳру шафқати ӯ нисбат ба онҳо боз ҳам зиёд мегардад:

Ҳар кучо афтодае бинам, ба сар чо медиҳам,
Хори ин саҳро гули рӯйи сабад бошад маро.

Соли вафоти Сайидо аниқ маълум нест. Ӯ тақрибан дар замони ҳукмронии Убайдуллохон дар байни солҳои 1707–1711 дар шаҳри Бухоро вафот кардааст.



Савол ва супоришот:

1. **Сайидо дар кучо таваллуд шуда дар кучо таҳсили илм намудааст?**
2. **Чаро номи Сайидо дар байни аҳли ҳунар баланд гардидааст?**
3. **Сабабҳои гӯшанишинӣ кардани шоир дар чист?**
4. **Сайидо бо кадом мансабдорони давр наздикӣ пайдо мекунад? Чаро?**

Мероси адабии Сайидо

Мероси адабии Сайидо дар шакли як куллиёт (маҷмӯаи шеърҳо), ки он зиёда аз 8500 байтро дар бар мегирад, то ба мо омада расидааст. Қисми зиёди куллиёти шоир аз ғазалҳо иборат буда, онҳо бештар аз 4600 байтро ташкил медиҳанд. Аз ҷиҳати миқдор дар куллиёти Сайидо ҷойи дуюмро мухаммасҳо ишғол мекунад, ки онҳо дар ҳудуди 1050 байт мебошанд. Асарҳои дигари шоир, ки дохили куллиёти ӯ гардидаанд, шеърҳои ба ҳунармандон бахшидашуда, маснавии тамсилии «Баҳориёт», «Шаҳрошӯб», маснавиҳои ҳаҷман

http://edu.rmail.uz

хурд-хурди гуногунмазмун, инчунин якчанд рубоӣ, қасида, як мусамман ва порчаҳои ҷудогона мебошанд.

Асарҳои Сайидо аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ – дарбар гирифтани масъалаҳои ҳаётӣ-иҷтимоӣ бой ва аз ҷиҳати шакл – намудҳои назм гуногун мебошанд.

Дар эҷодиёти Сайидо ҷойи асосиро ишғол намудани ғазал аз он далолат медиҳад, ки Сайидо, пеш аз ҳама, шоири лирик – ғазалсарост. Дар ғазалҳои ӯ мавзӯъҳои анъанавии тасвири ишқу ошиқӣ низ кам нестанд. Вале мавзӯъҳои асосии ғазалиёти шоир масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, танқиди замона, золимон ва зоҳидон, ҳимоя кардани аҳли меҳнат, тасвири ҳоли бади худ, харобии мамлакат, фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ва монанди инҳо мебошад.

Ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоии Сайидо

Сайидо ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоии худро бештар дар маснавии ***«Баҳориёт»*** ифода намудааст. Вале чунин фикрҳо дар ғазалиёти шоир низ мавқеи муҳим доранд.

Ба ақидаи Сайидо халқ қувваи бузург ва пояи асосии давлат аст. Сайидо ба қудрату тавоноии халқ боварии комил дорад. Ӯ дар байти зерини яке аз ғазалҳои худ аҳли мансабу сарватро бо ин қувва таҳдид намуда, онҳоро таъкид мекунад, ки касе агар ба халқ душманӣ зоҳир кунад, ба зудӣ сари худро хоҳад хӯрд:

Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст, чу баҳр
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.

Эҳтироми Сайидо нисбат ба халқи оддӣ хеле зиёд аст. Ӯ худро ғамхори дилсӯзи халқи аз по афтода медонад:

Таманнои зи по афтодагон хам кард пуштамро,
Хӯрам чун ғунча хун, бинам сареро гар ба зонуе.

Сайидо тарафдори сулҳ ва ҳукумати марказист, бинобар ин ӯ ҷангу хунрезиҳои дар талоши салтанат ва байни худ ба вуқӯъ овардаи ҳукуматдорони даврро маҳкум мекунад. Зеро хунрезиҳо сабабҳои асосии аз по афтодани халқ ва харобии мамлакат мебошад:

Дар талоши салтанат афтодаанд аз пой халқ,
Тоҷ агар ин аст, олам сарнагун хоҳад шудан.

Шоир замонаи худро танқид мекунад, ки дар он ба ривоҷи илму ҳунар ва аҳли он аҳамият дода намешавад:

Дар аҳли мо ривоҷ ба аҳли ҳунар намонад,
Имрӯз обрӯй ба лаълу гуҳар намонад.

Сайидо бар зидди замони худ эътироз баён карда мегӯяд, ки дар он ҷоҳилони бехираду беҳунар азизу соҳиби эътиборанд, вале аҳли илму ҳунар хору залил мебошанд:

Бувад мунъим азизи кишвару озода хор ин ҷо,
Зи сарви боғ раънотар дарахти мевадор ин ҷо.

Сайидо замонаи худро маҳкум мекунад, ки он одамони қаллоби нобакорро рӯйи кор оварда, соҳиби мансабу давлат намудааст, ки онҳо ба оҳу зориашон нигоҳ накарда, одамони софдилу камбағалро бешармона ғорат мекунанд:

Турфа соҳибдавлатон оварда даврон рӯйи кор,
Суфра во нокарда кафш аз пойи меҳмон бурдаанд.
Сайидо, онҳо, ки хирманҳо ба ғорат додаанд,
Дар қафои хеш оҳи хӯшачинон бурдаанд.

Сайидо дар ғазалиёташ аз ҳоли бад доштани худ низ такрор ба такрор шикоят мекунад.

Ӯ дар порчаи зерин аз камбағалию нодорамӣ шикоят намуда, арз мекунад, ки хонааш хушку холӣ аст, дар дастархонаш ба ҷуз нони қоқ чизи дигаре надорад ва дар назди меҳмони худ доимо азоби шармандагӣ мекашад:

Мекунам наззора неъматҳову ҳасрат мехӯрам,
Тангдастам, рӯзие дур аз даҳон бошад маро.
Гаштаам аз фоқа, ҳамчун тири бепар, гӯшагир,
Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.
Чун фалак аз Меҳру Маҳ бар суфра дорам нони қоқ,
Рӯзу шаб шармандагӣ аз меҳмон бошад маро.

Замонаи номусоид нафақат Сайидо, балки ҳамаи одамони оддии меҳнатиро гирифтори ғаму андӯҳ ва бадбахтиҳо карда буд. Инак, шикояти Сайидо нафақат ба аҳволи шахсӣ

http://ziyouz.uz

ва андӯҳи худи вай вобаста аст, балки ба аҳволи халқи меҳнатии онвақтаи тоҷик низ тааллуқ дорад.

Ба мавзӯи тасвири харобии мамлакат дилсӯзона таваққуф намудани Сайидо бесабаб набуд, зеро дар охирҳои асри XVII ва ибтидои асри XVIII дар натиҷаи шиддат гирифтани зулму истибдод ва бесарусомониҳои низоми давлати аштархонӣ мамлакат боз бештар рӯ ба харобӣ ниҳода буд.

Фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқии Сайидо

Дар ғазалиёти Сайидо масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, махсусан тарғиб намудани касбу ҳунар, меҳнатдӯстӣ, ростӣ ва вафо, аҳамияти тарбият ва зарари тамаъ мавқеи муҳиме доранд.

Аз ҷумла, ба васфи касбу ҳунар ва аҳли он аҳамияти махсус додани Сайидо бесабаб набуд. Зеро худи Сайидо, ки соҳиби касби бофандагӣ буд ва бо ҳунармандон алоқаи зич дошт, кӯшиш намудааст, ки моҳияти касбу ҳунар ва симои аҳли онро басо мӯътабару барҷаста нишон диҳад. Сайидо таъкид мекунад, ки аҳли ҳунар дар байни ҷамъият дорои иззату эҳтироми баланд мебошад:

Сайидо, аҳли ҳунар иззати дигар дорад,
Нарасад оҳуи ваҳшӣ ба ғизоли хутанӣ.

Ба ақидаи Сайидо, ҳунар ба кас осудагӣ мебахшад ва шахси соҳибҳунар аз тараддуду ташвишҳои зиёди камманфиати зиндагӣ фориғ аст:

Сайидо, марди ҳунарманд аз тараддуд фориғ аст,
Даст агар дар кор машғул аст, по осудааст.

Ҳамин тариқ, Сайидо ҳунар ва ҳунармандони ҳақиқиро меписандад ва онҳоро васф мекунад.

Аз нуқтаи назари Сайидо, меҳнат ва меҳнатдӯстӣ аз муҳимтарин воситаҳои ба мақсад расидани инсон мебошад. Назар ба ақидаи Сайидо бе талабу меҳнат мақсади одам ба даст намеояд ва эътибори одам дар ҷамъият, пеш аз ҳама, ба амалу меҳнати ӯ вобастагӣ дорад:

Бе талаб, эй Сайидо, мақсад намеояд ба даст,
Ҷо ба маҷлис мекунад най аз фиғони хештан.

http://ledu.portal.uz

Дар байни масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқии дар ғазалиёти Сайидо ифодагардида, тарғиби ростгӯию росткорӣ ва вафо мақоми махсусе дорад. Сайидо таъкид мекунад, ки дар ҷаҳон ба ростӣ ҳеҷ заволе нест:

Ростиро, набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.

Ростгӯйӣ боиси сарбаланду обрӯманд гардидани одам аст. Касе, ки ростқавлу росткор бошад, ҳатто одамони боэҳтирому сарбаланд ҳам ба истиқболи ӯ меоянд:

Сарв меояд ба истиқболаш аз боғи мурод,
Ростиро ҳар кӣ месозад асои хештан.

Сайидо алоқамандона ба масъалаи ростӣ дар бораи дигар сифатҳои некӯйи инсонӣ – вафо, дӯстӣ ва рафоқат мулоҳиза меронад. Ба фикри ӯ одам бояд дар баробари ростқавлу ҳақгӯй будан бовафо ҳам бошад:

Дар гӯши ғунча боди саҳар омаду бигуфт:
«Дар ҳар диле, ки бӯйи вафо нест, хастанист».

Чи тавре ки аз мисолҳои боло маълум аст, фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқии дар ғазалҳои худ ифода намудаи Сайидо ба муҳимтарин соҳаҳои чудогонаи ҳаёт, ташаккули шахсияти инсони комил ва ғайра бахшида шудаанд. Дар ифода намудани онҳо Сайидо на фақат фикрҳои шоирони пеш аз худ гузаштаро тараққӣ дод, балки онҳоро бештар бо зиндагии ҳаррӯзаи мардум мувофиқат кунонд, ки қисми зиёди онҳо то ҳоло аҳамияти худро гум накардаанд ва дар рӯзҳои мо низ қобили қабуланд.

Ба ин тариқ, ғазалҳои Сайидо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ – дарбар гирифтани масъалаҳои ҳаётӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ ба дараҷаи баланд мебошанд. Сайидо дар онҳо ҳамчун ҳимоятгар, ғамхори дилсӯз ва ифодакунандаи орзую омоли гурӯҳҳои меҳнатии аҳолӣ намоён мегардад.

http://edu portal.uz



Савол ва супоришот:

1. **Дар бораи мероси адабии Сайидо маълумот диҳед.**
2. **Ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоии Сайидо бештар дар кадом асари ӯ ифода ёфтааст?**
3. **Сайидо пояи асосии давлатро дар чӣ мебинад?**
4. **Ба ақидаи Сайидо ҳунар ба кас чӣ мебахшад?**
5. **Дар бораи фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқии Сайидо бо овардани мисолҳо аз эҷодиёти ӯ маълумот диҳед**

Хусусиятҳои ба худ хоси ғазалиёти Сайидо

Ғазалҳои Сайидо на фақат аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ, балки аз ҷиҳати шакл, хусусиятҳои бадеию услубӣ ҳам қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Дуруст аст, ки Сайидо дар вазн ва қофияву радифи ғазалҳои худ асосан ғазалсароёни пешгузашта ва муосири худро пайравӣ кардааст. Вале ғазалҳои ӯ дорои бисёр хусусиятҳои ба худ хос мебошанд.

Яке аз чунин хусусиятҳои ғазалиёти Сайидо иборат аз он аст, ки дар онҳо шоир масъалаҳои ҳаётӣ-иҷтимоиро боҷуръатона ва хеле ба таври васеъ дохил намудааст. Ин ҷуръати Сайидоро мумкин аст, навигарӣ ҳисобид. Зеро чунин ташаббус дар эҷодиёти ғазалсароёни пеш аз Сайидо гузашта кам мушоҳида карда мешавад.

Дигар ин ки дар ғазалҳои ишқӣ ва ҳатто дар ғазалҳои ба мавзӯъҳои тасаввуфӣ бахшидааш ҳам Сайидо масъалаҳои ҳаётӣ-иҷтимоиро хеле моҳирона ифода намудааст.

Ба таври васеъ дохил намудани мавзӯъҳои ҳаётӣ-иҷтимоӣ боиси аз ҷаҳати ҳаҷм – миқдори байтҳо афзудани ғазалҳои Сайидо гардидааст. Зеро мазмунҳои тозаи ҳаётӣ-иҷтимоӣ ба ҳудуди пештараи ғазал нағунҷидаанд. Аз ин ҷост, ки ҳаҷми ғазал пештар то ба 12 байт расида бошад, дар эҷодиёти Сайидо он то ба 26 байт расидааст. Ин далолат ба он мекунад, ки дар ғазалиёти Сайидо мувофиқати мазмуну шакл ба куллӣ таъмин аст. Дар баробари ба ғазал ба таври васеъ дохил намудани мазмунҳои тозаи ҳаётӣ-иҷтимоӣ Сайидо дар кор фармудани санъатҳои бадеӣ ҳам, аз ҷумла дар ташбеҳ ва тамсил чизҳои нав ва ифодаҳои халқиро бештар

http://eduportal.uz

дохил намудааст. Ҳамаи санъатҳои бадеии кор фармудани Сайидо барои барчаста ифода гардидани фикру мақсадҳои ӯ хизмат кардаанд ва дар ғазалсароӣ маҳорати баланд доштани Сайидоро ба исбот мерасонанд.

Мухаммасҳои Сайидо

Сайидо на фақат дар ғазал, балки дар мухаммаснависӣ ҳам устод мебошад. Сайидо мухаммасҳои ба таври мустақилона навишташуда низ дорад. Аммо аксарияти мухаммасҳои ӯ дар вазнҳои гуногун ба ғазалҳои шоирони дигар баста шудаанд. Аз ҷумла, Сайидо беҳтарин ғазалҳои Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Калим, Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Мӯҳташами Кошӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Соиб ва ғайраҳоро интихоб намуда, онҳоро мухаммас кардааст. Сайидо дар мухаммасҳояш ба тамоми қоидаҳои мухаммаснависӣ нағз риоя мекунад. Ӯ хусусияти ҳар як ғазали интихоб намудаашро пурра аз худ намуда, мисраҳои илова кардаи худро чи аз нуқтаи назари мазмун ва чи аз ҷиҳати услуб ва вазну қофия ба онҳо мувофиқ кунонидааст.

Сайидо дар ҳаёти адабӣ-мадании охирҳои асри XVII жанри мухаммасро ба дараҷаи хеле баланд тараққӣ дод. Дар мухаммасбандӣ шоиреро дучор кардан басо мушкил аст, ки муқаддамтар аз Сайидо бошад. Сайидо дар тамоми таърихи адабиёти тоҷик яке аз бузургтарин устодони мухаммас ба шумор меравад.

Шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо

Ба ғайр аз он ки Сайидо дар бораи касбу ҳунар ва мавқеи дар ҷамъият доштаи аҳли он дар ғазалҳои худ сухан меронад, ӯ ба васфи ҳунармандон як силсила шеърҳои алоҳида низ бахшидааст. Шеърҳои ***«Дар таърифи наққор»***, ***«Дар таърифи нонвой»*** ва ***«Дар таърифи қассоб»*** аз ҷумлаи калонтарин шеърҳои ба васфи ҳунармандон бахшидашудаи ӯ мебошанд. Сайидо ҳар яки ин шеърҳоро аз тарафи ин ва ё он намояндаи санъати ҳунармандӣ сар мекунад ва пас аз ин бевосита усули кори ҳамин ҳунарро тасвир намуда, ниҳоят, ба муроҷиат кардан ба маю соқӣ шеърро ба поён мерасонад.

Масалан, шеъри «Дар таърифи наққор» бо чунин мисраъҳои дар ҳаққи наққор (дуредгар) гуфтаи шоир оғоз меёбад:

Бути наққори ман сарвест якто,
Зи сар то пой пайванд аз тамошо.
Санавбар истода бар дӯконаш,
Тарошад хешро аз бандагонаш.

Баъд аз тасвири кори наққорӣ Сайидо шеъри мазкурро бо мисраъҳои зерин, ки муроҷиат ба маю соқӣ мебошад, ба охир мерасонад:

Биё, соқӣ, даре бикшо ба рӯям,
Ба ҷоми бода бишкан орзуям.
Маро чун Сайидо маъмур гардон,
Диламро хонаи пурнур гардон.

Чунин услуб ва сохти композитсионии шеъри «Дар таърифи наққор», ба шеърҳои «Дар таърифи нонвой» ва «Дар таърифи қассоб» низ тааллуқ доранд. Аз тасвироти Сайидо дар бораи усули кори наққорӣ, нонвоӣ ва қассобӣ як тасаввуроти равшан пайдо кардан мумкин аст.

Сайидо кӯшиш намудааст, ки дар шеърҳо ба ғайр аз зикри асбобҳои ба ин ва ё он санъати ҳунармандӣ дахлдор (ба монанди «арра», «теша», «ранда», «танӯр», «ордбез», «канора» ва ғайра) ва калимаю ибораҳои хоси худи ҳамон санъати ҳунармандӣ (ба монанди «оби теша», «синҷи хона», «чарбу нарм», «сабӯс», «булоқи», «хамир», «пушти нон», «чанги мушт» ва ғайра) калимаю ифодаҳои соддаю халқиро бештар кор фармояд.

Санъатҳои бадеии истифода намудаи Сайидо низ тарзи махсусе дошта, ба ин ва ё он санъатҳои ҳунармандӣ алоқаманд кунонида шудаанд. Ҳамаи шеърҳои ба ҳунармандон бахшидашудаи Сайидо бо як вазн «ҳазаҷи мусаддаси мақсур» навишта шудаанд. Онҳо дар шакл (аз ҷиҳати қофия) ба маснавӣ ва дар мазмун (аз ҷиҳати таърифу тавсиф) ба қасида монанд мебошанд. Онҳо аз қасида бо он фарқ мекунанд, ки қасидаҳои маъмулӣ асосан ба мадҳу ситоиши шоҳон, ҳокимон, намояндагони бузурги дину тасаввуф бахшида шудаанд, аммо дар шеърҳои дар васфи ҳунармандон гуфтаи Сайидо соҳаҳои ҷудогонаи санъати ҳунармандӣ ва

http://edu.tajik.uz

ҳунармандон таърифу тавсиф карда мешаванд. Аз ин ҷо мумкин аст ба чунин хулоса омад, ки Сайидо дар шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи худ таърифу тавсифро аз шакли қасида ва тарзи қофиябандиро аз шакли маснавӣ қабул карда, дар таърихи адабиёти тоҷик як намуди нави назмро эҷод намудааст, ки онро аз ҷиҳати шакл маснавӣ ва аз ҷиҳати мазмун қасида номидан мумкин аст.

«Шаҳрошӯб»-и Сайидо

Аввалин ***«Шаҳрошӯб»***-и комил ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XI аз тарафи шоири маъруфи тоҷикзабони Ҳинд Масъуди Саъди Салмон (1046–1121) эҷод гардида буд. Бо таълиф намудани «Шаҳрошӯб», Сайидо анъанаи «шаҳарошӯб»-нависиро дар ҳаёти маданӣ-адабии охирҳои асри XVII-и тоҷик давом дод. Ӯ дар ***«Шаҳрошӯб»***-и худ ба монанди чарчинфурӯш, заргар, бофанда, кулолӣ, тоқидӯз, мӯзадӯз, хиштпаз, қаннод, кабобпаз, деворзан, танбӯрӣ ва ғайра, ҷамъ 212 нафар намояндагони санъатҳои гуногуни ҳунармандиро ҳазломезона таърифу тавсиф мекунад. Шеърҳои ба ҳар яки онҳо бахшидаи Сайдо аз як байт сар карда, то чор байт мебошад. Ин шеърҳо асосан дар шакли қитъа ва вазнҳои гуногун навишта шудаанд. Сайидо ҳангоми ҳазломезона тавсиф намудани намояндагони ин ва ё он санъати ҳунармандӣ кӯшиш намудааст, ки нисбат ба онҳо истилоҳоти ба ҳамон санъати ҳунармандӣ хос бударо кор фармояд.

Сайидо дар ин асари худ инчунин санъати иҳомро хеле зиёд ва ниҳоят устодона истифода намудааст.

Шеърҳои «Шаҳрошӯб» то чӣ андоза ба намояндагони санъатҳои гуногуни ҳунармандӣ алоқаи зич доштани Сайидоро нишон медиҳад ва барои омӯхтан ва муайян намудани ҳаёти ҳунармандии Бухорои замони зиндагии Сайидо дорои аҳамияти муҳим мебошад.



Савол ва супоришот:

1. **Хусусиятҳои ба худ хоси ғазалиёти Сайидо аз чӣ иборат аст?**
2. **Сайидо бештар ба ғазалҳои кадом шоирони тоҷик мухаммасҳо бастааст?**

http://eduportal.uz

3. **Сайидо чаро бештар дар таърифи ҳунармандон шеърҳо навиштааст?**
4. **Дар бораи забони шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо маълумот диҳед.**
5. **«Шаҳрошӯб» чӣ гуна асар аст? Сайидо дар ин асари худ оиди киҳо сухан меронад?**

«Баҳориёт»

Асари тамсилии Сайидо ***«Баҳориёт» ва ё «Ҳайвонотнома»*** дар масъалаи муайян намудани ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва услуби адабӣ-бадеии Сайидо дорои аҳамияти муҳим мебошад. Ин асар аз муқаддима, қисми асосӣ ва хотима иборат аст. Дар муқаддима Сайидо баъд аз ҳамду наъти анъанавӣ қайд мекунад, ки вай барои дафъи хастагии табъи мардумон аз хусуси ҳайвонот (вуҳуш-ваҳшиён) сухан кардан мехоҳад. Пас аз ин, шоир дар айёми навбаҳор аз хона ба ҷониби саҳро равон шуда ва мушеро, ки назди дари хонааш нишаста худашро таъриф мекард, дидани худро нақл мекунад.

Дар қисми асосии «Баҳориёт», ки он бевосита пас аз муқаддима шурӯъ мешавад 18 ҳайвон: муш, гурба, саг, гӯсфанд, гург, уштур, сангпушт, хорпушт, рӯбоҳ, харгӯш, маймун, оҳу, паланг, фил, карк, шер ва мӯрча мунозира мекунад. Мунозираи онҳо бо худтаърифкунии муш оғоз меёбад. Муш худро таърифкунон, аз ҷумла мегӯяд:

Аҷдоди ман ба мири мушон такя мекунад,
Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон?!

Вақто ки муш худро таъриф мекард, ногоҳ гурбае расида омада, мушро танқидкунон худашро таъриф мекунад:

Бар ман бубину нек тамошо бикун маро,
Яъне зи шер сурати ман медиҳад нишон.
Паррандае, ки бигзарад аз пеши чашми ман,
Ӯро ба чанги хеш дарорам ҳамон замон...
Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,
Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлӯи меҳмон.

Чунин худтаърифкунии гурбаро шунида саг меояд. Вай гурбаро сарзанишу мазаммат намуда, худашро таъриф мекунад.

http://eduportal.uz

Ба ҳамин тарз ҳайвонҳои дигари дар боло зикр гардида паси ҳам омада, ҳайвони пеш аз худро танқид намуда, худашонро таърифу тавсиф мекунанд.

Шер аз ҳамаи ҳайвонҳо пурзӯр буданашро таърифкунон, ситоиш карда мегӯяд, ки ба чашмам дигар баҳодурон аз мӯрча ҳам камтаранд:

...Ҳаргиз шикори дигареро нахӯрдаам,
Як раҳ ба хуни мурда наёлудаам даҳон.
Дар бешае, ки мераваму мекунам қарор,
Берун зи қаҳтсол шаванд аҳли он макон.
Бо ҳар ки бингарам, чигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон.

Ин суханони шерро шунида мӯрчае, ки дар чустучӯйи дона буд, ба ғазаб меояд ва ба шер муроҷиат карда, ӯро бо қувваи тавонои иттифоқи мӯрчагон таҳдид мекунад:

Дар фикри дона мӯрчае буд дар гузар,
Омад ба шеру гуфт, ки: «Эй Рустами замон!
Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар,
В-арна чаро ҳақир шуморию нотавон?
Хӯроки аҳли байти ман аст аз ниточи ту,
Доим пур аст хонаам аз шербаччагон.
Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони мананд аз ту комрон»...

Баъд аз шунидани суханони мӯрча ҳамаи ҳайвонҳо ба мӯрча таслим мешаванд ва ба якдигар узр гуфта, оштӣ мекунанд:

Чун аз забони мӯрча ин ҳарф шуд баланд,
Таслим карда-карда расиданд ваҳшиён.
Гуфтанд узрҳо зи таҳи дил ба якдигар,
Афтод пойи оштие андар он миён.

Ҳамин тавр, қисми асосии «Баҳориёт» бо худтаърифкунии муш оғоз ёфта, бо суханони мӯрча ба анҷом мерасад.

Дар хотимаи асар Сайидо дар рӯзгори Абдулазизхон (1645–1680) дар соли 1091 ҳ. (1680 м.) дар муддати ду-се рӯз навишта шудани «Баҳориёт»-ро чунин қайд мекунад:

http://eduportal.uz

Ин нусха, Сайидо ба ду се рӯз шуд тамом,
Дар рӯзгори ҳазрати Абдулазизхон.
Таърихи аз ҳазору навад як гузашта буд,
Аз ҳиҷрати расул – шаҳи охируззамон.

«Баҳориёт» бо мазмуни ғоявии худ то андозае ба «Мушу Гурба»-и Убайди Зоконӣ (ваф. 1373) монанд мебошад.

Ба монанди Убайди Зоконӣ дар «Мушу Гурба», дар «Баҳориёт» афкори сиёсӣ-иҷтимоии худро бо рамз ифода намудани Сайидо бесабаб нест. Зеро дар охирҳои асри XVII – дар замони ҳукмронии Абдулазизхон муборизаҳои синфӣ хеле тезу тунд гардида, фаъолияти қувваҳои ҳукмрон бар зидди ҳар гуна афкори пешкадам ниҳоят шиддат гирифта буд, ки дар чунин шароит ошкоро баён намудани афкори характери сиёсӣ дошта ниҳоят хавфнок буд.

Санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Сайидо

Дар осори Сайидо, бештар дар ғазалиёти ӯ навъҳои гуногуни санъатҳои бадеӣ ба таври фаровон ва бо камоли устодӣ истифода бурда шудаанд. Дар байни онҳо, махсусан санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора ва тамсил мавқеи муҳимеро ишғол мекунанд.

Сайидо кӯшиш намудааст, ки ташбеҳҳои ба кор бурдаи ӯ ҳаётӣ, равону фаҳмо ва зебою латиф бошанд.

Сайидо санъати ташбеҳро барои барҷаставу образнок ифода намудани масъалаҳои ҳаётӣ кор фармудааст.

Истиораҳои ба кор бурдаи Сайидо ба монанди ташбеҳҳояш, аз як тараф, барои мӯъҷазу барҷаста ифода гардидани фикр хизмат карда бошанд, аз тарафи дигар, шеърҳои шоирро хеле дилпазиру ҷозибанок намудаанд. Сайидо ғазалҳое дорад, ки дар ҳар як байти он санъати истиора кор фармуда шудааст. Масалан, дар ғазали поён:

Хок дар чашмам занад наззора ҳамчун гирдбод,
Эй насими пираҳан, аз домани саҳро биё!
Аз тапидан рехт зери дом болу пар маро,
Бар сари сайди худ, эй сайёди бепарво, биё!
Синаро чун лола аз доғат чароғон кардаам,
Дар чаман баҳри тамошо, эй гули раъно, биё!

http://eduportal.uz

Аз нигоҳам метавон сайри гули бодом кард,
Чашм дар роҳи туям, эй наргиси шаҳло, биё!
Хонаи дил кардаам чун сафҳаи оина соф,
Як шаб аз баҳри худо, эй шамъи базморо, биё!

Дар мисраи дуюми ҳар як байти ин ғазал истиора ҷой дорад. Ифодаҳои «насими пираҳан», «сайёди бепарво», «гули раъно», «наргиси шаҳло» ва «шамъи базморо» ба ҷойи маҳбуба истиораи пӯшида мебошанд, ки онҳо барои зебою амиқ тасвир гардидани сифат ва хусусиятҳои маҳбуба хизмат кардаанд.

Сайидо тамсилро низ дар мавқеъҳои гуногун хеле зиёд кор фармудааст. Масалан, дар мисраи аввали байти поён Сайидо дар хусуси пухта будани суханҳои пирони солхӯрда изҳори ақида карда, онро дар мисраи дуюми ҳамон байт бо овардани тамсили «Шохи ниҳол меваи худ нимрас кунад» пурқувват менамояд. Яъне, чуноне ки меваи ниҳоли ҷавон пурра нопухта нимрас мемонад, сухани одами ҷавон ҳам дар бисёр мавридҳо пухта намебошад, сухани пухтаро одатан пирони солхӯрда мегӯянд:

Пирони солхӯрда сухан пухта мекунанд,
Шохи ниҳол меваи худ нимрас кунад.

Дуруст аст, ки дар эҷодиёти Сайидо сабки ҳиндӣ таъсири муайяне дорад ва инро худи Сайидо эътироф кардааст:

Аҷаб набвад, агар созад шакаррезӣ наи килкам,
Ки дар ҳиндисухан умрест неъматпарвари ӯям.

Аммо Сайидо ҷиҳатҳои мушкилбаёнӣ, иборасозиҳои печ дар печи аз фаҳму ҳаёт дури ин сабкро як сӯ гузошта, беҳтарин хусусиятҳои онро барои образнок ифода намудани афкор ва ақидаҳои пешқадамона бо як тарзи ба худ хосе истифода намудааст.

Сабаби шӯҳрати баланд пайдо кардани Сайидо, пеш аз ҳама, натиҷаи бо услуби равону забони содда, бо маҳорати бузурги шоирӣ, санъаткорона ифода намудани мазмунҳои баланди ҳаётӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ мебошад.

http://edu.portal.uz

Ин аст, ки эҷодиёти Сайидои Насафӣ ҳанӯз аз замони зиндагии шоир диққати аҳли илму адабро ба худ кашида омадааст. Дар адабиётшиносии тоҷик тадқиқоти мукаммалтаринро роҷеъ ба Сайидо ва мақоими ӯ дар адабиёти тоҷик донишманди адабиёт, академик Абдулғанӣ Мирзоев ба сомон расонидааст, ки минбаъд аксар олимони адабиётшинос асосан ба ҳамин рисолаи ӯ таваҷҷӯҳ кардаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Сайидо бо кадом мақсад «Баҳориёт» ном асари худро навиштааст?**
2. **Чаро ин асарро «Ҳайвонотнома» ҳам меноманд?**
3. **Сайидо бо тасвири ҳайвонҳои гуногун ва ба сухан даровардани онҳо хислатҳои киҳоро тасвир кардааст?**
4. **Бо образи шер киро дар назар дорад? Бо мӯрча чӣ?**
5. **Дар «Баҳориёт» шоир ба кадом намуди санъати сухан амал кардааст ва ба кадом шоири гузашта пайравӣ намудааст?**
6. **Дар эҷодиёти шоир кадом санъатҳои бадеӣ бештар истифода шудаанд?**
7. **Эҷодиёти Сайидо аз тарафи кадом олими тоҷик бештар тадқиқ шудааст?**
8. **Аз ғазалиёти Сайидо интихобан аз ёд намоед.**
9. **Дар бораи «Баҳориёт» кори хаттӣ нависед.**
10. **Дар маҳали шумо кадом ҳунарҳо мавҷуданд ва кадом ҳунармандон ҳастанд? Дар бораи онҳо мухтасар ҳикоячаҳо нависед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ба чашми мо биё

Дар дили мо гар намеоӣ, ба чашми мо биё,
Аз муҳит андеша дорӣ, бар лаби дарё биё!
Хок дар чашмам занад наззора, ҳамчун гирдоб,
Эй насими пираҳан, аз домани саҳро биё!
Аз тапидан рехт зери дом болу пар маро.
Бар сари сайди худ, эй сайёди бепарво, биё!
Синаро чун лола аз доғат чароғон кардаам,
Дар чаман баҳри тамошо, эй гули раъно, биё!

http://eduportal.uz

Аз нигоҳам метавон сайри гули бодом кард,
Чашм дар роҳи туям, эй наргиси шаҳло биё!
Хонаи дил кардаам чун сафҳаи оина соф,
Як шаб аз баҳри худо, эй шамъи базморо, биё!
Рӯзгоре шуд, ки чашми Сайидо маъвои туст,
Офтобӣ, дар мақоми худ биё, танҳо биё!

Ғанимат аст

Омад баҳору сайри гулистон, ғанимат аст,
Базми висоли ғунчаи хандон ғанимат аст.
Бо қомати ҳамида равам сӯйи бӯстон,
Наззораи бунафшаву райҳон ғанимат аст.
Эй боғбон, зи боғ ба берун чӣ меравӣ?
Будан ба пойи сарви хиромон ғанимат аст.
Эй ғунча, сар зи ҷайб ба девонагӣ барор,
Якчанд рӯз чоки гиребон ғанимат аст.
Паҳлуи худ зи хоки чаман барнамекашам,
Чун соя хоб зери дарахтон ғанимат аст.
Эй Сайидо, чу бод ба ҳар ҷонибе марав,
Бар гирди хеш гард, ки даврон ғанимат аст.

Намонд

Рафтанд аҳли ҷуд, дар айём кас намонд,
Дар базми рӯзгор ба ғайр аз магас намонд.
Зад қуфл боғбон ба дари боғи орзу,
Маро дигар ба шохи ҳавас дастрас намонд.
Рафт аз димоғи гӯшанишинон ҳузури қалб,
Осудахотирӣ ба биҳишти нафас намонд.
Аз рафти иду омади Наврӯз фориғам,
Тифли маро зи бас ки ҳавову ҳавас намонд.
Бастанд, Сайидо, дари арбоби ҷудро,
Аз нола лаб бибанд, ки фарёдрас намонд.

Мазраи беҳосилам омад ба ёд

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,
Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.

http://edu.portal.uz

Аз фиребу аҳдҳои ӯ шудам розӣ ба марг,
Шаб ҳама шаб дасту теғи қотилам омад ба ёд.
Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам,
Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.
Сар назад аз киштзори умри ман ғайр аз сипанд,
Сӯхтам, чун мазраи беҳосилам омад ба ёд.
Сайидо, дидам ба хок афтода барги лоларо,
Теғи ноҳақхӯрда сайди бисмилам омад ба ёд.

Эътибор ба соҳибҳунар намонд

Дар аҳди мо ривоҷ ба аҳли ҳунар намонд,
Имрӯз обрӯй ба лаълу гуҳар намонд.
Парвона рафт, нашъа пириду қадаҳ шикаст,
Аз шамъ ёдгор ба ҷуз чашми тар намонд.
Аз ҳеҷ хонае набаромад садои ҷуд,
Дар рӯзгори мо зи каримон асар намонд.
Раҳме ба сокинони гулистон кӣ мекунад?
Эй боғбон, ба мурғи чаман болу пар намонд.
Гардуни сифла беҳунаронро ривоҷ лол,
Азбаски эътибор ба соҳибҳунар намонд.
Нагрифт хуни ноҳақи парвона шамъро,
Файзе ба гиряи шабу оҳи саҳар намонд.
Рафтанд, Сайидо, ба сад афсӯс аҳли ҷоҳ,
Бар сар аз ин кулоҳ ба ҷуз дарди сар намонд.

Дар таърифи Хоҷа Шафеи наққош

Бути наққош дорад нақши ширин,
Харобаш хонаи суратгари Чин.
Нигоринпанҷааш аз хони булбул,
Кафаш барги гул, ангуштон раги гул.
Наи килкаш зи ранги доғи лола,
Кашида сурма дар чашми пиёла.
Ба наққошӣ чу дасти худ алам кард,
Сари ангушти наққошон қалам кард.

http://ziyouportal.uz

Бар ҳар ҷо килки худ дар кор баста,
Дили суратгарон зангор баста.
Бувад авроқи машқаш дафтари гул,
Ба дасташ килки мӯ мижгони булбул.
Зи ҷӯши ранги шангарфаш пиёла,
Намоён карда худро ҳамчу лола.
Кашида хиҷлат аз гулҳои зардаш
Фалак то гашта тарфи лоҷвардаш.
Зи ранги ӯст Юсуф дар аморӣ,
Зи килки ӯст руди Нил ҷорӣ.
Баҳор аз дасти рангомезияш танг
Ниҳолаш ҷилвагар гашта ба ҳар ранг.
Ба килки худ намесозад ситамро
Кунад ангушти ӯ кори қаламро.
Зи тасвири гулаш олам чаманзор,
Расида шохи гулро сар ба девор.
Шафақ аз ранги ӯ дар хун нишаста,
Фитода зери пову нақш баста.
Чу гирад бар кафи худ килку паргор,
Кунад суратгаронро нақши девор.
Қалам аз дасти наққошони даврон,
Бувад монанди чӯби рангрезон.
Кафи суратгаронро баста бар чӯб,
Қалам дар рохи ӯ гардида ҷорӯб.
Ба дасташ гул кунад ҳар ҷо гиле ҳаст,
Надида кас чунин устоди гулдаст.
Маро аз сураташ ҷон ёфт ҳастӣ,
Бувад корам кунун суратпарастӣ.
Дамад аз дасти ӯ гул даста-даста,
Бар ангуштони худ гул баста-баста.
Ба ҳар ҷо килки мӯйи ӯ расида,
Чу зулфи дилбарон сунбул дамида.
Кашад гар дасти худ як соат аз кор,
Шавад гул чун гиребончок девор.
Зи суратхона ҳар гаҳ по кашида,
Ба домангирияш сурат давида...
Биё соқӣ, маро аз худ хабар кун,

http://e-dtportal.uz

Чу мавҷи бода нақши тоза сар кун.
Диламро соф гардон аз кдурат,
Бувад оинаам дар банди сурат.
Бидеҳ чун Сайидо кайфи рафеам,
Ки то рӯзи ҷазо бошад шафеам.

АЗ МУХАММАСОТ

Ғами танҳоӣ

Ту маро гӯшанишин карда ғами танҳоӣ,
Қасри афлок шуд аз гиряи ман дарёӣ,
Чанд гирям мани мотамзадаи савдоӣ,
«Эй маро дил зи ғамат волаву ҷон шайдоӣ,
Ман дар ин ҳолу ту дар ғояти бепарвоӣ».

То зада дасти ман он ғамзаи бебок ба сар,
Зада ба бехудиям гардиши афлок ба сар,
Бинишин як нафасе, эй бути чолок, ба сар,
«Доман аз ноз макаш, то накунам хок ба сар,
Зулф барбод мадеҳ, то нашавам шайдоӣ».

Шӯхи ман, банди қабо аз рухи гулбарг кушой,
Ҷилвае сар куну аз хона чу хуршед барой,
Ҳарфи парвонаи худ гӯш кун, аз баҳри худой,
«Як шаб, эй шамъи бутон, сӯйи мани ғамзада ой,
Ки дар ин кулбаи ғам сӯхтам аз танҳоӣ».

Баски овард ба кӯйи ту маро дидаи тар,
Баъд аз ин аз сари кӯйи ту набардорам сар,
Остони ту бувад саҷдагоҳ то ба саҳар,
«Ту ба хоби хушу ман ҳамчу ғуломон бар дар,
Ҳама шаб мунтазирам, то ту чӣ мефармоӣ?»

БАҲОРИЁТ

...Мехоҳам аз вуҳуш замоне сухан кунам,
Дафъи малол то шавад аз табъи мардумон.

http://edu.portal.uz

Рӯзе мани ғариб дар айёми навбаҳор
Аз кунҷи хона ҷониби саҳро шудам равон.
Дидам нишаста бар дари сӯрох мушаке,
Мекард худ ба худ сифати хешро баён.

Муш

«Дорам даруни хона зи анвои хӯрданӣ,
Аз арзану ҷувориву мошу биринҷу нон.
Баққол кардааст муҳайё барои ман
Имрӯз ҳар матоъ, ки чидаст дар дӯкон.
Ҳар кас,ки ёфтаст таваллуд ба соли муш,
Гардад, чу ман, баҳушу адофаҳму нуктадон.
Гоҳе, ки аз ғазаб ба замин рахнаҳо кунам,
Аз ҷони санг наъра барояд, ки: «Алъамон!»
Аҷдоди ман ба Мири мушон такя мекунад,
Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон?»

Расидани Гурба

Дар васфи хеш буд, ки ногоҳ Гурбае
Худро расонд ҳамчу балоҳои осмон.
Зад силие, ки дар таҳи пояш фитод Муш,
Гуфто: «Туӣ, ки омада даҳ пушт паҳлавон?!
Эй беадаб, ту шарм надорӣ зи рӯйи ман?!
Аҷдоди ту шуданд ҳама пеши ман калон.
Обои одии ту бувад кӯршабпарак,
Абнои софили ту ҳам аз ҷинси сифлагон.
Пур кардаӣ зи хок, ба ҳар хона рафтаӣ,
Эй хонаҳои халқ зи дасти ту хокдон!
Дандонзанист кори ту ҳар ҷо, ки донаест,
Ҳастӣ ҳамеша душмани анбори мардумон...
Бар ман бубину нек тамошо бикун маро,
Яъне зи Шер сурати ман медиҳад нишон.
Паррандае, ки бигзарад аз пеши чашми ман,
Ӯро ба чанги хеш дарорам ҳамон замон...
Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,
Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлӯи меҳмон».

http://edu.portal.uz

Расидани Саг

Ногаҳ зи Гурба ин суханонро шунид Саг,
Фарёд карду гуфт, ки: «Эй ҳамдами занон!
Монанди дуд дидадароист кори ту,
Аз дар бурун кунанд, даропӣ зи тобадон,
Дар хонае, ки як нафасе нест хӯрданӣ,
Бар бомҳо баромада гардӣ фиғонкунон.
Тифлону акрабои ту, эй дузди косалес!,
Омӯхтанд дарбадариро зи модарон.
Гоҳе ки нони сӯхтае баҳри ман диҳанд,
Аз пеши ман гирифта гурезӣ ба нардбон.
Аз хонае, ки парчаи ноне ба ман расад,
Шаб то ба рӯз бар дари ӯям нигоҳбон.
Бар ҳар даре, ки мераваму ҳалқа мезанам,
Он хона эҳтиёҷ надорад ба посбон...
Бо он, ки ҳаст мартабаи олие маро,
Дорам мани шикаста қаноат ба устухон».

Расидани Гӯсфанд

Бар Гӯсфанд чун хабари устухон расид,
Афтод оташе аҷаб ӯро ба мағзи ҷон.
Он дам лабу даҳон зи чаро сохтан бубаст,
Худро ба як-ду хез расонид дар миён.
Гуфт: «Эй палиди шумнафас, ҳадди худ шинос,
Бар устухони ман марасон ин ҳама забон!
Кори ту хунхӯрист ба саллоҳхонаҳо,
Ин ҷо шудӣ гурехта аз дасти сагкушон.
Пайваста кори ту ҷадалу ҷанг бо гадост,
Бар остон ту нолакунон, ӯ асозанон.
Бедории шаби ту бувад то дами саҳар,
Созад маҳалли файз туро хоб саргарон.
Ҳар рӯз вақти субҳ шубон мебарад маро,
Ҳар рӯз сӯйи дашт, гаҳе сӯйи бӯстон...
Қассобро зи хуни манаш теғ сурхрӯст,
Бошад канорааш чу хиёбони арғувон.
Симинбарон кабоби дилу гурдаи мананд,
Пайваста аст равғани ман шаъни дегдон».

http://edu portal.uz

Расидани Гург

Чун ин мубоҳиса ба биёбон фасона шуд,
Худро расонд Гург бад-эшон давон-давон.
Бо Гӯсфанд гуфт: «Дилу гурдаи ту чист?
Чун аст, рӯдаҳои ту резам ба як замон?!
Гоҳе ба зери пушта ниҳон гардӣ аз гала,
Созад ба соҳиби ту маро куштанӣ шубон.
Доим даҳон ба равғани ту чарб мекунам,
Худ гӯ, ба пеши ҷанги ҳарифон туро чӣ шон!
Аҳволи ман чу шамъ ба ҳар базм равшан аст,
Дар пеши халқ нест маро ҳоҷати баён.
Дар хоби хеш ҳар кӣ бубинад шабе маро,
Гардад зи юмни ман ҳамаи рӯз шодмон.
Гови замин чу дар назарам ҷилвагар шавад,
Созам ба як ишора ҷудо рони ӯ зи рон».

Расидани Гов

Дар гӯши Гов бод расонид ин хабар,
Фарёд карду гуфт: «Чӣ гуфтӣ? Бигӯ ҳамон!
Ҳар ҷо, ки дидаӣ ту маро, гаштаӣ душох.
Бовар намекунӣ, бикун имрӯз имтиҳон.
Гургӣ, валек қатраи борон надидаӣ,
Нашнидааст гӯши ту овозаи сагон.
Гаҳ сулҳ мекунӣ ту ба чӯпону гоҳ ҷанг,
Гургоштист кори ту пайваста бо шубон.
Шаб то ба рӯз дӯхтаам чашм бар замин,
Аз ман нагашта ҳеҷ кас озурда дар ҷаҳон,
Гоҳе ба гирди хирмани деҳқон шавам ба чарх,
Гоҳе ба халқ шир диҳам ҳамчу модарон.
Аҷдоди ман ба Одаму Ҳавво баробар аст,
Яъне марост гови замин аз бародарон».

Расидани Уштур

Уштур шуниду гуфт, ки «Гӯсолаи ҳанӯз,
Берун накардаӣ сари худро зи коҳдон.

http://edu.portal.uz

Обои ту ба ҳеҷ қаторе набудаанд,
Овардаӣ ба зӯр ту худро дар ин миён.
Як раҳ ба пушту паҳлуи худ ҳам нигоҳ кун,
Аз хотири ту рафта магар чӯби говрон?
Бар гарданат занад чу дузд, айрии душох,
Аз коҳдон баранд сӯйи дашт каш-кашон...
Пайваста хор мехӯраму бор мекашам
Ҳаргиз нагашта хотирам аз сорбон гарон.
Ҳар ҷо, ки будаам, ба ду зону нишастаам,
Дар бар кашида ҷомаи малла чу сӯфиён».

Расидани Сангпушт

Овози гирудори Шутур чун баланд шуд,
Дарҳол Сангпушт биёмад тапон-тапон.
Дар пушт чороина, дар пеши рӯ сипар,
Дар даст санг, барзада доман чу ҷимриён.
Аз санг рафта-рафта, чу оташ забона зад,
Оғози гуфтугӯй бигуфт: «Эй сабукинон!
Кунҷора дидаӣ магар имшаб ба хоби хеш?
Ё гов гаштаӣ ба хаёли ҷувозрон?
Дар умри хеш мисли ту лӯъбат надидаам,
Кӯтоҳақлу пойдарозу шикамкалон.
Дар зери бор нолакунон хоб меравӣ,
Хезӣ зи ҷой ҳамчу заифони погарон.
Дандони ту сароаср агар бишканам, равост,
Ҳаргиз туро касе назада санг бар даҳон.
Маълум шуд аз даҳр шутурдил ту будаӣ,
Бошад ҳамеша чашми ту бар дасти сорбон...
Аз фоқа рӯзу шаб ба шикам санг бастаам,
Донанд халқ: дар бағалам ҳаст тоҳи нон.
Дар гӯшае нишастааму хок мехӯрам,
Бигзаштаам ба чилланишинӣ зи зоҳидон.
Рӯзе, ки офтоб ба гармӣ шавад алам,
Он рӯз эҳтиёҷ надорам ба соябон».

http://eduportal.uz

Расидани Хорпушт

Бар гӯши Хорпушт чу ин моҷаро расид,
Ҳар мӯй гашт бар тани ӯ неши хунфишон.
Чун мӯр, нарм-нарм қадамро ба раҳ ниҳод,
Паҳлӯи Сангпушт нишасту бигуфт: «Ҳон!
Бар гирди хеш маъракае ҷамъ кардаӣ,
Дорӣ ба пушт сандалие ҳамчу қиссахон.
Аъҷубвор дар таҳи сандуқ ҷо шавӣ.
Айёри косапушт туро аз мусоҳибон.
Саҳроиён зи косаи чӯбини ту ба танг,
Исқотиёну косагарон аз ту дар фиғон...
Ҳаргиз надидаам ба барат ҷомаи дуруст,
Домони ту ҳамону гиребони ту ҳамон.
Аз дидани ту сӯҳбати ин қавм шуд хунук,
Эй баднамой, хезу бирав зуд аз миён!
Ман умри худ ба боркашӣ сарф кардаам,
З-он вақҳ гармрӯй намоям ба мардумон.
Пироҳане ба сӯзани худ бахя кардаам,
Дорам ба дӯш ҷомаи шодӣ чу ҳоҷиён.
Бошад ҳамеша дар шаби маҳтоб хоби ман,
Болину бистарам ҳама хору пари миён».

Расидани Рӯбоҳ

Оҳанги Хорпушт чу Рӯбоҳ гӯш кард,
Аз шиддате, ки дошт, равон гашт думзанон.
Фарёд карду гуфт: «Маро дур дидаӣ?
Имрӯз ҳамчу хор баровардаӣ забон.
Дорӣ ба худ ғурур чу пирони хоркаш,
Оташ занам, ки дуд барояд туро зи ҷон!
Аз ҷунбиши ту дар ҳаракат буттаҳои хор,
Пайваста хурду резаи ман аз ту даргумон.
Гар бинии ту канда ба дастат диҳам, равост,
То пеши халқ сар набарорӣ ба ину он.
Ман муддатест хона дар ин дашт кардаам,
Накшодаам ба ҳеҷ кас аз хеш достон.

http://edu.tal.uz

Паҳлу бар офтоб занад пӯстини ман,
Доранд орзуи маро пир то ҷавон.
Шабҳои дай ба воситаи пӯст мекашам,
То субҳ, ҳамчу мағз, дар оғӯш дилбарон...
Гоҳе ки рӯ ба рӯй шавад душмане маро,
Ёбам зи рӯйи ақли худ аз дасти вай амон».

Расидани Харгӯш

Харгӯш сар ба хоби фароғат ниҳода буд,
Бедор гашту гуфт ба Рӯбоҳ он замон:
«Як зарра ақлу ҳуш агар доштӣ ба сар,
Ҳаргиз зи хона по наниҳодӣ бар остон.
Шабҳо равӣ чу дузд ба сӯйи маҳаллаҳо,
Чашмони худ чароғ кунӣ баҳри мокиён.
Бисёр зинда-зинда туро пӯст кандаанд,
Афкандаанд мурдаи ту паҳлӯи сагон.
Ба ҳар каси фақир муяссар намешавам,
Ҷон медиҳанд дар талабам мардуми калон.
Моланд агар ба пайкари худ равғани маро,
Бешакку шубҳа, дафъ кунад дарди устухон.
Гоҳе, ки ман ба одамиён ром мешавам,
Пайваста умри хеш кунам сарфи он макон».

Расидани Маймун

Харгӯш чун ҳикояти худро тамом кард,
Маймун шуниду паҳлуяш омад нафасзанон.
Гуфт: «Эй дарозгӯш, чаро лоф мезанӣ?
Аз одамигарӣ на туро ному на нишон!
Чун муши думбурида намоӣ ба чашми ман,
Ё баччаи бузе, ки бувад ҳар тараф давон.
Зин доштӣ ба пушт, туро мешудам савор,
Ҳастӣ ба пеши ман ту ҳам аз ҷумлаи харон.
Бикшо зи хоб чашму сари худ баланд кун,
Дар дасту пойи ман назари хешро бимон!
Яъне ки нест сурати ман кам зи одамӣ,
Аммо кашидаам қадами худ аз он миён.

http://edu.portal.uz

Нашъунамои ман шуда дар кӯҳсори Ҳинд,
Асли ман аз Фарангу маро ном кордон.
Ҳар чо ки бешаест, дар ӯ сайр мекунам,
Ҳастам ба гирду гӯшаи ӯ ҳамчу боғбон.
Аз меваҳо ба паҳлуи худ паҳн кардаам,
Гоҳе зи туршу гоҳ зи ширину нордон».

Расидани Оҳу

Оҳу расиду гашт ба ӯ рӯ ба рӯю гуфт:
«Кам дидаем одами думдор дар ҷаҳон.
Одам касе ба сурати одам намерасад,
Бе мағз эътибор куҷо дорад устухон.
Гоҳе, ки сӯйи шаҳр туро уфтад гузар,
Гардӣ ту пойкор ба арбоби лӯлиён.
Дар пеши халқ масхарагӣ пеша мекунӣ,
Тифлон ба кӯчаҳо зи қафои ту кафзанон.
Гаҳ найнавозу гоҳ шубонӣ, гаҳе гадо,
Гоҳе асо ба даст шавӣ аз ясовулон.
Дар даҳр агарчи сурати ман нест одамӣ,
Лекин марост сурати некӯ чу дилбарон.
Чашмам бувад зи ғамзаи Лайлӣ барандатар,
Девонаи мананд чу Маҷнун паривашон.
Гоҳе, ки ҳамчу бод шавам, дар давандагӣ,
Барқи ситезкор наёбад зи ман нишон».

Расидани Паланг

З-ин гуфтугӯ Паланг даромад ба ҷастухез,
Худро расонд дар паси Оҳу ҳамон замон.
Гуфт: «Эй гурезпой, зи чангам куҷо равӣ?
Бо ман масоз ҷилвагарӣ ҳамчу духтарон!
Нофи туро ба коми ҳарифон буридаанд,
Бошанд хонаводаи ман аз ту комрон.
Гар бар сари ту сояи калхот ӯфтад,
Дар зери пой хоб равӣ ҳамчу мокиён.
Яъне ки ман ба хуни ту имрӯз ташнаам,
Аз роҳи ташнагӣ ба лаби ман расида ҷон.

http://ledu.portal.uz

Аз қаҳр агар ба хок занам чанги хешро,
Чангу ғубор тира кунад рӯйи осмон.
Аз силиям кабуд бувад рӯйи фили чарх,
Акси думи ман аст, ки гӯянд: «Каҳкашон».

Расидани Фил

Ошуфта гашт Филу равон шуд сӯйи Паланг,
Дандон ба якдигар зада ҳамчун муборизон,
Дум хода карда омаду хобонд гӯшро,
Хартум бар замин заду гуфт: «Эй алочапон!
Аз нохуни паланг чӣ нуқсон ба пойи фил?
Тоҷи хурӯсро чӣ ғам аз нӯли мокиён?
Тундӣ макун, ки чарми ту бисёр дидаам,
Чун тахтапӯст дар таҳи пойи қаландарон.
Гӯйӣ, ки ҳеҷ кас набувад дар баробарам,
Дар ҳар канор ҳаст маро чун ту чокарон.
Дар рӯзи ҷанг зери алам по сутун кунам,
Бошам бар остони дари фатҳ пуштбон.
Тахти равон киноя зи рафтори ман бувад,
Дӯшам ривоҷ ёфта аз мақдами шаҳон.
Чун теғи обдор саропой ҷавҳарам,
Дандони ман равост, ки созанд зарнишон.
Дар пушти ман ниҳанд агар кӯҳи Қофро,
Монанди барги коҳ наёяд маро гарон.
Хартуми ман чу гурз бувад вақти гирудор,
Ҳар мӯйи ман ба тундиву тези бувад синон.
Умрам ҳазор сол бувад дар миёни халқ,
Кам нест зиндагониям аз умри ҷовидон.
Бузургтаре зи ман набувад дар миёни қавм,
Имрӯз зиндафил маро гуфта метавон!»

Расидани Карк

Карк ин сухан зи Фил шуниду қадам ниҳод,
Сар то ба пой чину гирех карда абрӯвон.
Дар пушту паҳлӯяш халае зад ба шоху гуфт:
«Эй тангчашм, ҳарф магӯ ин ҳама калон!

http://eduportal.uz

Аз филмоти ҳодиса ғофил нишастаӣ,
Дорӣ ту эътимод ба умри сабук – инон.
Хартум нест он, ки ба ӯ фахр мекунӣ,
Андохта ба биният айём ресмон...
Хат мекашӣ ба бинии худ кӯчаҳои шаҳр,
Аз пушту паҳлуи ту ғуломон саводхон.
Хуртуми ту ба дидаи саҳроиён бувад,
Бар боми коҳдон, ки гузоранд новадон.
Азбаски нест бар думу хартумат имтиёз,
Ҳайрон шавам кадом тараф бошадат даҳон.
Вақт аст ин замон, ки сари шохи хешро,
Гулгун кунам зи хуни ту чун шохи арвуғон.
Рӯзи масоф синаи худ мекунам сипар,
Гарданд рӯ ба рӯй зи пуштам диловарон.
Хоҳам, ки ҳамла дар сафи пиру ҷавон кунам,
Дар дил маро на бим зи тиру на аз камон.
Шохам ба ҳар диёр кунад кори шохмор,
Пайваста бар хӯранд аз ӯ аҳли корвон.
Хосияти аҷиб ба шохам навиштаанд.
Ҳар кас нигоҳ дошт, гурезанд ҷинниён».

Расидани Шер

Шер аз камин баромаду омад, ба Карк гуфт:
«Эй шохношикаста, бикаш пой аз миён!
Бо ҳар кӣ монда шох ба шох истодаӣ,
Азбаски дар канори биёбон шудӣ калон.
Эй сахтрӯйи сустқадам, чобукӣ макун!
Ҳастӣ ту пеш як қадам аз гови подабон.
Тифлонат аз забони ту парҳез мекунанд,
Бошӣ ту дар миёнаи ин қавм бадзабон...
Ҳаргиз шикори дигареро нахӯрдаам,
Як раҳ ба хуни мурда наёлудаам даҳон.
Дар бешае, ки мераваму мекунам қарор,
Берун зи қаҳтсол шаванд аҳли он макон.
Бо ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон».

http://eduportal.uz

Расидани Мӯрча

Дар фикри дона Мӯрчае буд даргузар,
Омад ба шеру гуфт, ки: «Эй Рустами замон!
Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар,
В-арна чаро ҳақир шуморию нотавон?
Хӯроки аҳли байти ман аст аз ниточи ту,
Доим пур аст хонаам аз шербаччагон.
Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони мананд аз ту комрон.
Мӯре шунидай, ки Сулаймони вақтро
Бар ақди худ ба рони малах карда меҳмон.
Ин рутба шуд муяссари ӯ аз шикастагӣ,
В-арна чӣ ҳадди мӯрчаву лашкари гарон?»
Чун аз забони Мӯрча ин ҳарф шуд баланд,
Таслим карда-карда расиданд ваҳшиён...
Ин нусха, Сайидо, ба ду-се рӯз шуд тамом,
Дар рӯзгори ҳазрати Абдулазизхон.
Таърих аз ҳазору навад як гузушта буд,
Аз ҳичрати расул – шаҳи охируззамон.
Эй хурду бузруке, ки дар айём мондаед,
Афтад ба сахв дар назар ин турфа достон,
Гар зиндаам, гаҳе ба дуо ёдам оваред,
В-ар рафтаам, ба фотиҳа созед шодмон.

АЗ «ШАҲРОШӮБ»

Чарчинфурӯш

Бути чарчинфурӯшам зад ба санг оинаро рӯяш,
Зи ғайрат моҳи навро сӯхта чақмоқи абрӯяш.

Заргар

Ҳар кӣ як дам ҳамдами он дилбари заргар шавад,
Санг гирад лаъл гардад, хок гирад зар шавад.

http://elibrary.uz

Ҳалвогар

Дилбари ҳалвогарамро ҳаст теғе дилхарош,
Аз ғами ӯ қоматам хам гашт чун ҳалвотарош

Сартарош

Теғ бар каф сартарошам қасди куштан кардааст,
Ошиқонро фӯтаи зорӣ ба гардан кардааст.

Меъмор

Шӯхи меъморам ба олам тарҳи нав андохта,
Аз паи таъмир ҳар чо рафта гунбад сохта.

Шоир

Шӯхи шоир мисраи барҷастае бошад ба аср,
Бурдам ӯро хонаю хондам ба гӯшаш назму наср.

Баққол

Шӯхи баққол аз даҳони пистааш гуфтам сухун,
Хонаи ман рафту гуфто: «Кишмишгӯӣ макун!».

Деҳқон

Дӯш рафтам ман замини шӯхи деҳқон рӯфтам,
Ҷамъ кардам хотири худрову он гаҳ кӯфтам.

Ҷуворикор

Бо ҷуворикор шӯхе гуфтамаш ҳарфе ба дард,
Сар ба пеш афканду аз шармандагӣ боло накард.



Луғат:

Васат – миёна, миёнаҳол.
Наснос – бӯзинаи одамимонанд.
Рахт – асбобу анҷоми сафар.
Адам – нест, нобудӣ.
Тиҳидастӣ – камбағалӣ.
Зод – тӯшаи роҳ.
Обои олӣ – падару бобоён.
Софил – паст.

http://eduportal.uz

ШАВКАТИ БУХОРОӢ

«Шоҳбайти ғаррояш китобаи пештоқи дилҳо. Ҳар ҳусни матлаъ, ки дар таърифи хат рақамзадаи хомаи ӯст, зулф аз ӯ чининамост. Мақтаъ, он ки падари фарзанди сухан ва навозандаи тарзи куҳан аст. Тифли маънӣ дар канори назокат ба чарбу нармии гуфтор парвардааст...».

Малеҳои САМАРҚАНДӢ

Тарҷумаи ҳол

Муҳаммад Исҳоқ Шавкат яке аз шоирони машҳури бомаҳорат ва боистеъдоди асри XVII мебошад. Мувофиқи маълумоти муаллифони сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ зодгоҳи Шавкат шаҳри Бухоро буда, падараш шахси сарроф будааст. Лекин оид ба соли таваллуд, давраи ҷавонӣ ва баркамолии ӯ маълумоти зиёде мавҷуд нест.

Падари Шавкат фарзанди худро дар синни ҷавонӣ ба мактаб мегузорад. Пас аз таҳсили мактаб ва вафоти падар Шавкат дар Регистони Бухоро пешаи падари худ – саррофиро давом дода, аз он вазифа касби маош менамояд.

Ниҳоят Шавкат ба Эрон ҳиҷрат мекунад. Дар бораи ба Эрон ҳиҷрат намудани Шавкат се хел маълумот мавҷуд аст.

1. Малеҳои Самарқандӣ, ки ҳангоми сафари худ ба Эрон (соли 1678) дар Исфаҳон бо Шавкат ҳафт моҳ ҳамсӯҳбат шуда, ӯро хуб медонист, дар тазкираи худ менависад: *«Шоҳ Шавкати қаландар – Бухороист... То дар Бухоро буд..., мардуми Тӯрон мункири мушорунлайҳ буданд. Баъд аз убур ба ҷониби Эрон ҳамон қадар ба хубии муомилайҳ муқиранд...».*

Муаллиф дар қисми «Мулҳақот»-и ҳамин тазкираи худ чунин мегӯяд: *«Шавкати Бухороӣ дар бидояти ҳол дар Регистони Бухоро ба саррофӣ машғул буд. Дар ҳамон вақт табъаш соҳиби шуур буд ва ба диққатҳои бегона зеҳнаш ошное. Фикрҳои дур-дур мекард. Аз ин ваҷҳ, наздикони сӯҳбаташ дами инкор мезаданд ва ташнеъҳо мекарданд, ки: «Ашъори Шавкати Ироқиро дуздидаӣ. То дар Бухоро буд, ҳеҷ кас қабули сухани ӯ намекард, ба хусус Миршарифи Насим... Аз ҳамин ваҷҳ, бештар дилаш ба дард омада, ба мулки Ироқ (Ироқи Аҷамро дар назар дорад) убур намуд...».*

http://eduportal.uz

Чӣ тавре ки аз ин иқтибос дида мешавад, яке аз сабабҳои ба Эрон ҳичрат намудани Шавкат нотавонбиниҳои баъзе ҳасудон, ҳамчун Миршарифи Насим буданд, ки аз истеъдоди саршори шоирӣ ва нозукхаёлии Шавкат ҳасад бурда, дар ҳаққи ӯ тӯҳмат мекардаанд.

2. Мувофиқи маълумоти Ғуломалихони Озод рӯзе ду савори сипоҳӣ дар назди дӯкони Шавкат ба якдигар дучор шуда машғули гап мешаванд. Дар ҳамин вақт, аспони сипоҳиён дӯкони ӯро помол карда аз ҳам мепошиданд. Шавкат аз ин ба ғазаб омада, ба сипоҳиён ҳарфи нохуше мегӯяд. Сипоҳиён барои ин суханони нохуш ӯро дашном дода тозиёнакӯб мекунанд. Шавкат аз ин ноинсофии онҳо ба шӯр омада, ҳамон соат дил аз ватан бардошта роҳи Хуросонро пеш мегирад.

3. Мувофиқи маълумоти муаллифи «Ништари ишқ» Шавкат танҳо ба мақсади саёҳат ба Эрон сафар карда будааст.

Оиди ба ин се сабаб ҳичрати Шавкат, ки дар боло зикр ёфт, аз эҷодиёти худи шоир низ баъзе ишоратҳоро пай бурдан мумкин аст, ки то андозае ба ҷилои ватан намудани ӯ вобастаанд. Чунончи, дар як қасидаи худ ғорат ёфтани ашъёи рӯзгорашро ин тавр баён кардааст:

...Матоъи хонаам азбас тамом ғорат ёфт,
Кашам ба сафҳаи девори хона нақши ҳасир.
Барои маслиҳати гиря карданам мижгон
Шудааст ҷамъ ба як мӯ хонаи тасвир.
Назар ба қурси маҳу офтоб бикшоям,
Зи баски гашт дилу дидаам зи олам сер...

Аз ин порчаи ҳузнангез ба хубӣ маълум мешавад, ки молу ашёи Шавкат дар кадом як зинаи зиндагии ӯ ғорат шудааст. вале ба мо маълум нест, ки ин мусибат дар кадом давраи ҳаёти ӯ ба амал омада бошад. Бинобар ин, мо ишорати Шавкатро ба маълумоти Ғуломалихони Озод, ки аспони сипоҳиён дӯкони ӯро помол кардаанд ва аз ин сабаб ӯ тарки диёри худ кард, гуфтааст, ба тарзи муайян вобаста карда наметавонем.

Аз як ишорати Шавкат пай бурда мешавад, ки сафари ӯ ногаҳонӣ рух додааст:

http://edu.ziyonet.uz

Нашъа дар сар, ханда бар лаб, ранг бар рух доштам.
Бодае бар каф, ба доман пойи рангин аз ҳино.
Ногаҳам шӯри ҷунунӣ рехт дар саҳбо намак,
Гул ба чашмам шӯълаи оташ, ҳиноям зери по.

Шавкат дар як байти қасидаи дигараш низ оид ба сафари худ чунин мегӯяд:

Ҳавои сайр чунон кард беқарор маро,
Сипоҳи маст шавам, тори худ кунам шабгир.

Вале ин ҳавои сайру сафаре, ки Шавкатро ба паймудани водӣ ва биёбонҳои пурхавфу хатари мусофирӣ водор мекард, мувофиқи майлу хоҳиши ӯ набуд. Чунки шоир дар зодгоҳи худ қонеъю фориғбол умр ба сар мебурд. Ҳамон тавре ки Малеҳо қайд кардааст, дар ҳақиқат, Шавкат аз ғараз ва тӯҳмати аҳли ҳасад, ки ҳусни тоза ва диққатҳои нозуки беандозаи ӯро дида наметавонистанд, маҷбур мешавад, ки ба диёри бегона ҳиҷрат карда, як умр дар фироқи ёру диёр ҳаёт ба сар барад:

...Бегона кардааст маро аз диёри хеш,
То гаштаам ба маънии бегона ошно,
Доғи маро саводи ватан мушки суда аст,
Ё раб, касе мабод ба ин доғ мубтало!

Вақте ки кас девони қасоид ва ғазалиёти Шавкатро бо диққат мутолиа карда, дар болои ҳар нуктаи рангини ӯ фикру хаёл мекунад, то кадом андоза ба ҳақиқат мувофиқ будани фикри Малеҳо боз ҳам равшан мегардад.

Аз аҳли ҷаҳон сарзаниш азбаски шунидам,
Чун коғази сӯзанзада шуд пардаи гӯшам.

Рашку ҳасад, нотавонбинӣ ва муҳити тоқатфарсо шоирро рӯҳан азоб дода ба он маҷбур мекунад, ки аз зодгоҳи азизи худ дил канда, ҷилои ватан кунад:

Ғубори хотир аз хоки ватан бурун барад моро,
Бувад чун мил гардолуд, дил аз сурмадон гирад.
Сафар аз хилвати ҳайрат набошад покҷавҳарро,
Дили ойина нашнидам, ки аз ойинадон гирад.

http://eduportal.uz

Байти зерини шоир, ки пас аз тарки ватан намудани ӯ навишта шудааст, ин фикрро боз ҳам пурқувват менамояд:

Тарки ватан намудаму қадрам азим шуд,
Гавҳар зи фавти сӯҳбати дарё ятим шуд.

Пас аз мутолиаи ин сатрҳои пурдарду алам дар бораи дурустии он маълумоти Малеҳо, ки Шавкат аз кирдори аҳли ҳасуд ба ҷониби Эрон убур намуд мегӯяд, шубҳае намемонад ва сабаби асосии аз ватан фирор кардани Шавкат дар ҳамин аст.

Ин фикрро он порчаҳои пурҳарорате, ки шоир дар ҳасби ҷудоӣ аз ёру диёр сурудааст, бори дигар тасдиқ менамоянд.

Шавкат пас аз тарки ватан кардан ба Ҳирот омада, ба хидмати ҳокими Ҳирот Сафиқулихони Шомлу ва вазири ӯ Мирзо Саъдиддин (ба гуфти Малеҳо мутаваллии Машҳад) мерасад ва меҳрубониҳои бисёре мебинад. Худи Шавкат ҳам дар ашъораш Ҳиротро ёд мекунад:

Шавкат, ин гулҳо, ки рангин шуд аз хоки Ҳирот
Аз баҳористони табъи нимрангам бишкуфад.

Мувофиқи маълумоти Ғуломалихони Озод ва Ҳусайнқулихон Шавкат гӯё дар аввалҳо *«Нозук»* ва баъд *«Шавкат»* тахаллус мекардааст. Назар ба маълумоти Ҳусайнқулихон Шавкат баъди ба Эрон рафтан аз тарафи вазири Хуросон Мирзо Саъдиддин ба лақаби «Шавкат» мушарраф шуда будааст.

Шавкат дар баъзе ғазалҳояш дар Исфаҳон будани худро қайд кардааст:

Нолаам хасми андалебон аст,
Гиряам хубии гулистон аст.
Сурмаи хомӯшист зоти мо,
Хоки мо гӯйӣ аз Сифоҳон аст.

Соли аз Ҳирот ба Исфаҳон сафар намудани Шавкат ба таърихи сафари Малеҳо ба Эрон (соли 1678) рост меояд. Вақте ки Малеҳо ба Нишопур омада, аз набераи Нази-

http://edu.portal.uz

рии Нишопурӣ Ҳоҷӣ Карим аҳволу ҳолати Шавкат ва ба ҷониби Исфаҳон сафар намудани ӯро мефаҳмад, ба кадом вилояте, ки омадааст, шоирро ҷустуҷӯ мекардааст ва мардум ҷавоб медоданд, ки омада буд, аммо ба наздикӣ ба тарафи Исфаҳон сафар намуд. Хулоса, баъд аз се моҳ зиёдтар ӯро дар Исфаҳон пайдо карда, муддати ҳафт моҳе, ки дар он ҷо мондааст, бо Шавкат ва дигар шоирон сӯҳбатҳо кардааст.

Вақте ки ҳукмрони Бухоро Абдулазизхони Аштархонӣ соли 1680-1681 ба Исфаҳон меояд, мехоҳад, ки бо Шавкат мулоқот намояд ва дар натиҷаи ҷустуҷӯ ӯро аз харобазоре пайдо карда таклиф мекунад, ки ҳамроҳи ӯ ба ҳаҷ равад. Шавкат аввал розигӣ дода аз назди ӯ мебарояд, вале дубора ба пеши вай намеояд.

Ҳангоми дар Исфаҳон будан Шавкат аввалҳо бо мардуми он диёр шишту хез ва мулоқот менамудааст. Аммо дар охирҳои умр бошад, аз мардум канорагириро ихтиёр намудааст, ки сабаби ин то андозае барои мо маълум нест.

Шавкат дар Эрон низ дучори фишору тазйиқҳо гардида, сипас ба Ҳиндустон меравад, ки шояд дар он ҷо бо осудагӣ умр ба сар барад:

Орзуи Ҳинд бисёр аст дар хотир маро,
Гар равад ранги ҳиноям, ман ҳам аз худ меравам.
Тирабахтиҳои ман камтар набошад аз касе,
Соя гар рафт аз қафоям, ман ҳам аз худ меравам...

Байти зерин дар бораи ба Ҳиндустон рафтани Шавкат шаҳодат медиҳад:

Кӯчаҳои Ҳинд майдони санавбар гаштааст,
Баски мемонанд сабзон чун санавбарҳо ба ҳам.

Шахсе ки манзараи кӯчаҳои Ҳиндро аз наздик надида бошад, ҳеҷ гоҳ ранг ва қади хубони Ҳиндро чунин ба таври табиӣ ба сарв ташбеҳ дода наметавонад.

Соли ба Ҳиндустон сафар кардани Шавкат ба мо маълум нест. Аз рӯйи маълумоти Малеҳои Самарқандӣ маълум аст, ки Шавкат то соли 1678 ҳанӯз аз Эрон ба мулки дигаре са-

http://edu.portal.uz

фар накарда будааст. Чунки Малеҳо соли 1678 дар Исфаҳон бо Шавкат ҳафт моҳ мусоҳиби ҳамдигар будаанд ва ӯ дар тазкираи худ дар бораи ба диёри дигар сафар кардани Шавкат ҳеҷ гуна ишорае ҳам накардааст.

Соли аз Ҳиндустон ба Эрон баргаштани Шавкат низ маълум нест. Вале ҳамаи сарчашмаҳои адабии дастрасшуда дар бораи дар Исфаҳон вафот намудани Шавкат ҳамфикранд.

Малеҳо дар бораи вафоти Шавкат менависад: *«Дар ин таърих, ки 1103 (1691) аз ҳиҷрат гузашта, сухане дар афвоҳ машҳур аст, ки дар Сифоҳон фавт намуда бошад»*.

Ба гуфти шайх Муҳаммад Алии Ҳазин Шавкат соли 1107 (1695) ва ба қавли соҳиби «Миръот-ус-сафо» соли 1111 ҳиҷрӣ (1699) дар Исфаҳон аз ҳаёт чашм пӯшидааст.



Савол ва супоришот:

1. **Оиди ба Эрон сафар намудани Шавкати Бухороӣ чӣ хел маълумотҳо ҳастанд?**
2. **Чаро Шавкат аз ватани худ дилмонда шуда, ба Эрон сафар кардааст?**
3. **Тазкиранавис Малеҳои Самарқандӣ дар кадом шаҳри Эрон оиди Шавкат маълумот пайдо карда, ӯро дар кадом шаҳр дучор шудааст?**
4. **Дар бораи ба Ҳиндустон сафар кардани Шавкат чӣ тахминҳо ҳаст? Худи ӯ дар ин бора чӣ ишора кардааст?**
5. **Дар бораи санаи вафоти Шавкат чӣ гуна маълумот медонед?**

Мероси адабии Шавкат

Мероси то ба мо омада расидаи Шавкат ҳоло ба таври бояду шояд тадқиқу таҳқиқ карда нашудааст. Алҳол дар ин бобат адабиётшиноси ӯзбек З. Ризаев ва адабиётшиноси тоҷик М. Аҳмадов дар тадқиқотҳои на чандон мукаммали худ маълумот додаанд. Инчунин доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Шавкат дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик каму беш маълумотҳо дода шудааст бас. Девонҳои ҷудогонаи Шавкат дар захираи дастхатҳои Шарқии Академияи Фанҳои Тоҷикистон ва чанд нусхаи дигар дар хазинаи дастхатҳои Шарқии Академияи Фанҳои Ӯзбекистон, инчунин, нусхаҳои

http://fayl.uportal.uz

ҷудогона дар китобхонаҳои Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва мамлакатҳои Аврупо маҳфуз аст.

Муқоисаи аксари ин девонҳо нишон медиҳанд, ки онҳо ҳар кадом девонҳои алоҳида набуда, балки тақрибан як девонанд.

Дар эҷодиёти Шавкат жанрҳои қасида ва ғазал мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Мазмун ва мундариҷаи қасидаҳои Шавкат асосан аз тасвири норасоиҳои давру замон, саргузашти фоҷеаангези худаш, васфу ситоиши фасли баҳор ва мадҳу таърифи мамдӯҳаш вазири Хуросон Мирзо Саъдиддин, ки чанд муддат дар дарбори ӯ ҳаёт ба сар бурдааст, иборат мебошад. Вале қайд кардан лозим аст, ки ҳам дар қасидаҳо ва ҳам дар ғазалиёти шоир танқиди ҳукмронон ва мавзӯъҳои ҳасбиҳолии ӯ мавқеи зиёдеро ишғол менамоянд.

Ҳангоми шиносоӣ бо эҷодиёти Шавкат диққати касро дар баробари васфи ишқ, пеш аз ҳама, мавзӯъи ҳасбиҳолӣ, хусусан, он сатрҳои ғамангезе, ки дар ҳаҷри ҷудоӣ аз ватан ва дӯстон сурудааст, беихтиёр ба худ ҷалб менамояд.

Чанд байти ҷонгудози зерин бо ғазали машҳури Камоли Хуҷандӣ, ки аз фироқ ва ҳаҷру орзӯи ёру диёр «дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ дода» буд, то андозае ҳамоҳанг буда, шоҳиди онанд, ки Шавкат, дар ҳақиқат, ба таври ихтиёрӣ тарки ватан накарда будааст:

Ҷудо аз ошёни худ зи бас ошуфтааҳволам,
Нагардад дом ҳам шерозаи маҷмӯаи болам.
Ба каф сарриштаи ғурбат, ба дил ёди ватан дорам,
Бувад ҳамчун гуҳар чашме бар ӯ, чашме ба дунболам.
Чӣ суд аз бахти сабзам, чун надорад толеъам авҷе?
Замингир аст ҳамчун сабзаи хобида иқболам.
Надорад шоҳиди саргаштагӣ машшотаро ҳоҷат,
Чу паргор аст аз хамёзаҳои пой халхолам.

Чунон ки аз маълумоти сарчашмаҳои адабӣ равшан мегардад, Шавкат дар диёри мусофирӣ маскан ва макони муқимӣ надошта, тақрибан то охири ҳаёт сарсону саргардон мегардад. Ҳамаи ин ҳолат ва ҳаёти ногуворро ӯ дар ашъори худ низ равшан акс намудааст:

Саҳро тиҳӣ зи водии паймудаи ман аст,
Ташрифи амр ҷомаи фарсудаи ман аст.
Хуршеди осмони ҷаҳони таваккулам,
Лайлу наҳор будаву нобудаи ман аст.
Пироҳанам чу пардаи фонус равшан аст,
Сӯзиш зи бас ба қолаби фарсудаи ман аст.

Бо вуҷуди дар дурӣ ва ҷудоӣ ҳаёт ба сар бурдан, Шавкат нисбат ба зодгоҳи азизу киромии худ меҳру муҳаббати беканор доштааст. Ӯ ҳама вақт дар орзӯи он будааст, ки аз ҳолу аҳволи ватану дӯстон дараке ёфта, дили аз иштиёқи ватан пурҳарорати худро андаке таскин диҳад:

Ватанро не зи мо, не аз ватан моро хабар бошад,
Кӣ меорад ҷавоби номаи бинвиштаи моро?
Замини мазраъи мо, Шавкат, оташхез мебошад,
Дарав бояд ба доси барқ кардан киштаи моро.

Ғаму ғурбати оворагардӣ, рӯзҳои вазнини бекасиву танҳоӣ, ба худ пайдо карда натавонистани макони осоишу роҳат ва шахсони ҳамдаму ҳамроз ба ҷисму ҷони шоири тирабахт фишори рӯҳӣ меоварад. Ҳамаи ин шароити номусоиди онрӯзаи диёри бегона шоирро ба он водор менамуд, ки дар орзӯи ватан сатрҳои ҷонгудоз иншо кунад

Бетааллуқ чун шавӣ, хори магелон чаман аст,
Шафақи шоми ғарибон гули субҳи ватан аст.
Баски доранд ба ҳам мавту ҳаётам пайванд,
Ришгаи пираҳанам баста ба тори кафан аст.
Хилъати фақр ба бар, рӯй ба ғурбат дорам,
Бахяи хирқаам аз ришгаи ҳуббулватан аст.

Лаҳзаи дигари тарҷимаи ҳоли шоир, ки аз мероси адабии ӯ ба назар мерасад, ин шикоят кардани ӯ аз норасоӣ ва тангии маишат мебошад. Ин ҳолати ногувор на танҳо ба сари Шавкат, балки ба сари бисёре аз сухансароёни нокоми гузашта (яъне пеш аз асри XVII) низ омада буд, ки дар талоши зиндагӣ дасту по мезаданд. Чунончи Шавкат бо сахтиву машаққат ризқу рӯзӣ ба даст овардани худро чунин изҳор кардааст:

Бурун аз чарх фориғ нестам аз меҳнати рӯзӣ,
Ба рӯйи осиё ин мӯр гирди дона мегардад.

Чӣ тавре ки аз ашъори шикоятии Шавкат дида мешавад, ӯ ҳамчун фарзанди замони худ сабаби нобаробариҳои иҷтимоии замонашро намедонист ва дар шароити тираву тори он замон дониста ҳам наметавонист.

Аз эҷодиёти бисёр шоирони форс-тоҷик ба мо маълум аст, ки дар лирикаи онҳо (хусусан дар ғазалиёт) мавзӯи ишқ ҷойи асосиро ишғол намуда, мавзӯъҳои дигар дар зимни он баён карда мешаванд. Вале мо дар қасидаҳои дастрасшуда, хусусан, дар ғазалиёти Шавкат тақрибан акси инро мебинем. Ҳангоме ки кас девони ғазалиёти шоирро бо диққат варақ зада мутолиа мекунад, ба назараш чунин мерасад, ки ҳар як сатри ашъори ӯ гӯё тарҷумони зиндаи шарҳи ҳоли ногувор ва айёми номусоиду ноҳинҷори ӯ бошад. Тамоми он маҳрумиву оворагардӣ ва кулфату бадбахтиҳое, ки пас аз ҷудоӣ аз ёру диёр ба сари ӯ омада буд, дар сатрҳои ҷонсӯзи ӯ, ки мо чанд намунаи онро дар тарҷумаи ҳоли шоир овардем, акс ёфтааст.

Мавзӯи ҳасбиҳолие, ки зикр ёфт, албатта, на танҳо ба саргузашти пурфоҷиаи худи Шавкат, балки он ба ҳаёт ва рӯзгори тираву тори бисёр сухансароёни давру замони гузашта тааллуқ дорад.

Услуби эҷодӣ ё худ сабки Шавкат ба сабки ҳиндӣ сахт вобаста аст. Ин вобастагиро ҳам аз мероси адабии шоир ва ҳам аз он ба хубӣ дида метавонем, ки Шавкат дар ашъори худ намояндагони сабки ҳиндӣ – Назирии Нишопурӣ, Толиби Омулӣ, Абӯтолиб Калими Ҳамадонӣ, Соиби Табрезӣ, Нозими Ҳиротӣ, Носиралии Сарҳиндӣ ва ғайраро ёд мекунад. Ӯ бо Бедил мукотиба дошта, ба услуби хосаи ӯ сахт пайравӣ ҳам кардааст.

Дар бисёр ғазалҳои Шавкат ақидаҳои фалсафии ӯ ифодаи худро ёфтаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Шавкати Бухороӣ дар кадом китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд?**
2. **Дар бораи муайян намудани мероси адабии Шавкат аз кадом манбаъҳо истифода бурдаанд?**

http://elibrary.tj

3. **Шавкат дар лирикаи худ ба кадом шоирон пайравӣ намудааст?**
4. **Мавзӯи ҳасбиҳолӣ дар эҷодиёти Шавкат чӣ гуна мавқеъ дорад?**
5. **Мазмун ва мундариҷаи қасидаҳои Шавкатро гуфта диҳед?**
6. **Яке аз ғазалҳои Шавкатро аз ёд кунед ва онро шарҳ диҳед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Намедонад, ки чист?

Дардманди ишқ бедардӣ намедонад, ки чист?
Ҳиммати мардона номардӣ намедонад, ки чист?
Кори ошиқ сӯхтан бошад ба ҳар ҷое, ки ҳаст,
Шамъ аз кофури дил сардӣ намедонад, ки чист?
Фориғ аз шоми ғарибон аст дар субҳи ватан,
Офтоби ман ҷаҳонгардӣ намедонад, ки чист?
Кай бувад андешаам, Шавкат, зи барқи ҳодисот,
Ин гиёҳ аз шӯъла рӯзардӣ намедонад, ки чист?

Пардапӯши роз нест

Хомӯшӣ нозукдилонро пардапӯши роз нест,
Хок чинӣ гар бувад аз сурма, бе овоз нест.
Мегурезӣ, эй кабӯтар, чанд аз мактуби ман
Номаам охир баёзи гардани шаҳбоз нест!
Қуввати маънӣ ба ҷое мерасонад мардро,
Хомаро мавҷи рақам кам аз пари павоз нест.
Кабки мо мастона механдад ба кӯҳсоре, ки боз
Бе садои обшоре синаи шаҳбоз нест.
Дил зи дастам мебарад шӯхе, ки аз тифлӣ ҳанӯз
Чашми ӯ сайдафгану зулфаш камандандоз нест.
Мешавад соф аз ғубори хомӯшӣ тақрири мо,
То набошад сурма, ин ойинаро пардоз нест.
Нола меояд бурун аз синаи ман оташин,
Ҷуз пару боли самандар пардаи ин соз нест.
Решаи ғамро чӣ бок аз нолаи ҷонсӯзи дил?
Мӯйи чиниро хатар аз шӯълаи овоз нест.

http://edu.portal.uz

Баски яксон аст пеши аҳли зоҳир назму наср,
Сарв ҳам, Шавкат, миёни сабзаҳо мумтоз нест.

Зиё дорад

Сухан аз нармии гуфтори мо дигар зиё дорад,
Чароғи нутқ равған аз забони чарби мо дорад.
Дили ошиқ шикаст аз инфиъоли хеш меёбад,
Зи зафъ ин дона аз гардидани ранги осиё дорад.
Ба ҳар узвам чунон ранги табассум рехт шамшераш,
Ки захм аз устухонҳо хандаи дандоннамо дорад.
Нагардад аз дари арбоби маънӣ матлабаш ҳосил,
Зи дахли кач сухандоне, ки мехроби дуо дорад.
Фалак аз ранги коҳӣ рехт ранги хонаи моро,
Бинои мо хатар аз мавҷи оби каҳрабо дорад.
Бувад мавҷи саодат сатри мактуби ҳасири ман,
Китоби толеъи ман мистар аз боло хумо дорад.
Замини шеъри арбоби сухан фарше намехоҳад,
Аҷаб набвад, ки дорам суръати таҳрир чун Шавкат,
Ки аз мазмуни рангин хома оташ зери по дорад.



Луғат

Халхол – ҳалқаи тилло ва ё нуқра, ки занҳо барои зинат ба пойи худ мебанданд.
Ҷазба – бу худ кашидан, кашиш.
Сипеҳр – фалак, чархи фалак, осмон.
Ридо – болопӯш, або, ҷома.
Таҷрид – аз дигарон дур, танҳо мондан.
Ҷаввола – ҷавлонкунанда, ҷаҳанда.
Риҷо – умед, орзу, чашмдошт.
Ар – шакли кӯтоҳшудаи агар.
Амнобод – маҳалли осоиш ва фароғату роҳат.
Мазоҳиб – мазҳаб, роҳ, равиш, тариқ.
Бурқаъ – чашмбанд, пардаи рӯпӯши занон, парда.
Мурассаъ – оросташуда ба воситаи нишондани сангҳои қиматбаҳо, тилловори бо ҷавоҳирот ороддодашуда.
Фалохун – фалахмон, олати сангандозӣ.
Инфиол – асари чизеро ба худ гирифтан, таъсир гирифтан; шарм, ҳаё.
Ҳасир – бӯрё.
Мистар – хаткаш.

http://edu.tj.uz

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Услуб ё худ сабки ҳиндӣ

Услуб ё худ ***сабк*** тарзи баён ва кор фармудани воситаҳои бадеӣ, забон ва хусусиятҳои забонии асарҳои чудогона ё ягон нависанда аст.

Сабк на танҳо ба як асар ё ягон нависанда, балки инчунин ба гурӯҳи нависандагон ё ба давраҳои чудогона хос аст.

Яке аз сабкҳои маъмул дар адабиёти классикии форсу тоҷик сабки ҳиндӣ ба шумор меравад, ки ибтидои он аз асрҳои XIII–XIV аст. Аввалин нишонаҳои ин сабк дар эҷодиёти шоири бузурги тоҷикзабони Ҳиндустон Амир Хусрави Деҳлавӣ (1257–1325) ба мушоҳида мерасад. Пас он ба тадриҷ инкишофу такмил ёфта, дар асри XVI ҳамчун сабки мустақил сурат гирифтан, таъсири он ба адабиёти форсу тоҷик ба таври васеъ интишор меёбад ва дар арси XVIII чун сабки асосӣ ҳукмрон мегардад. Сабки ҳиндӣ дар асри XVIII дар эҷодиёти бузургтарин шоири дигари тоҷикзабони Ҳиндустон Мирзо Абдулқодири Бедил (1644–1721) ба баландтарин марҳилаи тараққиёти худ расида, бо унвони «бедилизм» («сабки бедилӣ») машҳур мешавад ва ба чуз Ҳундустон дар Эрон, Афғонистон ва бештар дар Осиёи Миёна пайравону муқаллидони зиёде пайдо мекунад.

Таърихи пайдоиши сабки ҳиндӣ, аз як тараф, ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва табиати рангини Ҳиндустон аз тарафи дигар, ба равобити мустаҳками эҷодӣ ва иртиботи фикрии бо шоирони Ҳиндустон доштаи он шоирони Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистон, ки дар Ҳиндустон арзи зиндагӣ доштанд ва ё ба ин кишвар рафтуомад мекарданд, вобаста аст. Азбаски дар заминаи чунин омилҳо ин тарзи тозаи сухангустарӣ дар Ҳундустон ба вуҷуд омад, бо номи «сабки ҳиндӣ» маъруф гардид.

Ба ин тариқ, «сабқи ҳиндӣ» ихтирои ягон шоири алоҳида набуда, балки бо муҳити таърихии Ҳундустон ва сайру такомули тадриҷие, ки адабиёти форсу тоҷик дар Ҳундустон кардааст, алоқаманд мебошад.

Мазмуну матлабро бештар фикру андешаҳои баланди иҷтимоию фалсафӣ бо калимаҳои соддаю мафҳум, вале ба

тавассути ташбеҳҳои мураккаб, таҳти рамзу истиороти печ дар печи тамсилҳои аз фаҳм дур, борикандешона ифода намудан аз хусусиятҳои асосии сабки ҳиндӣ мебошад. Аз ин сабаб, назми сабки ҳиндӣ душворфаҳм гардидааст. Барои мисол байти зерини Соибро аз назар мегузаронем:

Бар дили озодаи мо боғи имкон танг буд,
Чашми танги қумриён чун сарв дар андоми мо.

Дар ин байт ҳамаи калимаҳои истифода бурдашуда маълуму мафҳуманд, вале тарзи ифодаи фикр мураккаб буда, хонанда ба мақсади шоир ба зудӣ сарфаҳм рафта наметавонад. Соиб гуфтан мехоҳад, ки ғаму кулфатҳои замон зиндагии ӯро танг гардонида, дили озоди бебокашро ба оҳу фиғон овардааст, вале оҳу фиғонҳои дардноки вай беҳосилу беасаранд. Шоир дили дар андоми худ бударо ба қумрии дар шохи дарахти сарви боғ қарор гирифта, тангии зиндагиашро ба чашми хурду танги қумрӣ ва бесамариву беманфиатии оҳу фиғонашро ба беҳосилии дарахти сарв нисбат дода, мувофиқи қонуну талаботи сабки ҳиндӣ матлаби худро тавассути ташбеҳу истиороти мураккабу пӯшидаи ҷолиби таваҷҷӯҳ ва бо риоёти таносубу лафзу маънӣ борикандешона ифода намудааст. Байни калимаҳои «сарв», «боғ», «қумрӣ» ва «андом», «дил», «чашм», муносибати мантиқӣ мавҷуд мебошад.

Нозуктасвирӣ, борикандешӣ, тахайюлоти рангин, образ ва мазмунофариниҳои тозаю аз дараҷаи дақиқ берун дар эҷодиёти Бедил, ки хусусиятҳои сабки ҳиндиро ба қуллӣ равшан месозанд, боиси боз ҳам мушкилфаҳмии назму насри шоир гардидааст.



Савол ва супоришот:

1. **Услуби адабӣ чист?**
2. **Дар адабиёти форс-тоҷик услуби ҳиндӣ кай пайдо шудааст?**
3. **Чаро онро «услуби бедилӣ» низ меноманд?**
4. **Бо услуби ҳиндӣ дар асрҳои гуногун кадом шоирон эҷод кардаанд?**

http://fayzulloev.uz



ЗЕБУННИСО

«Адабиёти ғании форсу тоҷик дар таърихи худ номи чандин занони шоира ҳамчун Мутрибаи Қошғарӣ, Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Дилшоди Барно ва дигаронро дар ёд дорад. Яке аз онҳо Зебуннисо мебошад, ки бо тахаллуси Махфӣ низ шеърҳо гуфтааст».

Холиқ МИРЗОЗОДА

Тарҷумаи ҳол

Зебуннисо соли 1639 дар хонаводаи подшоҳи темурии Ҳиндустон Абӯзафар Муҳиддин Аврангзеби Оламгир таваллуд шудааст. Модари Зебуннисо – Дилрасбону аз духтарони саркардае аз хонадони Сафавияи Эрон буда, падараш аз авлоди Амир Темур буд.

Аврангзеб чор писар ва чор духтар дошт, ки дар байни онҳо Зебуннисо бо ақлу идрок ва донишу одоби худ аз ҳама болотар буд. Падари Зебуннисо ӯро аз хурдӣ ба тарбияи зани фозилае медиҳад. Ин зани олима ба духтари хушзеҳн заруроти диниро омӯзонда, шавқу ҳаваси ӯро ба адабиёту санъат бедор мекунад.

Зебуннисо дар натиҷаи таҳсили хусусӣ ва саъю кӯшиши зиёде як қатор илмҳои замонаашро аз худ кард. Аз забон ва адабиёти форсу тоҷик ва араб нағз баҳраманд гардида, қоидаву қонунҳои каломи бадеъ ва арӯзро аз бар намуд. Зебуннисо ҳофизаи хуб дошта, Қуръонро аз ёд мекунад. Дар навиштани навъҳои гуногуни хат устод гардид. Ӯ аз духтари шоҳ будани худ фахр намекард, зебу зинати шоҳонаро намеписандид ва маҳз фазлу камолоти худро зебу зинат медонист:

Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.

Зебуннисо бо вуҷуди соҳиби ҳусни зебо ва фазлу хирад будан:

Булбул аз гул бигзарад, гар дар чаман бинад маро,
Бутпарастӣ кай кунад, гар барҳаман бинад маро.

http://edu.portal.uz

гӯён умри худро бешавҳар, ба танҳоӣ гузаронидааст. Ба ин маънӣ шоира дар яке аз ғазалҳои худ чунин мегӯяд:

Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба фарқе ҷо гирифт,
Лолаи доғи дили мо зеби дасторе нашуд.
Ҳар матоеро харидорест дар бозори ҳусн,
Пир шуд Зебуннисо ӯро харидоре нашуд.

Аммо дар танҳоӣ ягона ҳамдаму ғамгусори шоира ғазалҳои ӯ буданд, ки ба воситаи сурудани онҳо худро тасаллӣ медод ва андаке дили дарднокашро холӣ мекард. Вай дар байтҳои зерин гирифтори ғаму андӯҳи беинтиҳо будани худро чунин изҳор намудааст:

З-андоза бурун дар дил андӯҳу ғаме дорам,
Дар сина ба ҳар узве пинҳон аламе дорам.
Бас хуни ҷигар ояд аз гиря ба чашмонам,
Аз ҳар мижаи хоре ҷӯйе зи ғаме дорам...

Лекин сӯзу гудози шоира ба гӯши касе нарасид. Оҳу фиғони ӯро падари ғаддору мутаассибаш тоби шунидан надошт, ки дар ин хусус шоира чунин гуфтааст:

Эй булбули хушилҳон, махрӯшу дам фурӯ каш,
Табъи латифи султон тоби сухан надорад.

Ҳарчанд Зебуннисо ба мақсад нарасид ва ба оҳу фиғони ӯ касе эътибор надод, лекин ӯ аз кӯшишу хурӯҷ кардан боз намонд ва ин ақидаи худро дар шеърҳояш ифода намуд. Вай бо вуҷуди азобҳои рӯҳӣ ва ба мақсад нарасидан навмед намешавад, ба оянда бо умед менигарад:

Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом, ки ояд аз паи он саҳаре ҳаст.

Зебуннисо китобхонаи бойе ташкил карда, бо аҳли ҳунар сӯҳбатҳо меорост, махсусан адибони ба Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон омадаро бо хушнудӣ пазируфта, ба онҳо пуштибонӣ мекард. Ӯ бо шоирони машҳури ҳамзамонаш Носиралӣ, Неъматхони Олӣ ва ба қавле бо Бедил низ ҳамсӯҳбат шуда будааст.

Зебуннисо соли 1702 дар сини 63 солагӣ дар шаҳри Деҳлӣ вафот кардааст. Ҷасади ӯро мувофиқи васияташ аз Деҳлӣ ба

http://ed.tjportal.tj

Лоҳур бурда, дар саҳни боғе, ки бо назорати худи ӯ сохта шуда буд, дафн мекунанд. Дар санги мазори ӯ ин байт сабт шудааст:

Бар мазори мо, ғарибон, не чароғе, не гуле
Не пари парвона сӯзад, не садои булбуле.



Савол ва супоришот:

1. **Зебуннисо кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?**
2. **Дар бораи хонаводаи шоира маълумот диҳед.**
3. **Зебуннисо дар куҷо таҳсил кард ва кадом илмҳоро омӯхт?**
4. **Зебуннисо дар ҳаёт бештар бо чӣ машғул шудааст?**
5. **Шоира кай ва дар куҷо вафот кардааст? Қабраш дар куҷост?**

Мероси адабии Зебуннисо

Аз Зебуннисо то ба мо ба ғайр аз ***«Зеби тафосир»*** ном асари тафсирӣ, як девони ашъори лирикӣ омада расидааст, ки дар ҳудуди 4 ҳазор байт аст. Қисми асосии ин девон аз ғазалҳо иборат буда, миқдори онҳо 460 адад аст. Дар охири девон чанд тарҷеъбанд, қасидаю рубоӣ ва қитъаҳои таърихӣ низ ҷой доранд. Мавзӯъҳои асосии ашъори шоира масъалаҳои эътирозу шикоят аз замона ва аҳли ситам, тасвири ҳоли худ, афкори тарбиявӣ-ахлоқӣ, ишқӣ ва монанди инҳо мебошад.

Зебуннисо дар як қатор шеърҳояш бар зидди замонаи худ эътироз мекунад, ки дар он давр зулму бедодӣ аз ҳад гузашта буд. Чунончи:

Зулму бедодӣ дар ин дунёи дун аз ҳад гузашт,
Манҷаниқи чарху тарзи сангборонро чӣ шуд?

Дар байти дигар шоира бо хашму ғазаб қайд мекунад, ки дар замонаи ӯ адлу инсоф нест ва зулми беҳадду ҳудуди он халқро ба харобию бенавоӣ овардааст:

Халқе зи зулми беҳадди гардун хароб шуд,
Инсоф дар саволу забони ҷавоб ку?

Зебуннисо аз замона сахт шикоят мекунад, ки вайро гирифтори ғаму андӯҳи беинтиҳо кардааст:

Чу аз дарду ғами айём хуни дил хӯрдам,
Зи нӯги ҳар мижаам лахте аз ҷигар афтад.

http://edu.portal.uz

Шоира аз замонаи худ норозигӣ баён мекунад, ки дар он ба илму ҳунар ва равнақи он аҳамият дода намешавад, шахсони пулдори чандон ҳунар надошта, ба воситаи пул худро ҳунарманди мумтоз вонамуд карда, дар назари табақаҳои боло соҳиби эътибор мегарданд:

Ба кори кас намеояд ҳунар, Махфӣ, дар ин олам,
Хари Исо ҳунарманд аст, агар дар киса зар дорад.

Дар эҷодиёти Зебуннисо мавзӯъҳои шикоят аз аҳли ситам, тасвири ҳоли худ ва ишқу муҳаббат низ мавқеи хосеро ишғол менамояд.

Шоира дар як қатор шеърҳояш аз ситампешагон шикоят мекунад, ки онҳо бо ҷавру зулми худ ба дили ӯ оташ зада, ҷони ӯро дар азоб мондаанд:

Зулми ситампешагон зад ба дилам оташе,
Мағзи суханро бисӯхт шӯълаи сӯзони ӯ.

Зебуннисо бо шикоят кардан аз аҳли ситам маҳдуд нагардида, бар муқобили онҳо мубориза эълон мекунад. Ӯ мегӯяд, ки бо ништари нолаҳои синашикофи худ дили аҳли ситамро афгор хоҳад кард:

Ништаре дорам ниҳон дар синаи ҳар нолае,
Бас дили аҳли ситам афгор хоҳам карду рафт.

Аз шикоятҳои бечуръатонаи дар шеърҳои нохубаш ифодакардаи Зебуннисо аён мегардад, ки шоира аз ҳоли бисёр вазини мазлумон ва аз ҷафокориҳои аҳли ситами замонаи худ ба хубӣ огоҳ будааст.

Дар шеърҳои Зебуннисо мавзӯи тасвири ҳоли нохубаш низ равшан ба назар мерасад. Вай қариб дар ҳамаи ғазалҳояш дар бораи ҳоли ношод доштани худ сухан меронад. Чунончи, ӯ дар байти зерин гирифтори ғаму андӯҳи зиёд буданашро чунин ифода кардааст:

Манам аз захми ғам хӯрдан, хурӯшидан намедонам,
Ба ҷуз хунобаи дил ҷом нӯшидан намедонам.

Зебуннисо ғазалҳое дорад, ки онҳоро асосан ба тасвири ҳоли забуни худ бахшидааст. Аз ҷумла, ӯ дар ғазали поён

http://edu portal.uz

чашми ашкбор, ҷигари сӯхта ва оҳи сӯзон доштани худро чунин изҳор мекунад:

Зи хуни дида зиндонро беҳ аз рашки чаман дорам,
Зи доғи ғусса сад гулшан ба зери пираҳан дорам.

Дар байни осори Зебуннисо кам ғазалҳое дучор мешаванд, ки дар онҳо шоира ба масъалаи ишқу муҳаббат дахолат накарда бошад. Шоира пайваста ба масъалаҳои ишқӣ, ҳоли нофарҷоми худро тасвир менамояд.

Зебуннисо ишқи поки инсонӣ, ишқи ҳақиқии байни марду занро тасвир намуда, аз ҷумла чунин гуфтааст:

Дили марде ба даст овар, агар мардонаӣ, Махфӣ,
Ки дилҳоро ба дилҳо дар ҳақиқат кор меафтад.

Дар эҷодиёти Зебуннисо тарғиби фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ низ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Шоира дар ин қисмати эҷодиёти худ бештар ба тарғиб намудани ғамхори ғамрасидагон будан аҳамият додааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳарчанд худат осуда бошӣ ҳам, танҳо худатро надон, аз ҳоли дигар ғамдидагон низ хабар гир, бо ғами онҳо ошно шав. Ба ин маънӣ ӯ чунин мегӯяд:

Гар сари осудагӣ дорӣ, ба ғам ҳамхона бош,
Аз тариқи офият маҷнунсифат бегона бош!

Зебуннисо низ тасдиқ мекунад, ки илм бояд бо амал ёр бошад. Ба фикри ӯ олими бе амал аз ҷоҳил тафовуте надорад:

Миёни олиму ҷоҳил баробар аз мӯе,
Тафовуте набувад, то ки илм бе амал аст.

Дар байни афкори тарбиявӣ-ахлоқии Зебуннисо муҳимтарин масъалаи дигаре, ки шоира ба он аҳамияти махсус додааст, ин тарғиби дӯстӣ ва рафоқат аст. Шоира ба ин масъала ғазалҳои алоҳида бахшида, дар онҳо дӯстро тавсиф менамояд. Дар ғазали поён вай изҳор мекунад, ки дӯст ба одам даркор аст ва агар касе дӯст надошта бошад, бояд онро ҷустуҷӯ карда ёбад:

Нест меҳробе диламро ҷуз хами абрӯйи дӯст,
Ҳар касеро қибла бошад, қиблаи мо рӯйи дӯст.

http://eduportal.uz

Матлаби дигар надорам з-омаду шуд дар чаман,
Мекунам умри гиромӣ сарфи ҷустуҷӯйи дӯст...

Зебуннисо шоираи бомаҳорат буд. Маҳорати адабии ӯ, махсусан дар ғазалсароӣ баланд аст. Аз ин ҷост, ки ғазалҳои вай ҳанӯз дар замони зиндагиаш мақбули ҳамагон гардида буд. Дар ин бора худи Зебуннисо чунин мегӯяд:

Мақбули азизон шуда абёти ту, Махфӣ,
Нозам, ту диҳӣ дод дар ин арса суханро.

Зебуннисо нафақат ба мазмуни шеър, балки ба шакли он ҳам аҳамияти ҷиддӣ додаст. Ӯ мазмун ва шакли шеърро бо ҳамдигар зич вобаста медонад. Ба фикри вай шаклу мазмуни шеър ба мисли ҷону тан аст:

Шеър бувад ҳамчу тан, маънии ӯ – ҷони ӯ,
Гармии бозоро, равнақи дӯкони ӯ...
Файзи сухан гавҳарест, рехта абри карам,
Сайқали он мекунад ҷавҳари пинҳони ӯ.

Дар замони зиндагии Зебуннисо таъсири сабки ҳиндӣ ба адабиёт хеле пурқувват гардида, забон ва услуби асарҳои бадеиро мураккабу душворфаҳм намуда буд. Вале, бо вуҷуди ин, Зебуннисо шеърҳои худро бо забони содда ва услуби равон эҷод кардааст. Равонӣ ва дилпазирии шеърҳои Зебуннисо боиси дар байни халқи тоҷик паҳн гардидани онҳо мебошанд. Беҳтарин ғазалҳои ӯ ба сурудҳои дилкаши халқ табдил ёфтаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Зебуннисо аз чиҳо иборат аст?**
2. **Зебуннисо дар кадом жанрҳои адабӣ эҷод кардааст?**
3. **Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Зебуннисо аз чиҳо иборат аст?**
4. **Дар бораи маҳорати адабии шоира сухан ронед.**
5. **Яке аз ғазалҳои Зебуннисоро аз ёд гуфта маънидод намоед.**

http://ziyouportal.uz

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Гарчи ман Лайлиасосам...

Гари манн Лайлиасосам, дил чу Маҷнун дар ҳавост.
Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.
Булбул аз шогирдиам шуд ҳамнишини гул ба боғ,
Дар муҳаббат комилам, парвона ҳам шогирди мост.
Дар ниҳон хунем, зоҳир гарчи ранги нозанин,
Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност.
Баски бори ғам бурун андохтам бар рӯзгор,
Ҷома нилӣ кард, инак бин, ки пушти мо дутост.
Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.

Дур бод аз сар тане...

Дур бод аз сар тане, к-ороиши доре нашуд,
Бишканад дасте, ки хам бар гардани ёре нашуд.
Дар қиёмат сар чӣ сон берун кунад аз ҷайби хок,
Синаи он кас, ки доғи лоларухсоре нашуд.
Дар назар шоҳид надорӣ, дида аз олам мапӯш,
Кӯр беҳ чашме, ки лаззатгири дидоре нашуд.
Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба фарқе ҷо гирифт,
Ғунчаи доғи дили мо зеби дасторе нашуд.
Ҳайф бар аммомаи зоҳид, ба чандин печу тоб,
Риштаи тасбеҳ гашту тори зунноре нашуд.
Ҳар матоеро харидорест дар бозори даҳр,
Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд.

Чашми сурмасо инҷост

Биё, ки зулфи каҷу чашми сурмасо инҷост,
Нигоҳи гарму адоҳои дилрабо инҷост.
Карашма теғу мижа – ханҷару нигоҳ – алмос.
Шаҳодат ар талабӣ, дашти Карбало инҷост.
Агар биҳишт диҳандат, фиреби кас нахӯрӣ,
Қадам зи майкада берун манеҳ, ки ҷо инҷост.

http://eduportal.uz

Зи пой то ба сараш ҳар куҷо, ки менигарам,
Карашма домани дил мекашад, ки ҷо инҷост.
Китобхонаи олам варақ-варақ ҷустам,
Хати ту дидаму гуфтам, ки муддао инҷост.
Закоти ҳусн агар медиҳӣ барои худо,
Биё, ки Зебуннисо ҳамчу ман гадо инҷост.

Ба гулистон гузаре ҳаст

То боди саборо ба гулистон гузаре ҳаст,
Гулро назаре ҷониби соҳибназаре ҳаст.
Ҳушёр ситамгар, ки ба ҳар номаи мазлум,
Пӯшида зи чашми ту хаданги асаре ҳаст.
То ҳаст ба бӯстони ҷаҳон файзу сахоӣ,
Аз шаҷраи уммед умеди самаре ҳаст.
Ғам нест, агар равшании дидаи ман рафт,
Бо чашми тарам шӯълаи оҳи ҷигаре ҳаст...



Луғат:

Абҷад – киноя аз алифбои арабӣ.
Шабехун – ҳуҷуми ҳарбии шабона, умуман ҳуҷуми шабона.
Шабистон – ҷойхоби шабона.
Эҳзон – ҳазинӣ, ғамгинӣ.
Хаданг – тир.
Шаҷра – дарахт.

http://eduportal.uz

МАЛЕҲОИ САМАРҚАНДӢ

«Мақоми тазкираи Малеҳои Самарқандӣ «Музокир-ул-асҳоб» барои омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик боғоят калон аст».

Садриддин АЙНӢ

Тарҷумаи ҳол

Муҳаммадбадеъ ибни Муҳаммадшарифи Малеҳои Самарқандӣ шоир, тазкиранавис аз олимони намоёни нимаи дуюми асри XVII мебошад. Малеҳо дар соли 1641 дар Самарқанд таваллуд ёфтааст. Падари ӯ аз одамони бофазлу ҳунари онвақтаи Самарқанд буда, муддатҳо дар мадрасаи Шайбонихони Самарқанд вазифаи муаллимиро адо кардааст. Малеҳо бо ёрии падар ва кӯшишу ҳаракати худ дар синни 11-солагӣ соҳиби хату савод мегардад ва ба шеърхонию шеърсароӣ майлу рағбати зиёде пайдо мекунад. Дар ин бора худи Малеҳо дар тазкирааш чунин навиштааст:

«Аз ҳади ёздаҳсолагӣ баёз дида, саводи хат ошно кардаам ва мисраеро мавзун хондаам ва мӯътақиди аҳли маънӣ ва мухлиси мавзунони соҳибмазмун омадаам».

Аммо падараш намехост, ки Малеҳо шоир шавад. Бинобар он, кӯшиш мекард, ки ӯро аз ин роҳ боздорад. Вале, қатъи назар аз муқобилиятҳои падар, бинобар шавқу ҳаваси зиёд доштан Малеҳои ҷавон ҳамоно шеърсароиро давом медиҳад. Ниҳоят, пас аз чанде гуфтугузорҳо падару писар ба чунин қарор меоянд, ки Малеҳо шеърнависӣ ва шоирӣ кунад, лекин дар ҳеҷ сурат аз баҳри тамаъ – ба умеди пул ё чизе дар мадҳи касе шеъре нанависад. Дар ин хусус худи Малеҳо мегӯяд:

«Волидон мӯътақиди ин кор буда ва дар ин либос низ ҷилва мекард ва аз ин намад кулоҳе дошт... бар манъи ман кӯшид, азбаски ман шефтаи ин тоифа будам... суратпазирӣ ислоҳ нашуд. Оқибат ҷанги худро волидам бадин сулҳ намуд, ки «агар ба ризои ман меравӣ, ризои ман дар он аст, ки аз баҳри тамаъ дар мадҳи касе чизе нахонӣ ва бад-ин ният фикри шоирӣ насозӣ, назар ба ин мусолаҳа муоҳада чунин шуд, ки то ба ҳол чунин нашуда ва умед аст, ки нашавад».

Дар ҳақиқат, Малеҳо ба ғайр аз қасидаи наврӯзӣ, ки дар айёми баҳор ба муносибати фасли бунафша навишта ва онро дар базми ба ин муносибат ташкилкардаи ҳокими Самарқанд Абдулкаримбӣ дар байни шоирон ва дигар иштироккунандагони сӯҳбат хонда буд, дигар махсус дар мадҳи касе қасида нанавиштааст. Дар ин қасида ҳам вай касеро мадҳ накарда, танҳо бунафшаро тасвир мекунад, ки матлаи он чунин аст:

Қабои махмали нилоб аз нигор бунафша,
Ба дӯши хеш кашида дар ин баҳор бунафша.

Малеҳо то синни 30-солагӣ зери назорати падари худ бо кӯшишу ғайрати зиёде таҳсил намуда, аз илмҳои замонааш: мантиқ, ҳайат, ҳикмат, сарфу наҳви форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ нағз баҳраманд гардид. Дар соли 1080 (1669 мелодӣ) падари Малеҳо вафот кард ва ин воқеа ба таҳсили минбаъдаи ӯ бетаъсир намонд. Бо вуҷуди ин Малеҳо 7 соли дигар мувофиқи талаботи замон ба омӯхтани илмҳои динӣ – фиқҳ, тафсир ва ҳадис машғул шуда, дар ин соҳа ҳам дониши худро такмил дод.

Малеҳо дар соли 1675 аз Самарқанд ба Бухоро омада, аз ин ҷо бо ҳамроҳии хони Бухоро, ки ба шаҳри Исфаҳон мерафт, ба Эрон сафар кард. Ин сафари Малеҳо се сол дароз кашид. Мақсади асосии Малеҳо аз ин мусофират барои тазкираи худ, ки дер боз мақсади таълиф намудани онро дошт, бо шоирони муосир мулоқот намуда, бо ин восита маводи зарурӣ ҷамъ кардан буд. Ӯ аз Хуросон сар карда то Исфаҳон бо аҳли илму адаб ва санъати шаҳрҳои дар аснофи сафар саёҳат кардааш сӯҳбатҳо мегузаронад. Махсусан, дар пойтахти онвақтаи давлати сафавиён Исфаҳон 6 моҳ монда, бо аксари намояндагони илму адабиёти дар он шаҳр гирд омада дар мусоҳиба мешавад. Аз ҷумла, вай дар ин ҷо бо Шавкати Бухороӣ вохӯрда бо ӯ мусоҳиб шудааст. Инчунин, Малеҳо марказҳои мадании мамлакати худро ҳам гардиш намуда, то ба қадри имкон бо намояндагони илму адабиёти он ҷойҳо ҳамсӯҳбат мегардад.

Малеҳо дар соли 1689 дар Самарқанд вазифаи мударрисии мадрасаи Шайбонихонро ба ӯҳда мегирад ва зоҳиран то охири ҳаёти худ дар ин вазифа хизмат мекунад.

Соли вафоти Малеҳо маълум нест. Дар ибтидои асри XVIII вафот кардани ӯ тахмин карда мешавад.



Савол ва супоришот:

1. **Малеҳо кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?**
2. **Бо кадом шарт падараш ба Малеҳо барои шоирӣ иҷозат дод?**
3. **Малеҳо бо чӣ мақсад ба Эрон сафар кардааст?**
4. **Ӯ дар Эрон бо кадом шоирони тоҷик дар мулоқот шудааст?**
5. **Малеҳо ғайр аз касби адаб боз бо чӣ кор машғул шудааст?**

Мероси адабии Малеҳои Самарқандӣ

Муҳимтарин мероси адабии Малеҳои Самарқандӣ ***«Музокир-ул-асҳоб»*** ном тазкираи ӯ мебошад, ки нусхаҳои дастнависи он то ба мо омада расидааст. Таълифи ин тазкираро Малеҳо дар соли 1692 ба анҷом расонидааст. Тазкираи мазкур аз 25 боб иборат буда, дар бораи зиёда аз 170 нафар шоири асри XVII Осиёи Миёна ва Эрон маълумот медиҳад. Шоироне, ки дар ин тазкира дохил гардидаанд, мувофиқи тартиби алифбои арабӣ ҷой ба ҷой гузошта шудаанд. Тазкираи Малеҳо «Музокир-ул-асҳоб» беҳтарин сарчашмаи адабии ҳаёти маданӣ-адабии асри XVII тоҷик мебошад. Малеҳо бо бисёр шоирони дар тазкира дохил намудааш шиносо ва ҳасӯҳбат шуда, қувваи шоирии онҳоро санҷидааст. Аз ин сабаб ӯ ҳаёт ва муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии шоирони дар ин тазкира дохилгардидаро басо равшан тасвир намуда, хусусиятҳои ҳар яки онҳоро махсус қайд карда мегузарад, ки ин хусусият дар бисёр дигар тазкираҳо дида намешавад. Муҳимтарин хусусияти ин тазкира дар он аст, ки муаллиф роҷеъ ба он шоироне маълумот додааст, ки худ онҳоро дида, бо онҳо нишасту бархосте намуда ва аз ҷараёни зиндагию фаъолияти эҷодиашон ба хубӣ бохабар будааст. Инчунин, дар тазкираи Малеҳо

http://eduportal.uz

оид ба мавзӯъҳои мубоҳисавӣ, масъалаҳои шеърфаҳмӣ ва сухансанҷии доираҳои адабии асри XVII маълумоти муҳим дода шудааст.

Хусусияти дигари тазкираи Малеҳо иборат аз он аст, ки ин тазкира баъзе фактҳои таърихиро дар бар мегирад, ки онҳо дар аксарияти дигар сарчашмаҳо дучор намеоянд. Аз ин ҷиҳат, тазкираи Малеҳо «Музокир-ул-асҳоб» нафақат сарчашмаи муҳимми адабӣ, балки таърихӣ ҳам мебошад.

Аз нуқтаи назари забон ва услуб ҳам тазкираи Малеҳо дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Муҳимтаринаш ин аст, ки Малеҳо дар он санъати саҷъро хеле устодона ба кор бурдааст ва онро ба дараҷаи баланд тараққӣ додааст.

Малеҳо дар тазкирааш мувофиқи тартиби алифбо дар қатори шоирони давр оиди худаш низ маълумот дода, аз ғазалиёташ намунаҳо овардааст, ки онҳо аз соҳиби табъи равони шоирона доштани ӯ дарак медиҳанд.

Тазкираи Малеҳо аз ҷониби шарқшиноси маъруфи тоҷик Камол Айнӣ ба чоп омода шуда, соли 2013 дар Теҳрон нашр шудааст.



Савол ва супоришот:

1. **Муҳимтарин мероси адабии Малеҳо чист?**
2. **Дар тазкираи «Музокир-ул-асҳоб» дар бораи чанд нафар шоир маълумот дода шудааст?**
3. **Дар тазкираи Малеҳо кадом шеърҳои худи ӯ низ дохил шудааст?**
4. **Малеҳо дар тазкираи худ оиди Сарафроз чӣ гуна маълумот додааст?**
5. **Тазкираи Малеҳо аз ҷониби кӣ ба чоп омода шуда, дар куҷо нашр шудааст?**
6. **Яке аз ғазалҳои Малеҳоро аз ёд кунед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй соқӣ

Шаби ид асту ҳастам бар дари майхона, эй соқӣ,
Хумори рӯзаам таскин ба як паймона, эй соқӣ.

http://edu.tj.uz

Ба бод ин оби оташранг охир дод хокамро,
Чу шамъи сӯхта дар кисвати парвона, эй соқӣ.
Ба зуҳди хушк зоҳид хандаи дандоннамо дорад,
Даҳони остин аз сабҳаи саддона, эй соқӣ.
Дар ин майхона ринди мустаҳиққе аз Малеҳо нест,
Зи фитри рӯзаи худ бахш як паймона, эй соқӣ.

Асират ман

Набинам як сари мӯйи туро холӣ зи андозе,
Сари мижгони шӯхат дастгоҳи ишваи нозе.
Намедонам зи чашмат в-аз лабат, аз оразат гӯям,
Надорад ҳусн чун гулзори рӯят боғи эъҷозе.
Зи бас гуфту шунид аз ман фаромӯш аст, пиндорӣ,
Сухан гӯям ба гӯшам мерасад аз дур овозе.
Асират ман, чӣ сарви қомати мавзунхиром аст ин,
Ки дорад ҳар қадам тарзе, адое, ишваю нозе.
Зи маъшуқи ҷафоҷӯе, ки ман дорам, чӣ мепурсӣ:
Ба ман ноошно, ошиққуше, мағруртаннозе.
Туро гар фикри рафтан аз Самарқанд аст, хуш бошад,
Малеҳо нест з-ин гулзор моро қасди парвозе.

АЗ ТАЗКИРАИ «МУЗАККИР-УЛ-АСҲОБ»

Рифъат

Ҳисориюласл аст. Муҳамад Рафеъ ном дорад. Волидаш Муҳаммад Абдурраҳим ном дорад. Мардест дар Самарқанд машҳур ва нашъунамоёфта. Дар балдаи мазкур, ки гузарест, ки мадрасаи Мир Шоҳ Малик меноманд, дар ғояти шӯҳрат дар он мутаваттин буд. Тахаллус аз Мулло Накҳат, ки зикраш меояд, дорад ва худро бисёр латифтабъу суханрасу ҳушманд ва шоири болодасти барҷаста мегирифт ва рутбаи худро дар мартабае медонист, ки хубони муқаддимин дар назди ӯ чун забунони мутаахирин буданд ва мардуми васат дар кадом поя хоҳанд буд. Бар амми роқим ба эъзози мувофиқи тахаллус ба Рифъати Нишопурӣ, ки нисбати байниҳумо адаму мулкуҳу намуд. Ва аз ҷумлаи ашъоре, ки ба худ нисбат медод, аз зодаи мафкураи ман аст мегуфт, ин аст, ки навишта шуд.

http://edu.portal.uz

Фард

Бошад ҳавои хатат, эй шӯх, афсари ман,
Охир сафоли райҳон шуд косаи сари ман.

Мулло Самеъ Мулҳами Самарқандӣ

Самарқандиюласл аст. Аз гузари Собунхонаи вилояти Самарқанд аст, лекин дар афвоҳ шӯҳрат аз балдаи Балх кард. Аз ин ҷиҳат аст, ки нашъунамо дар он ҷо ёфта. Марде буд, ки дар куллиёту ҷузъиёт донишманди тамом дошт, афзал-ул-мутаҳавририн ва акмал-ул-мутаҳаййирин буд. Дар аҳди хеш мислу ҳамтояш набуд. Ҳамаи ашъораш музайян ба зевари сонеъ ва мулавван ба дурари бадоеъ аст. Ҷамеъи абёташ мурассаъу маснӯъ аст ва афкораш мухтареъ ва ашъори мурассаъ бисёр дорад. Ғазали ӯ, ки аҷалли ӯ панҷ байт аст, сарпанҷаи паҳлуи шоирии бисёреро тофта аст. Ва ба чаҳор мисраъ рубоии ӯ аркони абёт пойдору банду басти қасоиди ғаррот ва банду басти ашъор устувор ва дар маснавӣ доди суханварӣ дода ва дар таърихёбӣ ноёб буд. Ва шунидам, чунончи, мумоунилайҳ бо устодии амлаҳуззурафо ва афсаҳушшуарои Мавлавӣ Бадеъи Ҷимоситонӣ муфтахаранд. Ва Мвлавии мазкур ба шогирдии мумоунилайҳ менозанд, ки чунин халафе баъд аз худ дорам. Баъд аз фавти Мавлоно Бадеъи мазкур мушоркунилайҳро шуъарою зурафои Балх дар ин кор пешқадам медонистанд. Ва чанде Мулҳам тахаллус мекарда-аст. Зиёда аз ин, дар боби мушорунилайҳ муболиға нарафт, ки хубии ашъораш шоҳиди хуби атвор аст. Мин абётиҳи:

Кай ҷониби ман оҳуи чашми ту во шавад?
Ваҳшӣ чӣ мумкин аст, ба кас ошно шавад?
Золимтар аст хол ба зери ғубори хат,
Чандон ки мӯр хок хӯрад, аждаҳо шавад.

Ғазал

Ишқ агар ин аст, бе баргу наво месозадам,
Чун гул аз шерозаи ҳастӣ ҷудо месозадам.
Ростравро дар биёбон дастгирӣ мекунам,
Гар ба дасти Хизр меафтам, асо месозадам.

Гирди пойи хеш мегардам барои донае,
Саргаронӣ кори санги осиё месозадам.
Ман кучо бошам, Самеъ, аз мисраъи Носир, ки гуфт:
«Шаҳри худ дилгиру ғурбат бенаво месозадам»...

Байт

Хуш он гурӯҳ, ки з-ин гулистон баромадаанд,
Чу бӯ зи пардаи гул бенишон баромадаанд.
Даҳони танги ту лабрез аз ғубори хат аст,
Магар ба роҳи адам корвон баромадаанд.
Сабӯкашон ба каманди расои мавҷи шароб,
Ба боми арш аз ин нардбон баромадаанд.
Самеъ, файзи Самарқандро ғанимат дон,
Агар чӣ аз ҳама ҷо шоирон баромадаанд.

Машшотаи май аз дили паймона занад мавҷ,
Бар мӯйи сари духтари раз шона занад мавҷ.
Хатти ту баҳорест, ки ҳушёр шавад маст,
Гесӯйи ту баҳрест, ки девона занад мавҷ.
Дар ёди хаташ гиряи ағёр Самеъо,
Обест, ки дар сабзаи бегона занад мавҷ.



Лугат ва тавзеҳот:

Мушорунилайҳ – шахси зикрёфта.
Мутаваҷҷеҳ – диққаткунанда, нигарон.
Фатрат – сустӣ, нотавонӣ.
Усрат – рӯзи сахт, машаққат.
Фвзоилмаобӣ – фазилати нуқсондор.
Қосир – кӯтоҳ, оҷиз.
Аҳиббо – ҳабиб.
Муҳовара – гуфтугӯ, сӯҳбат.
Манқул – нақл кардашуда.
Рифъат – баландӣ.
Мутаваттин – сокин, муқим.
Васат – миёна, мобайн.
Байниҳумо – байни ҳар ду, дар миёни ду нафар.
Музайян – ороста, зебу зинат додашуда.
Мулавван – рангоранг, гуногунранг.
Маснӯъ – эҷод кардашуда.
Мухтареъ – созанда, ихтироъкунанда.
Мумоунилайҳ – бо ҳам нону намак хӯрдан.

http://edu.portal.uz

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот дар бораи тазкира

Тазкира аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маъноаш ёддошт, ёдоварӣ намудан аст. Дар адабиёт асари адабии таърихиест, ки дар омӯхтани таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик аз муҳимтарин маъхазҳо ба шумор меравад. Дар тазкираҳо оид ба тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти шоирон, ичунин, ҳаёти адабии давр маълумот оварда мешавад.

Сохт ва баёни тазкираҳо гуногун бошад ҳам, дар ҷой додани материали адабӣ байни ҳамаи онҳо як умумият ҳаст. Муаллифи тазкира дар аввал аз тарҷумаи ҳоли шоир маълумот дода, баъд чанде намунаи ашъори ӯро меорад.

Қимати илмии ҳамаи тазкираҳо як хел нест. Тазкираҳое, ки муаллифони онҳо дар тарҷумаи ҳол ва таҳлили эҷодиёти шоирон фақат ба қавли омма ё маъхазҳои хаттӣ маҳдуд нашуда, дар роҳи омӯхтани мероси адабии шоир маълумот ва фактҳои дақиқ меоранд, барои тадқиқотчиён аҳамияти калон доранд.

Навиштани тазкира дар адабиёти классикии форсу тоҷик ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Қадимтарин тазкирае, ки то замони мо омада расидааст, ба қалами нависандаи асри XIII Муҳаммади Авфӣ тааллуқ дорад ва «Лубоб-ул-албоб» номида шудааст. Аз ҳамон вақт сар карда то аввалҳои асри XX дар Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна низ тазкираҳои бисёре таълиф шудаанд.

Ҳамаи ин тазкираҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: яке – тазкираҳое, ки дар онҳо шоирони даврaҳои пеш аз замони муаллиф ва шоирони муосир дохил шудаанд, аз ҷумлаи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV), «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят (аввали асри XIX). Дигаре – тазкираҳое, ки ба онҳо шоирони ягон давр, бештар шоирони муосири муаллиф дохил гаштаанд, аз қабили «Музокир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ (асри XVII), «Тазкират-уш-шуаро»-и Мӯҳтарами Бухороӣ (асри XX) ва ғайра.

http://e-adabiyot.uz

Асари Алишер Навоӣ «Маҷолис-ун-нафоис» низ дар пайравии тазкиранависони форсу тоҷик таълиф гардидааст ва сарчашмаи муҳимест барои омӯхтани таърихи адабиёт.

Дар таърихи адабиёти тоҷик тазкираҳое низ ҳастанд, ки онҳо бо назм навишта шудаанд. Ба ин тазкираи Садри Зиё «Тазкор-ул-ашъор», ки дар ибтидои асри XX навишта шудааст, мисол шуда метавонад.

Асари Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» низ тазкираи муҳимест барои омӯхтани таърихи адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи тоҷик. Дар пайравии ҳамин тазкира баёзҳои назму насри тазкирамонанди «Гулдастаи Самарқанд» (мураттиб А. Қамарзода, Тошканд-Душанбе, 1989), «Ҷилои ахтарони Сӯх» (мураттиб Ҷ. Ҷамол, Тошканд, 2002), «Гулистони адаб» (А. Қамарзода, Тошканд, 2007) ва ғайраҳо низ нашр шудаанд, ки онҳо дар бораи адибони муосири тоҷикони Ӯзбекистон маълумот медиҳанд.

Қимати илмӣ-адабии тазкираҳо хеле бузург аст. Пеш аз ҳама, онҳо барои таҳқиқ ва таҳлили эҷодиёти адибон ба олимон маводи фаровон медиҳанд. Аз рӯйи фикру мулоҳиза ва маълумотҳои тазкиранависон то андозае вазъияти адабиёт, услуб, равияи эҷодии адибони ҷудогона, солҳои тавлид ва вафот, зиндагиномаи онҳо муайян карда мешавад. Маҳз ба туфайли тазкираҳо як қисми эҷодиёти адибони бузурги гузашта, аз ҷумла Рӯдакӣ ва дигарон аз нестшавӣ эмин монда, то рӯзҳои мо омада расидаанд.

Дар таърихи адабиёти тоҷик хизмати тазкираи Малеҳои Самарқандӣ низ бағоят калон аст.



Савол ва супоришот:

1. **Маънои калимаи «тазкира» чист?**
2. **Қадимтарин тазкира дар адабиёти форс-тоҷик кадом аст ва он аз тарафи кӣ навишта шудааст?**
3. **Номи тазкираи Алишер Навоӣ чист?**
4. **Малеҳои Самарқандӣ кадом тазкираро навиштааст?**
5. **Дар солҳои охир кадом китобҳои тазкирамонанд табъу нашр гардидаанд, ки дар бораи адибони тоҷики Ӯзбекистон маълумот медиҳанд?**

http://eduportal.uz



МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ
(1644–1721)

«Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодир Бедил ҳам яке аз далелҳои равшани равобити наздики халқҳои Осиёи Миёна ва мардуми ҳинд мебошад».

Шоислом ШОМУҲАММЕДОВ

Тарҷумаи ҳол

Мирзо Абдулқодир Бедил аз он намояндагони адабиёти классикии тоҷик аст, ки тарҷумаи ҳоли ӯ ҳам аз тарафи худаш ва ҳам аз тарафи дигарон хеле мукаммал ва пурра навишта шудааст.

Номи ин шоири файласуф Мирзо Абдулқодир, тахаллусаш «Бедил» буда, дар соли 1094 ҳиҷрӣ (1644 милодӣ) дар шаҳри Азимободи вилояти Патнаи Ҳиндустон таваллуд ёфтааст. Гузаштагони хеле дуртари Бедил аз Осиёи Миёна ба Ҳиндустон рафта, дар он ҷо истиқомат карда мондаанд.

Бо унвони «мирзо» сар шудани номи Бедил ва хешовандони ӯ ҳаминро мефаҳмонад, ки эҳтимол яке аз бобоёни онҳо сардори бузург гузашта бошад. Зеро дар Ҳиндустон авлодони сардорони бузургро бо унвони эҳтиромии «мирзо» ном мебурданд.

Бедил аз падари худ бармаҳал маҳрум мемонад, лекин модараш ба тарбияи фарзанди худ мекӯшад. Вақте ки Бедил ба синни 5-солу 6-моҳагӣ мерасад, модараш ӯро ба мактаб мефиристад. Ӯ дар 7-солагӣ саводи алифбоӣ мебарорад ва то 10-солагиаш сарфу наҳви забони арабӣ ва қоидаҳои назму насри форсӣ-тоҷикиро хуб меомӯзад ва ба омӯхтани илмҳои гуногун шурӯъ мекунад.

Бедил давраи хурдсолиашро асосан дар зери тарбияи амакаш Мирзо Қаландар мегузаронад. Мирзо Қаландар як марди сахтирода, покахлоқ, халқдӯст, адолатпарвар ва дӯстдори донишмандон буд. Ӯ бо касби сипоҳигарӣ зиндагӣ мекард. Агарчи худ савод надошт, аммо шоири хуб ва донишманд буд. Бедил дар тарбияи ин мард илмҳои расмии замонааш ва тасаввуфро дар ҳузури Мавлоно Шайхкамол,

http://bouurnal.uz

ки яке аз олимони бузурги асри XVII Ҳиндустон будааст, омӯхт. Илмҳои тафсир, ҳадис ва адабиёти арабро аз тағои худаш Мирзо Зариф гирифтааст.

Мирзо Қаландар ба Бедил тавсия мекунад, ки ҳаётро хуб омӯзад, илмҳои гуногунро аз бар кунад ва китобҳоро бо диққат мутолиа намояд.

Бедил мувофиқи ҳамин маслиҳат ва нишондодҳо китобҳои бисёре мехонад ва аз онҳо маводи лозимиро баҳрабардор мешавад. Ба ӯ шавқи шеъргӯй пайдо гардида, дар даҳсолагиаш рубоии зеринро менависад:

Ёрам ҳар гаҳ дар сухан меояд,
Бӯйи аҷибеш аз даҳан меояд.
Ин бӯйи каланфур аст, ё накҳати гул?!
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд.

Ҳангоме ки ин рубоӣ дар байни халқ аз даҳон ба даҳон паҳн мешавад, шоирони бузург ва шеършиносон ба шубҳа меафтанд, ки магар ин рубоии пурмазмунро як бачаи даҳсола гуфта бошад.

Бедил баъди бистсолагиаш ба ҷамъ кардани асарҳои худ машғул шудааст. Ӯ дар 21-солагӣ ба фикри зиндагонии мустақилона афтод ва аз ҳимояти амаку тағояш баромада, ба вилояти Бангола сафар кард, сонӣ ба Деҳлӣ омад. Вай минбаъд чанд бор ба саёҳат баромада, бо ҳаёт ва расму оини халқҳои гуногун шиносо шуд.

Бедил ҳанӯз ҳангоми дар ҳимояи Мирзо Қаландар ва Мирзо Зариф буданаш дар таҳти таъсири аҳли тасаввуф ва дарвешон ба фикри дарвешона умр гузаронидан афтода буд. Вай баъди аз тарбияи амаку тағояш баромада ба Деҳлӣ омадан дарвешона зиндагӣ кардан гирифт ва то 26-солагӣ ҳамин тавр умр ба сар бурд.

Дӯстони Бедил барои пешгирӣ кардани девонатабиатӣ ва сарсаригардӣ ӯро хонадор мекунанд. Ҳаёти оилавӣ Бедилро маҷбур мекунад, ки барои таъмини рӯзгор бо касбу коре машғул шавад. Вай равиши бобоёни худро пеш гирифта, ба навкарии Аъзамшоҳ (писари Аврангзеб) дохил мешавад. Лекин замони навкарии Бедил зиёда аз 3 сол давом накард. Дар ин бобат Ғуломалихони Озод дар тазкираи «Хизонаи омира» чунин навиштааст:

http://edu.portal.uz

«Бедил дар аввалҳои ҷавонӣ ба навкарии шоҳзода Аъзам писари Аврангзеб (подшоҳи онвақтаи Ҳиндустон) рӯзгор мегузаронид, ба мансабе сарфарозӣ дошт. Яке аз ошноён шоир будани ӯро ба шоҳзода хабар дод. Шоҳзода фармуд, ки «Бедил қасидае дар мадҳи мо гӯяд, мо ба вай инъом мекунем». Вақте ки ин хабар ба Мирзо Бедил расид, ӯ қабул накард. Ҳарчанд дӯстонаш илтимос карданд, розӣ нашуд ва ҳамон соат алоқаи навкариро барканд».

Баъд аз хизмати навкарӣ Бедил дар либоси дарвешӣ Лоҳур ва баъзе ҷойҳои дигари Ҳиндустонро саёҳат кард, бо донишмандони ҳинду мусулмон мусоҳиб шуда фалсафа ва дигар илмҳоро нағз аз худ кард, бо ҳаёти мардуми Ҳиндустон ба хубӣ шиносо шуд. Ҳамаи ин таҷрибаҳои зиндагӣ ба эҷодиёти Бедил таъсири калоне расонид. Бедилро ҳукуматдорон борҳо ба хидмат даъват карда бошанд ҳам, ӯ инро қабул накард. Ягона манбаи даромади ӯ китобнависӣ буд. Шоирони давлатманд барои тасҳеҳ ва рӯнавис кардан китобҳои худро ба ӯ медоданд. Вай бо ҳамин хидматона ва мадади баъзе дӯстонаш фақирона умр ба сар мебурд. Вай ҳатто то 41-солагӣ сарпаноҳ-кулбае надошт ва дар хонаи дӯстонаш зиндагӣ ба сар мебурд. Билохир дӯстонаш дар Деҳлӣ барои ӯ ҳавличае харида доданд ва ӯ то охири умр дар он ҷо зиндагӣ кард.

Бедил шахси нармсухан, зиндадил, нотарс ва соҳиби иродаи қавӣ буда, мусиқиро бисёр дӯст медошт. Ӯ барои тарбия ва ҳимоя кардани ҷавонони қобилиятнок ва соҳибистеъдод – онҳо хоҳ ҳинду бошанд, хоҳ мусулмон, ҳамеша тайёр буд, онҳоро дӯст медошт ва шогирдони бисёре ба воя расонид.

Бедил дар камоли некӯахлоқӣ, поквиҷдонӣ ва инсонпарварӣ зиндагонӣ карда, ба муқобили разилон, хушомадгӯён суханони дилкӯб гуфта ва ба онҳо итоат намекард.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар давоми ҳаёти худ замони 11 подшоҳро аз сар гузаронида, дар соли 1721 мелодӣ (1133 ҳичрӣ) дар синни 77-солагӣ дар шаҳри Деҳлӣ – Шоҳиҷаҳонобод вафот кард. Шогирдон ва дӯстонаш мувофиқи қоидаи ҳамонвақтаи Ҳиндустон ҷасадашро дар саҳни ҳавлии худаш гӯрониданд.

Муаллифи тазкираи «Хизонаи омира» Ғуломалихони Озод, ки ҳамон вақт 17-сола будааст, дар рӯзи вафоти Бедил ин қитъаи таърихиро навиштааст:

Сару саркардаи арбоби сухан,
Аз ғамободи ҷаҳон хуррам рафт.
Гуфт таърихи вафоташ Озод:
«Мирзо Бедил аз олам рафт».



Савол ва супоришот:

1. **Тарҷумаи ҳоли Бедилро ба қисмҳо тақсим карда нақл кунед.**
2. **Бедил давраи хурдсолиашро дар тарбияи киҳо гузаронидааст?**
3. **Бедил шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустонро чӣ гуна саёҳат кард?**
4. **Кадом тазкиранавис дар бораи таърихи вафоти Бедил қитъа гуфтааст ва он кадом аст?**

Мероси адабии Бедил

Ҳар кӣ имдоди бедилон дорад,
Аз завол ахтараш амон дорад.
Нозро аҷз худписандӣ дод,
Осмонро замин баландӣ дод.

Зӯрии қувваи ҳофиза, идрок ва ҷаҳонбинӣ ба шоир имконият медиҳад, ки дар муддати 67 соли фаъолияти адабии худ соҳиби чандин шоҳасарҳои ирфонӣ, фалсафӣ, лирикӣ, иҷтимоӣ шавад.

Аз осори Мирзо Абдулқодир Бедил: «Ирфон», «Тури маърифат», «Нукот», «Ишорат ва ҳикоёт», «Руқаот», «Чор унсур», «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат», «Ғазалиёт», «Рубоиёт», «Қасоидот», «Тарҷеот» ва ғайра, ки бо унвони «Куллиёти Бедил» машҳур аст, то ба замони мо омада расидаанд.

Аз ин асарҳои номбаршуда *«Ирфон», «Тури маърифат», «Ишорот ва ҳикоёт», «Муҳити аъзам», «Тилисми*

http://edu.portal.uz

ҳайрат», «Ғазалиёт», «Рубоиёт», «Қасоидот», «Тарҷеот», «Қитъаот», «Ташбеҳот ва тамсилот» асарҳои манзум мебошанд, ки тахминан 60 ҳазор байтро дар бар мегиранд. *«Нукот», «Руқаот»* ва *«Чор унсур»* бошад, бо наср навишта шудааст.

Асарҳои Бедил дар даврaҳои гуногуни ҳаёти ӯ навишта шудаанд. Бинобар ин мундариҷаашон низ ҳар хел мебошанд. Агар ба таърихи навишта шудани баъзе асарҳои Бедил нигоҳ кунем, ба хубӣ маълум мешавад, ки даврaҳои ҷудогонаи зиндагии ӯ ба мундариҷаи асарҳояш таъсир кардаанд.

Яке аз асарҳои Бедил, ки дар давраи ҷавонии шоир навишта шудааст, ***«Тилисми ҳайрат»*** мебошад. Ин асар аз сар то охир ба тариқи назм навишта шуда, аз 3750 байт иборат мебошад ва шоир онро соли 1669 навиштааст. Мавзӯи асар – муносибати тан ва рӯҳи инсон аст. Дар асар баъзе масъалаҳои тарбиявӣ ба назар мерасанд, лекин шоир муносибати тану рӯҳро аз нуқтаи назари аҳли тасаввуф маънидод карданӣ шудааст.

Асари дигари Бедил ***«Муҳити аъзам»*** мебошад. Ин асар соли 1681 навишта шуда, 4500 байтро дар бар мегирад. Мавзӯи ин асар тамоман тасаввуфӣ буда, шоир дар бораи истилоҳоти тасаввуфӣ – май, хум, ҷом, соқӣ истода, онҳоро аз рӯйи таълимоти сӯфигӣ маънидод менамояд.

Асари калони дигари Бедил, ки шаш сол баъд аз асари болоӣ навиштааст, ***«Тури маърифат»*** буда, он тақрибан 1500 байтро дар бар гирифтааст.

Мундариҷаи ин асар аз ду асари болоӣ тамоман фарқ мекунад ва он асосан аз тасвири манзараҳои зебои кӯҳистони Байрот *(яке аз кӯҳсорони Бангола)* иборат аст. Бедил онро ба шоир ва дӯсти наздикаш Шукруллохон бахшидааст. Бедил дар ин асар сабза, обшорон, обҳои маъданӣ, ҳаво ва дигар хусусиятҳои он кӯҳистонро устодона тасвир карда истода, хонандагонро ба сайри манзараҳои табиат ва табиатшиносӣ ташвиқ менамояд.

Яке аз асарҳои калони ба тариқи наср навиштаи Бедил ***«Чор унсур»*** аст. Муаллиф ин асари худро тахминан дар

соли 1694 тамом кардааст. «Чор унсур» илова ба масъалаҳои фалсафӣ, дар бораи тарҷимаи ҳоли Бедил маълумоти зиёде медиҳад. Бедил дар ин асар аз бистсолагиаш сар карда, воқеаҳои муҳими зиндагии худ – хотираҳои кӯдакӣ, мактабхонӣ, шеърнависӣ, саёҳат ба сайру гашт, аҳволи хешовандон, муаллимон, ҳамсӯҳбатон ва мулоқотҳояшро навиштааст.

Асари дигари насрии Бедил *«Руқаот»* аст. Ин асар иборат аз мактубҳои Бедил мебошад, ки ӯ дар муддати умри худ ба дӯстон ва ҳамзамононаш навиштааст. «Руқаот» низ дар бораи ҳаёти Бедил – дар хусуси бо чӣ гуна одам чӣ хел алоқа доштани ӯ ба мо маълумоти хуб медиҳад. Инчунин аз ин мактубҳо доир ба масъалаҳои ҷудогонаи зиндагӣ чӣ хел ақида доштани Бедилро донистан мумкин аст.

Ниҳоят, охирин асари бузургтарини Бедил ***«Ирфон»*** мебошад, ки он аз 11 ҳазор байт иборат буда, дар солҳои 1712, яъне 9 сол пеш аз вафоти шоир навишта шудааст. Дар ин асар дар доираи фикрҳои тасаввуфӣ ақидаҳои пешқадами Бедил ҷамъбаст карда шудаанд.

Бедил дар ин китоб, ғайр аз масъалаҳои калони фалсафӣ дар бораи соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ низ истода гузаштааст. Ӯ ба шиори яке аз тариқатҳои тасаввуф, ки мефармояд *«дил ба ёру даст ба кор»* амал карда, одамонро ташвиқ мекунад, ки бекор набошанд, бекорӣ ба одам зарарҳои бисёре меорад. Аз ҷумлаи касбу кор Бедил ба кори деҳқонӣ аҳамияти калоне додааст. Ӯ деҳқониро асоси аввалини боигарии инсон ҳисоб мекунад.

Баъд аз ин, Бедил мазлумон ва ситамдидагонро ҳимоя карда истода, қайд мекунад, ки золим охир нобуд мешавад. Вай барои исбот кардани фикраш ҳикояти ширини ***«Комде ва Мадан»***-ро меорад.

Ба ғайр аз асарҳои болоӣ, Бедил маҷмӯаҳои ғазалҳо, рубоиёт, қасидаҳо, қитъаҳо, таркибот ва тарҷеъот, ташбеҳот ва тамсилот низ дорад, ки онҳоро вай дар даврaҳои гуногуни умраш навишта, ҷамъоарӣ намуда, ба тартиб даровардааст. Дар ин асарҳои Бедил низ афкори рангин ва ҳаёти пурмазмуни ӯ ифодаи худро ёфтаанд.

http://elibrary.tj



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Бедилро номбар кунед.**
2. **Дар кадом асар доираи фикрҳои тасаввуфии Бедил ҷамъбаст карда шудаанд?**
3. **Мактубҳои Бедил дар кадом асари ӯ ҷой дода шудаанд?**

Достони «Комде ва Мадан»

«Комде ва Мадан» ҳамчун достонҳои «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун» достони ишқӣ аст. Лекин фарқи байни ин достонҳо ва «Комде ва Мадан» аз он иборат аст, ки достонҳои боло ишқӣ-фоҷиавӣ буда, қаҳрамонони асосӣ ба мақсади худ намерасанд ва ҳаёти онҳо бо фоҷиа ба поён мерасад. Аммо қаҳрамонони достони Бедил ба муроду мақсади худ мерасанд.

Бедил дар ин достони худ ҳунар, мусиқа, озодии шахс, дӯстӣ, садоқат, илм, адолат ва инсонпарвариро месарояд. Мо дар ин достон ғалаба кардани адолат бар зулм ва ҳаёт бар маргро мебинем.

Мазмуни мухтасари достон чунин аст: Комде ном як раққосаи моҳир тамоми нозукиҳои санъати худро аз бар карда, дар ин соҳа ягонаи даврон мегардад. Ӯ дар сӯҳбатҳои мусиқӣ ва зиёфатҳои подшоҳ иштирок мекунад. Мадан бошад, дар қаламрави подшоҳи дигар ҳофизи машҳури хушовоз ва ангуштнамои замона буд. Мадан барои саёҳат ба шаҳри Комде меояд ва дар ҳангоми як зиёфати подшоҳ тасодуфан бо Комде дар мулоқот мешавад. Мадан ҳангоми навохтани мусиқӣ ва сурудани оҳанги дилрабо иштироккунандагони маҷлиси зиёфатро дар ҳайрат мегузорад. Аз ҷумла, худи подшоҳ низ ба ҳунари Мадан қоил шуда, аз ҳад зиёд мамнун мегардад ва ба Мадан мукофот медиҳад.

Дар ҳамин зиёфат Комде низ ҳузур дошт ва бо маҳорати тамом ба рақс даромада ҳунарнамоӣ кард. Иштирокдорони зиёфат Комдеро бо ҳунарнамоияш табрик карда, аҳсанҳо гуфтанд. Мадан ҳам ба санъати ӯ қоил шуда, ҳатто мукофоти ҳоло ҳозир аз ҷониби подшоҳ барояш инъомшударо ба зери пойи Комде мепартояд. Подшоҳ аз ин ҷуръати Мадан дар ғазаб шуда, барои аз мамлакат бадарға кардани ӯ фар-

http://eduportal.uz

мон медиҳад. Комде ин аҳволи Маданро дида, пинҳонӣ аз тарси подшоҳи золим бо ӯ мулоқот мекунад ва ба аҳволи вазнин дучор гардидани Мадан худро гунаҳкор ҳис мекунад. Вай дар ин хусус авфи самимӣ мепурсад. Мадан бошад, Комдеро ба устуворӣ ва матонат далолат карда, аз даст надодани ҳушёрӣ ва зиракиро тавсия мекунад ва ба худкушӣ кардани Комде монеъ мешавад.

Мадан аз шаҳри Комде бадарға шуда, ба ҷангалҳо, кӯҳу дашту биёбонҳо сарсариёна, девонавор мегашт, монанди дигар қаҳрамонони афсонавӣ ранҷ, машаққат ва кулфатҳо мекашид. Рӯзе аз рӯзҳо як подшоҳи шикордӯст ба тариқи шикор ба манзили ғамангези Мадан дар ҳолати мадҳушии ӯ расида ба одамони худ мефармояд, ки ба ин одами беҳушу номаълум ёрӣ расонанд. Пас аз андаке фурсат Мадан ба ҳуш омада, бо хоҳиши подшоҳ саргузашти фоҷиаангези худро мухтасар нақл мекунад. Подшоҳ аз ин саргузашти Мадан огоҳ шуда, ба подшоҳи шаҳри Комде мактуб навишта, барои ба висоли ҳамдигар расидани Комде ва Мадан имконият доданро илтимос мекунад. Подшоҳи золим ин илтимосро рад карда, ба муқобили вай ҷанг сар мекунад. Дар натиҷаи ин ҷанг подшоҳи одил аз болои подшоҳи золим ғалаба карда, подшоҳи золим ҳалок мешавад.

Шоир ин фикрро бо мисраъҳои зерин хулоса карда мегӯяд:

Ҳар кӣ имдоди бедилон дорад,
Аз завол ахтараш амон дорад.
Қасри иқбол ҳар куҷо барпост,
Нардбонаш ҳимояти зуафост...
Лек аз он ҷо, ки золими манқуб
Нест анҷоми кор ҷуз мағлуб.
Хоки он бевафо ба хун тар шуд,
Подшоҳи Мадан музаффар шуд.

Подшоҳи ғолиб бо мақсади санҷидани садоқат ва вафодории ба Мадан доштаи Комде, ба воситаи як шахси дурӯғгӯ хабари мудҳиш – «Мадан ҳалок шуд»-ро ба Комде фиристод. Ӯ ин хабари даҳшатовари ногуворро шунида, ҳамон замон аз ҳуш рафт.

Ба ҳамин муносибат Бедил нафрати худро ба дурӯғгӯён ва қаллобон изҳор намуда, чунин мегӯяд:

Эй ҳалоки фузулии расво,
Накунӣ имтиҳони аҳли вафо!

Ин аҳволи ғамовари Комде ба Мадан маълум шуда, вай ҳам аз ҳуш рафта меафтад. Подшоҳи ғолиб ин воқеаро дида, ба ин бадбахтӣ ва нокомии онҳо сабаб шудани худро ҳис карда хиҷолат мекашад. Одамон дар ин ҷо ба кӯмаки онҳо расида, ин ду аз ҳуш рафтаро ба ҳуш меоранд.

Бедил дар ин достон адлро ба зулм ва мазлумро ба золим муқобил монда, исбот кардааст, ки адл ба зулм ва мазлум ба золим албатта, ғолиб мебарояд. Илова бар ин ҳаётро ба муқобили марг мегузорад.

Баъзе фикрҳои пешқадами Бедил

Мирзо Абдулқодири Бедил бузургтарин шоири берун аз дарбор ва намоёнтарин файласуф ва мутафаккири нимаи дуюми асри XVII ва аввалҳои асри XVIII аст. Бедил ҳамчун шоири мумтоз дар инкишофи жанрҳои аосии адабиёти тоҷик саҳми арзанда гузошта, онҳоро аз ҷиҳати мундариҷа хеле бой кардааст.

Дар асарҳои гуногунжанри Бедил афкори пешқадами ӯ ифодаи худро ёфтаанд, ки мо чанде аз онҳоро дида мегузарем.

Яке аз фикрҳои пешқадами Бедил ташвиқ кардани илмомӯзист. Бедил аҳамияти илм ва ҳикматро гуфта истода, менависад, ки ӯ аз илмомӯзӣ хурсанд аст, чунки ба воситаи илм ва ҳикмат ӯ оламеро бедор карда метавонад, яъне нодононро аз ҳақиқат хабардор мекунад:

Ман ҳам аз касби илм хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам.
К-аз усули мадориҷи ҳикмат,
Оламеро барорам аз ғафлат...

Бедил дар ҷойи дигар аҳамияти фазлу ҳунарро баландтар бардошта, тасдиқ кардааст, ки бахту иқбол ҳам ба фазлу ҳунар – дониш вобаста мебошад. Одам худашро фақат ба воситаи илм нишон дода метавонад:

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯйи кас боз нашуд.

http://edu.portal.uz

Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Бе илм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

Бедил дар баробари қайд карда гузаштани манфиати илму ҳунар одамонро ба кор кардан ташвиқ мекунад. Вай камбағалӣ, сахтӣ ва дигар бадбахтиҳоро натиҷаи бекорӣ ва беғайратӣ медонад:

Доғ гаштан гули бараҳнасарист,
Сӯхтан бори нахли бесамарист.

Шоир дар байти боло сари одами сарбараҳна – сарлучро, ки дар офтоб доғ мешавад, мисол оварда мегӯяд, ки дарахти бесамар – бемеваро ҳезум карда месӯзанд. Мисли ҳамин, одами беҳунар, бекор, беғайрат бештар ба сахтиҳо дучор мешавад.

Бедил мегӯяд, ки мо аввалу охир ҳақиқатро санҷида баромадем, дар дунё ғайр аз кору бор дигар ҳама маъдум – вуҷуд надорад, яъне ба одам манфиат намеорад:

Аввалу охир он чӣ шуд маълум,
Кору бор аст, мобақӣ – маъдум.

Шоир инчунин дар бораи аҳамияти меҳнат ва кӯшишу кор чунин мегӯяд:

То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад,
Дар мулки вафо қиматаш афзун нашавад.
Ҳар сангтабиате нагардад ёқут,
Ҳар қатраи об дурри макнун нашавад.

Дар эҷодиёти Бедил ғояҳои иттифоқ ва ҳамкорӣ хеле пуркувват ифода ёфтаанд. Ӯ дар рубоии зерин кушоду равшан қайд мекунад, ки агар халқ иттифоқ шавад, аз ҳар як ҳуҷуми душманони хориҷӣ эмин монда метавонад:

Ёрон ба вифоқ агар қадам мешикананд,
Ҷайши Арабу Аҷам ба ҳам мешикананд.
Аз кудрати иттифоқ ғофил нашавӣ:
Дандонҳо сангро ба ҳам мешикананд

http://edu portal.uz

Шоир ба масъалаи ҳиммати инсон аҳамияти махсус медиҳад. Вай ҳимматро бо масъалаи иттифоқ шудани мардум вобаста карда мегӯяд:

Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеҷ душвореро.
Якчанд фалоҳатӣ ба кӯшиши печад,
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро

Бедил қайд мекунад, ки ҳиммати инсонӣ воситаи тавонои ҳалли тамоми мушкилот аст. Агар одамӣ ҷаҳд ва ғайрат кунад, ҷаҳонро тамоман тағйир дода метавонад:

Дар таҷрибагоҳи оламӣ сулҳу набард,
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил, ки накард?
Ҷаҳди инсон бар ин наёмад, варна,
Гардунро низ бар замин меовард.

Дар байни афкори пешқадами Бедил ақидаҳои зидди зулму ҷаҳолат, хурофоти динӣ, ситоиши дӯстии халқҳо ва ғайра низ мавқеи хосаро доранд.



Савол ва супоришот:

1. **Фикрҳои пешқадами Бедил дар кадом асарҳои ӯ ифодаи худро ёфтаанд?**
2. **Фарқи достони «Комде ва Мадан» аз дигар достонҳои ишқӣ дар чист?**
3. **«Комде ва Мадан» аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа чӣ хел достон аст?**
4. **Дар достон дар бораи кадом санъаткорон сухан меравад?**
5. **Мақсад аз таълифи ин достон дар чист?**
6. **Достонро хонед, мазмуни мухтасари достонро нақл намоед ва дар бораи хислатҳои қаҳрамонони он иншо нависед.**
7. **Яке аз ғазалҳои Бедилро аз ёд кунед.**

Забон ва тарзи ифодаи Бедил

Тарзи ифодаи Бедил як услуби бисёр сахт ва душворфаҳм аст. Аксарияти асарҳои ба тариқи назм навиштаи ӯ печидамазмун ва то дараҷае сахт мебошанд, ки фаҳмидани онҳо барои хонандагони оддӣ чандон муяссар намешавад. Лекин баробари ин гуфтан ҷойиз аст, ки Бедил шеърҳои содда ҳам дорад. Чунончи, ин ғазали ба тасвири баҳор бахшидаи шоирро гирем:

http://eduportal.uz

Чашм во кун, ранги асрори дигар дорад баҳор,
Он чӣ дар ваҳмат нағунҷад, ҷилвагар дорад баҳор.
Соате чун бӯйи гул аз қайди пироҳан баро,
Аз ту чашми ошноӣ он қадар дорад баҳор.
Каҳкашон ҳам поймоли мавҷи тӯфони гул аст,
Сабзаро аз хоби ғафлат чанд бардорад баҳор?
Чашм то во кардаӣ ранг аз назарҳо рафтааст,
Аз насими субҳ доман бар камар дорад баҳор.
Аз хазон оина дорад субҳ, то гул мекунад,
Ҷуз шикастан нест ранги мо, агар дорад баҳор.
Абр менолад, к-аз асбоби нишоти ин чаман,
Ҳар чӣ дорад, дар фироши чашми тар дорад баҳор.
Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеам,
Ин маонӣ дар «Гулистон» бештар дорад баҳор.
Мӯ ба мӯям ҳасрати заҳмат табассум мекунад,
Ҳар кӣ гардад бисмилат,бар ман назар дорад баҳор.
З-ин чаман, Бедил, на сарве ҷасту на шамшод руст,
Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор.

Забони ин ғазал содда ва равон аст. Лекин ин тариқа ғазалҳо дар китобҳои Бедил ниҳоят каманд. Асарҳои ба тариқи наср навиштаи Бедил боз ҳам душворфаҳмтаранд.

Шӯҳрати Бедил

Мирзо Абдулқодири Бедил дар ватани аслии гузаштагони худ – Осиёи Миёна аз ҳама бештар нуфуз пайдо кард. Дар ин мамлакат ҳатто аз миёнаҳои асри XVIII сар карда тақлидкунандагони равияи Бедил пайдо шуданд. Онҳо дар назм ва дар наср равияи Бедилро пайравӣ карданд. Ин равия ҳатто то ибтидои асри XX давом кард. Лекин аз тақлидкунандагони Бедил ҳеҷ кас ба дараҷаи вай расида натавонист.

Бо вуҷуди он, эҷодиёти худи Бедил дар байни халқҳои маҳаллии Осиёи Миёна – тоҷикон ва ӯзбекон шӯҳрат ва аҳамияти калон пайдо кард. Як қатор шеърҳои Бедил ёд шуда, ҳамчун шеърҳои халқӣ аз даҳон ба даҳон мегузаштанд.

Ҳаёт ва эҷодиёти Бедил ҳанӯз аз замони зиндагии шоир диққати аҳли илму адабро ба худ кашида, махсусан, услуб – сабки эҷодии ӯ пайравони зиёде пайдо намуда буд. Асарҳои ӯ аз дастуру барномаҳои мактабҳои пешинаи Осиёи Миёна низ мустаҳкам ҷой гирифта, девони ғазалиёти Бедил яке аз

http://eduportal.uz

китобҳои асосии саводомӯзӣ гардид. Дар доираҳои гуногун «бедилхониҳо» гузаронида мешуданд.

Мирзо Абдулқодир Бедил дар қатори дигар намояндагони адабиёти тоҷик яке аз адибони маҳбуби халқи тоҷик ба шумор меравад.

Бесабаб нест, ки нависанда ва донишманди бузурги халқҳои тоҷик ва ӯзбек Садриддин Айнӣ, академик Иброҳим Мӯъминов, олимони адабиётшинос Холиқ Мирзозода, Расулхон Ҳодизода, Шавкат Шукуров, Шоислом Шомуҳаммадов ва чанде дигарон низ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил тадқиқоти пурарзиши илмӣ бурда, барои асарҳои Бедил ва афкори фалсафии ӯро манзури дигарон гардонидан хизматҳои босазое кардаанд. Бархе аз асарҳои Бедил, аз ҷумла рубоиёти ӯ ва достони «Комде ва Мадан» ба забони ӯзбекӣ низ тарҷума ва нашр шудааст.



Савол ва супоришот:

1. **Дар бораи забон ва тарзи ифодаи Бедил маълумот диҳед.**
2. **Чаро Бедил услуби душворфаҳмро интихоб карда буд?**
3. **Аз олимони адабиётшинос киҳо дар бораи Бедил тадқиқот бурдаанд?**
4. **Кадом асарҳои Бедил ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудааст?**
5. **Дар бораи шӯҳрати ҷаҳонии Бедил мулоҳиза ронед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Зи чашми бенигаҳ будам

Зи чашми бенигаҳ будам харобободи ғоратҳо,
Ба ҳайронӣ мижа бардоштам кардам иморатҳо.
Саводи номаам кам нест дар маъни сафои дил,
Ғубори маънии улфат набошад аз иборатҳо.
Ба завқи Каъба бигзар аз тавофи кулбаи Маҷнун,
Зи дил ҳар ҷо сувайдо ҷӯш зад, дорад зиёратҳо.
Ҳуҷуми доғи ишқат кард эҷоди сиришки ман,
Арақрез аст, ҳар ҷо ҷамъ мегардад ҳароратҳо.

http://eduportal.uz

Шикасти барги гул ҳам аз табассум оламе дорад,
Хам овард сабӯйи нози ту аз бори ишоратҳо.
Ба хоки худ таяммум соҳили амне дигар дорад,
Машав чун зоҳидон тӯфонии оби таҳоратҳо.
Зи касби хулқ, Бедил, метавон дар ҷаннат осудан,
Чӣ ҳоҷат дар дили дӯзах нишастан аз шароратҳо?

Наргиси фаттони кист?

Ваҳшии саҳрои ҳусн наргиси фаттони кист?
Мавҷаи дарёи ноз абрӯйи ҷонони кист?
Сояи зулфи кӣ шуд сурмакаши чашми шом,
Хандафиреби саҳар чоки гиребони кист?
Ҳусни бутон ин қадар нест фиреби назар,
Гар на туйӣ ҷилвагар, ойина ҳайрони кист?
Сад гули айшам ба дил ханда зад аз шавқи захм,
Тукмаи ҷайби умед ғунчаи пайкони кист?
Оташи дил шуд баланд аз кафи хокистарам,
Боди Масеҳои шавқ ҷунбиши домони кист?
Ранги баҳори хаёл мечакад аз дидаам,
Ин гули ҳайратнигаҳ шабнами бӯстони кист?
Ноз ба худ метапад дар сафи мижгони ёр,
Бар дари ин майкада ҳалқаи мастони кист?
Сабҳаи дилро нашуд риштаи ҷамъияте,
Дар такупӯи хаёл реги биёбони кист?
Дил зи паяш рафту ман меравам аз хештан,
Айби ҷунунам макун, нола ба фармони кист?
Аз мижа то доманам машқи зи худ рафтан аст,
Ашки ҷунунтози ман тифли дабистони кист?
Бедил агар лаъли ӯ нест табассумфурӯш,
Шабнами гулҳои захм гарди намакдони кист?

АЗ РУБОИЁТ

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.
Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,
Бардор ба оҳан оҳани тофтаро.

http://eduportal.uz

* * *

Гар марди раҳӣ, зи табъи худком баро!
Аз печу хами васвасаи хом баро!
Эй мункири кайфияти парвози магас,
Бе зина ту низ то сари бом баро!

* * *

Бедил, ҳарчанд баргузидам худро!
Афсуни камоле надамидам худро.
Сад шукр, зи иқболи адабпарвари аҷз
Мумтоз зи ҳеҷ кас надидам худро!

КОМДЕ ВА МАДАН

(Порча аз достон)

Мутриби сози иқтидороҳанг,
Мезанад нағмаи дигар бар чанг.
Ки дар иқлими Ҳинд шоҳе буд,
Гулнигину чаманкулоҳе буд.
Равнақи мулкаш аз тарабсозӣ,
Ҳамчу гулшан ба ҷӯши гулбозӣ.
Ғулғули табли ҷоҳ – нағмахурӯш,
Ҷӯши гарди ҳашам – баҳороғӯш.
Дар замонаш зи нашъаи иқбол
Ҷоми май буд гардиши маҳу сол.
Рӯзаш – оинаи суманбӯён,
Шом – гесӯйи анбаринмӯён.
Комде ном лӯъбати найранг,
Дошт раққосаи тарабоҳанг,
Сад қиёмат зи шӯхияш гарде,
Сад баҳор аз гулаш раҳоварде.
Дар мақоме, ки рақси мавзун дошт,
Хели товус гирди Маҷнун дошт.
Ҷоми давраш таҳарруки ҳамвор,
Ҳар куҷо дошт гардиши паргор.
Хатти соғар зи рашк хун мехӯрд,
Шӯъла ҷаввола мешуду мемурд.

http://ebu.portal.uz

Гар ба абрӯ шудӣ ишоранавоз,
Дар хами чанг мехазид овоз.
В-ар ба ангушт менамуд ишъор,
Об мешуд навои мусиқор.
Азми рақсаш ба қоматороӣ,
Ҳар куҷо кард фитнапаймоӣ.
Наргисашро ба гардиши андоз,
Ду ҷаҳон бисмил муҳаррафи ноз.
То ба тоби камар шикаст кулоҳ,
Шӯри дилҳо гусехт риштаи оҳ...
Гар зи шӯхӣ гулаш арақ мекард,
Зӯҳра сад ҷо ниқоб шақ мекард.
То садояш фусунасар мегашт,
Аз адам умри рафта бармегашт.
Ҳосилуламр, он биҳиштнамуд
Ҳар чӣ буд – офати ду олам буд!
Базми шаҳ бе рухаш ҳузур надошт,
Бо ҳазорон чароғ нур надошт.
Ҳамчунон мутрибе Мадан номе,
Сархуши нашъае, тарабҷоме...

Луғат ва тавзеҳот:

Роиҳа – бӯйи хуш.
Қимоят – ёрмандӣ.
Зуафо – бекасон.
Ояте – аломате.
Манқуб – бадҳол ва сахтирасида.
Мадориҷ – доира.
Мобақӣ-маъдум – яъне чизи дигаре нест.
Фалоҳат – деҳқон.
Сувайдо – маркази дил.
Таҳаррук – ҷунбиш, ҳаракат.
Иштиҳор – шӯҳрат ёфтан.
Мандал – номи соз (асбоби мусиқӣ).
Фамон – даҳон.
Бам – садои пур ва ғафси сози мусиқӣ.
Масомот – гузаргоҳ.
Найанбон – номи навъе аз асбоби мусиқӣ.
Ҷалоҷил – зангӯлаи хурд, ки ба гардани ҳайвонот мебанданд.
Эқтизоз – ҷунбиш, ларзиш.
Сало – ҷеғ, нидо, фарёд.
Ур – бараҳна, луч, урён.
Ҷавқ – гурӯҳ, тӯдаи мардум.
Бетаҳошиоҳанг – оҳанги чуқур, касе ки худдорӣ карда наметавонад, нопарҳезгор.
Мавоиз – насиҳат, панд.
Тааб – ранҷ, сахтӣ, азоб, хастагӣ.
Асаф – ғам, андӯҳ, ҳасрат.
Вусул – восил шудан, расидан, ба ҳам пайвастан.
Нузул – фуруд омадан, поён омадан.

http://edu.portal.uz

Ғаромасӣ – товон, ҷарима.
Ҳаддот – оҳангар.
Ҷулоҳ – бофанда.
Ялон – далерон.
Удул – аз ҳад гузаштан.
Қалшл – андак, хурд.
Қасир – кӯтоҳ, калта.
Муонақа – оғӯшкунии ҳамдигар.
Моида – дастархон.
Муҷозат – ҷазодиҳӣ.
Борагӣ – асп.

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот дар бораи забон ва услуби асари бадеӣ

Забони адабиёти бадеӣ воситаи асосии тасвири ҳаёт аз тарафи нависанда ба шумор меравад. Чунончи, дар санъати мусиқӣ воситаи муҳими тасвир оҳанг, садо, овоз аст; воситаи асосии санъати тасвирӣ ранг мебошад. Ба ҳамин қиёс дар адабиёти бадеӣ воситаи муҳими тасвир забон аст, ки бо он нависанда образҳои бадеии худ, тасвири бадеии воқеаҳо зиндагиро ба вуҷуд меорад. Тамоми санъатҳои лафзию маънавӣ низ ба воситаи забон ифода мешаванд. Аз ин сабаб қимати бадеии асар ғайр аз воситаҳои дигари тасвир ба забон низ вобаста аст.

Ҳамаи нависандагони бузурги ҷаҳон ба забони асари бадеӣ аҳамияти калон додаанд. Аҳмади Дониш гуфта буд: «сухан қолиби маънист, то лафз зебо набошад, маънӣ зебо намешавад».

Забони тоҷикӣ аз қадимтарин забонҳои дунё ба шумор меравад. Дар давоми асрҳои бисёр забони тоҷикию форсӣ чандин марҳилаи таърихиро тай намудааст. Дар ин забон намунаҳои хуби осори илмӣ, адабӣ ва таърихӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Беҳтарин намояндагони адабиёти форсу тоҷик барои тозагӣ, соддагӣ ва боигарии ин забон саъю кӯшишҳои зиёде намудаанд.

Забони асари бадеӣ бояд содда, тоза ва ба забони умумии халқ наздик бошад. Нависанда на танҳо аз захираи адабиёти хаттӣ, инчунин аз ганҷинаи бепоёни забони зиндаи омма низ истифода мебарад. Аммо дар вақти аз забони омма истифода бурдан нависанда аз кор фармудани калима ва ибораҳои номашҳуре ки дар доираи ягон ноҳия ва ё деҳаи хурд маълум аст, худдорӣ мекунад.

http://edu.tj.uz

Яке аз хусусиятҳои аввалини забони нависанда ва асари бадеӣ дар он аст, ки нависнда аз фонди умумии забони адабӣ калимаву таъбирҳои ба худ заруриро интихоб мекунад. Интихоби нависанда, интихоби муқаррарӣ набуда, балки мақсади ӯ ба воситаи ҳамин калимаҳо ва ибораҳо тасвир намудани воқеияти ҳаётӣ мебошад. Чунончи, шоир барои таъсирбахш ва хушоҳанг баромадани шеър калимаҳои ҳамқофия, ҳамвазн, хушсадо ва форамро интихоб мекунад. Нависанда барои барҷаста нишон додани қаҳрамонҳои асараш, барои равшантар намудани хислати онҳо забони онҳоро аз ҳам фарқ мекунонад. Ба воситаи забон нишон додани хислати шахс, махсусан, дар асарҳои драмавӣ бештар ба назар мерасад.

Хулоса, забони асари бадеӣ на танҳо воситаи тасвир, балки яке аз воситаҳои ба вуҷуд овардани тип ва характерҳои адабёт низ мебошад.

Забони асари бадеӣ дар муайян намудани услуби нависанда низ аҳамияти калоне дорад.

Услуб – равия ва симои эҷодии як нависанда ё гурӯҳи нависандагон аст. Ба услуб ҳам ғояҳои асосии эҷодиёти нависанда, ҳам сабк, ҳам воситаҳои бадеӣ ва забони асарҳои ӯ ва умуман, ҷаҳонбинии нависанда дохил мешавад.

Услубро ба маънои васеъ ва танг кор мефармоянд. Услуб ба маънои васеъ бо методи эҷодӣ алоқаи мустаҳкаме дорад.

Услубро ба маънои маҳдуд низ кор мефармоянд. Дар ин маънӣ услуб бештар ба забон ва воситаҳои бадеии тасвир вобаста мешавад. Дар ин маънӣ услубро гоҳо сабк ҳам мегӯянд. Чунончи, «сабки Бедилӣ», ки он пайравони худро низ пайдо намуда буд.



Савол ва супоришот:

1. **Дар боари забони асари бадеӣ маълумот диҳед.**
2. **«То лафз зебо набошад, маънӣ зебо намешавад» гуфтани Аҳмади Дониш чӣ маъно дорад?**
3. **Нависанда аз захираи умумии забони адабӣ чи тавр истифода мебарад?**
4. **Услуби бадеӣ чист?**
5. **Вобастагии забон ва услубро дар асари бадеӣ маънидод кунед.**

http://edu.portal.uz



МУҲАММАДШАРИФ ГУЛХАНӢ

«Хушо Гулханӣ шоири пурфан аст,
Чу Гулхан, ки зеботар аз гулшан аст.
Зи девонахӯию оташфанӣ
Тахаллус ниҳода ба худ Гулханӣ.
Ғазалҳо навишта латифу равон,
Ба дастури алфози кӯҳистон».

Фазлии НАМАНГОНӢ

Тарҷумаи ҳол

Муҳаммадшариф Гулханӣ яке аз шоирони забардасту машҳури доираи адабии Фарғона ба шумор меравад. Гулханӣ дар деҳаи Булқоси Қаротегин (ҳозира райони Ғарми Тоҷикистон) таваллуд шуда, аз солҳои 70-уми асри XVIII то мобайни солҳои 20-уми асри XIX ҳаёт ба сар бурданаш маълум аст.

Соҳиби «Маҷмӯъат-уш-шуаро» Фазлии Намангонӣ аз диёри кӯҳистон будани Гулханӣ ва соҳибэҳтиромии аҷдоди ӯро қайд карда мегӯяд:

Ки буданд аҷдоди ӯ дар диёр,
Писандидаи мардуми кӯҳсор.

Гулханӣ дар байни солҳои 90-уми асри XVIII ба шаҳри Намангон рафта, таҳсили илми мадрасаро давом додааст. Ӯ рӯзона машғули мардикорӣ ва ҳаммолӣ, аммо шабона машғули таҳсил шудааст. Дар аҳди ҳукумати Олимхон (1799–1810) ба умеди беҳбудии аҳволи иқтисодии худ ба хизмати сипоҳӣ (сарбозӣ) даромада, дар ҷангҳо мардонагӣ ва қаҳрамонӣ нишон дода бошад ҳам, аз вазъияти зиндагии қашшоқона халосӣ надоштааст. Инро Фазлӣ дар тазкираи худ низ тасдиқ мекунад:

Ба даврони ҷаннатмакони амир
Чунон буд дар бенавоӣ асир,
Ки нашкаста дар умр ноне дуруст,
Набиншаста дар гирди хоне дуруст.

http://edu-portal.uz

Сипоҳигарӣ карду роҳат надид,
Ки осоиш аз ранҷу меҳнат надид.
Мурувват накардӣ ба ҳолаш амир,
Басе бенавоӣ кашид он фақир.
Зи беилтифотии ҷаннатмакон
Ҳамебуд мӯҳтоҷи як парча нон.
Ки аз тангдастӣ ба ҷон омадӣ,
Зи бемоягӣ дар фиғон омадӣ.

Бемурувватӣ ва беилтифотии амир дар айни ҳол ба маънои умумӣ аҳволи бади сарбозон ва сипоҳиёни амириро ҳам мефаҳмонанд, ки аз рӯйи низоми ҳарбии замони феодалӣ хизмати дарозмӯҳлату якумрии пурмашаққати ғуломона насиби онҳо буд ва Гулханӣ яке аз он сипоҳиёни мазлум ба шумор мерафт. Фазлӣ чунин аҳволи вазнину токатфарсои сипоҳиёнро маҳз аз ин сабаб вобаста ба вазъияти зиндагонии Гулханӣ баён кардааст, ки Гулханӣ дар ҳамон вақт ҳам аз ҷумлаи аҳли фазлу адаб ба шумор мерафт ва бо вуҷуди ин, қадру қимат ва имтиёзе надошт. Ба ин маънӣ ҳаҷвияи шикоятии ӯ, ки ба Олимхон муроҷиат карда гуфтааст, низ ифодаи объективӣ ва ҳаққонии ҳамон вазъияти умумии сипоҳиён ва асорати ғуломонаи Гулхании шоир мебошад. Шеъри мазкурро аввалин садои назми граждани-ичтимоии Гулханӣ шуморидан мумкин аст, ки дар он тартиботи давлатдории Фарғона ва муносибати қадрношиносонаи аҳли ҷоху давлат нисбат ба фидоиён ва одамони бомаърифат тамасхуромезона фош карда мешавад.

Ҳазратам, аз гушнагӣ мурдам, ба ман нунум бидеҳ,
Кофирам, гӯям агар инум бидеҳ, унум бидеҳ.
Гандуму мошу биринҷам деҳ, ки даркорӣ ҳамуст,
Ман намегӯям, ақиқу лаълу марҷунум бидеҳ...
Аз тиҳидастӣ агар нукар мурад, ҳайф аст, ҳайф,
Эй табиби ҳозиқи нукар, ту дармунум бидеҳ...
Ҷумла деҳу нун, зи ранҷи фоқа мегардон халос,
Кай туро гуфтам, ки бар ман ганҷи Қорунум бидеҳ.
Гулханиро ай қатури баччамардон кам мадон,
Фӯтаву шофам бидеҳ, аспум бидеҳ, тунум бидеҳ.

Гулханӣ баъд аз вафоти Олимхон хизмати ҳарбиро давом дода, чун хизматгор ба дарбори Умархон наздик шудааст. Фазлӣ ин лаҳзаи зиндагонии Гулханиро ба таври зер баён мекунад:

Бувад Гулханӣ шоири кӯҳсор,
Ба даргоҳи шоҳист ӯро қарор.
Зи мардони корист, дар рӯзи ҷанг,
Силоҳаш ба каф. теғу тиру туфанг.

Баъдҳо аз хизмати ҳарбӣ озод шуда, тадриҷан дар доираи адабии Қӯқанд ҳамчун шоири номӣ мавқеъ пайдо кард. Аз гуфтаи Фазлӣ маълум мешавад, ки пас аз ба дарбор кашида шудани Гулханӣ аҳволи моддӣ ва шароити эҷодии ӯ як андоза беҳтар шудааст:

Зи эҳсони шаҳ доимо баҳравар,
Ки дар назму наср аст соҳибҳунар.

Муҳаммадшариф шахси шӯхтабъ ва оташмизоҷ буда, дар ибтидо аз рӯйи ҳамин табиати худ Гулханӣ тахаллус гирифтааст.

Баъдҳо Ҷуръат тахаллус кардани шоир низ аз ҳамин «девонахӯию оташфании» ӯ шаҳодат медиҳад.

Возеҳ дараҷаи шоирии Гулханиро бо ибораи «бисёр соҳибкамол ва бадеулиртиҷол» нишон дода, қайд мекунад, ки ӯ «дар шеъру қасоид китобе низ мураттаб намудааст».

Гулханӣ ҳам, монанди ҳамаи шоирони доираи адабии Фарғона, ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ асар эҷод мекард, вале аз мероси адабии ӯ алҳол чанд ашъори парокандаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ инчунин асари тамсилии «Зарбулмасал» дастраси аҳли илму адаб гардидааст.

Аз баёноти тазкираи Фазлӣ ва намунаи шеърҳои Гулханӣ маълум мешавад, ки шоир дар баробари ашъори ҷиддии лирикӣ ва иҷтимоӣ шеърҳои ҳаҷвӣ ҳам бисёр мегуфтааст ва азбаски дар он шеърҳо мазмуну тарзи ифодаи халқӣ бештар ҳис карда мешуд, шоирони дарбор, аз ҷумла худи Фазлӣ ҳам, ин гуна шеърҳои ӯро намеписандиданд, балки пасткунандаи мартабаи шоирии ӯ медонистанд:

Бувад Гулханӣ шоири кӯҳсор,
Асоси суханҳои ӯ бемадор.
Маҳол аст, аз шоирӣ дам занад,
Ба ин шева худро магар кам занад...
Тамасхур бар шеъри вай огандааст,
Ки гуфтори ӯ мӯъҷиби ханда аст.

http://ziyouz.com/portal.uz

Фазлӣ дар тазкираи худ шоири кӯҳистонӣ будани Гулханӣ ва «ба алфози худ» (шеваи худ) шеър гуфтани ӯро бо оҳанги таънаву таҳқир борҳо такрор карда бошад ҳам, фазилатҳои ӯро ҳамчун шоир ва донишманди замон инкор карда наметавонист. Ин аст, ки Гулханиро «шоири пурфан» ва «арбоби фазл» номида, мартабаи писандидаи шоирӣ ва маҳорати эҷодии ӯро эътироф менамояд. Илова ба ин, Фазлӣ дар як қисм шеърҳои ба услуби лафзи кӯҳистон эҷодкардаи Гулханӣ латофат ва равонии махсусеро мушоҳида карда, бар хилофи таънаҳои худ ва дигар шоирони дарбор муваффақияти эҷодии дар ин соҳа ба дастовардаи ӯро қайд менамояд:

Ғазалҳо навишта латифу равон
Ба дастури алфози кӯҳистон.



Савол ва супоришот:

1. **Ҳаёти Гулханӣ дар давраи кадом ҳукмронони давр гузаштааст? Онҳо ба шоир чӣ гуна муносибат доштанд?**
2. **Гулханӣ дар кадом шеъри худ оҳанги ҳасбиҳолӣ баён кардааст?**
3. **Маълумоти тазкиранавис Фазлии Намангониро дар бораи Гулханӣ гуфта диҳед.**
4. **Гулханӣ ба кадом забонҳо ва бо чанд тахаллус асарҳо эҷод кардааст?**

Мероси адабии Гулханӣ

Гулханӣ ба дарбор вобастагӣ дошт ва аз ин рӯ, дар қасидаҳои худ Умархонро ҳамчун «шоҳи одил», «илму адабиёдӯст» ва «раиятпарвар» таърифу тавсиф намуда, вазифаи расмии дарбории худро адо мекард. Инро аз ғазалҳои тақлидкорона навиштаи ӯ низ фаҳмидан мумкин аст. Аммо Гулханӣ фақат аз рӯйи расмият ва зарурат шоири дарбор буда, аз рӯйи табиати эҷодӣ ва ақидаҳои иҷтимоии худ адиби озодфикр, ифодакунандаи норозигии халқ ва ҳимоякунандаи манфиати ӯ буд. Ин гуна рӯҳияти шоир гоҳ-гоҳ дар лирикаи ишқии тоҷикӣ ва ӯзбекии ӯ хеле бемадорона ифода ёфтааст.

http://e-dtportal.uz

Масалан:

Гудози сӯзу дарду доғ з-инсон бар ман аст имшаб,
Чу шамъ оғозу анҷоми ман аз худ рафтан аст имшаб.
Зи ман уммеди наҷди дину дил дигар бувад нодир,
Чароғи корвонам гӯйӣ чашми равзан аст имшаб!

Дар лирикаи иҷтимоии ӯ оҳанги шикоят аз зиндагӣ, маҳрумият ва беҳосилии умеду орзуҳои мардуми бечора, ки худи Гулханӣ яке аз онҳо буд, равшантар ва баландтар шунида мешавад. Дар мавриди худ, фаҳмидан душвор нест, ки шоир аз ҳаёти дарбории худ низ шикоят мекунад ва чунин менамояд, «зи эҳсони шаҳ доимо баҳравар» набудааст ва шоир қариб монанди пешина бенавоёна зиндагӣ ба сар мебурдааст. Шоир ҳунару кӯшиши беҳосили худро ба кишторнии дар хушкӣ баробар дониста мегӯяд:

Ҳунар ҳарчанд ин ҷо метаровад аз ҳар ангуштам...
Зи бахти норасо коре надорад бо зар ангуштам...
Ба хушкӣ рондаам киштиву умре зиндаам, Ҷуръат,
Нашуд з-ин баҳри беҳосил сари мӯе тар ангуштам.

Нуқтаи баланди эҷодиёти Гулханӣ ҳам аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ва ҳам аз ҷиҳати маҳорати адабӣ – асари насрии ӯ «Зарбулмасал» мебошад. Дар ин асар кӯшиши навоваронаи шоирро дар инъикоси ҳаёти халқ равшан ва пурра дида метавонем.

«Зарбулмасал», чунон ки аз номаш маълум аст, асари тамсилии насрӣ буда, ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст ва бо забону санъати адабии худ яке аз намунаҳои хуби насри бадеии ӯзбек шуморида мешавад. «Зарбулмасал»-и Гулханӣ асари мукаммали сужетнок ва намунаи барҷастаи ҳаҷви тезутундест, ки дар асоси эҷодиёти даҳонии халқ офарида шудааст.

Асари мазкур аз ду ҷиҳат тамсилист ва аз ҳамин ду ҷиҳат номи он бо маводи эҷодӣ ва мундариҷаи вай пурра мувофиқат дорад: аз як тараф, худи қисса тамсилӣ буда, сужет дар асоси ҳикояи оид ба паррандаҳо ва ҷонварон, хусусан дар асоси воқеаи қудошавии Бойқушу Япалоққуш тартиб ёфтааст ва аз ин сабаб, асар «Ҳикояи Япалоққуш»

низ ном дорад; аз тарафи дигар, маводи асосии ҳикоя, ки ифодакунандаи мундариҷаи асар мебошад, аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ иборат аст.

Азбаски дар ин асари начандон калон зиёда аз 300 зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи халқии ӯзбекию тоҷикӣ кор фармуда шудааст, қисса маҷмӯаи ибораҳои ҳикматомези халқӣ шуда мондааст ва аз ин рӯ, «Зарбулмасал» ном гирифтааст.

Асоси муайянкунандаи мундариҷаи ғоявии асар услуб ва усулҳои адабии ба худ хоси нависанда мебошад.

Дар насри классикии тоҷику ӯзбек дар мавридҳои ҷудогона истифода бурдани суханҳои ҳикматноки халқӣ ва китобӣ дида мешавад, чунончи, дар «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воиз. Аммо ҳикмати халқ, аз қабили зарбулмасал ва мақолҳо, дар насри гузашта маводи иловагии қувватдиҳанда, тасдиққунанда ва хулосакунанда буд. Дар асари Гулханӣ бошад, ҳикмати халқ, зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи халқӣ ҳамчун маводи асосии тасвир хизмат мекунад ва аксар асосу моҳияти суханҳои муколамавии нақшҳои тамсилиро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқа, тамсил ва масал аз паи масал омада, доираи мазмуни суханро васеъ мекунад, онро бевосита бо ҳаёти ҳақиқӣ мепайвандад, ва ба он қатъи назар аз чигунагии мундариҷаи баёншаванда, мутлақо оҳанги халқӣ мебахшад. Масалан:

а) Кӯрқуш гуфт: Мағрури давлат нашав, ки гуфтаанд: «Худтаърифкунӣ посбони марг аст», «Офтобро бо доман пӯшида мешавад-мӣ?» «Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад». «Бузи ало паланг намешавад». «Зоғи ало соҳибчангол бошад ҳам, ҳолаш маълум»);

б) Он гоҳ Кӯрқуш гуфт: Марг ба бадон! Магар каси барои кори хайр кас мефиристодагӣ ҳамин хел мешавад?.. Нашунидаӣ, ки бузургон гуфтаанд: «Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд, бо сухани талх – мусулмон аз динаш рӯй метобад». Ба ин гуфтаҳои ношоистаи ту шарик нестам. Тоҷикон масале доранд: «Зӯри беҳуда миён мешиканад»).

в) Он гоҳ Кӯйкунак гуфт: «Некон гарму нарм мегӯянд, бадон бо захму озарам» гуфтагӣ барин, магар моро дар ар-

кони давлат хурдакак пиндоштед! «Дар сурат назарногиру дар қувват шер ҳастем» ё ки «Кӯйкунак дар диёри худ гоҳ ғоз асту гоҳ ӯрдак». «Худро мард донӣ, дигаронро шер дон»).

Вобаста ба сухани масаломези халқӣ аз адабиёти китобии тоҷик ё ӯзбек порчаҳои манзум (як байт ё зиёда) иқтибос оварда шудааст ва ё шоир аз рӯйи анъанаи адабиёти классикии тоҷик аз худ илова кардааст. Ин гуна порчаҳо барои шарҳ, исбот, хулоса ва пурқувват кардани мазмун ҳамчун материали иловагӣ хизмат карда, ҳикмати халқиро бо ҳикмати китобӣ омезиш медиҳанд. Чунончи:

а) Он гоҳ Кӯрқуш гуфт: Рост мегӯӣ. «Барраи қӯчқоршаванда пешонадӯнг мешаваду ҷавони паҳлавоншаванда-пешонапаҳн». Ба суханони «зӯри падар ба ғук, зӯри писар ба хук» бовар накун, лекин «бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад»):

Такя бар ҷойи бузургон натавон зад ба газоф,
Магар асбоби бузургӣ ҳама омода кунӣ.

б) Гузаштагон масале доранд, ки: «Духтарро кӣ дӯст намедорад қимизро кӣ наменӯшад». «Аз карнайчӣ-як пуф».

Он гоҳ Ҳудҳуд гуфт: Оре, ба сухани амонат амин будан шеваи некон аст. Ту боз хокистарро ба рӯйи кӯмочи худ накаш ва мисли Баҳодури дуредгар тешаро ба сӯйи худ мазан):

Монандаи арра бош дар илми маош,
Гоҳе сӯйи худ мекашу гоҳе мепош.

Нависанда муҳокимаву мунозираи нақшҳои асарро тасвир карда, тарзи исботу далеловарии онҳоро нишон медиҳад ва дар ин маврид иқтибосоварӣ не, балки манбаъҳои бадеии панду ҳикматро хотиррасон кардан дида мешавад. Нависанда бо ин роҳ мазмуни пандомези қиссаи худро бо лаҳзаҳои ҷудогонаи асарҳои тарбиявӣ-ахлоқии адабиёти классикии тоҷик алоқаманд менамояд ва таъкид мекунад, ки моҳияти ин қисса низ давоми мантиқии анъанаи назму насри панду ахлоқии гузаштагон аст.

Масалан, Кӯрқуш сухани мағруронаи ҳарифи худ Япалоқро таҳлил ва танқид карда, хулоса мебарорад, ки ин сухани вай ба қиссаи куланге монанд аст, ки худро лочин

тасаввур карда, ба шикори дурроҷ баромадааст, вале худ дар ботлоқ дармондааст. Давоми сухани ӯ чунин аст:

Оре ҳар кас, ки аз ҳад гузарад, ҷазояш ҳамин. Шарҳи ин суханро аз «Силсилат-уз-заҳаб» ҷустуҷӯ кун.

Дар айни ҳол Япалоққуш барои раддияи сухани ҳарифаш Кӯрқуш қиссаеро ба хотир мерасонад, ки нобино ба гапи бино надаромад ва аз заҳри мор ҳалок шуд. Давоми сухан ин аст:

Агар ба ту ҳикоят кунам, ин кори хайр дер мемонад. Агар баёни воқеаи ин ҳикоятро хоҳӣ, аз «Калила ва Димна» биёб.

Нависанда на ҳамеша бо роҳи ишораи манбаи тамсил баҳсу баёноти нақшҳоро кӯтоҳ мекунад. Баръакс, дар аксарияти мавридҳо ин гуна баёноти тамсилӣ бо роҳи қиёси ҳодиса тафсил меёбад ва ин ҳамчун як хусусияти бадеии бандубастии асар бештар анъанаи «Калилаву Димна» ва «Анвори Суҳайлӣ»-ро ба хотир мерасонад. Чунон ки дар асарҳои номбурда робитаи ҳодисаҳо, лаҳзаҳои вуқӯъ ва руҷӯъ одатан бо ҷумлаи «Чӣ гуна будааст он ҳикоят?» таъин мегардад, дар «Зарбулмасал»-и Гулханӣ ҳам баъд аз ишораи тимсоли ҳодиса бо ибораҳои «Ҳикоят қил» («Ҳикоят кун»), «Қандоғ эрди, сӯзлагин?» («Чӣ хел буданашро гуфта деҳ»), «... баён қил» («...нақл кун») мураккаб ва алоқаманд шуда рафтани силсилаи ҳодисаҳои тамсилӣ дида мешавад. Тамсилоти қиёсӣ гоҳ ҳамчун маҳсули эҷодии худи нависанда (монанди ҳикояи манзуми сорбон ва шутури бачадори ӯ), гоҳо ба тариқи иқтибос – бо роҳи айнан овардани матни тоҷикӣ ва ё ба забони ӯзбекӣ ба назм овардани ҳикоятҳои машҳур, баъзан ба таври наср (монанди қиссаи «Сангпушт ва каждум»), баъзан ба тариқи назм (ҳамчун ҳикояти «Наҷҷор ва маймун» ва қиссаи «Хари бедум») воқеъ мегардад ва моҳияти масъаларо пурра баён мекунад.

Масалан:

Кордон гуфт: «Рост мегӯй. Корозмоён гуфтаанд: «хешамдеги сиёҳам...» Эй Бойқуш, акнун ту «ба кӯрпаат нигоҳ карда пой дароз кун». Ту аз ҳазор вайрона гап мезанӣ. Ва ҳол он ки... дар замони Саид Умархон дар иқлими Фарғона ғайр аз «ободӣ» ҷойи дигар нест... Боз ҳамчун калбузи шох талабида аз гӯшаш ё мисли хари бедуми дар иштиёқи дум аз ду гӯшаш ҷудошуда нашавӣ»).

«Бойӯғлӣ гуфт: «Ҳикоят кун».
Кордон гуфт:

Будаст харе, ки дум набудаш,
Рӯзе ғами бедумӣ фузудаш.
Дар бодияҳо қадам ҳамезад,
Дум металабиду дам намезад.
Ногаҳ на зи рӯйи ихтиёрӣ,
Бигзашт миёни киштзоре.
Деҳқон магараш зи дур медид,
Барҷасту аз ӯ ду гӯш буррид.
Мискин харак орзуи дум кард,
Ноёфта дум, ду гӯш гум кард».

Ҳикояҳои эҷодӣ ва иқтибосии Гулханӣ на танҳо ҳамчун далели қувватдиҳандаи фикри гуфташуда аҳамиятноканд, балки инчунин бо мазмуни худ ба фикри минбаъд баёншаванда ҳам узван алоқаманд буда, барои қиёси ҳол аҳамияти хулосакунанда доранд.

Муҳимтарин хусусияти ин асари Гулханӣ мазмунан ба ҳаёти ҳамонвақта наздик будани он аст. Пеш аз ҳама, тарзи баёни нақшҳо ва маводи аз зиндагӣ гирифташуда асоси мундариҷаи ҳаётии асарро муайян намуда, тасвири тамсилиро ба тасвири ҳаёти ҷамъиятӣ хеле монанд мекунад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, мо дар байни асарҳои тамсилии гузаштагон, масалан, Носири Хусрав («Уқоб», «Каду ва чинор»), Ҷалолиддини Румӣ («Ҳикояти тӯтӣ ва бозургон»), Убайди Зоконӣ («Қиссаи Муш ва Гурба»), Сайидои Насафӣ («Баҳориёт») ва асари Гулханӣ «Зарбулмасал» ҳам умумият ва ҳам тафовути эҷодиро мушоҳида мекунем.

Умумият дар он аст, ки ҳамаи ин гуна асарҳо дар бораи зиндагӣ ва одамон ба таври рамз сухан меронанд ва хислатҳои табии образҳои тамсилӣ асосан бо роҳи маҷоз бо ҳаёти ҷамъият ва хислатҳои одамӣ мувофиқат мекунад. Фарқ дар он аст, ки образҳои тамсилии «Зарбулмасал» (мисли Кӯрқуш, Бойӯғлӣ, Қуйкунак, Япалоқ ва ғ.), бо вуҷуди бо гуфтору кирдори худ муносибати бевосита доштанашон, пеш аз ҳама образи шахсҳоро таҷассум мекунанд, тарзи гузориши масъала ва муҳокимаи он, баёни хислату характерҳо ва гуфтору кирдораш ҳам бо хусусияти ҳаётии худ аз тасви-

http://eduportal.uz

ри тамсилӣ дида ба тасвири воқеӣ наздиктар мебошад. Аз ин ҷиҳат ба ҷойи номҳои тамсилӣ гузошта шудани номҳои одамӣ на танҳо моҳияти масъала ва банду басти воқеаҳои асарро ба куллӣ тағйир намедиҳад, балки асари мазкурро бо тамоми хусусиятҳои аҷойибу ғароибаш ба қиссаи воқеӣ мубаддал менамояд.

Пас, «Зарбулмасал»-и Гулханӣ асарест, ки мундариҷаи ғоявии он ҳам ба таври тамсилӣ – ба воситаи образҳои тамсилӣ, ҳам ба таври воқеӣ – ба воситаи образҳои ҳаётӣ зоҳир шудааст. Ҳамин тариқа, баёноти рамзиро ба ҳаёти воқеии давр бевосита алоқаманд карда додан на фақат ҳамчун як хусусияти муҳимму фарқкунандаи асари Гулханӣ, балки дар баробари забон ва хусусиятҳои дигари услубии асар ҳамчун ифодакунандаи асоси халқӣ ва демократии мавқеи эҷодии нависанда ба ҳисоб меравад.

Пас услуби ба ҳаёти воқеӣ бевосита пайвастани тамсил аз чӣ иборат аст?

Нависанда дар ҷараёни тасвири амалиёти образҳои тамсилӣ усули ба рафтору кирдор ва хислати симоҳоро ба таври васеъ истифода намуда, бо роҳи ба хислату кирдори одамони ҷудогонаи онвақта монанд кардани хислату кирдори нақшҳои тамсилӣ диққати хонандаро аз дунёи афсонавӣ ба дунёи воқеӣ, аз мафҳуми образҳои рамзӣ ба фаҳмиши моҳияти хислату кирдори одамони муайяни давр мекашад. Қиёси ҳол одатан бо тасвири ҷиҳатҳои манфӣ аз забони худи нақшҳои тамсилӣ дода мешавад ва бо ҳамин восита намоядагони табақаҳои муфтхӯру қаллоби ҷамъият дучори ҳаҷву танқиди тезу тунди нависанда мегарданд.

Масалан, Ҳудҳуд баъд аз баёни ҳикояти Наҷҷор ва Маймун Кӯрқушро дар тариқи зайл таъкид карда мегӯяд:

«Бидон, ки ҳамчун маймуни дуредгарӣ мекунам гуфта, ба даст афтода, аз пагоҳ то бегоҳ калтак хӯрда, бозича шуда, ба бало гирифтор шуда, ту ҳам кори хайрро ичро карда натавониста, мисли мулло Исоавлиё ва Абдураҳмони Офтобачӣ аз лаънати халқ баромада натавониста нагардӣ. Аз ту номи бад мемонад».

Дар ин лавҳача нобакории мулло Исоавлиё ва Абдураҳмони Офтобачӣ танҳо ишора бошад ҳам, муносибати

манфии нависанда ба ин шахсони авомфиреб ва раддимаърака хеле равшан ифода ёфтааст. Ин гуна лавҳачаҳо аксар бо тафсил омадааст, хислатҳои бади шахс як-як ном бурда шудааст ва аз рӯйи ҳаҷву танқиди намояндагони табақаҳои боло лавҳаи муайяни зиндагӣ ба вуҷуд омадааст.

Ин тариқа тасвири заргарона на танҳо гувоҳи санъату маҳорати баланди эҷодии Гулханӣ мебошад, балки ҳаминро ҳам мефаҳмонад, ки нависанда зиндагиро хеле хуб медонистааст ва ҳайратангезона мушоҳидакор будааст. Доираи мушоҳидаи вай ниҳоят васеъ аст. Ӯ чи тавре, ки дар мисолҳои боло дида шуд, аз рӯйи мушоҳидаи зиракона қиёфаю кирдори нафратовари табақаҳои истисморкунандаро фош месозад.

Гулханӣ, махсусан, табиати мумсиконаи як гурӯҳ одамонро бо ҳаҷву танқид фош кардааст. Вай дар бораи чунин намояндагони касбу кори гуногун гап мезанад, ки пеш аз ҳама, бо хислатҳои бадашон дар байни мардум ном баровардаанд. Аз ин рӯ, дар симои Зокирбойи кафшфурӯш на косиби бечораҳол, балки савдогари мумсику гурусначашм ва судхӯри ғоратгарро мебинад.

Гулханӣ нуқсони рафтору кирдори одамони гуногунмартаба ва намояндагони касбу кори гуногунро ошкор мекунад, ки ин нисбат ба табақаҳои истисморкунанда ба таври ҳаҷви тезу тунд, аммо нисбат ба косибону ҳунармандон ба таври мазҳака воқеъ мегардад. Вай дар бораи дурӯғгӯйӣ ва ишқбозии Ёдгори пӯстиндӯз гап мезанад. Ашӯри қассоби бадшамоилро мисол меоварад, ки оинаеро аз кӯча ёфта, баъди дидани сурати нохуши худ зада шикастааст: «Агар матои хуб мешуд, дар сари роҳ намеистод»; кирдори Сафарбой ном боғбони ахмақу акскори Муҳаммад Холиқбойро ҳикоя мекунад, ки ӯ ба зардолуи хуштаъму ширинхона зардолуи бадсифати талхдона пайванд мекардааст ва навдаҳои тару тозаро бурида, ба навдаҳои хушк пайванд меандохтааст, Мулло Сиддиқ ном котиби кар ва мулло Аскар ном шаси худпарастро мисол меоварад, ки ошноҳои қадрдони худро намешинохтааст. Эшон Калла ном ҳофизро хотиррасон мекунад, ки каллапӯши дӯстдоштаашро об бурдаасту аз ноилоҷӣ «худаш ҳам ба сари ман танг буд» гуфтааст ва ғайра.

Зоҳиран чунин менамояд, ки Гулханӣ дар асари худ «Зарбулмасал» ба тасвиру танқиди намояндагони табақаҳои истисморкунанда аз ҳама бештар аҳамият дода, тасвири аҳволи халқ, хусусан табақаҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро дар ҷойи охирин гузоштааст, ҳатто дар намояндагони ҷудогонаи касбу ҳунар ҳам фақат хислатҳои манфиро мебинад.

Вале мақсади нависанда пеш аз ҳама нишон додани вайронии ҷамъияти феодалӣ ва одамони манфӣ мебошад. Аммо ин беаҳамият ва дар ҷойи охирин гузошта шудани баёни аҳволи халқро намефаҳмонад. Вобаста ба мақсад ва услуби пешгирифтаи нависанда тасвири ҳоли вазнини халқу мамалакат бо ду роҳ воқеъ гардидааст: яке, бо роҳи тасвири тамсилӣ ва қиёсии аҳволи табақаҳои болонишин, ки акси он вазнинии аҳволи халқ ва харобии мамлакатро мефаҳмонад: дигаре, бо роҳи ишораҳои ошкор, ки беҳуқуқӣ ва маҳрумияти табақаҳои меҳнаткашро ифода мекунад.

Маълум аст, ки Гулханӣ дар бораи нуқсонҳои ҷамъияти давраи худ, дар бораи сохту тартиботи ҷаҳолатпарвари феодалӣ бо назари танқид сухан меронад ва нишон медиҳад, ки ӯ бо мардуми меҳнаткаш ҳамдард аст ва маҳз аз номи вай гап зада истодааст.

Нависанда вазъияти давлати овозадори Фарғона ва ҳақиқати дабдабаи давраи хонии Умархонро ошкор мекунад ва моҳияти он номи калонро бо нишон додани аҳволи мулки вайрон фош менамояд. Сужети махсусан интихобкардаи асар, образҳои тамсилӣ ва қиёсии он, воситаҳои тасвир – ҳама барои ифодаи ин мақсад хизмат мекунад. Беҳуда нест, ки бандубасти асар аз аввал то ба охир ба шартҳои маҳрандозии Бойқушу Япалоққуш вобаста ва тобеъ шудааст ва ҳар замон дар бораи «ободонии» мулки Умархон сухан меравад.

Ақидаи нависанда равшан аст: дар сурате мулк маъмур ба раоё масрур мешавад, ки подшоҳ одилу маърифатпарвар ва маслиҳатчиёнаш оқилу кордон бошанд. Гулханӣ шӯҳрати ҳамонвақтаи амир Умархон ва доираи адабии Қӯқандро истифода карда, мехост, ки бо роҳи танқиду нуқсонҳои куллию ҷузъӣ хонро мутаваҷҷеҳи аҳволи мамлакат созад, мамлакатро аз парешонию парокандагии рӯйдодаистода нигоҳ

дорад ва адлу инсоф ба халқ самар бахшад. Аз ин рӯ, асари Гулханӣ «Зарбулмасал» на танҳо ҳаҷву танқиди фошкунандаи иҷтимоӣ, балки асари баландмазмуну олисанъати панду ахлоқӣ ҳам мебошад.

«Зарбулмасал»-и Гулханӣ дар адабиёти классикии ӯзбек намунаи барҷастаи насри мусаҷҷаъ ба шумор меравад. Шоир дар он маҷмӯйи санъатҳои адабиёти хаттӣ ва шифоҳии мардумиро ба кор бурда, ҳақиқатан чизи нав ба вуҷуд овардааст ва камоли устодӣ зоҳир намудааст.

Эҷодиёти Гулханӣ дар адабиётшиносии тоҷик ва ӯзбек аз ҷониби як қатор олимон, аз ҷумла Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Раҳим Муқимов, Ёдгор Исҳоков ва дигарон мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.



Савол ва супоришот:

1. **Аз Гулханӣ чӣ гуна асарҳо боқӣ мондааст?**
2. **Гулханӣ чаро асари худро «Зарбулмасал» номидааст?**
3. **«Зарбулмасал» ба кадом асарҳои адибони классикии тоҷик монандӣ дорад?**
4. **Мазмуни мухтасари «Зарбулмасал»-ро гуфа диҳед ва якчанд зарбулмасалҳои дар он мавҷударо маънидод кунед.**
5. **Аз олимони Ӯзбекистон киҳо дар бораи Гулханӣ асарҳои илмӣ навиштаанд?**
6. **Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти Гулханиро маънидод кунед.**
7. **Яке аз ғазалҳои Гулханиро аз ёд кунед.**
8. **Дар бораи мавқеи ҳикоятҳои тамсилӣ дар «Зарбулмасал» иншо нависед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Акси ёр омад бурун

Гӯиё аз парда акси рӯйи ёр омад бурун,
Ашки шодӣ аз раҳи мижгон қатор омад бурун.
Тоири рӯҳам чу барги бед меларзад ба хеш,
Шаҳриёри ман магар баҳри шикор омад бурун?
Бишканад машшотаро дасте, ки бо он зулф бурд,
Пеш-пеши шона дил ҷойи ғубор омад бурун.

http://kitob.portal.uz

Мисраи рангин ба хотир омаду пиндоштам,
Юсуфе аз Мисри раъноӣ ду бор омад бурун.
Тухми уммеде, ки мо киштем, ҳар ҷо ҳафт-ҳашт,
Панҷаи моро аз он кай панҷу чор омад бурун?
Қиссаи Фарҳоду Ширин маҳв зери хок монд,
Тешаи моро садо аз кӯҳсор омад бурун.
Хомаамро, Гулханӣ, ғайр аз хамӯшӣ чора нест,
Дар фани шеър он фариди рӯзгор омад бурун.



Луғат:

Тоир – парранда.
Парвозан – ғирбол, ғарбел.
Газоф – гизоф, ҳарза, беҳуда, бефоида.
Бодия –зарфи калони мисин.
Гудоз – обшавӣ, гудохташавӣ.

http://eduportal.uz

АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО

(1824–1873)

«Савдо бо сабки содда ва мазмуни ҳаётии шеъраш дар назми он давр мақоми махсусе дошт ва ба эҷодиёти Шоҳин ва Ҳайрат бо услубу мундариҷаи назмаш таъсири намоёне гузошт».

Расул ҲОДИЗОДА

Тарҷумаи ҳол

Абдулқодирхоҷаи Савдо дар Бухоро дар оилаи олим ва фозили он давр таваллуд шудааст. Соли таваллуди ӯ тахминан 1824 ё 1825 аст. Савдо баъди таҳсили мактаб ба мадраса дохил шуд. Дар мадраса вай берун аз дарсҳои муқаррарӣ, илмҳои табиию риёзӣ ва таъриху адабиётро аз худ намуд. Ӯ ба мусиқӣ шавқи калон дошт ва аз мусиқишиносону ҳофизони замон «Шашмақом»-ро аз ҷиҳати назарӣ нағз омӯхт ва санъати навохтани танбӯрро ҳам ёд гирифт. Баробари ин, Савдо шеър менавишт ва шеърҳои ӯ дар байни аҳли илму адаб зуд шӯҳрат ёфт. Вай дар шеърҳои лирикӣ-ғазалиёт ва мухаммасот Савдо тахаллус мекард, дар шеърҳои ҳаҷвӣ ва шӯхонааш лақаби Бепулро мегузошт.

Дар охири солҳои чилуми асри XIX Савдо мадрасаро хатм намуд, аммо дар ҳеҷ ҷо ба тарзи расмӣ хидматеро адо намекард. Амири он замон Насрулло завқи баланд ва табъи сухандониву сӯҳбатороии Савдоро шунида, ӯро ба дарбораш ба хидмати надимӣ (ҳамсӯҳбати хоса) даъват мекунад. Вазифаи Савдо дар сӯҳбатҳои амир ҳозир будан ва дар вақти зарурӣ барои хуш кардани табъи амир шеъру мутоиба гуфтан буд. Албатта, чунин «вазифа» барои Савдо – шоири нозуктабъ ва донишманд хеле сахт буд ва ӯ аз ин вазъияташ ҳамеша норизоӣ мекард. Ин вазъияти вай дар замони амир Музаффар боз ҳам сахттар шуд. Зеро амир Музаффар каси ишратпараст ва камдонише буд, ки дар маҷлису сӯҳбатҳои ӯ ҳамеша мансабдорону амалдорони ҷоҳилу нодон ҷамъ омада, бемазагӯиву пучгӯиҳо мекарданд. Савдо маҷбур буд, ки дар ин хел сӯҳбатҳо ҳамеша ҳозир бошад ва мувофиқи табъи амир ва мансабдорони ӯ шеъру мутоиба гӯяд.

http://eduportal.uz

Соли 1873 амир Музаффар бо як супориш Савдоро ба тарафи мулкҳои кӯҳистонии худ – ба Балҷувон мефиристад. Савдо ҳанӯз ба Балҷувон нарасида, дар яке аз дарёҳои тезоб ғарқ ва ҳалок мешавад. Риштаи умри ин шоири боистеъдод ва ҳунарманд дар айни камолоти эҷодӣ ба ҳамин тарзи фоҷиавӣ канда мешавад.



Савол ва супоришот:

1. Савдо аз овони хурдсолӣ чиҳоро омӯхтааст?
2. Савдо дар аморат чӣ вазифа дошт?
3. Шоир бо кадом тахаллусҳо эҷод кардааст?
4. Поёни умри Савдо чӣ гуна анҷом ёфтааст?

Мероси адабии Савдо

Савдо шоири лирик буд ва мероси адабии вай асосан аз ғазалиёт, рубоиёт, мухаммас иборат аст. Аммо шоир дар вақти зиндагиаш имконият ва шароит надоштааст, ки шеърҳояшро ба шакли девон ё маҷмӯае ҷамъ кунад. Шеърҳои ӯ дар баёзҳои гуногун ва маҷмӯаҳои дастнавис парешон дарҷ гардидаанд. Танҳо, сонитар, дар нимаҳои асри XX бо саъю кӯшиши олимон шеъру ғазалҳои Савдо дар шакли як китоб ҷамъ оварда шуд.

Савдо дар ғазалиёташ тавсиф ва тараннуми мавзӯи анъанавии ишқиро давом додааст. Вай бо як эҳсоси баланд ва пурҳаячон ишқ ва маъшуқаро меситояд. Аммо Савдо дар ғазалҳои лирикиаш аз образҳои мушкилписанди рамзу истиорадор дур шуда, ишқи заминӣ ва ҳақиқии инсониро бо образ ва воситаҳои бадеии соддаву реалӣ месарояд. Чунон ки ғазалҳои ишқии Савдо ба ҳаёт ва зиндагӣ алоқаманд аст, образ ва суханҳои ӯ низ ба фаҳму эҳсоси хонанда наздик ва мафҳум аст. Чунончи, ӯ дар як ғазалаш менависад:

Омадӣ? Ҳарфи ниҳонӣ ба ту дорам, бинишин!
Дарди ҳиҷрон ба ту як-як бишуморам, бинишин!
Нафасе сабр намо, ин ҳама таъҷил макун,
Пеши ту қиссае аз хуни дил орам, бинишин!
Ҳама сармоя ба савдои ту додам, ҳайҳот,
Ними ҷон монда, ки он ҳам бисупорам, бинишин!
Ҳар кас андӯҳи дили хеш ба ёраш гӯяд,
Дар ду олам набувад ғайри ту ёрам, бинишин!

http://edu.portal.uz

Дил ба ҷуз васли ту бо ҳеҷ тасалло нашавад,
Нест дар ҳаҷри ту орому қарорам, бинишин!

Чунон ки мебинем, дар ин ғазал ҳама таъбиру ибораҳо соддаву равон, ба фаҳм наздиканд ва баробари ҳамин ҳиссиёти баланди ошиқона хеле таъсирбахш ифода гардидааст.

Савдо дар баъзе ғазалиёташ, инчунин дар шеърҳои ҷудогонааш вазъияти сахт ва ногувори замонааш, ҷаҳолат ва сарватпарастии амалдорону давлатмандони давронаш, беадолатӣ ва ноинсофии замон ва аҳли онро низ танқид ва мазаммат кардааст. Албатта, ин танқиду мазамматҳо хеле пардадор ва рамзнок буданд, чунки Савдо, ки ҳамеша дар дарбор ва зери назорати амир буд, ба навиштани чунин шеърҳои ошкори танқидӣ ҷуръат намекард ва агар нависад ҳам, онро дар байни аҳли савод ва адаб паҳн намекард.

Савдо вазъияти ногувор ва тоқатфарсои аҳли илму адаб ва шахсан худашро дар оҳангҳои шикоятомези ғазалҳояш ифода намудааст. Вақте ки ин байту мисраъҳоро мехонем, дарвоқеъ тасаввур мекунем, ки Савдо ҳарчанд дар дарбор ва дар сӯҳбати амир бошад ҳам, аммо аз ноадолатӣ ва ноҳинҷории тартиботи иҷтимоии он давр нохуш ва норозӣ будааст. Ин андешаву рӯҳияи шоир дар як мухаммаси ӯ хеле равшан акс гардидааст:

Эй даҳр тарабгоҳи хаёли ману моят,
Авҳоми бисоти тараб афган ба сароят,
Тӯли амал андохта занҷир ба поят,
Афганда туро ҳирси ту дар чоҳу балоят,
З-ин домгаҳ осон накунад харҷи рибоят.

Ҳарчанд муҳити зару дар зар шуда, бошӣ,
Ба рутбаи ҷоҳ аз ҳама бартар шуда бошӣ,
Бошад ки ба оина баробар шуда бошӣ,
Чун сурати худро нигарӣ, хар шуда бошӣ,
Расвоии сихи хала бинӣ зи қафоят.

Савдо дар содда намудани забон ва воситаҳои бадеии шеър хидмати шоистае намудааст.

Аввал ин, ки ӯ дар ғазал аз тақлиди сабку услуби Бедил даст кашид, мавзӯъ ва воситаҳои бадеии шеърро ба ҳаёт наздик кард. Яъне ӯ мавзӯъҳои шеърро аз ҳаёт ва зиндагӣ мегирифт ва барои ифодаи мақсадаш аз таъбиру ибораҳои равшану содда истифода намуд.

Савдо аз забони гуфтугӯии мардуми тоҷик бисёр ибора, мақол ва зарбулмасалҳои шинам ва рехтаро интихоб намуда, дар шеъраш ба кор бурд. Гуфтан мумкин аст, ки Савдо дар назми он давр шоири аввалин буд, ки аз забони «авом» дар шеър бисёр ибораҳоро устодона истифода намуд. Барои мисол, мо як ғазали ӯро бо чанде ихтисор ин ҷо меорем:

Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фироқро,
Чун накунӣ, чӣ ко(р) кунам ваъдаи хушку қоқро.
Тӯғрӣ агар кашӣ буҷул, гум нашавад ҳисоби пул,
Камбағалона кор кун, покиза гӯй ҳоқро.
Баҳри фиреби аҳли дил чанд кунӣ пичир-пичир?
Нест бинои маҳкаме қоидаи нифоқро.
Гӯлахиёни ишқи ту бехабаранду бехирад,
Ҳеҷ ба умр дидаӣ ин сару ин сиёқро?
Гарчи тамаъ буридаам, ошиқи ранҷдидаам,
Муфт чӣ гуна бигзарам даъвии нони қоқро?
Рафт чи кӯҳнаву чи нав, пок бибозу банда шав,
Чун дигарон манеҳ гарав калтачаи қуроқро.
Бепул, агар мадад кунад толеи намкашидаат,
Кай ба назар дароварад кавкабат эҳтироқро?

Савдо бо сабки содда ва мазмуни ҳаётии шеъраш дар назми он давр мақоми махсусе дошт ва ба эҷодиёти Шоҳин ва Ҳайрат бо услуби мундариҷаи назмаш таъсири намоёне гузошт.



Савол ва супоришот:

1. **Савдо дар лирикаи худ кадом анъанаи адибони классикро давом додааст?**
2. **Дар хусуси танқиди вазъияти замона аз назари Савдо мулоҳиза ронед.**
3. **Дар бораи забон ва сабки эҷодии Савдо маълумот диҳед.**
4. **Яке аз ғазалҳои Савдоро аз ёд кунед ва онро шарҳ диҳед.**

http://elibrary.tal.uz

НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ САВДО

Ақли кул аст

Он ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст,
В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст.
Он ки бораш мегузориву савораш мешавӣ,
Ӯ хар асту он чӣ бар пушташ биандозӣ, ҷул аст.
Пораи ноне ба пеши қонеон қурси маҳ аст,
Косаи обе ба чашми ташнагон ҷоми мул аст.
Он ки дорад кафш дар по,ҷома бар дӯш, зар ба ҷайб,
Гарчи беақл аст, мегӯянд ӯ ақли кул аст.
Хоҳ қонеъ бош дар дунёи дун, хоҳӣ ҳарис,
Нафсро то вақти мурдан бар сари нон ғулғул аст.
Бонги чуғзе дар сарои мо навои барбат аст,
Лиқ-лиқи деге ба базми мо садои қул-кул аст.
Он ки дар нафрин таҳаммул мекунад, ҳинду бувад,
В-он ки бӯе медиҳад аз зулфи хубон, сунбул аст.
Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст.

Ба авҷи бепулӣ

Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлӯи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи хасосат харҷи беҷо барнамедорад,
Чу ҳамён сар ба мӯҳри танга меболад нигоҳ он ҷо.
Зи тарзи машраби имсок сайри бенавоӣ кун,
Ки бебокона натвон харҷ кардан парри коҳ он ҷо.
Кунам қарзе ба афсуни дили бемуддао, Бепул,
Аз он мумсик ки гар мункир шавам, набвад гуноҳ он ҷо.



Луғат:

Мул – май, шароб.
Таҳаммул – ба сахтӣ тоб овардан, сабру тоқат доштан.
Вифқа – мувофиқат.
Ридо – болопӯш, або, ҷома.

http://edu.tajik.uz

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот давр бораи ҳаҷв ва мутоибот

Ҳаҷв – маззамат кардан, бераҳмона масхара намудани баъзе ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва ё ҳаёти шахсони ҷудогона аст.

Мутоиба бошад, хушӣ, хушояндӣ – тасвири ҳодисаи хандаовари ҳаёт дар адабиёти бадеист. Асоси мутоибаро ҳодисаҳои хандаовар ташкил менамояд. Аз ин рӯ ҳаҷв ва мутоиба ба ҳамдигар хеле наздиканд. Агар дар асари ҳаҷвӣ муҳимтарин нуқсонҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ сахт масхара карда мешуда бошад, дар мутоибот баъзе ҳодисаҳои хандаовар бо хушҳолӣ ва нармӣ тасвир мешавад. Дар мутоибот хашму ғазаб ва нафрату адовати муаллиф зоҳир намегардад, Баъзан ҳатто ягон хислати хандаовари одами хубе ҳам мавриди мутоиба қарор мегирад. Аслан мутоиба хушгӯӣ ва ҳазл аст.

Нависандаи ҳаҷвнавис ҷиҳатҳои хандаовари ҳодисаеро ёфта, бо ёрии ханда тарафҳои манфии онро фош мекунад. Вале хандаи ҳаҷвнавис хандаи беозор нест, балки аломати қаҳру ғазаб ва нафрату адовати нависанда аст. Дар асари ҳаҷвӣ нуқсонҳои ҷиддии ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ сахт масхара карда ва расвоиҳои он нишон дода мешавад.

Барои он, ки хандаовар ва зарарнок будани ҳодисаи манфӣ барҷаста маълум шавад, ҳаҷвнавис муболиға ва иғроқро ба кор мебарад. Муболиға ва иғроқ ба хонанда ёрӣ медиҳад, ки расвоиҳои ҳодисаҳои манфиро нағзтар ҳис намояд, ба он нафрат пайдо кунад, ба муборизаи зидди он тайёр шавад.

Ҳаҷв дар адабиёти тоҷик таърихи қадим дорад. Сӯзании Самарқандӣ (асри XII), Убайди Зоконӣ, Салмони Соваҷӣ (асри XIV), Мушфиқӣ (асри XVI), Савдо (асри XIX) аз машҳуртарин ҳаҷвнависонанд. Дар эҷодиёти Рӯдакӣ, Саъдӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон низ ҳаҷв мавқеи муҳим дорад.

Мутоиба дар адабиёти тоҷик бештар дар шакли ҳикояҳои хурд, латифа, порчаҳои шеърӣ, инчунин, песаҳо гуфта ё на-

http://eduportal.uz

вишта мешаванд. Мутоиба аз ҳачв бо он фарқ мекунад, ки дар он танқиди нависанда лутфомез ба назар мерасад. Хонанда баъд аз мутолиаи он хушҳол мешавад.



Савол ва супоришот:

1. **Дар бораи мавқеи ҳачв ва мутоиба дар адабиёти бадеӣ маълумот диҳед.**
2. **Адибони ҳачвнависи тоҷикро номбар кунед. Кадом асарҳои онҳоро медонед?**
3. **Аз ашъори ҳачвии Савдо интихобан аз ёд намоед ва онро маънидод кунед.**

http://eduportal.uz



АҲМАДИ ДОНИШ

(1827–1897)

«...Ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад-махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони содда муҷассам кунонда нишон дода тавонад...».

Садриддин АЙНӢ

Тарҷумаи ҳол

Аҳмади Дониш соли 1826 дар Бухоро дар оилаи мулло Мир Носир таваллуд шудааст. Падари вай аслан аз тумани Шофирком буд ва дар ҷавонӣ барои таҳсили илм ба Бухоро омада, дар ҳамин ҷо мадрасаро хатм мекунад ва аз ҳамин ҷо хонадор мешавад.

Дониш тахаллуси адабии Аҳмад буда, ғайр аз ин, ӯро ба сабаби калон будани сараш Аҳмади Калла ҳам мегуфтанд. Дар оилаи Мир Носир Аҳмад фарзанди ягона буд ва бачаҳои дигари онҳо пеш аз Аҳмад ва баъд аз вай ҳама талаф шуда буданд.

Аҳмади Дониш хондану навиштанро дар ҳавлии худ, дар мактаби хусусии модараш, ки барои саводомӯзии кӯдакон кушода буд, ёд гирифт. Вай аз синни 7–8 солагӣ ба шеър муҳаббати калон пайдо кард ва худаш ҳам шеърҳои навқаламона менавишт, ба рассомӣ ва лавҳакашӣ низ ҳаваси калон дошт ва чунон ки худаш дар хотираҳояш менависад, дар деворҳои ҳавлиашон ва рӯйи тахтаву лавҳаҳо ҳар хел сурату шаклҳо мекашид. Дар айни замон вай бо омӯхтани забони арабӣ низ мустақил шурӯъ намуд.

Тахминан дар солҳои 1837–1838 падараш Аҳмади Донишро ба мактаби қориҳо медиҳад, то ки қуръонро аз ёд намуда, қорӣ шавад ва ба ҳамин васила як навъ зиндагӣ гузаронад. Аммо Аҳмади Дониш ба кӯр-кӯрона ёд намудани Қуръон рағбат пайдо накард. Ғайр аз ин, вай аз кӯдакӣ дар забон лакнат (гирифтани забон) дошт. Аҳмад аз дарсҳо

http://edu.portal.uz

мегурехт ва бештар вақташро дар маҷлису маъракаи таъриххону қиссагӯйҳо мегузаронид. Падараш ин ҳоли писарашро дида, ӯро ба мадраса мемонад.

Аҳмади Дониш дар вақти таҳсили мадраса хеле мушкилиҳои зиндагиро дид. Падараш камбағалона мезист ва ба писараш дуруст ёрӣ расонида наметавонист. Аҳмади Дониш барои таъмини зиндагиаш шабҳо хоб накарда, бо хати зебо ва нақшу лавҳаҳо девони шоирони гузаштаро китобат мекард, онҳоро бо расму суратҳо ороиш медод. Ин дастнависҳоро ба дӯстон ва харидорони дигар фурӯхта пул мекард ва бо ҳамин зиндагии худро таъмин менамуд. Дар натиҷа Аҳмади Дониш ҳамчун мусаввир ва хаттоти моҳир дар байни мардум овоза бароварда.

Барнома ва дастурҳои мадраса, ки асосан аз омӯхтани забони арабӣ, мантиқ ва илмҳои динӣ иборат буд, Аҳмади Донишро қаноат кунонида натавонист. Вай ин дарсҳоро бо муваффақият аз худ намуда, боқӣ вақту соатҳои холиашро ба омӯхтани илму фанҳое, ки дар мадрасаҳои Бухоро намегузаштанд, сарф мекард. Вай риёзиёт, илми нуҷум ва ҳайъат (астрономия ва космогония), табииёт, ҷуғрофия, таърих ва фалсафаи Шарқро ба таври мустақил омӯхт.

Аҳмади Дониш дар рассомиву муҳандисӣ устоде дошт, ки дар дарбори амир кор мекард ва чунон ки Аҳмади Дониш гуфта аст, ҳеҷ як иморату иншооти амир бе маслиҳати ӯ анҷом намегирифт. Ин устод, ки Дониш аз ӯ номе набурдааст, маҳорати шогирдашро дида, ӯро ба хидмати дарбор тавсия мекунад. Дониш тахминан аз солҳои 1855 ба хидмати дарбори амир Насрулло меояд ва дар аввалҳо ба китобати асарҳои тиб ва илми нуҷум машғул буд. Баъд аз он ки устодаш аз олам мегузарад, амир Аҳмади Донишро ба ҷойи ӯ меъмор ва муҳандиси дарбор таъин мекунад.

Соли 1857 амир Насрулло барои таъзияи вафоти императори рус Николаи 1 ва ба муносибати ба тахт нишастани Александри 2, инчунин бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани робитаҳои тиҷоратии Бухорову Россия ба Петербург элчӣ фиристоданӣ шуд. Ба элчигии амир Мирохур Муллоҷон ном мансабдоре таъин гардид. Амир Аҳмади Донишро низ ҳамчун муншии (котиби) элчӣ бо касони дигар ба Муллоҷон

ҳамроҳ кард. Ғайр аз ин, амир Насрулло шахсан ба Аҳмади Дониш таъин кард, ки ҳаёту зиндагии Россияро дуруст мушоҳида кунад ва аз чигунагии корҳои он давлат амирро огоҳ намояд.

Элчиёни амир дар Петербург – пойтахти империяи Россия ду моҳ (аз 9-уми ноябри соли 1857 то 12 январи соли 1858) истиқомат карданд. Дар ин муддат онҳо ғайр аз гуфтаҳои расмии давлатӣ, марказҳои илму маданият ва иншоотҳои техникии Петербургро тамошо карданд. Аз ҷумла, Донишгоҳи технологӣ, фабрикаи газворбофӣ, боғи ботаникии императорӣ, музеи Академияи фанҳо, расадхонаи калони астрономии Пулково, Монетний двор (хонаи сикказании пул), театр ва консертҳоро тамошо карданд.

Дере нагузашта амир Насрулло вафот кард ва соли 1860 бар тахти аморат амир Музаффар нишаст. Даврои ҳукмронии ин амири сустирода ва ҷоҳил ба сари халқ ва ба ҳаёти иқтисодию сиёсии мамлакат кулфату мусибатҳои бисёре овард. Мансабҳои давлатӣ ба дасти шахсони ҷоҳилу ношуд ва уламои мутаассиб гузашт. Одамони маърифатдӯст ва донишманд аз кори давлат дур карда шуданд ва дар хориву зиллат умр ба сар мебурданд.

Аҳмади Дониш дар ин солҳо низ расман дар хидмати дарбор бошад ҳам, аммо дар пеши амир Музаффар обрӯю нуфуз ва таъсиру эътибор надошт. Бо вуҷуди ҳамин, вай бо ҳар роҳ мехост ба амир талқин кунад, ки пешрафти мамлакат ва беҳбудии аҳволи раияту фуқаро ба хирадмандии ҳукмрон вобаста аст. Ҳукмрони замон бояд, пеш аз ҳама, дар атрофи худ шахсони маърифатпарвар, олимон ва амалдорони донишманду одилро ҷамъ кунад.

Аҳмади Дониш боварӣ дошт, ки агар муддао ва мақсадҳои наҷиби худро ба амир ба воситаи вазъу насиҳат фаҳмонад, шояд, ки амир ба адлу инсоф биёяд ва халқу мамлакатро аз рӯйи илму дониш ва ахлоқи нек идора кунад. Ин ақида дар як қасидаи машҳури вай, ки ба амир Музаффар бахшида шудааст, хеле хуб ифода ёфтааст. Чанд байти он қасида ин аст:

Шунидаам зи ҳакиме, ки подшоҳонро
Ба чанд тоифа бояд кушод роҳи висол:

Нахуст олими доно ба илми дин, зи усул
Фурӯъро бишносад ба ҷумлаи аҳвол.
Дигар табиби Масеҳодаме, ки гоҳи касал,
Барад зи тинати гул сардии насими шамол.
Дигар дабири ҳумоюнхате, ки гоҳе рақам
Ниҳад зи хушқаламӣ бар рухи уторид хол.

Аммо ин панду насиҳати Аҳмади Дониш суде надошт. Усули идораи давлат ва аҳволи иқтисодию сиёсии мамлакат торафт бадтар ва харобтар мешуд.

Пас аз имзои шартномаи соли 1869 амир Музаффар ба Петербург ҳайъати нави сафорати худро мефиристад. Дар ин ҳайъати сафорат Аҳмади Дониш низ ҳамчун шахсе, ки бо расму оини русҳо аз ин пеш шиносӣ дошт, дохил мешавад. Вазифаи элчиён аз он иборат буд, ки ба император Александри 2 садоқат ва дӯстии амирро изҳор дошта, аз подшоҳи рус илтимос намоянд, ки баъзе шаҳрҳои Россия забтнамударо (чунончи, Самарқанд ва Ҷиззахро) ба ихтиёри амир бозгардонад.

Дар ин сафар Аҳмади Дониш бо илму маданият, тартиботи давлатдорӣ, баъзе воқеаҳои сиёсии Россияву Аврупо хубтар шинос шуд. Ӯ бо фазлу сиёсатдонии худ дар пеши ҳукуматдорон ва амалдорони рус эътибори калон пайдо кард. Шахсони расмии ҳукумати рус ба Аҳмади Дониш ба дараҷае эҳтиром доштанд, ки бисёр масъалаҳои давлатии байни Россия ва Бухороро бевосита бо худи ӯ ҳал мекарданд.

Дар ин сафар элчиёни Бухоро ва Аҳмади Дониш дар Петербург зиёда аз ду моҳ истиқомат карданд. Аҳмади Дониш бо музейи хоҷагии қишлоқ, музейи кӯҳшиносӣ, музейи роҳҳои нақлиёт, заводҳои шишаву чинибарорӣ, корхонаҳои киштисозӣ ва қалъаи Кронштад, театр ва тамошогоҳҳо, бисёр ёдгориҳои таърихии Петербург ва атрофи он шиносо шуд. Аҳмади Дониш бо тарҷумони форсию тоҷикидон Қозимбек Обиддинов, ки каси хеле фозилу олим буд, дӯст шуда, ба воситаи ӯ аз навигариҳои адабиёту маданият ва умуман аз воқеаҳои ҳаёти Россияву Аврупои Ғарбӣ хабардор шуд.

Эҳтиром ва посдорие, ки дар Петербург нисбат ба Аҳмади Дониш зоҳир гардид, мартабаю манзалати ӯро дар пеши

амир ва аҳли дарбор хеле афзуд. Пас аз бозгашт аз Россия амир ба Аҳмади Дониш унвони фахрии олими дарборӣ «ӯроқ»-ро дод.

Аҳмади Дониш дар ин солҳо дар дарбор ҳарчанд ягон вазифаи маъмуриро иҷро накунад ҳам, аммо дар баъзе масъалаҳои давлатӣ амир бо ӯ маслиҳат мекард. Ин ҳолат душманони Аҳмади Дониш ва намояндагони иртиҷоъпарасти дарбори амирро дар хашму ғазаб меовард.

Дар охирҳои соли 1873 амир Музаффар ба Петербург ҳайъати сафорати нави худро мефиристад. Дар ин сафар боз Аҳмади Дониш сармуншии сафорат ва машваратчии элчӣ аз тарафи худи амир таъин гардид. Элчиёни Бухоро ба Петербург дар аввалҳои моҳи январи соли 1874 расиданд ва то охирҳои моҳи феврал дар он ҷо истиқомат карданд. Дар ин сафар Аҳмади Дониш бо ҳамроҳии шахсони расмӣ дар муддати чанд рӯз ба Москва низ мусофират намуда, ёдгориҳои таърихӣ ва тамошогоҳу иншоотҳои ин шаҳри қадими русро тамошо кард.

Се сафари Аҳмади Дониш ба Россия дар ҷаҳонбинӣ ва фикру ақидаҳои ӯ таъсири калон дошт. Пешрафти нисбат ба Бухоро ниҳоят фавқулоддаи Россия – тараққиёти саноату техникаи ҳарбӣ, ҳунарҳои санъативу меъморӣ ва ғайраро дида, Аҳмади Дониш боварӣ ҳосил кард, агар ба инсон илму маърифат дода шавад, ӯ қодир аст, ки дар рӯйи замин мӯъҷизаҳои ҳайратангезе бунёд кунад.

Соли 1874 баъди бозгашт аз Россия амир ба Аҳмади Дониш таклиф мекунад, ки дар дарбор ё дар ҳукумати амир ягон вазифаи маъмуриро ба зиммаи худ гирад. Аҳмади Дониш ҳис мекард, ки агар ӯ дар кори давлат иштирок кунад, ба мамлакату раият бисёр манфиат оварда метавонад. Аммо баробари ҳамин медонист, ки агар тартиби ҳозираи давлат дигар нашавад ва дар сари кори ҳукумат касони нодону ҷоҳил боқӣ мондан гиранд, танҳо худи вай ҳеҷ кор карда наметавонад. Бинобар ин, ӯ ба ақидае меояд, ки дар тартиботи давлат ва ҳукуматдории аморат бояд ислоҳот ва тағйироти ҷиддӣ ҷорӣ карда шавад.

Аҳмади Дониш дар бораи тарзи давлатдорӣ ва ислоҳоту тағйироти тартиботи ҳукуматдории аморат рисо-

лаи махсусе навишта ба амир пешниҳод мекунад ва дар муқаддимаи он рисола кушоду равшан менависад, ки агар амир таклифҳои ӯро қабул накунад, вай дар ҳеҷ сурат розӣ намешавад, ки иҷрои ягон вазифаи давлатӣ ва ҳукуматиро ба зимма гирад.

Ин кушодагӯйӣ ва ҷасорати Аҳмади Дониш амирро ба хашм овард. Амир дид, ки таклифҳои Аҳмади Дониш мавқеи ӯро дар аморат суст мекунад ва ҳуқуқи мутлақияти ӯро хеле маҳдуд менамояд. Амир дигар Аҳмади Донишро ба кори давлат таклиф накард ва акнун мекӯшид, ки ӯро ҳар чӣ зудтар аз дарбор дур кунад. Чунон ки Аҳмади Дониш нақл мекунад, амир ба наздикони худ мегуфтааст:

«Ман фалониро бо суфорои (элчиёни) давлат ба ҷониби Русия ҳамроҳ кардам, дар охир ба ман насиҳатгар шуд. Ман баъд аз ин ӯро намефиристонам».

Аҳмади Дониш дар ҷавоб ба дӯстони худ гуфтааст:

«Ман ҳам ба нӯкарии ин каллахарон толиб нестам».

Ба ҳамин тариқ, дар охири солҳои ҳафтодум Аҳмади Дониш аз дарбор ва хидмати амир тамоман даст мекашад ва чунон ки худаш навиштааст, дар гӯшаи қаноату маҷҳулӣ умр ба сар мебарад.

Аҳмади Дониш аз корҳои давлат ва вазифаҳои ҳукумат фароғат ёфта, имконият пайдо мекунад, ки бо корҳои илмию адабӣ машғул шавад. Дар ин солҳо ӯ асари машҳураш «Наводир-ул-вақоеъ» ва боз чанд рисолаҳои илмӣ навишт. Дар атрофи Аҳмади Дониш бисёр шогирду мухлисони ӯ ҷамъ шуда, асарҳои ӯро бо шавқи тамом мехонданд, аз онҳо нусхабардорӣ мекарданд.

Амир Музаффар аз чунин машғулиятҳои ҷиддии илмӣ ва таъсиру нуфузи Аҳмади Дониш дар байни аҳли илму адаб дар ташвиш меафтад ва бо ташвиқи уламои дин ва дарбориёнаш дар паи он мешавад, ки Донишро аз Бухоро дур кунад. Аммо чунин каси бомаърифат ва бонуфузро бе ҳеҷ айбе аз шаҳр бадарға кардан мумкин набуд. Амир чораи дигар меёбад. Ӯ Аҳмади Донишро ба сифати қозӣ ба туманҳои дури аморат-аввал ба Ғузор ва баъд ба Наҳрпай мефиристад. Ин бадарғагӣ аз Бухоро то вафоти амир Музаффар давом мекунад.

Соли 1885 ба тахти Бухоро писари Музаффар – амир Абдулаҳад менишинад. Амир Абдулаҳад барои он, ки таъсиру обрӯйи худро дар байни аҳли илму адаб зиёда кунад, чандин касони фозилу олимро, ки дар вақти падараш аз дарбор дур шуда буданд, бо ҳар баҳонаву меҳрубониҳои дурӯғ боз ба хидмат ҷалб мекунад. Аҳмади Донишро низ аз қозигии Наҳрпай озод карда, ба Бухоро даъват мекунад ва китобдори яке аз китобхонаҳои хурд таъин мекунад.

Аҳмади Дониш медонист, ки ин ҳама «марҳаматҳои» амир барои дар бандагӣ ва зери назорати худ нигоҳ доштани одамони тараққихоҳ мебошад. Бинобар ба ин «меҳрубониҳо» фирефта нашуда, ба хидмати дарбор дигар майл накард ва аз аввала ҳам зиёдтар бо корҳои илмию адабӣ машғул шуд.

Аммо вазъи зиндагии Аҳмади Дониш вазнин буд. Аз як тараф, ин солҳо дар ҳаёти Дониш як давраи навмедӣ ва яъсу андӯҳ буд. Орзую умедҳои ӯ аз беҳтар намудани ҳоли хароби мамлакату раият барбод рафта буданд. Вай худро дар ҷамъияти зулмбунёд ва ҷаҳолатпарвар танҳо медид. Бар болои ин, он солҳо ҳуҷуми пинҳонию ошкори хушомадгӯёни амир ва уламои мутаассиб ба муқобили Аҳмади Дониш аз аввала ҳам пурзӯртар гардид. Яке ӯро «ношукру кӯрнамак», дигаре «ҷодугару коҳин» гуфта обрӯйи ӯро дар байни мардум рехтанӣ мешуданд.

Аммо таъқибот ва фитнаангезиҳои душманон иродаи матини Аҳмади Донишро шикаста натавонистанд. Ӯ аз байни шоирон ва олимони маърифатдӯст ва тараққихоҳи замон мухлису дӯстони бисёре дошт, ки ҷонсупорона ва самимона ӯро тарафдорӣ мекарданд, заковату дониш ва илму маърифати ӯро қадршиносӣ намуда, ӯро дар танҳоӣ намегузоштанд. Дар ҳавлии Дониш ҳамеша шоир, адиб, олим ва мусиқичиён ҷамъ омада, маҷлисҳои адабӣ, илмӣ ва мусиқӣ барпо менамуданд. Аз шоирони намоёни он давр Шоҳин, Музтариб ва Тамкин ҳам гоҳо ба зиёрати ӯ меомаданд. Шоҳин баъди хондани «Наводир-ул-вақоеъ» дар ситоиши Дониш қасидае гуфта ва Музтариб онро мухаммас намуда ва дар он душманон ва бадхоҳони Донишро сахт танқиду мазаммат намуданд:

Ҳар хирасар, ки бо ту шарирӣ кунад чу хар,
Ҳар тирадил, ки бо ту бахилӣ кунад чу саг.
Аз табъи сарди хеш шавад ҳамчу хар катав,
В-аз хӯи гарми хеш кунад ҳамчу саг тулак...

Дар соли 1889 Аҳмади Дониш аз мадрасаи Мири Араб бо пули қарз як ҳуҷра иҷора мегирад, то ки дар танҳоӣ дар ин ҷо машғулиятҳои илмию адабиашро анҷом диҳад.

«Аҳмади Калла, – навиштааст С. Айнӣ, – дар гузари Ҷаъфархоҷа як ҳавлӣ дошт, ки дар он ҷо зиндагонӣ мекард ва дар мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ҳам дошт... Аҳмадмахдум, ҳар гоҳ ки рафтуойи мардум ба дилаш зада ба болои ягон масъалаи душворе фикр карданро хоҳад, ба мадраса омада, як шабро дар ин ҷо дар хилват гузаронида, боз ба хонаи доимиаш мерафт».

Аҳмади Дониш соли 1897 дар байни 21 март ва 22 апрел дар шаҳри Бухоро вафот мекунад. Аҳли илму адаб ва мухлисону шогирдони бисёраш бо сӯзу гудоз вафоти ӯро барои илму маърифат ва ҳаёти маданию фаннии он замон як талафоти калон медонистанд.



Савол ва супоришот:

1. **Зиндагиномаи Аҳмади Донишро ба қисмҳо тақсим карда, нақл кунед.**
2. **Аҳмади Дониш ба Петербург чанд бор сафар карда буд ва чаро?**
3. **Аҳмади Дониш дар сафарҳои худ чиҳоро дид ва баъди бозгашт аз сафарҳо чӣ кор кард?**
4. **Муносибати амирони Бухоро бо Аҳмади Дониш чӣ гуна буд?**
5. **Аҳмади Дониш дар аморати Бухоро чӣ хел вазифаҳо дошт?**
6. **Ҳамасрони Аҳмади Дониш ба ӯ чӣ гуна баҳо додаанд?**
7. **Гуфтаҳои устод Айниро дар бораи Аҳмади Дониш баён кунед.**
8. **Поёни умри Аҳмади Дониш чӣ гуна гузаштааст?**

Мероси адабию илмии Аҳмади Дониш

Дар мероси адабию илмӣ ва фалсафии Аҳмади Дониш ду асари ӯ махсусан аҳамияти калон дорад. Яке аз ин асарҳо «Наводир-ул-вақоеъ» ном дорад ва дигаре як рисолаест, ки

http://eduportal.uz

муаллиф ба он ном нагузоштааст ва мазмуни он аз таҳлили таърихи амирони манғит ва воқеаҳои сиёсии он давр иборат аст, ки олимон онро шартан «Рисолаи таърихӣ» номидаанд.

«Наводир-ул-вақоеъ». Аҳмади Дониш ҳам дар сафарҳо ва ҳам дар манзили худ ҳамеша бо таълиф ва таҳрири ягон асар ё рисола банд буд. Дар ин рисолаҳо ӯ доир ба бисёр масъалаҳои илмӣ ва воқеаҳои сиёсиву фаннии замонаш, оид ба ахлоқ ва ҳодисаҳои зиндагии инсон фикру мулоҳиза ва андешаву ақидаҳои худро баён мекард. Аммо ба сабаби ҳамеша дар сафар ё бо корҳои давлатӣ банд буданаш вай имконият надошт, ки ҳамаи навиштаҳои худро ба тартиб биёрад.

Вақте ки ӯ пас аз соли 1874 аз дарбор рафт ва аз ичрои корҳои давлатӣ даст кашид, имконият пайдо кард, ки тамоми вақти худро ба кору машғулиятҳои илмию эҷодӣ сарф кунад. Яке аз корҳои муҳимтарину калонтарине, ки ӯ дар ин солҳо анҷом дод, таълифи асари маъруф ва машҳураш «Наводир-ул-вақоеъ» буд. Муаллиф ба таълифи ин асар зиёда аз даҳ соли умрашро сарф намудааст.

Аҳмади Дониш аз солҳои таҳсили мадраса сар карда то охири умр ҳамеша дар бораи масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва вазъияти маданияту маорифи кишвари худ фикр мекард. Вай медид, ки дар мамлакат бенавоӣ ва қашшоқӣ ҳукмфармост, табақаи ҳукмрон ба мардуми меҳнаткаш зулму ситам ва бедодгариро ба ҳадди ниҳоят расонидааст, усули таҳсилу хондан дар мактабу мадрасаҳо хеле кӯҳна шудааст, баъзе илмҳое ки дар муддатҳои тӯлонӣ дар мадрасаҳо таълим дода мешаванд, барои зиндагонии инсон ва ҳаёти мамлакат ҳеҷ манфиат надорад. Ҳангоме ки вай ба Россия сафар кард ва дар он ҷо пешрафтҳои илмию техникиро дид, назари танқидии вай ба муҳити Бухоро ва тарзи давлату мамлакатдории амирони ин кишвар боз ҳам зиёдтар шуд. Вай ба ақидае омад, ки агар дар ҳаёту сохти сиёсиву иқтисодӣ ва мадании аморати Бухоро тағйироти ҷиддие ҷорӣ нашавад, мамлакатро аз ҳолати пасмондагӣ ва ғафлату ҷаҳолати асримиёнагӣ баровардан душвор аст. Барои ин Аҳмади Дониш азм намуд, ки масъалаҳои муҳимтарини сиёсиву иҷтимоии замонашро дар ин асар таҳқиқ ва таҳлил на-

мояд, нуқтаи назари танқидии худро нисбат ба ин масъалаҳо баён намояд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар бораи тарбияи авлоди наврас, муносибати эҳтиёткорона нисбат ба тарбияи фарзандон, дар бораи ахлоқ ва муомилаи табақаҳои гуногуни ҷамъият, дар бораи ахлоқ ва рафтори нописанд ва ноодилонаи ҳукумронҳои замонаш-қозиву муфтӣ, вазиру қушбегӣ ва ғайра дар бобҳои махсус фикру ақида ва андешаҳои танқидии худро баён намудааст.

Аҳмади Дониш, махсусан дар бораи усули таҳсили нодуруст ва аз талаботи ҳаёт дури ҳам мактабҳо ва ҳам мадрасаҳо хеле муфассал таваққуф намудааст. Вай ҳам барномаву дастурҳои таълимӣ, ҳам усули тадрис ва ҳам китобҳои дарсии мадрасаҳои Бухороро яке аз мавзӯъҳои асосии асари худ қарор додааст. Ҳамаи ин масъалаҳо дар бобҳои «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн (падару модар) ва ҳадди ҳуқуқи онҳо», «Дар таҳқиқи матои дунё ва ҳақиқати муомилоти он», «Дар васоёи (васияти) фарзандон ва баёни ҳақиқати пешаҳо» ва боз чанд боби дигар муфассал ва бо таҳлили чуқур баён ёфтааст.

Аҳмади Дониш ба «Наводир-ул-вақоеъ» тавсифи ду сафари ба Россия кардаи худро низ дохил намудааст. Муаллиф дар ин ҳикояҳояш дар бораи маданият ва илми пешқадами Россия, дар бораи тараққиёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ин мамлакат маълумот ва нақлҳои хеле шавқангез овардааст. Аҳмади Дониш, ба ин восита, шахсони пешқадам ва умуман мардуми Бухороро ташвиқу тарғиб намудааст, ки илмҳои дунёвӣ ва санъату ҳунари инсониро, ки дар Россия хеле ривоҷу равнақ дорад, омӯзанд ва барои тараққиёти ҷамъият истифода баранд. Ҳикоятҳои Аҳмади Дониш дар байни хонандагон нисбат ба санъату маданияти пешқадами Россия ҳусни таваҷҷӯҳ бедор кард ва дӯстии халқҳои Осиёи Миёна ва Россияро тарғиб ва ташвиқ намуд.

Дар ҳаёти иҷтимоию маданӣ, дар вазъияти илмию фаннӣ ва иқтисодии кишвар тағйироте дохил намудан ва масъалаҳои муҳими ҷамъиятиро ҳал намудан бевосита бо ҳаёти сиёсӣ, бо сохти давлатию ҷамъиятии он замон вобаста аст. Агар дар тартиботи сиёсиву давлатии он давр тағйирот ва дигаргуниҳои ҷиддӣ ҷорӣ нашавад, масъалаҳои дигарро

ҳал кардан мумкин набуд. Аз ин сабаб, Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» рисолаи махсусе доҳил намуда, дар он ҷо масъалаҳои тағйир додани усули идораи давлатдории аморати Бухороро ба миён мегузорад.

Ин қисмати «Наводир-ул-вақоеъ» «Рисола дар назми тамаддун (сиёсати давлатдорӣ) ва таовун (муносибати байни одамон)» ном дорад. Рисола аз се боб, муқаддима ва хотима иборат аст. Муқаддима чунин унвон дорад: «Дар он ки (дар бораи он ки) одамӣ барои чӣ махлуқ шуда ва баъд аз он ки махлуқ шуд, хайри вай дар чист ва чӣ ихтиёр кунад». Дар ин ҷо Аҳмади Дониш асосан ҳамин фикрро талқин мекунад, ки инсон дар дунё шарифтарин ва бошууртарин махлуқот аст. Вай барои он халқ шудааст, ки илму маърифат омӯзад, аз рӯйи ақлу хирад, фаросат ва адолат амал кунад ва ҳатман баҳри ободии дунё тамоми қувваи худро сарф намояд.

Дар фасли аввали рисола Аҳмади Дониш дар бораи моҳияти давлат, қоидаву қонунҳои асосии ҳукумат ва бо ҳақиқату адолат асос ёфтани ҳокимият сухан меронад. Дар фасли дуюм Аҳмади Дониш менависад, ки султон ё амир бо атрофиёни худ ва сарлашкарону сипоҳиён чӣ гуна бояд муомила кунад. Дар фасли сеюм дар бораи ба раият ва мардум чӣ гуна муомила кардани подшоҳ фикру ақидаҳои худро менависад. Ниҳоят, дар хотима ӯ ба тафсил нишон медиҳад, ки амир бояд дар муомила бо наздикон ва ҳамсӯҳбатони худ чӣ гуна рафтор кунад, дар маҷлису сӯҳбатҳо чӣ гуна ахлоқу тарзи муомиларо риоя намояд.

Бобе ки ҳамчун васият ба фарзандон навишта шудааст, бо доираи васеи масъалагузории худ сазовори таваҷҷӯҳ аст. Аҳмади Дониш дар ин ҷо таҷрибаи панҷоҳсолаи ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоияшро ҷамъбаст карда ҳамчун дастури зиндагӣ ба фарзандонаш пешкаш кардааст. Аммо ба туфайли ин «дастури зиндагонӣ» вай манзараи танқидии ҳаёти мадании замони худашро ба тафсил тасвир кардааст.

Аҳмади Дониш кирдорҳои разил ва хислатҳои пасти соҳибмансабони аморати Бухороро беамон ва нотарсона фош мекунад. Муаллиф дар бораи ҳар як мансаб ва соҳиби он мансаб махсус таваққуф намуда, ба тафсил онҳоро ба

хонанда таҳлил карда медиҳад ва нисбат ба онҳо нафрату кароҳаташро бебокона баён мекунад.

Муаллиф на фақат амалдорон, инчунин касони фозил ва шоирро, ки фазилату дониши худро дар роҳи хидмат ва хушомадгӯйӣ ба амиру вазир мефурӯхтанд, сахт танқид мекунад. Бар хилофи ҳамаи ин, Аҳмади Дониш касбу пешаҳоеро, ки бе ҳеҷ ғаразу тамаллуқкорӣ барои ободӣ ва манфиати умум фоидаҳои калон меоварад, таърифу ситоиш мекунад.

Аҳамияти ин боб дар он аст, ки муаллиф дар зимни баёни мақсади аслиаш аз таҷрибаи зиндагиаш (махсусан, аз даврai ҷавониаш) бисёр воқеаҳоро ба тарзи тамсил нақл мекунад.

Бинобар ин ҳар як хонанда ва тадқиқотчӣ барои такмили тарҷимаи ҳоли нависанда аз ин боб маълумоти бисёре ба даст оварда метавонад.

Ба ҳамин тариқ, «Наводир-ул-вақоеъ» аз ҷиҳати мундариҷаву мазмун масъалаҳои ниҳоят муҳимми ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, маданию илмӣ, иқтисодиву фаннӣ ва соҳаҳои гуногуни зиндагии ҷамъият ва мардуми он замонро дар бар гирифтааст. Ҳамаи ин масъала ва мавзӯъҳо дар ин асар ҳам ба тарзи бадеӣ, ҳам бо таҳлилҳои илмӣ ва ҳам ба воситаи фикру мулоҳизаҳои чуқури фалсафӣ баён ва ҳал шудаанд.

«Наводир-ул-вақоеъ» дар муҳити иҷтимоию мадании он давр як шӯру ҳаяҷон ва ҷунбишу таконе ба вуҷуд овард. Фикрҳои пешқадамонаи Аҳмади Дониш чашми бисёр шахсони тараққихоҳро ба ҷиҳатҳои манфӣ ва иллату нуқсонҳои иҷтимоии он давр кушод. Онҳо ин асарро хонда сабаби ақибмонии Бухорои феодалӣ, камбудиҳои усули таҳсил ва тартиби таълими мадрасаҳои Бухоро, ҷаҳолату таассуби арбобони дини расмӣ, зулму беадолатиҳои амалдорону мансабдорони амир, бедодгарию истибдоди худи амирро мефаҳмидагӣ ва дар ин хусус ба назари танқид фикр мекардагӣ шуданд. Садриддин Айнӣ, ки бо ин асар дар охири солҳои навадуми асри гузашта шинос шуда буд, аҳволи рӯҳия ва таассуроти одамони пешқадами он даврро аз хондани ин асар аз забони худ чунин баён намудааст:

«Ҷойҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷойҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан

ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки «дунё ҳамин тарз омадааст, ҳамин тарз ҳаст ва ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?». Аммо, вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, хондам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст» (инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод)».

«Наводир-ул-вақоеъ» дар байни оммаи хонанда зуд шӯҳрат пайдо кард. Азбаски дар он вақт чопи китоб набуд, ҳавасмандон аз ин асар ба дасти худ нусхаҳо мебардоштанд. Худи Дониш ҳам барои дӯстону мухлисонаш чандин нусхаи ин асарро китобат намуд. Шоирони пешқадам, аҳли тараққипарвари илму адаб, соҳибони хату савод ин асарро мехонданд, иллату нуқсонҳои замонашонро фаҳмида мегирифтанд ва ақидае ҳосил мекарданд, ки барои бартараф намудани ҳамаи ин иллату нуқсонҳо дар тартиботи давлатию ҷамъиятии он давр тағйирот ва ислоҳоти ҷиддие зарур аст.

Тарафдорони тартиботи реаксионии амир ва намояндагони дини расмӣ бошад, аз таъсири ин асари Аҳмади Дониш ба тарсу воҳима афтода буданд. Онҳо Аҳмади Донишро айбдор мекарданд, ки вай бо фикру андешаҳои худ ба асосҳои дину шариат халал меоварад, қудрати ҳукмронии замонро, ки мувофиқи шариат «сояи худо дар замин аст», суст карданӣ мешавад, тартиботу одатҳои мардуми кофирро – русҳо ва аврупоиҳоро дар байни мусулмонон ҷорӣ карданӣ аст.

Аммо ҳамаи ин таъсири «Наводир-ул-вақоеъ» ва обрӯю эътибори муаллифи онро дар ҷамъият паст карда натавонист. Шоир ва нависандагони пешқадам ин асарро ҳимоя мекарданд ва муаллифи онро ҳамчун мутафаккир ва нависандаи забардаст посдориву эҳтиром менамуданд.

Аҳмади Дониш барои ҳаққонию воқеӣ тасвир намудани ҳодисаҳои зиндагӣ воситаҳои тасвир ва забони адабиро низ ба фаҳми хонанда наздик менамуд. Вай дар тасвир ва тавсифҳои худ аз ибораҳои халқӣ ва мақолҳои мардум, аз

калима ва таъбирҳои забони гуфтугӯйӣ бисёр истифода намудааст. Ин тарзи услуб, махсусан, дар рисолаи таърихии ӯ хеле зиёд дида мешавад. Ғайр аз ин ӯ, истилоҳоти илмӣ ва калимаҳои русиро ҳам бисёр истифода намудааст. Ҳамаи ин насри бадеии Аҳмади Донишро ба роҳи реализм бештар наздик мекард ва мо ӯро дар насри бадеӣ ҳамчун намояндаи адабиёти ҳақиқатнигори маорифпарварӣ медонем.

Услуби нави Аҳмади Дониш дар насри бадеӣ барои инкишофи минбаъдаи адабиёти тоҷик ва махсусан насри бадеӣ аҳамияти калон дошт. Ба роҳи сода нависӣ даромадани бисёр нависандагони тоҷик баъди Аҳмади Дониш аз таъсири бевоситаи ҳикояҳои реалистонаи ӯ буд. Дар бораи таъсири Аҳмади Дониш дар роҳи тараққиёти минбаъдаи адабиёти тоҷик ва махсусан, насри бадеии он Садриддин Айнӣ чунин гуфтааст:

«Дар ҳамон вақтҳо (яъне дар вақти бори аввал хондани «Наводир-ул-вақоеъ» дар солҳои 1897–1898) ман орзу мекардам, ки «бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад-махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони содда муҷассам кунонда нишон дода тавонад... Фикри сода нависӣ ҳам дар ман баъд аз шинос шуданам бо «Наводир-ул-вақоеъ» пайдо шуд, чунки забони ин китоб ба хонандагони замони ҳозира хеле душвор намояд ҳам (ва дар ҳақиқат хеле душвор ҳам аст), дар он рӯйи замонҳо, ки ман ба ин китоб ошно шудам, нисбат ба дигар китобҳо ва аз он чизҳо, ки иншонависони ҳамон замон менавиштанд, хеле осон буд».

Он орзую умедҳое, ки Аҳмади Дониш дар асарҳои худ ба миён гузошта буд, минбаъд ва махсусан, дар замони истиқлоли Ӯзбекистон ҷомаи амал пӯшида истодааст.

Эътибор ба Аҳмади Дониш ва омӯхтани асарҳои ӯ ҳанӯз аз замони зиндагии худи ӯ оғоз гардида, минбаъд ҳам муттасил давом карда омада истодааст. Оиди ҳаёт ва эҷодиёти ин марди некфарҷом аз ҷониби як қатор олимон ва адибони тоҷик, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Расул Ҳодизода рисолаҳои илмӣ, асарҳои бадеӣ таълиф гардиданд. Асарҳои Аҳмади Дониш ва афкори адабию фалсафӣ

ва иҷтимоию сиёсии ӯ дар мактабҳои миёна ва олӣ таълим дода мешаванд.



Савол ва супоришот:

1. **Аҳмади Дониш аз худ чӣ гуна мероси адабӣ боқӣ гузоштааст?**
2. **«Наводир-ул-вақоеъ» ба кадом жанри адабӣ мансуб аст? Оиди мазмун ва мундариҷаи ин асар маълумот диҳед.**
3. **Ғояҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш аз чӣ иборат аст?**
4. **Дар бораи Аҳмади Дониш кадом адибони тоҷик асарҳо навиштаанд?**
5. **Дар бораи забон ва услуби асарҳои Аҳмади Дониш мулоҳиза ронед.**
6. **Аз рӯйи боби «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати пешаҳо» кори хаттӣ нависед. Луғати вожаҳои нофаҳморо тартиб диҳед.**

Ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш

Чунон, ки дар боло сухан рафт, ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш дар ҳаёти маънавии он замон ҷараёни тараққипарварона ва пешқадам ҳисоб меёфтанд. Ин ақидаҳо дар натиҷаи шиносоии ӯ бо Русия ташаккул ёфта буданд. Аҳмади Дониш баъди сафарҳои худ ба Петербург пасмондагӣ ва ҷаҳолати сохти иҷтимоӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти маданию илмии кишвари худро фаҳмид. Вай пешрафтҳои бузурги илмию техникии Русия, тараққиёти саноат ва кашфиётҳои илмиро дид, ба воситаи шахсони дигар аз пешрафтҳои давлатҳои тараққикардаи Аврупо ва тарзи идораи ин давлатҳо хабардор шуд. Ҳамаи ин барои тағйироти ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш аҳамияти калон дошт.

Аҳмади Дониш нағз мефаҳмид, ки барои он ки аҳли пешқадами илму адаб ва умуман оммаи васеи халқ чунин пасмондагии кишвари худро фаҳманд, пеш аз ҳама чашми одамонро ба сӯйи мамлакати тараққикардаи Русия кушодан лозим аст. Аз ин сабаб дар асарҳои ӯ масъалаи тарғиб ва ташвиқи ҳаёти иҷтимоӣ ва илмию мадании рус мавқеи калон дорад. Аҳмади Дониш дар ду боби «Наводир-ул-

http://edu-portal.uz

вақоеъ» ду сафари ба Русия кардаи худро хеле батафсил нақл мекунад.

Ғайр аз ин бобҳо Аҳмади Дониш дар ҷойҳои дигар низ аз сафарҳои Русия ҳикоятҳо меорад ё аз забони қаҳрамонҳои ҳикоятҳояш дар бораи Русия ягон фикри хуб ва мусбатро баён мекунад. Чунончи, дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар боби сафари марди Ҳоҷӣ дар бораи он, ки мардуми христиан ба одамони илмдору маърифатнок, сарфи назар аз дини инҳо, чӣ хел қадрдонӣ мекунанд, сухан карда, чунин як воқеаро аз сафари Петербург нақл мекунад:

«Ҷамоаи насороро (яъне христианҳоро) турфа шафқате ва муҳаббатест мар аҳли исломро, ки чунин нармию меҳрубонӣ дар миёни худишон (яъне дар байни худи мусулмонон) нест. Масалан, яке аз аҳли ҳунар... агар ду бор ба наздики арбоби давлат дарояд, ба нафрат ва дилтангӣ пеш оянд ва гӯянд: «Ҳар рӯз пеши мо барои чӣ меояд ва маҷлиси моро халалдор ва талх мегардонад». Бар хилофи насоро, ки (бар акси христианҳо) ба ҳар боре беҳтар аз аввал мулоқот кунанд, хосса агар ҳунаре дорад, ноумед намекунанд».

Баъд аз ин Аҳмади Дониш ҳикоят мекунад, ки чи тавр илму ҳунари ӯро дида, вазири русҳо Стремоухов ба ӯ глобуси (кураи) замину осмонро тӯҳфа карда будааст ва Аҳмади Дониш дар ин шеъраш ӯро мадҳ гуфта чунин менависад:

Диданд халқ шеъраму ҳеҷам надодаанд,
Ӯ шеъри ман надид, ато кард бекарон.
Яъне на дархӯри ту бувад нақл мулку мол,
Гӯйӣ замин ба дасти ту бодову осмон.

Аҳмади Дониш ба воситаи тарғиби маданият ва илму маърифати рус мехост, ки дар ҳаёти маънавию илмии аморати Бухоро тарзи нав, усули нави русию аврупоӣ дохил гардад. Ин яке аз ҷиҳатҳои муҳими афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш буд.

Як ҷиҳати барҷастаи афкор ва ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш дар он буд, ки вай нисбат ба сохти пӯсидаи феодалӣ ва тартиботи давлатдории ин сохт нафрат дошт. Вай дар асарҳояш нуқсонҳои тартиботи амо-

ратро сахт танқид мекард ва намояндагони табақаҳои ҳукмронро бо ваҷҳи ҷонсӯзаш дар назари аҳли ҷамъият фош менамуд. Вай менависад, ки «аз шайхҳо ҳама фиребгар ва аз уламо ҳама ришватхор ба назар дармеомаданд; агар мударрисро тафтиш кунӣ, дарёбӣ, ки ҳама барои мансаб ва маош ва манманию худситоӣ ба ин кор даст задааст; қозигию раисӣ ҳеҷ кори халал ва мубоҳ надорад, ғайр аз ҳароми маҳз ва шубаҳот; муфтиён ҳама чашм бар дар ва дида ба зар доранд, то касе биёяд сар кафида... васиқа ва ҳуҷҷате диҳанд ва ҳилаҳои шаръӣ биёмӯзанд ва дираме биситонанд».

Аҳмади Дониш дар Россия тарзи нави давлатдориро дид, ки як тартиби муайяне дорад. Ғайр аз ин ӯ аз вазъи мамалакатҳои Аврупо хабардор шуд, ки дар бисёр мамлакатҳои он ҷо инқилоб ба вуҷуд омада, ҳокимияти подшоҳонро аз байн бардоштаанд ё ба воситаи парламент ҳуқуқи подшоҳ маҳдуд карда шудааст. Вай дар фасли васияти фарзандон дар ин хусус менависад:

«Олимони Аврупо ва Юнон диданд, ки дар давлатҳо зудзуд инқилоб мешавад; аз китобҳои таърихӣ сабаби инқилоби давлатҳои гузаштаро хонда таҳлил намудаанд. Донистанд, ки сабаби ин дар он будааст, ки подшоҳои бо фикри худашон ҷамъеро бардошта, тӯдаеро ҳабс ва мусодираву қатл мекунанд. Пас (олимон) ба маслиҳату машварат биншаста гуфтанд: «Ҳамаи одамон дар роҳату меҳнат ва бахту бадбахтӣ баробаранд, чунки онҳо фарзанди як падаранд. Набояд ки бе ягон сабабе ҳамдигарро зери даст кунанд ва бе ягон ҳуқуқе зиёдталабӣ намоянд... Ва худи давлатро ҳамчун шахсе фарз карда, ба андозаи ҳуқуқ аз вай ҳақ талаб кардан лозим аст».

Аз ҳамин ҷо Аҳмади Дониш ба ақидае меояд, ки дар сохти ҷамъият ва давлати Бухоро ислоҳот дохил намудан лозим аст, то ки ҳоли мамлакат ва аҳволи мардум беҳтар гардад. Вай ин фикрҳои сиёсии худро дар «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» баён намудааст. Муаллиф дар сарсухани ин рисола менависад, ки вай дар таклифҳои пешниҳод кардааш ҳам тартиби давлатдориҳои мамлакатҳои мусулмонӣ ва ҳам аврупоию русро ба ҳисоб гирифтааст.

Аҳмади Дониш шарти аввалини салтанатро дар ақл ва адл мебинад, таъкид мекунад, ки султон бояд тамоми корҳоро аз рӯйи ақл ва адл анҷом диад: «Адл аз камоли ақл хезад», «ҳар кӣ оқил нест, одил нест». Барои ин Аҳмади Дониш талаб мекунад, ки дар сари ҳокимият бояд ҳамеша шахси олиму маърифатнок нишинад, ки аз рӯйи ақл кор кунад. «Адл дар вилоятдорию ҳукумат илму амал аст» менависад Аҳмади Дониш.

Аз ин ҷо Аҳмади Дониш ба он ишора мекунад, ки ба султонии мамлакат на аз рӯйи мерос, балки аз рӯйи ақлу хирад ва қобилият шахсони шоистаро интихоб кардан лозим аст. Аз ин ҷост, ки Аҳмади Дониш бар хилофи ақидаи кӯҳнаи Шарқ, ки султонро халифаи худо дар замин мегуфтанд, менависад: «Ҳукамо гӯянд: подшоҳ деҳқонро монад ва мамлакат бӯстонро. Бинобар ин подшоҳ барои ободонии мамлакат меҳнат кунад ва аз меҳнат ор нанамояд: «Муздурӣ ва тофтани гулхан нангу ор нест – хидмате мекунад, музде мебаранд. Ва дар ҳақиқат халқ аз шоҳу гадо ҳама мездуранд». Дар ҷамият ҳама баробаранд ва ҳеҷ касро аз вақти тааввул ба болои дигаре афзалият додан нашудааст. Ҳол он ки дар ҷамъияти Бухоро чунин ақидаи суст паҳн шудааст, ки ҳатто «ҷараёни тақдири инсониро низ ба султон нисбат медиҳанд ва султонро худои рӯйи замин эътиқод карда, намедонанад, ки султон ҳам бандаи оҷиз аст». Аҳмади Дониш ҳатто менависад, ки дар ҷамъият «бисёр касон ҳастанд, ки дар кори мамлакат аз подшоҳ зиёда бошанд».

Бинобар ин, тамоми ихтиёри корҳои мамлакатро ба дасти як кас ва махсусун касе, ки нодон бошад, додан нодуруст аст. Аҳмади Дониш дар ин ҷо аз рӯйи тартиби давлати Русия дар аморат ҷорӣ намудани вазоратҳоро таклиф мекунад. Ин вазоратҳо бояд бо соҳаҳои муайяни кори мамлакат машғул шаванд ва вазирон аз давлат мувофиқи мансабу вазифаашон моҳона гиранд, то ки ришва нахӯранд ва халқро тороҷ накунанд.

Аҳмади Дониш бо системаи вазоратдорӣ маҳдуд нашуда, ташкил намудани органи машваратиро (парламентро) ба миён мегузорад. Дар ин ташкилот бояд намояндагони тамоми табақаҳои ҷамъият иштирок кунанд ва тамоми корҳои мамлакат бояд дар ҳамин ташкилоти машваратӣ

ҳал шавад ва баъди тасдиқи умум ба иҷро расад. Ӯ менависад: «Султон бояд, албатта, аз ҳар табақа намояндае дошта бошад, то ки дар корҳои муҳиму бузург бо ҳар кавм машварат кунад. Балки дор-ул-машварат (хонаи машварат) таъин кунад ва бар он раисе мансуб гардонад ва ба он раис моҳонаи муқаррар намояд, то ҳар рӯз дар он ҷо намояндаҳои табақаҳои мардум ҷамъ оянд, дар бораи корҳои мамлакат ва иқтисоди он ва ободии вилоят мушоварат кунанд, манфиату зарари ҳар маслиҳатро мешумуранд, ки ба як фикр иттифоқ кунанд».

Ин фикри Аҳмади Дониш дар он замон ниҳоят пешқадамона ва далерона буд. Дар ин таклифҳои Дониш фикри демократикунонии идораи давлат ва маҳдуд намудани ҳуқуқи ҳукмронии амир ифода ёфта буд.

Аҳмади Дониш таклиф мекунад, ки одамони пир ва шахсоне ки қобилияти кориашонро гум кардаанд, бояд аз тарафи давлат таъмин шаванд. Ба ин мақсад ӯ ташкил намудани як муассисаеро монанди хонаи маълулон таклиф мекунад: «Барҷомондагонро дар маҳаллоте ҷамъ оварад ва ҳаққи онҳоро аз хазинаи давлат бирасонад, то ки онҳо бо гадоиву тамаъ халқро дар ташвиш намононанд».

Ба ҳамин тариқ Аҳмади Дониш масъалаи бо зиндагӣ, бо ҳаёт ва эҳтиёҷоти ҷамъият вобаста намудани илму фанро ба миён гузошт. Ӯ мехост, ки дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили ҳамон илмҳои техникӣ, табиӣ ва физикию химиявие, ки дар мамлакатҳои тараққикарда омӯхта мешуд, ҷорӣ шавад. Барои пурқувват намудани ин фикр ӯ аз ҳаёти илмӣ ва кашфиётҳои фании халқи рус ва аврупоиён мисолҳои хеле боварибахш овардааст. Вай менависад, ки уқёнусҳо, ситораву сайёраҳоро меомӯзанд. (Ва ҳатто фикри ба моҳ парвоз кардан дар байни онҳо пайдо шудааст).

Аҳмади Дониш одамонро ба омӯхтани забонҳое, ки дар шароити Бухоро заруранд, махсусан ба омӯхтани забони русӣ ташвиқ мекард. Вай таъкид кардааст, ки дар донишгоҳи Петербург ҳамаи забонҳоро меомӯзанд ва донистани истилоҳи ҳар тоифаро зарур мешуморанд. Вай худаш дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар чанд ҷой изҳори таассуф мекард, ки ба пурра омӯхтани забони русӣ имконият надошт.

http://eduportal.uz

Ба ҳамин тариқ, ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш дар он замон ниҳоят далеорона ва нотарсона буданд ва имрӯз дар шароити истиқлоли кишвар низ аҳамияти худро гум накардаанд.



Савол ва супоришот:

1. **Маорифпарварии Аҳмади Дониш кай ва ба чӣ муносибат сурат гирифт?**
2. **Ғояҳои маорипарварии Аҳмади Дониш дар кадом асараш бештар инъикоси худро ёфтааст?**
3. **Фикрҳои Аҳмади Дониш дар бораи сохтори давлатӣ чӣ хел буд?**
4. **Чаро Аҳмади Дониш омӯхтани забони русиро тарғиб намудааст?**
5. **Орзуву умедҳои Аҳмади Донишро доир ба маорифпарварӣ бо рӯзҳои мо муқоиса намоед.**

НАМУНАҲО АЗ ОСОР

Ҷаҳонхудой чу хоҳад

Ҷаҳонхудой чу хоҳад, ҷаҳон хароб кунад,
Ба ҳоли неку бади халқи худ напардозад.
Ба адл некиву бо зулм бад чаро надҳад?
Ба саъйи фосиқу обид назар наяндозад.
На аз Зуҳал асари шарру наҳсият ояд,
На Муштарӣ амали саъду хайрият созад.
Равад шариф пиёда ба теҳи кулфату ранҷ,
Вазеъ асби тағаллуб ба ҳар тараф тозад.
Фасоду фитна дар аркони коинот афтод,
Гули муроду тараб обу ранг дарбозад.
На шафқатеву тараҳҳум бузургро бархурд,
Ғанӣ ба уҷбу такаббур фақир нанвозад.
Чу боғбон шавад аз кишту заръи худ дилгир,
Ба сӯйи шӯраву гул чашми шавқ нандозад.
На гул ривоҷ пазирад, на шӯра равнақгир,
Ба ҳоли гулшану мазраъ харобӣ андозад.
Агар иродаи воҷиб бувад ба ободӣ,
Сарири мулк ба султони одил афрозад.
В-агар харобии аҳволи халқ мехоҳад,
Ба зулми шоҳ ҷаҳонро зи амн пардозад.

http://fayzportal.uz

Қитъа

Ба шаклу ҳайъати инсон зи раҳ марав зинҳор,
Тавон ба сабру таҳаммул шинохт ҷавҳари мард.
Агар на пок бувад аз бало нахоҳад ҷаст,
В-агар дар асл бувад пок, сабр хоҳад кард.

АЗ «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ»

(Порчаҳо)

Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо

Он чӣ муҳаррири сутурро дар умри панҷоҳ сол расида аз неку бад ва ба таҷрибат анҷомида, барои дастуруламал дар қайди забту сабт кашидем *(дар ин ҷо навиштем)*,[1] то магар индалҳоҷат *(дар вақти эҳтиёҷ)* ва назди зарурат ба кор баранд ва чун ҳушёр шаванд, лобудд дар он эҳтиёҷ афтад.

Ва аммо дар ҳолати шабоб ва унфувони ҷавонӣ ин хитобат чун нуқуше бувад бар тахта об, ки зеҳни нозир аз ҳифз ва дарки он оҷиз бошад ё чун фарёде дар рӯзи боди шадид, ки самъ ҳеҷ исғо накунад *(гӯш ҳеҷ нашунавад)*.

Чу моро ба ғафлат бишуд рӯзгор,
Ту боре даме чанд фурсат шумор.

Панд гир аз матоиби дигарон,
То нагиранд дигарон зи ту панд.

Фарзандони аазз ва амҷад, Абулкарам ва Асъад... *(Фарзандони азиз ва мӯҳтарам, соҳибкарам ва хушбахт. (Шояд Абдулкарам ва Асъад номи фарзандони муаллиф бошад)*. Бидонанд, ки дар он айём, ки шуморо ҳанӯз фароғате аз дабистон ва истиғно аз ширу пистон муяссар нашуда буд, маро доияи сафаре афтод, ки агар асбоб мувофақат кунад ва бар он иқдом равад, яҳтамил, ки муроҷаат даст надиҳад ва агар муроҷаат воқеъ шавад, юмкин ки фурсати пардохт ба ҳоли шумо дубора набошад *(бо шумо машғул шуда на-*

[1] Дар ин ҷо ва минбаъд баъди матнҳои душворфаҳм дар қавсайн шарҳи онҳо дода мешавад – А.Қ.

http://edu.portal.uz

тавонам). Пас, агар барои муаддаб ва муҳаззаб гаштани шумо то ба синни рушди шумо нозир бошам *(агар то ба синни камол расиданатон ба шумо назорат кунам)*, кори худ носохта монад ва ба тамшияти лавозимоти сафар ва ҳазар нопардохта.

Чун таъдиби авлод дар зиммаи абавайн маъмурунбеҳ ва мансус аст, таълими адаб, аввалан, ба қавл ва феъл бувад, сониян, ба зоҷр ва манъ. *(Чун тарбияи авлод ба зиммаи падару модар аст,таълими адаб бо гапу кор, баъд бо сахтгирию манъ кардан анҷом мегирад)*. Бинобар ин, ибтидо он чӣ гуфтанист, бо шумо мегӯям ва шуморо ба офаридгоратон месупорам ва он чӣ аз зиндагонии маҳмуд, ки сулук дар он дину дунёи шуморо обод дорад, бо шумо менамоям, агар тавфиқи азалӣ ёратон бувад, ба ҳамон ватира рафтор мекунед ва агар не, мухторед ва маъзур...

Бидонед, ки баъд аз ин шуморо аҳволи мухталиф ориз мешавад ва ахлоқи мутанаввеъ воқеъ мегардад *(шумо дар ҳолатҳои гуногун меафтед ва ахлоқи ҳархела воқеъ мешавад)* ва сирри ҳар кадом ба шумо пӯшида бувад, ки низоми ҷаҳон бар он вобаста бошад.

Ва ҳар кӣ аз абнои ҷинси шумо *(ва ҳар кӣ монанди шумо)* ба ҷаҳон омадааст, баъд аз он ки аз канори модар бархест, майл ба лаъбу давидан меорад ва ғалтидан ва бархостан. Чун сукунат ва вақори мардум мебинад, кам-кам аз он доия мутақоид мешавад *(аз он кор даст мекашад)*.

Пас, мебинад, ки ҷаҳоне ороста пур аз неъмати алвон – шараҳи хӯрдан ва хобидан ва танаъум намудан дар замираш муставлӣ мегардад. Пас, мебинад, ки неъмат бе зар ба даст намеояд, дар тараддуди азхор ва ҷамъи зару сим мешавад. Пас мебинад, ки зару сим бе пеша ва ҳирфат таҳсил намешавад, дар андешаи касбу пеша меафтад ва ба воситаи шуғл ба ин ду зар гирд меоварад *(ва ба ин ду кор шуғл карда зар гирд меоварад)*.

Ва баъд аз ҷамъу зухр, савдои никоҳ ва айшу комронӣ ва ихтилот ба табақоти мардум аз ботинаш мунбаис шавад *(ва баъд аз ҷамъу захира кардан хонадор шудан, айшу комронӣ ва бо мардум робита намудан мехоҳад)* ва ба кори иморату зироат ва ҷамъияти дӯстон ва сӯҳбати хубрӯён шуғл орад.

Ва баъд аз чанд гоҳе аз ин ҳама кашмакаш низ дилгир шавад ва ба кунҷи хона мунзавӣ шавад ва бо халқ ба қадри зарур рафтуой кунад, то маргаш бирасад ва он чи ҷамъ карда аз мулку асбоб ва дӯсту душман ҳам, ин ҷо бигзорад ва ориву урён берун равад *(ва аз мулку асбоб, дӯсту душман он чӣ ҷамъ карда буд, ин ҷо гузошта, худаш урён берун меравад, яъне мемирад)*, чунон ки омада буд.

Ва ҳосили ин умри вай ҳама кӯфту таб ва ранҷу ташвиш ва пушаймонӣ бошад, ки агар соате дар ин муддат айшу ишрат кардааст, се соати дигар надомат бурда ва агар як шабу рӯз айши вофӣ кардааст, се рӯзи дигар ғам хӯрда. Ва ин қазийя мусалламуссубут аст, ки ҳеҷ як аз абнои рӯзгорро бар он инкоре нест ва чуз эътироф ва иқрор коре на, то ки салотини олам низ бар ин маънӣ муқирр ва муътарифанд *(ва ин кор тамоман исбот шудааст, ки ҳеҷ кас онро инкор карда наметавонад, ҳатто султонҳои дунё низ инро иқрор ва эътироф мекунанд)*...

http://edupost.uz

ШАМСИДДИН ШОҲИН

(1859–1894)

«Гул дафтари ҳуд надид боби суханаш,
Булбул набарад ноби ҷавоби суханаш.
Ҳаргиз набувад ба соф кардан мӯҳтоҷ
Дар майкадаи фикр шароби суханаш».

Мирзо Муҳаммад ҚОБИЛ

Тарҷумаи ҳол

Шамсиддинмахдуми Шоҳин соли 1859 дар Бухоро дар оилаи муллои камбағал таваллуд шудааст. Падари ӯ Мулло Амон аслан аз Хатлонзамин (Кӯлоби ҳозира) будааст ва дар вақти ҷавонӣ барои таҳсили илм тарки ватан гуфта, дар Самарқанд хонда, баъд ба Бухоро рафта дар ҳамон ҷо мадрасаро тамом кардааст. Баъд аз хатми мадраса аз Бухоро хонадор шуда ва чанд вақт дар яке аз мадрасаҳои Бухоро дарс ҳам гуфтааст.

Шоҳин ҳанӯз аз бачагӣ дар хондану навиштан қобилияти фавқулодда дошт. Чунон ки худаш дертар ҳикоят мекунад, дар ҳамин мактаб, тахминан дар ҳашт-нӯҳсолагиаш ба шеър гуфтан шурӯъ намуда будааст.

Баъд аз хатми мактаб падари Шоҳин хати хонову зебои писарашро дида, ӯро ба мирзоӣ шогирд мемонад ва Шоҳин дар ду-се сол тарзи хатнависӣ ва иншоро хуб ёд мегирад. Тахминан дар чордаҳ-понздаҳсолагӣ Шоҳин барои таҳсили илм ба мадраса дохил мешавад.

Дар мадраса Шоҳин дар пеши устодон ва ҳамсабақонаш истеъдод ва қобилияти баланде зоҳир мекунад. Аммо аз ҷихати моддӣ дар ин солҳо зиндагии ӯ хеле сахт буд. Падараш пир шуда, дар таъмини оила ва хондани писараш хеле мушкилиҳо мекашид. Аммо баъзе олимон ва соҳибмансабони замон истеъдоди фавқулоддаи шоирӣ ва қобилияти илмомӯзии ӯро дида, ба ӯ баъзан ёрмандиҳои моддӣ мекарданд. Худи Шоҳин бошад, нусхаҳои китобҳои нодир ва баёзҳоро нусхабардорӣ карда, ба баҳои он як навъ рӯз мегузаронид ва ба оилаи қашшоқаш низ ёрмандӣ мерасонид.

Баъд аз хатми мадраса Шоҳин кори ба худ муносиб ёфта натавониста, чанд вақт дар масҷидҳо имоматӣ мекард. Аммо

http://kitobxon.uz

ин касб, ки мисли гадо дар тӯю тамошо гаштан буд, ба табъи Шоҳин мувофиқ наомад. Вай дар як қасидааш ин аҳволи ногуворашро бо ҳазлу мутоиба чунин тасвир кардааст:

Соҳибо, гар накунад арзи ман эҷоби малол,
Аз имомат қадаре шарҳ диҳам сурати ҳол.
Ҳафтае нест, ки андар паи наъше наравам,
То сари пушта зи масҷид ману қавм аз дунбол.
Аз сари кӯча гар овози муаззин ояд,
Ба умеди хабари мурда кунам истиқбол.
Гаҳ занад ханда ба ман ходиму гаҳ кадбону,
Гаҳ ниҳад таъна ба ман сӯфию гаҳ оқсаққол.
Нест суре, ки дар ӯ ман наравам чун лӯлӣ,
Нест сӯге, ки дар ӯ ман наравам чун ғассол.
Ҳар чӣ ҳосил шавад аз мурдаву аз зинда маро,
Бетаваққуф равад аз даст чу об аз ғирбол.
З-ин ҳама бори ғаму ғусса, ки дар дил дорам,
Синаи ман шуда чун мӯҳраи пушти ҳаммол.

Тахминан дар соли 1885 парвоначии амир (парвоначӣ мисли сардори идораи коргузорӣ буд) Абдулқодир ном касе Шоҳинро ба сифати мирзоӣ ба хидмати худ мегирад. Парвоначӣ истеъдод ва илму фазли Шоҳинро дида, ӯро хеле эҳтиром кард ва дар ивази хидматаш ӯро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намуд.

Шоҳин, ғайр аз он ки вазифаи мирзоиро адо мекард, шеърҳо менавишт ва бо хоҳиши парвоначӣ дар мадҳи амир Абдулаҳад баъзе қасидаҳо низ мегуфт. Парвоначӣ ба ин восита мехост, ки Шоҳин дар пеши амир эътибор пайдо кунад ва таъмини маишаташ боз ҳам беҳтар гардад.

Дар андак муддат Шоҳин дар дарбор ва ҳатто ғоибона дар назди амир обрӯю эътибор пайдо кард. Шахсони камсавод ва ҷоҳиле, ки дар дарбор бисёр буданд, ба эътибору нуфуз пайдо кардани Шоҳин ҳасад мебурданд ва мехостанд, ки коре кунанду ӯро ба амир наздик шудан намонанд. Дар ин миён парвоначӣ аз тарафи амир ҳокими Шеробод таъин гардид ва аз Бухоро рафт. Душманони Шоҳин ӯро танҳо дида, дар атрофи вай фитнаву суханчинӣ сар карданд. Шоҳин дар ҳамин вақт ба хубӣ дид, ки доираи дарбори амир то чӣ андоза разолатпарвар аст ва дар атрофи амир чӣ гуна касони

http://localhost.uz

ҷоҳил ва пурғараз ҷамъ омада, ба мансабу рутбаҳои давлатӣ расидаанд.

Парвоначӣ Абдулқодир, ки Шоҳинро мисли фарзанд дӯст дошта буд, ба вай духтарашро никоҳ карда медиҳад, то мардум ба ҳокими Шеробод домод будани Шоҳинро фаҳмида, аз вай дасти душманиву адоват кашанд. Дарвоқеъ ҳам ин никоҳ Шоҳинро то андозае аз ҳуҷуми рақибонаш эмин дошт. Аз тарафи дигар, амир Абдулаҳад, ки худро хеле шеърфаҳму шеърдӯст нишон медод, Шоҳинро ба сӯҳбатҳои худ даъват мекардагӣ шуд. Амир Шоҳинро вақту бевақт ба маҷлису базмҳояш даъват мекард, ба хоҳишу табъи шоир нигоҳ накарда, ӯро ба сафарҳо гирифта мебаромад. Шоҳин чунон бо ин таку давҳо банд буд, ки ҳатто ба оилаи худ нигаҳбонӣ карда наметавонист. Дар ин байн зани ҷавони ӯ фарзанд таваллуд карду ҳафтае нагузашта мурд. Вафоти ногаҳонии занаш барои Шоҳин фоҷиаи калон буд.

Ин воқеаи мудҳиш чашми Шоҳинро ба аслу моҳияти бисёр воқеаҳо кушода дод. Вай фаҳмид, ки на танҳо атрофиёни амир, балки худи амир низ каси ҷоҳилу золим, дар кори идораи давлату мамлакат ношуду бетадбир аст. Шоҳин хост, ки мисли шоирони пештара, ки аз наздикии худ ба ҳукумронҳои замон истифода бурда, ба он аз тадбири мулкдорию ҳукумфармоӣ китобу рисолаҳо менавиштанд, барои амир асаре таълиф намояд ва дар он роҳу равиши бо адолат ҳукмфармоӣ карданро нишон диҳад. Бо ин мақсад, ӯ «Тӯҳфаи дӯстон» ном асари манзум таълиф намуд.

Шоҳин дар ин маснавӣ хост, ки ба амир ба воситаи панду насиҳат тариқи адлу инсоф ва роҳҳои беҳтарини ҳукумат ронданро нишон диҳад, аммо ин ҷасорати як нафар шоири ҷавон, ки ба амир панд омӯхтанӣ шуда буд, ба ҳукмрони замон маъқул наафтод. Амир Абдулаҳад дар ғазаб шуда аз Шоҳин интиқом гирифтанӣ шуд. Амир Шоҳинро маҷбур мекард, ки дар ҳаққи ӯ мадҳияву қасидаҳо нависад, шеърҳои аз одоб берун иншо намояд, барои хандаву дилкушоии амир суханҳои пасту бемазаро ба шеър дарорад. Илова бар ин, вай шоирро ҳамеша дар рикоби худ нигоҳ медошт, ба сафарҳои дуродур мебурд ва ӯро асбоби дилхушии худ гар-

донда буд. Ин дар ҳаққи Шоҳин таҳқири бузург буд ва амир инро интиқоми сахттарин ҳисоб мекард.

Аз ҳамин вақт сар карда (яъне аз аввали солҳои навадум) дар шеърҳои Шоҳин оҳангҳои шикояту шикваҳои талх аз ҳаёти худ, танқиду мазаммати иллату нуқсонҳои давр ва аҳли он садо медод. Чунончи, ӯ дар як ғазале, ки дар соли 1890 навиштааст, чунин шикоят мекунад:

Сухан, ҳар он чӣ ки хуштар бувад, манаш ғуфтам,
Гуҳар, ҳар он чӣ ки беҳтар бувад, манаш суфтам.
Вале чӣ суд, ки умрам ба ғунчагӣ бигзашт,
Ба бод рафтаму чун гул ба боғ нашкуфтам.
Надидам ин ҳама ҳосил зи рӯзгори вуҷуд,
Ҷуз ин қадар, ки ба шоми адам фурӯ хуфтам.
Набаста сурати ҷамъияте ба худ, Шоҳин,
Зи тундбоди аҷал чун ғубор ошуфтам.

Шоҳин дар ин вақт бо «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш шинос шуд ва тамоми иллатҳои ҷамъияти он вақтро боз ҳам хубтар фаҳмид. Вай низ ба ақидае омад, ки бо ваъзу насиҳат ва ислоҳоти ҷузъӣ аҳволи мамлакат ва тартиби давлатиро беҳтар намудан мумкин нест, зеро амир ва атрофиёни ӯ ба дараҷае ҷоҳилу бефаҳманд, ки ба қабули чунин маслиҳатҳо қобил нестанд.

Шоҳин дар ин солҳо рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро эҷод мекунад. Дар ин рисола бо киноявву рамзҳои пӯшида нуқсонҳои иҷтимоии замонаш, разолат ва пастмоягии арбоби давлат ва худи амирро бо ҳачвҳои обдор фош мекунад. Ғайр аз ин, дар ҳамин замон мефаҳмад, ки вай як умри ҷавони худро дар мадҳи амир ва муқарработи ӯ беҳуда сарф кардааст, беҳуда орзуву умед доштааст, ки фазлу дониш ва ҳунару санъати ӯ ба ҷамъияти он замон фоидаовар мешавад. Вай дар як маснавие, ки дар охирҳои умраш навишта буд, тамоми ҷавонии гузаштаашро бо афсӯсу надомат аз назари ибрат мегузаронад ва дар ҳаққи замон ва аҳли он айбномаи сахт мебарорад. Баъзе байтҳои ин маснавиро дар поён меорем:

Ду-се рӯз ҷӯёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон шудам,
Бибурдам ба ороиши назм ранҷ,
В-аз он кардам офоқро пур зи ганҷ,

http://edu.portal.uz

Хареро Масеҳо насаб рондаме,
Суроро Сурайё лақаб хондаме,
Сагеро, ки ҷома дарида ба дев,
Фариштa аз ӯ даргирифтӣ ғирев,
Чунон барзадам сирати мардумӣ,
Ки гӯйӣ назода ҷуз ӯ одамӣ,
Камоле, ки аз ҳар фан омӯхтам,
Ба тавсифи бедонишон сӯхтам.

Дар солҳои охири зиндагиаш сиҳатии Шоҳин хеле бад шуда буд. Дар вай осори касалии сил намудор шуд. Аммо амир ӯро аз рикобаш дур намекард ва дар сафарҳо ҳамроҳ гирифта мегашт. Вақте ки дар сафари Қаршӣ Шоҳин касали барҷомонда шуд, амир ӯро қасдан ба Бухоро нафиристод. Ниҳоят, беморӣ шоирро аз по фароварда ва ӯ соли 1894 дар ҳамин шаҳр вафот кард ва ӯро дар қабристони ҳамон ҷо гӯрониданд.

Вафоти Шоҳин ҳарчанд дур аз Бухоро воқеъ шуда бошад ҳам, аҳли илму адаби Бухоро ва шахсони пешқадаму намоён хотираи ӯро пос доштанд ва дар вафоти ӯ бо сӯзу гудоз шеърҳои аламангез навиштанд. Аз ҷумла, Аҳмади Дониш низ дар вафоти бемаҳали Шоҳин қитъаи марсияе дорад, ки дар он эҳтироми бузурги худро ба хотираи Шоҳин баён намудааст:

Базми имконро, ки чун нақшест бар рӯйи сароб,
Нест қоим талхию ширинии нуқлу маяш.
Иззаташ – сармояи ғам, давлаташ – помоли фақр,
Нолааш яъс асту заҳри мор дар нӯши наяш.
Як-ду рӯзе беш набвад мулку мол, охир ба марг
Тахтаи тобут гардад тахти Ковусу Каяш.
Чарх бетоби сукуну умр бепарвохиром,
Ҳамчу барқу бод дартоз аст мурдоду даяш.
Дӣ, яке аз аҳли маънӣ чашм пӯшид аз ҷаҳон,
Раст аз фақру ғинову садди «шайунлошаяш».
Соли таърихи вафоташ ҷустам аз пири хирад,
Гуфт баъд аз рафтани ҳангомаи ҳою ҳаяш:
Хост баъд аз вай намонад расми шеър андар ҷаҳон,
«Шамсиддин Махдум» бирафту «шеър» афтод аз паяш.

(Агар аз исми «Шамсиддин Махдум», ки ба ҳисоби абҷад 1881 мешавад, калимаи «шеър»-ро, ки 570 мешавад тарҳ

кунем, 1311 мемонад, ки он ба ҳисоби ҳичрӣ соли вафоти Шоҳин аст, ки ба 1894 милодӣ баробар аст).



Савол ва супоришот:

1. **Зиндагиномаи Шоҳинро ба қисмҳо ҷудо карда баён намоед.**
2. **Дар кадом асарҳои Шоҳин лаҳзаҳои ҷудогонаи тарҷумаи ҳоли ӯ инъикос ёфтаанд?**
3. **Муносибати Амир Абдулаҳад бо Шоҳин чӣ хел буд?**
4. **Шоҳин дар куҷо вафот кардааст?**
5. **Марсияи Аҳмади Донишро нисбати вафоти Шоҳин маънидод кунед.**

Мероси адабии Шоҳин

Шоҳин ҳарчанд «Тӯҳфаи дӯстон», «Лайлӣ ва Маҷнун» барин достонҳо ва «Бадоеъ-ус-саноеъ» ном асари мансур эҷод кардааст, аммо вай, пеш аз ҳама, шоири лирик аст ва дар замонаш ҳам ба ҳамин сифат шинохта шуда буд.

Ба лирикаи Шоҳин ғазалиёт, қасида, марсия, қитъаҳо, мухаммасот, рубоиёт ва дигар порчаҳои лирикии ӯ дохил мешавад. Тамоми афкори пешқадам ва ғояҳои маорифпарварӣ, танқидии ҷамъияти он давр, эътирози иҷтимоӣ, ғояҳои инсондӯстӣ, тараннуми идеалҳои олии ишқи инсонӣ – ҳамагӣ дар лирикаи ӯ ифода ёфтаанд. Шоҳин дар шеърҳои лирикиаш давомдиҳандаи анъанаҳои назми гузаштаи форсу тоҷик буд. Аммо вай танҳо аз роҳи тақлид нарафтааст, балки мувофиқи шароити замон ва талаботи завқи хонандаи он давр ҳам дар мундариҷаву мазмун ва ҳам дар шаклу сабки шеърҳояш навоварӣ ва навпардозиҳо кард.

Ишқ ва образи ошиқ, ки дар назми классикии форсу тоҷик мавзӯи ҷовидонӣ ва анъанавӣ мебошад, дар шеъри Шоҳин низ мавқеи муҳимме дорад. Бисёр мазмуну оҳангҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, танқиду мазаммати иллатҳои ҷамъият ба воситаи мавзӯи ишқ ва образи ошиқ дар назми Шоҳин ифода гардидааст.

Мавзӯи ишқ ба воситаи баёни ҳиссиёт ва ҳаяҷони шоир, образи ошиқ бошад, дар симои шахси шоир таҷассум кунонида шудааст. Ба ибораи дигар гӯем, «ман»-и шоир, ки

http://eduportal.uz

дар ашъори лирикии вай мавқеи асосӣ дорад, аз мафҳуми «мани» шахсӣ васеътар аст ва ҳамчун «шахси ҷамъиятӣ» зоҳир мегардад. Дар ин ҷо шахси шоир ҳамчун қаҳрамони лирикии шеър намоён мешавад.

Шоҳин ишқро бо самимият ва ҳарорати баланд месарояд. Дар бисёр шеърҳои лирикии ӯ, махсусан дар ғазалиёташ, мо ҳиссиёти фараҳангези ишқ ва эҳсоси некбинонаи ошиқро мебинем: шоир дар маънии ишқ хурсандии зиндагӣ ва некиву хушӣ ва озодии ҳаётро мебинад. Аз ин сабаб, вай дар баъзе шеърҳои лирикиаш ба шӯхиҳои ширин, зарофатҳои латиф мегузарад. Дар ин маврид аз ибораву таъбирҳои халқӣ, зарбулмасал ва мақолҳои мардумӣ ва калимаву луғати забони гуфтугӯӣ, хеле шинам истифода мебарад. Чунончи:

Қурбони лаби лаъли шакархои ту гардам,
Мафтуни хати ғолияпирои ту гардам.
Лаб мегазӣ, эй шӯх, надонам, ки чӣ гӯйӣ?
Аз нозукии тарзи адоҳои ту гардам.
Гуфтӣ, ки ба Шоҳин занадам дарду балоҳо,
Кай мезанад, аз дарду балоҳои ту гардам?

Ҳар қадар, ки шоир ба дараҷаи камолоти маънавӣ мерасид, ҳамон қадар зиндагиаш сахттар ва фоҷианоктар мешуд. Орзую умедҳои ҷавонӣ ва некбиниҳои давраи аввали зиндагиаш бо мурури замон бештар ба яъсу навмедӣ мубаддал мегашт. Ин навмедии ҳаёт ва фоҷиаи зиндагӣ дар шеърҳои лирикӣ-ғазалҳои ошиқонаи ӯ бетаъсир намонд. Дар шеърҳои ӯ шикоят, оҳу нола ва тасвири нокомиҳои ишқ бештар ва баландтар садо додан гирифтанд. Чунончи:

Касе чу ман набувад дар ҷаҳон нишони фироқ,
Ҳазор тири бало хӯрда аз камони фироқ.
Нахуст рӯз, ки ошиқ шудам, ба завқи висол
Набуд дар дили ман ҳеҷ аз ин гумони фироқ.
Ҳаёти ман ҳама вобаста ба висоли ту буд,
Аҷал биё, ки кунун мерасад замони фироқ!
Ҳамон наволаи заҳри аҷал бувад, Шоҳин,
Нахуст тӯъма, ки гирӣ, агар зи хони фироқ.

Чунон ки мебинем, дар ин ғазал ба ҷойи хурсандиҳои висоли ёр азоби фироқи маъшуқ ва сӯзу гудози ошиқи но-

http://kitobxon.com

ком суруда шудааст. Шоир-ошиқи содиқ дар ин лаҳза аз зиндагӣ сер аст ва ғарқи яъсу навмедист. Ба ҳамин тариқ, дар лирикаи ошиқонаи Шоҳин мо ду оҳанги ба ҳам мухолиф – яке, оҳанги некбинона ва дигаре, оҳанги навмедиро мебинем. Ин ду ҷиҳати ба ҳам зидди лирикаи ӯ бо зиндагии ноорому пурмусибати шоир алоқаманд буд.

Мавзӯи май ва майгусорӣ ҳам дар лирикаи Шоҳин мавқеи калон дорад. Дар қисме аз шеърҳои «майгусоронаи» Шоҳин хурсандиву озодии ҳаёти инсон тараннум карда мешавад. Дар шеърҳои дигар Шоҳин ба воситаи образи «ринди» анъанавӣ, озодии шахс ва майлҳои озодихоҳонаи шахси ҷамъиятиро ифода намудааст. Шоир образи риндро ба образи «зоҳид» муқобил мегузорад. Дар образи зоҳид Шоҳин ҳамон расму одоби динӣ ва хурофотро, ки дар ҳаёти маънавии он давр озодии шахсро маҳдуд мекард, нишон додааст. Шоҳин дар ғазалаш зоҳидро ҳамчун таҷассуми риёкорӣ ва мунофиқӣ, ҳамчун манбаи фиребу гӯлзании мардум танқид кардааст ва таъкид намудааст, ки ӯ ин риёкории зоҳид ва арбоби динро борҳо санҷидааст ва аз ин сабаб дигар ба онҳо бовар надорад, дар ҳар сухани онҳо дурӯягию нифоқро мебинад.

Равияи содданависии Шоҳин ва муҳаббати ӯ ба забони зиндаи мардуми тоҷик дар ривоҷи забони адабӣ ва махсусан, дар забони назми нимаи дуюми асри XIX аҳамияти калон дошт.

Шоҳин бо сабку услуби тозаи худ дар назм майлу равияи содданависӣ ва ба ҳаёт наздик намудани шеърро хеле пурзӯр намуд.



Савол ва супоришот:

1. **Мероси адабии Шоҳинро номбар кунед.**
2. **Шоҳин «Тӯҳфаи дӯстон»-ро бо чӣ мақсад навиштааст?**
3. **Мавзӯъ ва жанрҳои лирикаи Шоҳин ва муносибати шоир ба ашъори ҳамзамононаш аз назари шумо?**
4. **Мулоҳизаҳои равшанфикронаи Шоҳинро бо мисолҳо маънидод намоед.**
5. **Яке аз ғазалҳои Шоҳинро интихобан аз ёд кунед.**

http://edu.tj.uz

«Бадоеъ-ус-саноеъ»

Шоҳин дар маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» мехост ба воситаи панду насиҳат ва талқини одобу ахлоқи нек амирро ба роҳи адолат ва ҳукуматдорӣ ҳидоят намояд. Аммо танҳо ба воситаи панду насиҳат ва фақат ба воситаи ба роҳи адлу инсоф дохил шудани амир захму иллатҳои ҷамъияти он замонро ислоҳ кардан душвор буд. Инро Шоҳин дар вақти дар дарбор будани худ ба хубӣ фаҳмид. Ӯ фаҳмид, ки дар ҷамъияти ҷаҳолатпарвари он давр сабаби бисёр мусибату кулфат ва харобии мамлакат худи амир будааст. Шоҳин мехост разолати давр ва ҳомиёни ин разолатро фош кунад, то ки ҳар як хонанда, ҳар шахсе, ки каму беш савод ва қобилияти мутолиа дорад, дар куҷо будани решаи касофатро донад, чӣ будани фоҷиаю мусибати он даврро фаҳмад, кӣ будани арбоби давлат ва уламои диниро шиносад. Шоҳин ин вазифа ва мақсадро дар рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» анҷом дод.

«Бадоеъ-ус-саноеъ» дар охирҳои умри Шоҳин навишта шудааст. Дар ин давраи эҷодиёташ Шоҳин дар ашъори худ нуқсу иллатҳои иҷтимоии замонашро далерона танқид мекард, аммо ин танқидҳо бештар дар зери пардаи рамзу истиора, дар киноявву суханҳои духӯра пинҳон буд. Ин сабку услуб дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» низ риоя шудааст. Дар ин ҷо хонанда мефаҳмад, ки муаллиф бо ҳаҷву киноя сухан мекунад, аммо дар аввал ин рамзу кинояҳоро кушодан лозим аст, то ки мақсади муаллиф тамоман равшан шавад.

Аз ҷиҳати мавзӯъ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» се қисматро дидан мумкин аст:

1. Танқиди муҳит ва ҷамъияти он давр.
2. Танқиди аҳли замон, яъне арбобони давлат ва соҳибони салтанат.
3. Тасвири аҳволи рӯҳия ва вазъияти худи шоир, ҳамчун шахсе, ки дар он ҷамъият худро танҳо ҳис мекунад.

Аз ҷиҳати сохт бошад, рисола ҳарчанд бо сарлавҳа ба фаслҳо ҷудо нашавад ҳам, муаллиф ҳар мақсад ва мавзӯъро ба тарзи ҷудогона баён мекунад. Ин мақсад ва мавзӯъ ба чунин тарз ифода ёфтааст:

1. Ибораҳои киноямез, ки пеш аз баёни воқеа меоянд.

2. Тасвир ва таҳлили воқеаҳо, ки аз танқиди замон ё аз баёни ҳолати худи муаллиф иборатанд.

3. Ҳикояти хурде ба тарзи тамсил.

4. Ибораҳои киноямез.

5. Хулоса ва натиҷа аз ҳамаи ин баёнот бо суханҳои равшану бекиноя.

Шоҳин дар муқаддима менависад, ки кулфату зарбаҳои рӯзгор ба андозае бедармон буданд, ки ман маҷбур шудам ин рисоларо ҳамчун шикоятномаи таскини дил нависам. Аммо ин шикоятнома на аз гиряву нола, балки аз хандаву мазоҳ сар шуда, касро ба гиря мерасонад. Баъд аз ин рисола шурӯъ мешавад.

Шоҳин дар аввал ба хонанда таъкид мекунад, ки ба зоҳири воқеаҳо фирефта шудан лозим нест, ҳар кас бояд парда аз рӯйи зинату ороиши ҷамъият гирифта, ба асли моҳияти воқеа ва ҳодисаҳо назар кунад. Вай дар ин хусус бо киноя менависад:

«Субҳоноллоҳ, ки каҷкӯли гадо сафинаи кадом дарё шуда ва ба деги мадраса оши кадом маъракa сурати имзо ёфта. Агар аз барф, масалан, бинои манора осон аст, пас манора чаро махсуси Масҷиди Калон аст?»

Бале, ҳамин касони ҷоҳил манораи аз барф сохтаро чун манораи хиштӣ тавсиф мекунанд ва каҷкӯли (як навъ кадуи нимбурида, ки гадоҳо ба миён баста мегаштанд) қаландариро заврақ гумон мекунанд.

Аммо афсӯс, ки чунин ҷоҳилон озод гаштаанд ва дар ҷамъият мақому мартаба доранд, ҳол он ки ҳар яки онҳоро ба ҷойи муносиби ҳолашон мондан лозим аст. Чунончи, Шоҳин гуфтааст:

«Каллаи гӯсола чун таҳаммули (тоқати) юғ надорад, садои он зери хок ва хараки хокӣ чун тоқати кашша (абзори асп) надорад, ҷойи он миёни хасу хошок. Аммо ҳайронам аз инқилоби даҳр, ки онро (яъне гӯсоларо) ба меҳри ҷафо набастаанд ва аз инъикоси давр инро (яъне харро) ба ҷул наороста!»

Сипас, Шоҳин дар чанд иборат бетартибию беназмии ҷамъияти он вақтро танқид мекунад ва мегӯяд, ки ислоҳи ин ҷамъият имконпазир нест, зеро агар дарду иллат аз ҳар

тарафи бадан ҳамла биёрад, ҳатто сурма ҳам ба ҷойи он, ки дидаро равшан кунад, пеши чашмро сиёҳ мекунад. Бинобар ҳамин, ин ҷамъиятро аз бехаш канда партофтан лозим аст:

«Бода он ҷо, ки хумор нашиканад, пунба дар даҳони шиша неҳ, об, ки ҳар гоҳ бар номияи (нашъу нумӯйи) нахл қувват наафзояд, дами теша беҳ (яъне нахлро аз бехаш буридан беҳтар)».

Одамони камақл нуқсонҳои ҷузъии ин ҷамъиятро дида ба ислоҳи он мекӯшанд, аммо сабабҳои асосии ин нуқсонҳоро намебинанд:

«Доғам аз дасти фикри ноқис, ки муаддӣ ба хусули камол нест (яъне ба камол расиданро намехоҳад), кайк аз мӯза берун мекунад, аммо воқиф не аз ҳодисаи саг дар ҷувол».

Аз ин ҷо шоир хулоса мегирад, ки ҳамаи ин харачу марач ва иллатҳои ҷамъият на аз сабабҳои хурд, балки аз худи амир, ки сардори мамлакат ҳисоб меёбад, бархостааст:

«Обмӯрӣ агар аз боғ калон аст, гила на аз кундии хору пастии девор, балки аблаҳии боғбон аст».

Чунон ки дидем, мундариҷаи ин рисола иборат аз мавзӯи сиёсиву иҷтимоӣ буда, ин мавзӯъ дар шакли бадеӣ ифода ёфтааст. Рисолаи Шоҳин ба як тартиби мавзун ва ба як мақсади муайян, ба воситаи истифода намудани усулҳои насри бадеӣ навишта шудааст.

Усули баёни мавзӯъ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» ба воситаи муносибати шахс (яъне симои худи шоир) ба ҷамъият анҷом гирифтааст. Дар рисола иллатҳову нуқсонҳои ҷиддии ҷамъияти феодалию динии он давр фош карда мешавад. Ин иллатҳоро образи шахсе, ки дар симои худи шоир ифода ёфтааст, фош мекунад. Ин образи шахсест, ки дар муҳити зулму истибдод зиндагӣ мекунад, бетартибию бедодҳои сохти ҷамъиятии он замонро мебинад ва онро ба хонандагон фош карда медиҳад. Ин шахс дар ҷамъият танҳо худаш зиндагӣ намекунад. Балки мисли ӯ ҷафодидагон бисёранд. Тақдири онҳо фоҷианок аст, аммо ин одамон ҳарчанд тақдирро писанданд ҳам, дар пеши разолати иҷтимоӣ сар хам намекунанд. Онҳо ба суханони обдор ва қалами оташбор нуқсонҳои ботинии ин ҷамъиятро фош мекунанд, нафрати худро нисбат ба ҳомиёни ин ҷамъият нотарсона изҳор мекунанд. Аммо ин

одамон барои бартараф намудани чунин нуқсонҳо аҷзу нотавонии худро мефаҳманд ва ҳис мекунанд, зеро онҳо ҳанӯз аслиҳаи барҳам задани ин разолати иҷтимоиро намедонанд.

Бо вуҷуди ин ҳама аҷзу нотавонӣ, қаҳрамони рисолаи Шоҳин тамоман маъюс ва навмед нест, ӯ сохти давлатӣ ва ахлоқу атвори синфҳои ҳукумронро бо ҷасорат танқид мекунанд. Пас, ин хел одамон аз ҷиҳати шумораву адад кам бошанд ҳам, аз ҷиҳати маънавӣ қувваи калони иҷтимоӣ доранд ва ҳамчун мубориз намоён мешаванд.

Рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати шакли бадеӣ дар адабиёти тоҷик асари нав мебошад. Дар ин асар Шоҳин ду тарзи баёни бадеиро кор фармудааст. Вай ба воситаи киноя ба воқеа ва ҳодисаҳои иҷтимоии замонаш ишора мекунад. Дар ин маврид, ибораҳои вай монанди мақолу зарбулмасал ва таъбирҳои ҷудогона оварда мешавад. Баъзан ин ибораҳо ва таъбирот бо хулосае ҷамъбаст карда мешаванд, ки хонанда мақсади муаллифро аз овардани ин ибораҳо нағз мефаҳмад. Чунончи, ӯ фикри танқидие баён мекунад, ки дар он ҷо ҷамъият барои ривоҷи истеъдод ва соҳибҳунарҳо ҳеҷ шароите нест, ҳол он ки ҳар чиз ба воситае ё бо тарбияте ба ҷою мақсад мерасад. Вай ин мазмунро ба воситаи ин ибораҳо баён намудааст:

«...Агар гулӯла (тир) ба гӯр (бузи ваҳшӣ) расад ҳам, ба воситаи борут аст ва агар мурда ба гӯр равад ҳам, низ ба дастёрии тобут...».

Баъд аз чунин ибораю таъбирҳо, Шоҳин чунин хулоса мекунад:

«Фарёд аз ин доягони бемеҳр, ки ба атфоли худ ҷойи шир хун медиҳанд...» ва ғайра.

Ибраву таъбирҳои киноямези Шоҳин ба равия ва усули мақолу зарбулмасалҳои халқӣ навишта шудаанд. Дар ин ҷо Шоҳин мӯҷазбаёнӣ, рехтагӣ ва пурмазмунии ҳикматҳои халқиро хуб омӯхта, аз онҳо бо маҳорат истифода бурдааст. Чунончи:

«Шалғами пухта бо нуқраи хом ҳамранг аст, тафовут ту медонӣ; обгина (зарфи шишагӣ) бо алмос ҳамсанг аст, агар метавонӣ... Дасти каду ҳам ҳукми дастор дорад, чаро

http://edubook.uz

бар сар намегузоранд, магар аз деги ҷомашӯйӣ покиза набаромада? Ҷуворипоя низ ҳамшакли чумоқ (таёқ) аст, аз чӣ сабаб ба даст намегиранд, оё ба дастгаҳи харротӣ надаромада?»

Рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» аз сар то охир бо насри мусаҷҷаъ таълиф шудааст. Чунончи:

«(Кӯдаке) ба завқи гунҷишк аз дида сиришк ҳамеборид: луттие дағал, ки латоифулфияти он дастуруламали ҳар камбағал буд, аз ҳақиқати ҳол огоҳӣ ёфт...».

Шоҳин ин таъбиру ибораҳои халқӣ, махсусан аз калимоту таъбироте, ки махсуси лаҳҷаи Бухорост, хеле ба мавқеъ истифода бурдааст. Нависанда ин ибораҳоро чунон моҳирона ба кор бурдааст, ки онҳо дар насри мусаҷҷаъи ӯ баробари адабиёти классикӣ зебоӣ пайдо кардаанд:

«Ҳар ҷо, ки чун шоҳи шатранҷ рух мениҳам, кишт мехӯрам ва чун гурба ҳар хона, ки сӯқ мезанам, пишт мешунавам... Ҳамвора чу деги ҳариса насибаи ман қаллоқ (якхел кафгири чӯбин) аст ва ҳамеша чун кӯдаки мактабгурез вазифаи ман фаллоқ».

Шоҳин дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» тамоми маҳорати суханпардозӣ ва кор фармудани санъатҳои олии каломи бадеиро нишон дода тавонистааст. Аз ҳамин сабаб, ӯ ба рисолаи худ «Бадоеъ-ус-саноеъ», яъне санъатҳои бадеъ ном гузоштааст. Аммо киноя ва истиораву ташбеҳҳои мураккаб фаҳмидани «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро хеле душвор кардааст. Дар ин мушкилписандӣ Шоҳин бештар аз сабки насри бадеии Бедил пайравӣ намудааст.

Дарвоқеъ ҳам Шоҳин дар ин асар на танҳо афкору ақидаи баланди иҷтимоию сиёсии тараққихоҳонаи замонашро ифода намудааст, балки ин афкору ақидаро дар сабку услуби навин, дар шакли олии бадеӣ, ба услуби забони матину пурқувват баён намудааст.

Ҳаёт ва эҷодиёти Шамсиддин Шоҳин аз ҷониби олими тоҷик Холиқ Мирзозода тадқиқ карда шудаасст. Инчунин, олим ва адиби тоҷик Расул Ҳодизода дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шоҳин асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва қиссаи таърихӣ навиштааст.

http://elibportal.uz



Савол ва супоришот:

1. **Шоҳин рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро дар кадом солҳо эҷод кардааст?**
2. **Сохти »Бадоеъ-ус-саноеъ» чӣ хел аст?**
3. **Дар бораи забон ва тарзи баёни Шоҳин маълумот диҳед.**
4. **Кадом олим ва нависандаи тоҷик дар бораи Шоҳин асарҳои илмӣ ва бадеӣ навиштааст?**
5. **Дар бораи мавзӯъ ва мундариҷаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» маълумот диҳед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ман кӣ бошам

Ман кӣ бошам сар кашам аз хатти фармони шумо?
Ҳар чӣ ояд бар сарам, ман банда, ҳукм они шумо.
Як сари мискин чӣ бошад, к-аз шумо дорам дареғ?
Гар дилу ҷон аст, он ҳам бод қурбони шумо.
Дар хами он зулфи чун чавгон дили моро чӣ қадр?
Эй сари афсартарозон гӯйи майдони шумо!
Мекашад доман зи рӯйи ноз чун оби зулол,
Ашки талхи ман зи лаъли шаккарафшони шумо.
Сад чаман гул атсазан бархезад аз домони хок,
Гар сабо орад насиме аз гиребони шумо.
Бар дили девонаам, эй носеҳон, афсун дамед!
Вақф кардам оҳани сарде ба сандони шумо.
Гар кунад Шоҳин ба васфи ин даҳан маҷмӯае,
Мезанад раҳ бар дилаш зулфи парешони шумо.

Ёди он шабҳо

Ёди он шабҳо, ки аз гетӣ фароғат доштам,
Бо бутони тозарӯ то субҳ сӯҳбат доштам.
Дар тариқи лоуболӣ ҳам ниҳон, ҳам ошкор,
Бо қаландармашрабон тарҳи садоқат доштам.
Ҷойи миннат нест бо ман чархро, к-аз хони ӯ
Чун маҳи нав бо лаби ноне қаноат доштам.

http://edu.portal.uz

Гоҳ таълими усулу гоҳ талқини фурӯъ,
Як ба як тамҳид асбоби ҳидоят доштам...
Бар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
В-арна бар даъвии худ чандин ривоят доштам.
Ҳосили илми мани бечора аз идбори бахт
Шарру офат шуд, агар чашми шарофат доштам.
Гар кунад чандин ситам бар ҷони ман гетӣ, равост,
То чаро з-он кинахӯ чашми мурувват доштам?..

Сояи наргис

Эй ҳарифон, вақти гул дар бӯстон маҷлис кунед!
Лоларӯе иттифоқ афтад, ба худ мӯнис кунед!
Аз лабаш бӯседу май нӯшед, аммо вақти хоб
Ҷой дар пойи гулу дар сояи наргис кунед!
Дар ҳузури хубрӯён арзи дониш хуб нест,
Маст гардед аз маи рангину тарки ҳис кунед!
Ҳаст чун қалбошноӣ назди хубон мӯътабар,
«Аз тило гаштан пушаймонем, моро мис кунед!»[1]
Илтимоси банда Шоҳин, ин бувад, эй дӯстон,
К-андар он маҷлис даме ёд аз мани муфлис кунед!



Луғат ва тавзеҳот:

Наъш – мурда.
Кадбону – ходим ва кадбонузаноне, ки дар маросими мурда ва маъракаи тӯй ҳидмати мардумро мекарданд.
Ҳалила – зани никоҳӣ.
Савмиа – ҷойи ибодат, масҷид.
Сапал – ин ҷо ба маънии кафи пой.
Вараъ – тавба.
«Бахти фирӯз» – санаи таваллуд (622-ҳичрӣ).
Фурӯъ – шохи дарахт, чизе, ки аз асл мерӯяд.
Сиёқа – тартиб, қоида, равиш.
Ниё – падари падар, бобо, ҷад.
Вусъ – кушодӣ, вусъат.
Мудбир – бадбахт.
Ҷориҳа – узвҳои бадан.

[1] Ин мисраъ аз Шавкати Бухороӣ.

http://edu.portal.uz

АДАБИЁТИ ЎЗБЕК



http://eduportal.uz



БОБОРАҲИМ МАШРАБ

(1657–1711)

«Гарчи Машрабро қатл карданд, лекин вай бо шеърҳояш зиндаву ҷовид монд».

Шавкати БУХОРОӢ

Тарҷумаи ҳол

Яке аз намояндагони барҷастаи ҷараёни пешқадами адабиёти нимаи дуюми асри XVII ва аввали асри XVIII Бобораҳим Мулловалӣ Машраб ба шумор меравад.

Дар таърихи адабиёти ӯзбек ва форсу тоҷик як қатор шоирони Машрабтахаллус гузаштаанд. Лекин Бобораҳим Машраб шоирсст, ки асосан ба забони ӯзбекӣ ва қисман ба забони тоҷикӣ асарҳо эҷод кардааст. Машраб ҳаёти худро дар як қатор шаҳрҳои Осиёи Марказӣ – Намангон, Андиҷон, Марғелон, Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Балх муддати муайяне дар Ӯзганд ва шаҳрҳои Ӯркент, Хутан, Қашқари Чин (Хитой) гузаронидааст. Вай бо шеърҳои руҳи исёнкорӣ доштааш ва лирикаи ишқиаш дар байни мардум шӯҳрати калон пайдо карда буд.

Бобораҳим Машраб тахминан дар соли 1657 дар Андиҷон тавлид ёфта, падараш шахси камбағал будааст. Овони бачагии Машраб дар Андиҷон ва Намангон гузаштааст. Вай аз хурдӣ соҳиби хату савод гардида, бо зиракӣ ва заковатнок буданаш аз дигар бачаҳо тафовут доштааст ва ба мулоҳизаҳои дигарон бо назари танқидӣ нигоҳ мекардааст. Назар ба ривоятҳо, Машраб рӯзе дар мактаб бо омӯзгор баҳс мекунад ва ӯро меранҷонад. Омӯзгор аз ин ба падари Машраб шикоят мекунад. Падараш Машрабро «оқ» мекунад. Лекин, назар ба ҳамин ривоятҳо, дере нагузашта падар аз ин пушаймон мешавад ва писарашро авф мекунаду ӯро барои шогирдӣ ба Мулло Бозор Охунд ном эшони намангонӣ месупорад. Вай дар даргоҳи ӯ кор мекунад ва мехонад. Мул-

http://edu.ziyonet.uz

ло Бозор Машраби 25-соларо ҳамчун мурид назди эшони машҳури ҳамон давр – Мулло Офоқхӯҷаи Қашқарӣ мефиристад. Машраб дар ин ҷо хизматкор шуда кор мекунад ва фақирона зиндагӣ ба сар мебарад. Озодона фикр рондани Машраб, мулоҳизаҳои танқидонаи ӯ ба эшон намефорад ва бар болои ин, Машраб яке аз канизакҳои эшонро, ки Қумрӣ ном дошт, дӯст медорад. Бо ҳамин баҳона эшон ӯро аз даргоҳаш меронад.

Аз ҳамин вақт сар карда ҳаёти қаландаронаи Машраб оғоз мегардад ва ӯ як қатор шаҳру вилоятҳоро дар ба дар мегардад. Ӯ мӯҳтоҷона ҳаёт гузаронида, бар болои ин, ба таъқиби руҳониёни иртиҷоӣ дучор мегардад. Бинобар шеърҳои исёнкорона гуфтан ва ба муқобили зулму зӯроварӣ баромад карданаш эътибори Машраб дар байни оммаи васеи халқ рӯз аз рӯз афзуда, ҳатто дар бораи ӯ латифаю ривоятҳои зиёде паҳн гардидаанд. Аз ҷониби ҳукмдорон бошад, нисбати Машраб ҳар гуна ҷазо муқаррар шуда, ниҳоят вай бо фармони яке аз ҳукмдори сулолаи аштархониён Маҳмуди Қатағон соли 1711 дар шаҳри Қундуз (Афғониситон) ба дор овехта мешавад. Дар ин бобат дар китоби «Маҷмӯаи Абӯтолибхоҷа Фаҳмӣ» навишта шудааст:

«Машраб дар соли 1711 дар Қундуз бо фатвои уламо ва ҳукамои Маҳмудбек Қатағон шаҳид шудааст».



Савол ва супоришот:

1. **Дар бораи зиндагиномаи Машраб ва муносибати падараш ба ӯ нақл кунед.**
2. **Сабабҳои дар байни мардум шӯҳрат пайдо кардани Машраб дар чист?**
3. **Поёни умри Машраб чӣ гуна анҷом ёфтааст?**
4. **Дар кадом манбаъ оиди соли қатли Машраб маълумот дода шудааст?**

Мероси адабии Машраб

Дар адабиётшиносӣ ишора меравад, ки аз Машраб то ба мо китобҳои «Девони Машраб», «Мабдаи нур» ва «Кимиё» омада расидааст. Лекин тадқиқотҳои баъди солҳои 60-уми асри XX нишон доданд, ки «Мабдаи нур» ба Ҳофиз

http://edu.tj.uz

Рӯзибойи Машраб ном шоир тааллуқ доштааст. Оиди ба Бобораҳим Машраб тааллуқ доштан ё надоштани «Кимиё» то ҳол мулоҳизаҳои қатъӣ пайдо нест. «Девонаи Машраб», ки он бо унвони «Девони Машраб» низ дучор меояд, бешубҳа, ба Бобораҳим Машраб тааллуқ дошта, ҳангоми омӯхтани мероси адабии шоир асосан ба ҳамин китоб такя карда мешавад.

«Девони Машраб» асарҳои Бобораҳим Машрабро дар бар гирифта, бинобар дар ҳар ҷойи китоб оварда шудани ҳикояву латифаҳои дар бораи Машраб гуфташуда, он хусусияти як қиссаро ҳам гирифтааст.

Дар бисёр шеърҳои шоир ва ҳикояву латифаҳои дар бораи ӯ гуфташуда Машраб ҳамчн шахси халқпарвар, адолатпеша, шахси ба муқобили зулму золимон баромадкунанда тасвир ёфтааст. Аз ин рӯ, асарҳои Машрабро ҳангоми омӯхтан ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд:

а) шеърҳои исёнкорона;

б) шеърҳои ишқӣ;

в) шеърҳои сӯфиёна.

Машраб дар бисёр шеърҳояш шайху зоҳидонро, ки дар масҷиду хонақоҳ ваъзхонӣ карда, мардумро ба худоҷӯйӣ даъваат менамуданду дар амал худашон бо макру ҳила баҳри ҷамъоварии бойигарӣ аҳолиро фиреб медоданд, сахт мазаммат мекунад ва ҳаёти қашшоқонаи мардумро дида, баҳри ҳимоя намудани вай кӯшиш мекунад. Ба ин маънӣ вай чунин мегӯяд:

Дили тиғи ситамдин ёра бӯлган халқни кӯрдим,
Тили дарду аламдин пора бӯлган халқни кӯрдим,
Кӯзи вақти саҳар ситора бӯлган халқни кӯрдим,
Фано мулкида кӯп овора бӯлган халқни кӯрдим.

(Мазмунаш: ман халқи дилаш бо теғи ситам нимта гардида, забонаш аз дарду алам пора шуда ва чашмонаш ҳамчун ситораи саҳарӣ дар мулки осмон оворaро дидам).

Ин гуна шеърҳои Машраб, ҳам барои замони худаш ва ҳам барои даврaҳои сонӣ, аз аҳамият холӣ набуданд. Ин аст, ки маҷмӯаи «Девонаи Машраб» дар Бухорову Самарқанду Тошканд нашр шудаанд ва эҷодиёти шоир ҳанӯз дар асрҳои гузашта аз барномаҳои мактабҳои Осиёи Миёна дар қатори

асарҳои безаволи Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз, Алишер Навоӣ ва Мирзо Бедил мустаҳкам ҷой гирифта буданд. Бисёр шеърҳои Машраб аз ҷониби мардум ҳифз карда суруда мешуданд.

Лирикаи ишқии Машраб ҷолиби диққат буда, дар ин гуна ашъори ӯ ишқи дунёвӣ, муҳаббати ҳаётӣ ҳамчун мавзӯи асосӣ хизмат кардаанд. Ин аст, ки бисёр ғазалҳои ӯ аз замони зиндагиаш сар карда, то имрӯз дар иҷрои овозхонони нозукадо хуш садо медиҳанд

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки Машраб дар офаридани шеърҳои лирикӣ аз устодони назми мумтози машриқзамин – Саъдӣ, Хайём, Ҳофиз, Навоӣ, Бедил ва дигарон ба хубӣ баҳраманд гардида будааст. Минбаъд ба дурдонаҳои назми худи ӯ низ даҳҳо шоирони асрҳои сонӣ пайравӣ намуда, дар назм Машрабро устоди худ донистаанд. Аз ҷумла, шоирони асри XVII Ҳувайдо, Равнақ ва дигарон ҳамчун давомдиҳандагони беҳтарин анъанаҳои Машраб ба назар мерасанд.

Дар эҷодиёти Машраб шеърҳои тоҷикӣ ва ширу шакар (дар омехтагии ду забон навишташуда) низ дучор мешаванд. Чунончи:

Икки юзинг қизили чун себи Самарқанд,
Гуфт: диҳам, сӯрса гар Машраби дилбанд.

Шеърҳои Машраб дар баҳрҳои гуногуни вазни арӯз офарида шуда, онҳо бо оҳангнокиашон диққати касро ба худ мекашанд. Ин аст, ки бисёр ғазалҳои ӯ дар байни сурудҳои «Шашмақом» мавқеи хоса дорад ва ҳоло ҳам иҷро карда мешавад.

Ҳамин тариқ, чунон ки ҳанӯз ҳамзамони шоир Шавкати Бухороӣ ишора карда буд: «Гарчи Машрабро қатл карданд, лекин вай бо шеърҳояш зиндаву ҷовид монд».



Савол ва супоришот:

1. **Дар бораи мероси адабии Машраб чӣ гуна манбаъҳо мавҷуданд?**
2. **Шеърҳои Машрабро ба чанд гурӯҳ тақсим карда меомӯзанд?**
3. **Машраб дар шеърҳои исёнкоронаи худ ба муқобили киҳо баромадааст?**

http://eduportal.uz

4. Машраб дар ашъори худ ба кадом шоирони мумтоз пайравӣ намудааст?
5. Машраб ба кадом забонҳо шеър навиштааст?
6. Яке аз ғазалҳои Машрабро, ки аз ҷониби ҳофизон суруда мешаванд аз ёд кунед ва мазмунашро шарҳ диҳед.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Маҳви ҷамолат шуда мондам

Бо як нигаҳе маҳви ту, ҷонон шуда, мондам,
Рухсори чу моҳат дида ҳайрон шуда мондам.
Аз оташи ишқи ту бисӯхт ҷисмаму ҷонам,
Парвонасифат сӯхтаи ин ҷон шуда мондам.
Бо ғамза баромад санам аз майкадаи худ,
Бифрӯхтаи дин, ҷаннату ин ҷон шуда мондам.
Дидам, ки аҷаб ишвагар аст дилбари танноз,
Девонаи он ошиқи хубон шуда мондам.
Андар раҳи ишқаш шуда мафтуни ҷамолаш,
Гул-гул шукуфон маҳви рухи он шуда мондам.
Андар сари Машраб маёвар ту ғаме ёр,
Аз ақл ҷудо бандаи ҷонон шуда мондам.

Ороми ҷонам, ту куҷоӣ?

Ҳастӣ ту нозукниҳол, ороми ҷонам, ту куҷоӣ?
Дар чаманзори дилам ғунчадаҳонам ту куҷоӣ?

Чанд рӯзе аст, ки дил муштоқи дидори рухат,
Аз ту гардам дилбари ширинзабонам, ту куҷоӣ?

Чанд рӯзе аст, ки ман аз ёр гардидам ҷудо,
Ҷустуҷӯ кардам туро, ғунчадаҳонам ту куҷоӣ?

Ҳоли ман бисёр бад асту напурсидӣ маро,
Эй ки ту хушмеҳрубон, ороми ҷонам, ту куҷоӣ?

Чашми ман нодида монд, мондам ба ин саҳрои ғам,
Баҳри ҳастратҳои ту печид фиғонам, ту куҷоӣ?

http://eduportal.uz

Ташналаб аст, Машрабо, гардида ин дил ҳам кабоб,
Аз фироқат, эй маро оҳу фиғонам, ту куҷоӣ?

Сӯзад

Бигӯям бо алам аз ошиқӣ, ҷону ҷаҳон сӯзад,
Ки рози ишқро созам баён, он хонумон сӯзад.
Касеро з-оташи ишқе расад, ӯ мешавад гирён,
Шавад бесабру бетоқат, дилу ҷисмаш чунон сӯзад.
Маро бехонумон магзор, бисӯхтам аз фироқи ту,
Нигоро номи ту гирам, ки бо завқе забон сӯзад.
Туро ман бо кадом лафзе намоям васф, эй ҷоно,
Забонам лолу чашм гирён, ниҳон ин устухон сӯзад.
Чи рӯзи сахт аст, ҷоно, ҷудоӣ аз висоли ту,
Зи сӯзи дуди оҳи ман замину осмон сӯзад.
Харобам карда ин дарде, намепурсӣ зи ҳоли ман,
Ғамат дигар, алам дигар, дили манро фиғон сӯзад.
Ки дарди Машраб, эй ҷоно, маовар бар сари ҳар кас,
Ба машҳар то кашам оҳе, биҳишти ҷовидон сӯзад.

(Тарҷумаи Озармеҳр)

http://eduportal.uz



МУҲАММАД АМИНХОҶА МУҚИМӢ
(1850–1903)

«Муқимӣ ҳамчун демократи барҷастаи диёри худ аз намоёнтарин ифодакунандаи афкори пешқадами иҷтимоии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад».

Зариф РАҶАБОВ

Тарҷумаи ҳол

Муҳаммад Аминхоҷа ибни Мирзохоҷа, ки дар адабиёт бо тахаллуси Муқимӣ машҳур аст, соли 1851 дар Қӯқанд дар оилаи нонвой таваллуд ёфтааст. Вай дар ҳамон ҷой таҳсили ибтидоӣ гирифта, сонӣ дар мадрасаҳои Қӯқанд, Бухоро ва Тошканд такмили дониш намудааст. Баъди хатми мадраса боз ба Қӯқанд баргашта, то охири умраш дар ҳамон ҷой зиндагонӣ карда, бо эҷоди бадеӣ машғул шудааст. Назар ба маълумоти Муҳаммад қорӣ Мулло Муҳаммад, ки ба «Девони Муқимӣ маъа ҳачвиёт» ном маҷмӯаи шоир муқаддимаи хурде навиштааст, Муқимӣ шабҳо бо хондану навиштани шеърҳо машғул шуда, дар назди шоир Саид Ардлонӣ ҳусни хат таълим гирифта, яке аз хушхатони машҳури замони худ гардида будааст.

Аз мактубҳои Муқимӣ маълум мешавад, ки ӯ асосан бо савдогарони майда, бо ҳунармандон ва намояндагони қисмҳои камбағалу бенавоёни аҳолии шаҳр дӯстӣ доштааст.

Наздиктарин дӯсту ҳамкори Муқимӣ аз шоирон Фурқат, Завқӣ, Нисбатӣ, Насриддинхоҷа ва дигарон будаанд.

Муқимӣ хонадор шуда, Абубакрхоҷа ном писаре ҳам доштааст.

Муқимӣ 15 майи соли 1903 дар Қӯқанд вафот кардааст.



Савол ва супоришот:

1. Дар бораи зиндагиномаи Муқимӣ маълумот диҳед.
2. Муқимӣ дар кадом мадрасаҳо таҳсил намудааст?
3. Муқимӣ бо киҳо дӯстӣ доштааст?

http://elibrary.tsal.uz

Мероси адабии Муқимӣ

Ҳаёт ва эҷодиёти Муқимӣ ба як давраи пуршӯру серғавғои таърихӣ рост меояд, ки усули идораи истибдоди хонӣ ҳама гуна афкори зиндаро маҳдуд намуда, ҳар як навигариро, ки дар халқ зоҳир мегардид, несту нобуд мекард.

Муқимӣ дар замони ба камол расиданаш шоҳиди сарнагун шудани хонигарии Қӯқанд ва аз ҷониби Русия забт шудани мамлакат гардид. Пас аз забт карда гирифтани водии Фарғона дар солҳои 80-уми асри XIX дар ин ҷо пахтакорӣ бо суръати баланд рӯ ба тараққӣ ниҳод. Саноатчиёни рус ва бойҳои маҳаллӣ бо роҳҳои хеле ваҳшиёна аз пахтакорӣ фоидаи зиёде ба даст даровардан мешуданд, ки ин дар водии Фарғона боиси ба табақаҳо ҷудошавии аҳолии деҳот мегардад. Сафи чоряккорон зиёд шуда, шумораи мардикорон торафт меафзуд ва амалиёти бенавову камбағалшавии мардуми деҳот шиддат меёфт. Чунин буд аҳволи мардум дар замони зиндагии Муқимӣ.

Дар водии Фарғона вазъияти аҳолии шаҳр низ чандон хуб набуд. Ба муносибати аз Русия ба ин ҷо омадани молҳои арзонбаҳои саноатӣ маҳсулоти ҳунармандон бо суръат ба таназзул рӯй ниҳод, ки ин боиси фақиру гадошавии истеҳсолкунандагони майдаи шаҳрӣ мегардид.

Муқимӣ дар чунин давраи таърихӣ эҷод кардааст.

Муқимӣ ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои оммаи бенасибу қашшоқгардида ва беҳуқуқии деҳқонон ва мардуми камбағали шаҳр баромад мекунад.

Муқимӣ ҳамчун шоири маорифпарвар симои ба худ хоссро дорад. Характери демократӣ дар эҷодиёти вай бо анъанаҳое вобастагӣ дорад, ки дар адабиёти ӯзбек ҳанӯз хеле вақтҳо пеш аз ӯ, дар эҷодиёти Алишер Навоӣ (асри XV), эҷодиёти шоири асри XVI Турдӣ ва шоири давраи Умархон (нимаи аввали асри XIX) – Гулханӣ ва дигарон мавҷуд буданд.

Муқимӣ, пеш аз ҳама, шоири лирик буда, дар ғазалҳояш забони ӯзбекиро бо гуфторҳои нафисаш зинат додааст. Вай дар айни замон ҳаҷвнависи забардаст ҳам буд. Дар тамоми эҷодиёти вай масъалаҳои иҷтимоӣ дида мешаванд ва ин

http://edu.portal.uz

мавзӯъ дар ашъори ҳаҷвияш мавқеи хосаеро ишғол менамояд.

Муқимӣ ҳамун шоири муборизи муқобили беадолатии иҷтимоӣ дар «Баҳорон» ном шеъраш афсӯсхӯрона мегӯяд, ки дар атрофаш суруди булбул шунида нашуда, фақат фарёди зоғ ба гӯш мерасад. Дар ҷойи дигар шоир аз вазъи зиндагии худ нолида мегӯяд:

Хотирам ношод, табъам ланҷ, ғаш доим дилам,
Иштиҳо кам, қувватам не, зарра дармон ассалом!

Шоир «дар байни халқ афсона гардидани» худро баён карда мегӯяд, ки «дар ҳуҷраи ман фақат девона зиндагӣ карда метавонад». Вай дар «Толеъи ман» ном шеъраш мегӯяд: «Бахти ман сиёҳу торик аст ва оё чорае ҳаст, ки толеи ман хандад?»...

Муҳити дилгиркунандаи ҳаёти ҷамъияти ҳамонвақта, муҳити пур аз кинаву нафрат, ки дар байни табақаҳои давлатманди аҳолӣ ҷой доштааст, дар бораи меҳру оқибат ва дӯстӣ дар дили шоир ҳасрати бузурге ба вуҷуд меоварад. Ӯ дар байни мардум муносибатҳои оддию беғаму ғашро орзу мекунад, илҳоми озод мехоҳад, дар фикри ояндаи дурахшон мебошад.

Ҳамаи ин ба ғазалиёти Муқимӣ хислатҳои заёипарвоонае мебахшад, ки онро ғубори ғаму ҳасрати самимӣ фаро гирифтааст. Дар ғазалиёти ӯ самимӣ будани ҳиссиёти шоир мушоҳида мешавад, ки дар роҳи саодат ва хушбахтии мамлакати худ бисёрҳо ашк рехтааст. Ба ақидаи Муқимӣ дар мамлакати ӯ фақат онҳое, ки аз диёри дигар омадаанд, ҳурмату эътибор доштанд. Ба ин маънӣ вай мегӯяд:

Гар будам аз мулки Ҳинду Марв, доштам эътибор,
Ин бувад айбам, Муқимӣ, мардуми Фарғонаман.

Шоир ишора карда мегӯяд, ки дар мо касони худиро дӯст намедоранд. Ин гуфтаҳо маъноҳои иҷтимоии зиёдеро ифода менамоянд.

Муқимӣ ҳасраткунон мегӯяд, ки дар диёри вай «одамони сангдил ва номеҳрубон» ҳукмронӣ мекунанд. Ӯ аз ин диёр фирор кардан мехоҳад, аммо ҳамчун фарзанди ҳақиқии Ватан бо вуҷуди сахтию душвориҳо аз он дил канда наметавонад.

http://fledu.portal.uz

Ҳангоми қалам рондан нисбати бою амалдорон забони Муқимӣ фавқулодда заҳролуд мегардад. Ӯ ба душмани худ ҳеҷ раҳме накарда, вайро то охир фош кардан мехоҳад.

Муқимӣ дар ҳаҷвияҳои худ амалдорони маҳкамаҳои давлатиро худсито меномад. Зеро онҳо ба якдигар хеле монанд ҳастанд ва яке ҳилагар, дигаре, дурӯғгӯй, саввуми, бадгуҳар... Ба қавли шоир, ин амалдорҳо насабашонро ба ягон авлиё, шайх ва ё эшони машҳури гузашта нисбат дода, худро диндор нишон дода, дурӯғҳо мегӯянд, зулму тааддиҳо мекунанд.

Яке аз асарҳои ҷолиби диққати Муқимӣ «Саёҳатнома» ба шумор меравад ва бо ин манзумаи худ вай дар адабиёти ӯзбек ба жанри «Саёҳатнома» асос гузоштааст.

«Саёҳатнома» ҳамчун таассуроти сафари шоир офарида шуда, дар он ҷараёни се саёҳати шоир: Қӯқанд – Фарғона, Қӯқанд – Шоҳимардон ва Қӯқанд – Исфара ба риштаи назм кашида шудааст. Шоир таассуроти ҳар се сафарро ба якдигар пайваста, дар натиҷа як асари мукаммал офаридааст. Дар ин асар аҳволи мардуми деҳоти атрофи Қӯқанд пайваста бо харобаҳои он, зулму тааддии бою амалдорон нисбати мардуми меҳнаткаш ҳақиқатнигорона ба қалам дода шудааст. Дар асар силсилаи нақшҳои ҳаҷвӣ ба назар мерасанд, ки ҳар яке аз дигаре хасису муртад буда, дар навбати худ яке хислати дигареро пурратар мегардонад. Дар натиҷа пеши назари хонанда мингбошию қозиҳои давр бо тамоми башараи манфиашон намудор мегарданд. Чунончи:

Мағрур хасису бешу кам,
Дар ҳар сухан хӯрад қасам,
Аслаш махав бошад, ки ҳам
Ҳоҷӣ, ки худ мурдор будаст.

Пайваста бо ин, дар «Саёҳатнома» табиати зебо ва дилфиреби водии Фарғона, наҳру дарёҳои обшори он, боғу бӯстонҳои пур аз меваҳои шаҳду шаккаринаш бо эҳсосоти ватанпарварона ва муҳаббат нисбат ба диёраш тасвири худро ёфтааст. Аз ҷумла:

Андар назар, лек Рошидон,
Аз боғи фирдавс як нишон,
Саршор бувад оби равон,
Ҷояш гулу гулзор будаст.

Тарзи баёну ифодаи равони «Саёҳатнома» таронаҳои халқии мардуми водии Фарғонаро монанд буда, ин бори дигар аз халқияти эҷодиёти Муқимӣ дарак медиҳад.

Мавзӯи дигари ҳаҷвиёти Муқимӣ зиндагонии руҳониёни замони худро фош кардан аст. Дар ин бобат шеъри «Авлиё» низ ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Дар ин шеър, аз ҷумла, вай чунин мегӯяд:

Бар сараш гаҳ шапка гаҳ дастор гузорад авлиё,
Дар даст тасбеҳ, камар зуннор дорад авлиё.

Ҳамин тариқ, Муқимӣ ҳамчун ҳаҷвнависи ба назар намоёни замонааш баромад карда, дар асарҳои ҳавияш масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ба қалам додааст. Бо вуҷуди он, ки ҳамон вақт матбуот набуд, ашъори ҳаҷвии Муқимӣ дар байни зиёиён ва мардуми меҳнаткаш тез паҳн шуда, аҳамияти калони иҷтимоӣ касб мекарданд.

Гарчанд бисёре аз ҳамзамонони Муқимӣ низ ҳаҷвнавис буданд ва дар тараққиёти жанрҳои гуногуни ҳаҷв дар адабиёти ӯзбек хидматҳои шоиста кардаанд, лекин ҳаҷвиёти Муқимӣ бо амиқ будани мазмуни иҷтимоии худ, бо возеҳияти образҳои ҳаҷвияшон аз осори онҳо ба куллӣ фарқ мекард. Дар онҳо ҳаёти воқеӣ, одамони замони шоир хеле бовариобахш тасвир ёфтаанд. Муқимӣ тамоми ҳолатҳои ҳаёти мардуми Осиёи Миёнаро дар давраи мустамликаи Русия гардидани он ҳассосона дида тавонистааст ва онро бориксанҷона тасвир кардааст. Аз ин ҷиҳат низ ӯ истеъдодноктарин ва бузургтарин ҳаҷвнависи замони худ буд.

Муқимӣ баробари шоири лирик ва ҳаҷвнависи беҳамто будан, яке аз шоирони барҷастаи демократ ва маорифпарвар буда, дар асарҳои худ орзу ва дархостҳои табақаҳои васеи демократии Ӯзбекистонро ифода кардааст, ки ин орзуҳои ӯ дар замони мо – дар солҳои Истиқлолияти Ӯзбекистон ҷомаи амал пӯшида истодааст.

http://edu.uz

Муқимӣ баробари дӯст доштани халқи ӯзбек ба мардуми дигари ин сарзамин, аз ҷумла тоҷикон самимияти хосае дошт ва эҳтиром мекард. Зотан, ҳамчун бисёр шоирони маорифпешаву демократи муосиронаш қариб аксар асарҳои Муқимӣ ифодакунандаи тамоми орзуву умеди мардуми кишвари Туркистони онвақта ба назар мерасанд. Аз аъори Муқимӣ маълум мегардад, ки ӯ ҳар як мазлуму қашшокро – хоҳ тоҷик бошаду хоҳ туркман – бародари худ шуморидааст.

Муқимӣ забону адабиёти тоҷикро низ хуб медонист ва ба забони тоҷикӣ шеърҳои хубу равон низ навиштааст.

Ашъори баландмазмун ва афкори демократии Муқимӣ ӯро дар таърихи маданияти халқи ӯзбек ҳамчун як шахсияти намоён ва дурахшон шиносонидааст. Вай ҳамчун демократи барҷастаи диёри худ аз намоёнтарин ифодакунанди афкори пешқадами иҷтимоии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Савол ва супоришот:

1. **Ҳаёт ва эҷодиёти Муқимӣ дар кадом давраи таърихӣ гузаштааст ва он дар асарҳои шоир чӣ гуна инъикос ёфтааст?**
2. **Муқимӣ дар кадом жанрҳои шеърӣ асарҳо эҷод кардааст?**
3. **Шоир дар асарҳои худ киҳоро ҳаҷв кардааст?**
4. **Кадом «Саёҳатнома»-ҳои Муқимиро медонед?**
5. **Чаро Муқимиро шоири маърифатпарвар меноманд?**
6. **Шоир дар манзумаи «Танобчиён» киҳоро ҳаҷв кардааст?**
7. **Кадом ғазалҳои Муқимӣ аз ҷониби овозхонон суруда мешавад?**
8. **Яке аз ғазалҳои Муқимиро аз ёд кунед.**
9. **Аз рӯйи манзумаи «Танобчиён» иншо нависед.**

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ақлу ҳуш

Ақлу ҳуш парида аз сар, эй парӣ, девонаам,
Як илоҷе кун, масоз ту байни халқ афсонаам.

http://darsuportal.uz

Дарду сӯзу ашку оҳамро ба шамъе кун қиёс,
Шом то рӯз баҳри ҳаҷрат сӯхтам, ҷононаам.

Он замоне баҳри васлат ман ҷудо гаштам ҳанӯз,
Ҳар шабе бо ёди ту месӯзам, эй мастонаам.

Баҳри нӯши заҳри ғамҳои ту тоқатҳо намонд,
Кай шавад аз ҷоми васлат пур лаби паймонаам?

Хома мижгон, бо сиёҳӣ дида навсам рози худ,
Арз кардам бишнав, эй маъюсу ҳам мушток манам.

Во дареғо, бе ту аз каф рафта ҳам сабру қарор,
Ҳамчу шахси моргазида гашта захмин ин танам.

Соқиё, лабрез бинмо, ҷоми бонавбат ба мо,
Ман ба сад лағжиш ниҳам то як қадам, мастонаам.

Гар будам аз мулки Ҳинду Марв, доштам эътибор,
Ин бувад айбам, Мукимӣ, мардуми Фарғонаам.

АЗ ҲАҶВИЁТ

Танобчиён

Турфа аҷойиб шуда ҳангомаҳо,
Арзи маро хон, зи ин номаҳо.

Арзи маро гӯш куну ҳоламон,
Зулм намояд ба ман золимон.

Як таноб ояд, ки дар доздаҳ моҳ,
Дигарон дар роҳату ҳолам табоҳ.

Султоналӣ-хоҷа Ҳаким ҷо ба ҷо,
Ҳар дуяшон гардида бо ҳам кудо.

Ҳар ду бигашта чунон иттифоқ,
Ҳеҷ, ту гуфтӣ, накунандаш нифоқ.

http://edu.portal.uz

Ош хӯранд, байни ду сарсон илик,
Хоҷа чароғ буда, Ҳакимҷон пилик.

Ҳар ду насозанд, ки фарқ ҷояшон,
Шому саҳар бӯсида биннӣ даҳон.

Саллаашон дар сарашон чун сабат,
Кӯрпачаҳо дар тагашон сеқабат.

Он яке мӯлтонсифату ҳилагар,
Буда дигар кундасимо гавдахар.

Дошта забон понздаҳ вақаб аз ғурур,
Майдасухан лаққӣ бувад бешуур.

Аз ду яке рафт, ки андар деҳот,
Карда сухан байни касон аз наҷот.

Гуфта: «Ба чашмат, ки кал чӯҷаам»,
Махдуми Аъзам бувад хоҷаам.

Бобоямон ҳазрати Шолиғмазор,
Мухлисамон мардумони он диёр.

Ҳаст, ки Эрҳуббӣ ба моён тағо,
Шавҳари як аммаи мо Нурато.

Бибӣ Убайда бувадо холаам,
Хонаамон омада дар хурдиам.

Бар падарам Хизр бародар бувад,
Чимлиғ азизон ба ман додар бувад.

Гарчӣ ки ман олиму шайхи замон,
То диҳам як дег ба ҳар чилатон.

Омадаам ман, ки зи баҳри таноб,
Хизмати манро бикунед бошитоб.

http://edu portal.uz

Оташи афрӯхта сӯзандаам,
Ҳокиматонро худам кушандаам.

Хоҳ дучандон бидиҳамтон таноб,
Хоҳ бинозам саратон бо савоб.

Ин сухани Хоҷа наорад қарор,
Мардуми саҳроӣ шавад беқарор.

Гуфта Ҳакимҷони – «Аё, ришсафед,
Кардаӣ пайдо ту маро бо умед».

«Ҳозир кунед чор нафар мардикор,
Рост бисозед ба наздам қатор.

Бар заминат риштаам кашол кунам,
Баччаталоқ, деҳотиҳоро занам.

Тоб диҳам мӯйлаби худ бо итоб,
Баҳри ҷазо чен кунам ҳар таноб.

Некии ман халқ надонистаанд,
Аз чӣ маро халқ надорад писанд.

Ҳар ду танобаш кунам даҳ таноб,
Созамаш ин деҳи шуморо хароб.

Хоҳ бимур, хоҳ бимон баччағар»,
Пой ба эзангу бизад бо қаҳар.

Мардуми деҳот, ки дар ҳайратанд,
Ин тарафу он тараф дар дав-даванд.

Маслиҳат ороста бо ҳамдигар,
– «Дода чизеву кунаш аз дар бадар».

Ақча ба даст ду-се нафар мӯйсафед,
Гуфто: – «Ин назр аст, ба шумоем мурид».

http://eduportal.uz

Бо ситаме панҷоҳу садро гирад,
Боз танобаш дучанд баргирад.

Боз, ки мо бад буда хуб ин касон,
Аз тамизи халқ ҳазар, алъамон.

Боз чунин буда дигар ғуссае,
Боз чунин гӯш кун як қиссае.

Ӯ писаре дошта ном Ҷалолхон,
Гуфт: – «Биомӯз руқум баҳри он».

Ӯ писараш бор намуд, мухтасар,
Боз бишуд баҳри ман ӯ дарди сар...

– Эй, Муқимӣ, соз суханро тамом,
Хуб бувадо мухтасар бошад калом.

(Тарҷумаи Озармеҳр)

АЗ АШЪОРИ ТОҶИКӢ

Ашки ҳасратрез нест

Дил зи шӯри ишқи бебокат кам аз ангез нест,
Як дамам бе оҳ, чашмам ашки ҳасратрез нест.

Чини абрӯяш ба қатли ошиқон шамшери ноз,
Ханҷари алмос чун мижгони ӯ хунрез нест.

Мекунам кӯҳи ғам аз шавқи ҳамон Ширинлабе,
Тешаи Фарҳод пеши нохуни ман тез нест.

Сӯхт тоқатҳо ба роҳи интизориҳо ҳанӯз,
Сӯйи мо боре нигоҳи марҳаматомез нест.

Дӯш аз ойина пурсидам ба ҳайрат рафту гуфт:
«Улфати рӯошноён чуз ғуборангез нест.»

http://eduportal.uz

Нестам маҳҷури соҳиб, ҳамдулиллаҳ, худписанд,
Аз дигар чизе агарчанде маро парҳез нест.

Мебарад Муҳйӣ ба ҳар ҷо даъвийи арзи камол,
Ғайри нуқсонам Муқим имрӯз дастовез нест.

Мекунӣ ё не?

(Мухаммас бар газали Ҷомӣ)

Қадамро ранҷа сӯйи мо – асирон мекунӣ ё не?
Ба муштоқон ҷамоли худ намоён мекунӣ ё не?
Масеҳойӣ, давои дардмандон мекунӣ ё не?
«Ба раҳмат илтифоти мо – асирон мекунӣ ё не?
Нигоҳе ҷониби мо – хоксорон мекунӣ ё не?»

Кашидам баски ҳичрон, тар зи хун шуд хонаи дида,
Ба ранги ҳалқаи тасвир лун шуда хонаи дида,
Зи ҷӯши гиряи ашкам бурун шуд хонаи дида,
«Чу Яъқубам зи гиря сарнагун шуд хонаи дида,
Худоё, Юсуфи моро ба Каньон мекунӣ ё не?»

Ба боғи даҳр гул фасли баҳорон мекунӣ равшан,
Тамоми кӯҳу саҳроро ба борон мекунӣ равшан,
Гуҳар аз қатраҳои абри найсон мекунӣ равшан,
«Шаби торикро бо моҳи тобон мекунӣ равшан,
Даруни қабри торикам чароғон мекунӣ ё не?»

Муқимӣ, зарраӣ, чун офтоби ховарӣ, Ҷомӣ,
Заифу оҷизам, кун дастгирӣ – ёварӣ, Ҷомӣ,
Ба доди додхоҳон аз ту ояд доварӣ, Ҷомӣ,
«Кадомин дарду меҳнат мекунам ёдоварӣ, Ҷомӣ,
Ту осон мушкили мо – мустамандон мекунӣ ё не?»

http://kutubxonasi.uz

АДАБИЁТИ ҶАҲОН



http://eduportal.uz



НОДИРИ НОДИРПУР

(1929–1990)

«Дар маҷлиси шеър ӯ буд чун падар,
Бо ман мусоҳиб дар шеъру анҷуман.
Ҷою манзили ӯ имрӯз холист, аммо,
Ман таъоф мекунам ӯро ҳар замон»...

Бозор СОБИР

Нодири Нодирпур соли 1929 дар Эрон таваллуд шуда, маълумоти ибтидоӣ ва миёнаро дар зодгоҳаш гирифта, соли 1948 ба Франсия рафт ва бо илму фарҳанг ва адабиёти ин кишвар шинос гардид ва меҳраш ба ин диёр афзуда ҳамеша ёди он ҷо мекард.

Нодирпур охирҳои соли 1980 ба Франсия ҳиҷрат намуд ва дар он ҷо зиндагӣ ихтиёр кард.

Нодирпур ба шеъргӯӣ аз охири солҳои 40-ум оғоз кардааст. Шеърҳои ӯ дар маҷмӯаҳои «Чашмҳо ва дастҳо», «Духтари ҷом» (ҳар ду соли 1954), «Шеъри ангур» (1958), «Сурмаи хуршед» (1960), «Ашъори баргузида» (1963), «Баргузидаи шеърҳо» (1970). «Гиёҳ ва санг, на оташ», «Аз осмон то ресмон» (ҳар ду зимистони соли 2536 шоҳаншоҳӣ), «Субҳи дурӯғин» (1981, Порис) мунташир шудаанд.

Ашъори Нодирпур аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ғанӣ ва гуногунранг аст. Дар солҳои аввали фаъолияти эҷодиаш ӯ қонуниятҳои инкишофи ҷамъиятро хуб дарк намекард, ҷаҳонро бесару сомон медид ва зиндагӣ барояш чун «шаби тор» ё «зимистони қаҳратун» буд. Дар ашъори ин давринаи ӯ оҳангҳои яъсу ноумедӣ ҷой доранд.

Омӯзиш ва андӯхтани таҷрибаи зиндагӣ, ҳамкорӣ бо ходимони пешқадами адибони муосири Эрон – Хонларӣ, Соя, Сиёвуши Касроӣ ва дигарон дар ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафаккури Нодирпур таъсир карданд. Аз охири солҳои 50 – ибтидои солҳои 60-ум назари Нодирпур ба воқеияти зиндагӣ, моҳияти ҳастӣ ва рӯйдоди ҷаҳон дигар шуд. Ӯ аз рӯйдодҳои Эрон ва ҷаҳон, «аз кӯдакони зуд ба пирӣ расида», аз хавфи ҷанги ядроӣ ва ғайра сухан мегӯяд. Дар чунин рӯзгори

http://edu.portal.uz

пурташвишу серғавғо шоир интизори инсони далер, ғаюр ва қавирӯҳест, «то банд аз пойи худ ва дигарон бикшояд»:

Эй офаридгор!
Ман орзуи як тан дорам,
То машъале баровард аз дил,
Ӯ офтобе аз ҷигари хеш
Ва онро чароғи ин шаби беравшанӣ кунад.

Вале ҳангоми Инқилоби солҳои 1978 – 1979-и Эрон шоир ин гуна машаълафрӯзони роҳи ростиро надид. Шоир таҳаввулоти дигаргуниҳои ин инқилобро «Субҳи дурӯғин» номидааст.

Нодирпур аз пайравони Нимо Юшиҷ, мӯътақидони ҷараёни «шеъри нав» (шеъри озод) ба шумор меравад. Вай дар шеърҳояш вазни арӯзро риоя кардааст, лекин вобаста бо рафти воқеа ва рӯҳияву ҳолати қаҳрамони лирикӣ вазнро шикаста, мисраъҳоро дар шакли кӯтоҳу дароз овардааст. Дар шеъри «Ҳамосае дар ғуруб» мисраи якуми банд аз чор мафоилун (V - - -), мисраъҳои панҷуму шашум аз ду мафоилун иборатанд. Тарзи қофиябандии шеъри классикии форсҷоик низ дар чунин шеърҳои Нодирпур риоя нашудааст. Баъзе шеърҳои ӯ қофия надоранд.

Дар баробари ин, Нодирпур ба равия ва сабки шеъри классикӣ низ шеърҳо эҷод кардааст. Масалан, як ғазали ӯ чунин аст:

Ту ба ҷавонии ман омадӣ, ҷавон бошӣ,
Баҳори умри манӣ, кош бехазон бошӣ.
Забони дил ба дуоят кушудаам шабу рӯз,
Ки моҳрӯй бимониву меҳрубон бошӣ.
Ту дар сиёҳии шаб шӯълаи сапедадамӣ,
Зи боди фитнаи айём дар амон бошӣ.
Дуои Нодират аз чашми бад нигаҳ дорад,
Биё, ки навгули ин мурғи субҳгоҳон бошӣ.

Дар ашъори Нодирпур таркибҳои наву тоза ба мисли «нохуни борон», «як ситора дил», «як сина офтоб», «дарави тӯфон», «нажоди абр», «боди ғариб», «шеъри ангур» ва ғайра ба назар мерасанд.

Нодирпур дар Тоҷикистон низ шӯҳрату эътибори зиёд дорад. Доир ба эҷодиёти ӯ як рисолаи номзадӣ ва чандин мақолаҳо навишта шудаанд.

http://eduportal.uz

Шеърҳои Нодирпур ба забонҳои русӣ, озарӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ ва ғайра тарҷума ва нашр шудааст. Ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ шеърҳои Нодирпур дар рӯзномаву маҷаллаҳо, маҷмӯаҳоии «Амвоҷи Корун» ва Мурғи офтоб» ба табъ расидааст.

Нодирпур ҳамроҳи Хонларӣ ва Лутфалии Суратгар моҳи декабри соли 1967 дар Симпозиуми шеъри форсӣ иштирок намуда, дар мавзӯи «Кӯҳна ва нав» (оид ба шеър) маърӯза кард.

Нодирпур бо шоирону донишмандони тоҷик Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ, Мӯъмин Қаноат робитаи дӯстӣ ва фарҳангӣ дошт. Вай дар Ӯзбекистон, аз ҷумла дар Самарқанд ҳам шудааст.



Савол ва супоришот:

1. **Дар бораи ҳаёти Нодирпур маълумот диҳед.**
2. **Нодирпур дар кадом жанр ва намуди назм эҷод кардааст?**
3. **Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Нодирпур аз чӣ иборат аст?**
4. **Муносибати Нодирпур бо адиб ва олимони тоҷик чӣ хел буд?**
5. **Яке аз шеърҳои Нодирпурро аз ёд кунед ва онро маънидод намоед.**

Шеъри ангур

(Ба Абулҳасани Наҷафӣ)

Чӣ мегӯед?
Куҷо шаҳд аст ин обе,
ки дар ҳар донаи ширини ангур аст?
Куҷо шаҳд аст, ин ашк аст,
Ашки боғбони пиру ранҷур аст,
Ки шабҳо роҳ паймуда,
Ҳама шаб то саҳар бедор буда,
Токҳоро об дода,
Пуштро чун ҷуфтаҳои мӯ дуто карда,
Дили ҳар донаро аз ашки чашмон
Тани ҳар хӯшаро бо хуни дил нур бахшида,
Шодоб парварда.

http://edu.portal.uz

Чӣ мегӯед?
Куҷо шаҳд аст ин обе,
ки дар ҳар донаи ширини ангур аст?
Куҷо шаҳд аст, ин хун аст:
хуни боғбони пири ранҷур аст.
Чунин осон магиредаш,
Шумо ҳам, эй харидорони шеъри ман,
Агар дар донаҳои нозуки лутфам
Ва ё дар хӯшаҳои рӯшани шеърам
Шаробу шаҳд мебинед, ғайри ашку хунам нест.
Кучо шаҳд аст? Ин ашк аст, ин хун аст,
Шаробаш аз куҷо хондед?!
Ин мастӣ на он мастист,
Шумо аз хуни ман мастед.
Аз хуне, ки менӯшед,
Аз хуни дилам мастед.
Маро ҳар лафз фарёдест, к-аз дил мекашам берун,
Маро ҳар шеър дарёест,
Дарёест лабрез аз шароби хун.
Куҷо шаҳд аст ин ашке, ки дар ҳар донаи лафз аст?
Чунин осон маяфшоред бар ҳар дона лабҳорову
Ба ҳар хӯша дандонро,
Маро ин косаи хун аст,
Маро ин соғари ашк аст,
Чунин осон магиредаш,
Чунин осон манӯшедаш.

Кулбае бар сари мавҷ

Тифле, ки гоҳ-гоҳ
Ойина дар муқобили хуршед мегирифт,
То дидагони пиру қавонро
Аз бозтоби нур биёзорад.
Акнун, ки офтобаш рӯ мениҳад ба бом
Оё чӣ гуна нури ҷавониро
Дар чашми пири хеш фуруд орад?

Ин тифли солхӯрд
Тарфе аз ин хаёл нахоҳад баст,

http://ebuportal.uz

Зеро ки офтоби куҳансоле
Дигар на он фурӯғи саҳаргоҳ аст,
К-аз ховарон дар ойинаҳо метофт,
Ӯ ҳаргиз инъикоси зулолашро
Дар дидагони хеш нахоҳад ёфт.

Имрӯз бар каронаи иқлими Бохтар
– Дар кулобае, ки бар сари мавҷ истодааст –
Ӯ аз сапепадам чӣ тавонад дид?
Ҷуз ин ки осмон
Фонуси сурхи раҳнамоиро
Аз дасти бурҷи бандар мегирад
То пиҳсӯзи берамақашро бароварад.

Чашме, ки борҳо,
Дар кӯчаҳои хокии он шаҳри ошно
Аз дур бар ҳариқи шафақ хира монда буд,
Имсол дар саросари ин шаҳри ношинос
Аз ҷилваи ғуруб чӣ хоҳад дид?
Ҷуз ин ки гоҳ-гоҳ,
– Чун бар уфуқ назора кунад аз чаҳорроҳ –
Хуршеди оташинро, баъд аз чароғи сабз
Дар осмон нишоти хатар бинад.
Оре, замона шеваи дигар гузидааст
В-ин бехабар ҳанӯз фазои гузаштаро
Дар қоби танги ойина меҷӯяд.
Ғофил, ки ҷуз шикастани ойина чора нест,
Ғофили умри гумшударо бозёфтан
Осонтар аз харидани умри дубора нест...

Фонусе дар сапедорон

Эй хуштар аз хоби саҳаргоҳон!
Ҳаргиз маро бовар намеомад, ки баргардӣ
Дар лаҳзаҳои талхи бедорӣ ба сӯйи ман.
Аммо ту меҳмони манӣ имшаб,
Ман низ чун ойина бедорам.

http://eduportal.uz

Дар дидаи ман ҳам ҳамон ранг аст...
Эй хуштар аз хоби саҳаргоҳон!
Ҳаргиз маро бовар намеомад, ки баргардӣ
Дар лаҳзаҳои талхи бедорӣ ба сӯйи ман.
Аммо ту меҳмони манӣ имшаб,
Ман низ чун ойина бедорам.
В-аз шавқи ин дидори бемонанд
Гунг аст, пиндорӣ, забони гуфтугӯйи ман.

Оре, ту имшаб мизбони безабон дорӣ,
К-аз ӯ каломе дарнахоҳӣ ёфт.
Зеро ки ин андӯҳ ё ин шодие пинҳон
Хомӯш месозад садоро дар гулӯйи ман.
Дасти туро дар даст мегирам,
Бо дидагонат роз мегӯям
В-он атри сабзи навҷавониро
– Чун бӯйи намноки дарахтон дар шаби борон –
Мебинаму дар гесувонат боз меҷӯям,
Механдию лаб мекушояд орзуи ман.

Оҳ, эй сапедандоми оҳучашм!
Эй он ки акси моҳро бар косаи зону,
Барқи ҳавасро дар булӯри дидагон дорӣ,
Эй он ки дидори ту бо ман дар шаби ғурбат
Ширинтар аз хоб аст дар бӯҳрони беморӣ,
Фархунда бод ин лаҳзаи меъдод,
Хуш бод ин соат, ки механдӣ ба рӯйи ман.

Ғам нест, гар ойина аз аксат тиҳӣ гардад,
Ман аз ту нақши ҷовидон дорам:
Ман аз ғаворниҳо ту бар лавҳаи пиндор
Ҳамвора тасвире ҷавон дорам.
Оре, дар он айём, эй ҳамсӯҳбати дерин,
Симои ту ҳамзоди хуршеди баҳорон буд.
Дар субҳи гесӯйи тилоиранг
Хандиданат оҳанги шаффофи шикастан дошт.
Ин сон, ки гӯйи аз сари мастӣ
Ҷоми булӯринро фурӯ мекӯфтӣ бар санг.

http://edu.portal.uz

Оҳе гудозон дар ту маскан дошт
Рӯҳе, ки ҳамчун шӯълаи алмосгун дар шишаи фонус
Пайваста урён буду бо пӯшидагӣ дар ҷанг.

Ҳар бомдод аз пушти сафҳои сафедорон
Меомадӣ бо ҷомеае аз нур нозуктар,
Андоми ту, аз лобалои сояҳо метофт
Чунонки дар зулмат сапедӣ мезанад мармар.
Ман чун туро аз дур медидам,
Бо хеш мегуфтам, ки имрӯз осмон обист.
В-ин офтоби дилкушоро дар уфуқ дидан
Подоши бехобист.
Акнун ки хандон менишинӣ рӯ ба рӯйи ман,
Эй турфа меҳмони шабоҳангам!

Дигар рухат ҳамзоди хуршеди баҳорон нест,
Ҳамтойи моҳи аламафрӯз аст,
Зеро ки гесӯйи туро баркест симинфом,
Мо ҳар ду медонем, к-он субҳи тилоиро
Кофургун кардаст барфи ҷомиди айём,
Аммо ҳанӯз андоми ту дар ҷомаи хокистарини ту
Чун оташе бо дуд дар ҷанг аст...
Рӯҳи ту дар қолаб намеғунҷад,
Пироҳанат бар пайкарат танг аст...
Оҳ, эй дурахшонрӯйи ҷодучашм!
Эй моҳи шабҳои нахустини хазон, эй моҳ!
Ҳаргиз магӯ: поиз бо пирӣ ҳамоҳанг аст.
Гар осмонро ҳамчунон обӣ тавонӣ ёфт,
Дар дидаи ман ҳам ҳамон ранг аст...

Баъд аз ҳазор сол

Баъд аз ҳазор сол
Як рӯз субҳи лаҳзаи зодан расид,
Фарёди дардноки замин дар гулӯ шикаст,
Зеҳдони ӯ чу ҳалқаи чоҳе даҳон кушуд,
Ман ҳамчу кӯдак аз тани гармаш ҷудо шудам,
Он гоҳ шӯри оташи дардаш фурӯ нишаст,

http://kitob.uz

Бархостам зи хок.
Дар ҳалқаи тилоии чашмам нигоҳи субҳ
Тобид ҳамчу партави хуршед дар нигин.
Акнун насим дар тани ман бол мезанад,
Акнун даруни синаи ман метапад замин.
Акнун баҳор дар дили ман лона кардааст,
Ман рӯйиши сапеди ҳазорон шукуфаро
Бар шохаҳои лухт,
Ман бозии кабуди ҳазорон ситораро
Дар чашмаҳои дур,
Ман ҷунбиши шабонаи ҳар абрпораро
Дар осмони жарф,
Ман гардиши асораи гарми ҳаётро
Дар соқаи гиёҳи тар эҳсос мекунам.
Ман набзи бесадои ҷамоду наботро
Дар мағзу пӯстам,
Дар хуну гӯштам,
Чун зарбаҳои қалби худ эҳсос мекунам.
Пои маро чу решаи беоби нахли пир
Дар жарфнои хок ба занҷир бастаанд,
Аммо ҳанӯз дасти ман аз лобалои абр
Монанди муштбастаи гулдастаҳои шаҳр
Сӯйи ситораҳост,
Дар панҷаҳои сӯхтааш машъали дуост.

* * *

Бо ман дуо кунед,
Эй шохаҳои хушк,
Эй дастҳои сарди навозишнаёфта,
Эй чашмаҳои дур,
Эй дидагони кӯр,
Эй дар шумо ситораи шодӣ натофта!
Ёри шумо манам,
Ман бо ситораҳо,
Ман бо парандаҳо,
Ман бо шукуфаҳои саҳар зода мешавам,
Ман бо насими ҳар нафаси ошно чу мавҷ
Аз нав барои зистан омода мешавам.

http://edu.portal.uz

Чу мушти хашмгину гиреҳҳӯрдаи дарахт
Хуршедро миёни ду дастам гирифтаам.
Хуршед дар ман аст,
Дар ман учоқи мӯъҷизаи рӯз равшан аст.

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Маълумот дар бораи «Шеъри нав» ва хусусиятҳои он

«Шеъри нав» – истилоҳест барои ифодаи равияву тамоюлоти навҷӯӣ дар қолаб, вазну қофия ва системаи суворо-ти шеъри муосири форсизабонон. «Шеъри нав» дар нимаи солҳои 50-ум дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабии Эрон пайдо шуда, баъдан дар Афғонистон ва Тоҷикистон низ маъмул ва муддате боиси баҳсу мунозираҳои тунду тез гардид.

Оғози ҷараёни «Шеъри нав»-ро ба Нимо Юшиҷ вобаста медонанд. Нимо дар асарҳояш дар роҳи омезиши анъанаҳои адабии миллӣ, дастовардҳои адабиёти Ғарб ва эҷодиёти шифоҳии халқ кӯшид ва тамоми ин таҷрибаҳояшро дар манзумаи «Афсона» ҷамъбаст кард.

Навпардозиҳои Нимо то солҳои 50-ум дар шеъри Эрон пайравиву ривоҷ наёфт. Аз ибтидои солҳои 50-ум баъди ба адабиёт ворид шудани Фаридуни Тавалулӣ, Нодири Нодирпур, Ҳушанги Соя, Фаридуни Муширӣ, Сиёвуши Касроӣ ва дигар шоирони навпардози соҳибистеъдод дар вазни шеъри форсӣ арӯзи озод, яъне озодона истифода бурдан аз имкониятҳои дохилии арӯз мавқеъ пайдо кард. Ин шоирон дар эҷодиёти худ асосан ба анъанаҳои шеъри миллӣ такя карда, худро пайрав ва давомдиҳандаи кори Нимо Юшиҷ эълон намуданд. Вале онҳо дар тозанигориҳои худ ба ҷуз арӯзи озод аз имконҳои «шеъри озод» ва «шеъри сафед» низ васеъ истифода кардаанд. Тамоми ин навпардозиҳоро дар танқиди адабии Эрон «шеъри нав» номидаанд. Аз ин рӯ, мафҳуми «шеъри нав» аз мафҳумҳои вазни озод ва шеъри сафед на танҳо васеътар аст, балки дар худ ҳамаи онҳоро фаро мегирад.

Роиҷтарини ин равияҳо дар «шеъри нав» арӯзи озод аст. Шикастани мисраъҳо, дарозу кӯтоҳ ва номутасовӣ қарор гирифтани онҳо дар арӯзи озод асосан ба аҳамият пайдо

кардани истҳо (паузаҳо), аломатҳову задаҳои мантиқӣ вобаста мебошад. Масалан, оғози «Шеъри ангур»-и Нодирпур чунин аст:

Чӣ мегӯед?
Куҷо шаҳд аст ин, обе,
ки дар ҳар донаи ширини ангур аст?
Куҷо шаҳд аст?
Ин ашк аст
Ашки боғбони пири ранҷур аст,
Ки шабҳо роҳ паймуда.

Ин шеър дар асоси рукни «мафоилун»-и баҳри ҳазаҷ эҷод шудааст, вале бар хилофи арӯзи анъанавӣ адади рукнҳо дар ҳамаи мисраъҳо баробар нест, баъзан аз рукн ҳичое ба мисраи дигар мегузарад, қофия низ тартиби муқаррар надорад.

Дар назми муосири тоҷик навпардозиҳо дар соҳаи шакли шеър вобаста ба табаддулоти сиёсиву иҷтимоӣ дар зиндагии мардум ва мундариҷаи адабиёт аз устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ оғоз гардида бошанд ҳам, дар шакл ва сохтори шеър баъд аз солҳои 60-ум ба вуқӯъ пайваст. Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Фарзона на танҳо дар эҷоди шаклҳои тозаи шеър аз худ ҷасорати адабӣ зоҳир намуданд, балки ба эҷодкорона истифода бурдани имкониятҳои арӯз ба сохтори шеъри тоҷикӣ тағйироти назаррас ворид намудаанд. Ин тағйирот дар эҷоди шаклҳои нави шеър, ки дар назми анъанавӣ собиқа надоштанд, яъне аз ҷиҳати қолаб ба ягон шакли анъанавӣ мувофиқат намекунанд.

Таваҷҷӯҳ ва пайравӣ ба чунин анъана аз ҷониби шоирони тоҷики Ӯзбекистон Ҷаъфари Муҳаммад, Паймон, Абдулло Субҳон, Хоҷа, Шаҳзода, Парисо низ мушоҳида мешавад.

Савол ва супоришот:

1. **Истилоҳи «шеъри нав»-ро маънидод намоед. Он боз бо кадом номҳо ба забон гирифта мешавад?**
2. **Асосгузори шеъри нав кист?**
3. **Кадом шоирони муосири тоҷик ба «шеъри нав» муроҷиат намудаанд?**
4. **Яке аз шеърҳои онҳоро маънидод намоед.**



АЗИЗ НЕСИН

(1915–1985)

«То соли 1956 номи нависандаи Туркия Азиз Несин машҳур набуд. Ҳамон сол дар Озмуни умумиҷаҳонии ҳаҷвнависон барои ҳикояи «Ҳамдии Фил» вай «Шохачаи тилло» ном мукофоти якумро гирифт, пас аз як сол дар чунин Озмун барои ҳикояи «Базми дегшинонӣ» боз ба мукофоти якум сарфароз гардид. Дар як сол зиёда аз сӣ маҷмӯаи ҳикояҳо, ду роман ва як пйесааш чоп шуда баромад».

Аз «Литературная газета»

Адиб ва публисисти турк Маҳмуд Нусрат, ки бо тахаллуси Азиз Несин шӯҳрат пайдо кардааст, соли 1915 дар шаҳри Истамбули Туркия таваллуд шудааст. Ӯ дар 12-солагӣ аз падару модар ятим монда, дар Дорушшифо (интернат)-и Истамбул тарбия меёбад. Азиз Несин баъди хатми омӯзишгоҳи ҳарбӣ таҳсилро дар Академияи санъати нафис давом додааст. Назар ба маълумоти худаш, муаллифи зиёда аз ду ҳазор ҳикоя ва романи шашҷилдаи тарҷумаиҳолӣ мебошад. Нахустин шеър, ҳикоя ва новеллаҳояш дар рӯзнома ва маҷаллаҳо чоп шудаанд.

Азиз Несин муаллифи ҳикояву романҳои ҳаҷвӣ ва сиёсию иҷтимоист. Ӯ нобаробариҳои иҷтимоии замон, рақобати байни ҳизбҳо, ахлоқи фосиди ҷамъияти буржуазӣ, мансабтарошию риёкории амалдоронро ҳаҷв мекунад. Дар асарҳои «Хари мурда» (1958), «Офарин» (1959) ва ғайра характеру воқеияте, ки ӯ ба таҳқиқи бадеӣ гирифтааст, мураккабии табиати инсон ва тазодҳои ҷамъиятро таҷассум ва инъикос мекунанд.

Қаҳрамонони писандидаи Азиз Несин амалдори хурд, зиёии ноком, камбағалон мебошанд. Ҳикояҳои ҳаҷвии маҷмӯаҳои «Агар зан мебудам» (1961), «Биёед, дами беғам занем» (1966), романи «Шоҳи футбол» (1978), «Пйесаҳо» (1985) ва силсилаи шеърҳои «Азизнома» низ ба қалами Азиз Несин тааллуқ доранд.

Асарҳои Азиз Несин ба бисёр забонҳои дунё тарҷума ва нашр шудаанд. Ӯ дар озмуни умумҷаҳонии ҳаҷвнигорон, ки дар Италия солҳои 1956, 1957 барпо гардида буд, ду бор ба гирифтани мукофоти «Шохаи нахл», барои ҳикояҳои «Баз-

http://edu.portal.uz

ми дегшинонӣ», «Ҳамдии фил», «Қарзи ватандӯстӣ» ва «Вай бояд бимонад» (солҳои 1952, 1959) ба мукофотҳои «Хорпуштаки тиллоӣ» ва «Крокодил» мушарраф гардидааст.

Бисёр ҳикояҳои Азиз Несин ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, дар саҳифаҳои газетаю журналҳо ва дар маҷмӯаи «Фонус» (1963), «Мактубҳо аз он дунё» (1978) нашр шудаанд. Инчунин романи «Шоҳи футбол» низ тарҷума ва нашр шудааст.

Азиз Несин соли 1978 ба Тоҷикистон ва Ӯзбекистон омада, дар ҷашни 100-солагии зодрӯзи Садриддин Айнӣ иштирок ва суханронӣ кардааст.

Дар бештарин ҳикояҳои Азиз Несин иллатҳои ношоёни аъзоёни ҷамъият, макру фиреб, дурӯғгӯӣ, бадахлоқӣ ва ғайра инъикоси худро ёфтаанд.

Ин маънӣ дар ҳикояҳои «Дарси ахлоқ», «Ҳамдии фил», «Зинда бод кишвари азиз» ва ғайра равшан ба назар мерасанд.



Савол ва супоришот:

1. **Азиз Несин дар куҷо умр ба сар бурдааст?**
2. **Адиб дар адабиёт бо чӣ гуна асарҳои худ машҳур шудааст?**
3. **Дар асарҳои Азиз Несин кадом соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ тасвир ёфтааст?**
4. **Кадом асарҳои ӯ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст?**
5. **Ҳикояи «Дарси ахлоқ»-ро маънидод намоед**
6. **Бо ҳикояи «Зинда бод кишвари азиз» нависанда чӣ гуфтан мехоҳад?**

Ҳикояҳо

ДАРСИ АХЛОҚ

Дар синф дарси ахлоқ меравад:

– Ахлоқ, бачаҳо, чизи бисёр хуб аст. Агар касе бадахлоқ шавад, ҳолаш хеле табоҳ мешавад.

– Ҷаноби муаллим!

– Ҳа, чӣ гап?

– Четинро бинед... чӣ кор карда истодааст. Айбро намедонад-мӣ!

http://ziyouportal.uz

– Дам шин!.. Одам бояд хушахлоқ бошад. Ахлоқ ба одам чӣ хубиҳо меорад. Онҳоро номбар карда ҳам намешавад! Агар одам бадахлоқ шавад, ҳолаш хеле табоҳ мешавад.

– Чӣ мешавад, ҷаноби муаллим?

– Ҳар чӣ шуданаш мумкин. Ҳама ӯро одами бадахлоқ будааст, мегӯянд. Бадахлоқӣ бошад, чизи бисёр бад аст. Бинобар ин, бачаҳо, хушахлоқ шудан лозим. Оҳ, ахлоқ, аҷаб чизи хуб аст! Ана барои ҳамин ҳам дар мактабҳо онро дарс медиҳанд. Ҳамин тавр нест? Магар мо ба шумо чизи бадро ёд медиҳем. Сонӣ. Яъне, ахлоқ... Ман чӣ гуфтам?

– Шумо: «Оҳ аҷаб чизи хуб аст!» гуфтед.

– Маҳз ҳамин тавр: оҳ, аҷаб чизи хуб аст! Мумкин аст, шумо пурсед, ки чаро? Чунки тамоми бузургон чунин гуфтаанд.

– Ҷаноби муаллим!

– Боз чӣ гап? Чӣ шуд?

– Ба Алтон гӯед, аз пуштам тела надиҳад.

– Дам шинед, бачаҳо. Гӯш кунед, ба шумо моҳияти ахлоқро хонда медиҳам:

«Ахлоқ одамро водор менамояд, ки қоидаҳои ҷамъиятӣ, анъана, урфу одат ва қонунҳоро вайрон накарда зиндагӣ кунад».Фаҳмидед? Шумо бояд мисли аксарияти мардум, мисли калонсолон рафтор кунед. Канӣ, Сунай, аз ҷоят хез! Бозори ҳаннотон чӣ гуна аст?

– Бозори ҳаннотон ҷудо ҳам нағз, ҷаноби муаллим.

– Ҷудо ҳам нағз?!

– Албатта! Чунки вай мувофиқи қоидаҳои ахлоқ аст, ҷаноби муаллим. Як ба муқобили аксарият баромада ҳам бинед – охир, ин бадахлоқӣ мешавад. Ҳамин тавр не? Ҳамаи одамони хушахлоқ аксарият ба бозори ҳаннотон сару кор доранд!

– Ту чӣ гуфта истодаӣ!

– Ба худо, ки ҳамин тавр, ҷаноби муаллим. Худатон мулоҳиза карда бинед: қассоб, баққол, ангиштфурӯш, мевафурӯш – ҳамаашон дар бозори ҳаннотон савдо мекунанд. Ана мо ҳам як шинос дорем, ки вай одами бадавлат

аст, ӯ ҳам дар ҳамон ҷо доду гирифт дорад. Ба ман инро падарам гуфта буданд. Мо ба наздикӣ ба хонаи ӯ меҳмон шуда будем ва ин одами шинос ба ман гуфт, ки: «Аз рӯйи ахлоқ рафтор кунӣ, ба муродат мерасӣ». Ман калон шавам, хеле хушахлоқ мешавам. Ман соҳиби хонаю пули бисёр мешавам. Вале падарам барин одами бадахлоқ ба доругӣ ҳам ёфт намешавад.

– Дам шин! Шарм намедорӣ, ки дар ҳаққи падарат ин хел гапҳоро мегӯӣ?..

– Не, ман гуфтан мегирам! Вай чунон бадахлоқ, ки ҳатто хонапулиро дода наметавонад.

– Шин дар ҷоят... Бачаҳо! Ҳеҷ гоҳ аз доираи ахлоқ набароед.

– Ҷаноби муаллим!

– Гап зан, Эргун!

– Ман бошам амаке дорам. Вай ҳамеша мегӯяд: «Ахлоқ гуфта ёфтагиамро нӯг ба нӯг расонда наметавонам». Ман ҳам бадахлоқ мешавам.

– Дам шин! Одамеро, ки дорои ахлоқи хуб нест, чӣ мегӯянд? А-а? Хӯш, канӣ ҳамаатон баробар гӯед, чӣ мегӯянд?

– Бадахлоқ мегӯянд!

– Дуруст. Одам миллион-миллион бошад ҳам, аммо агар бадахлоқ бошад, ба чӣ кор меояд? Аҳволаш хароб мешавад!

– Не ҷаноби муаллим. Вай осуда зиндагӣ мекунад.

– Бачаҳо, ҳаминро ҳам фаҳмед, ки вичдони одам бояд пок бошад. Ҳама бузургон хушахлоқ буданд.

– Пеш чунин буд, ҷаноби муаллим. Мана, дар гузарамон одами калоне аз шаҳри Адан зиндагӣ мекунад. Вай се мошини сабукрав дорад, ӯро шоҳи пахта мегӯянд. Вай ҳар гуна чизҳои қиматбаҳо дорад, вале аз кӯчаи ахлоқ нагузаштааст.

– Ман ба шумо бузургонро гуфта истодаам: олимони бузург, мутафаккирони бузург, рассомони бузургро гуфта истодаам. Масалан, Суқротро гирем...

– Ҳа, ман Суқротро медонам, ҷаноби муаллим.

– Албатта, бояд шумо ӯро донед.

http://eduportal.uz

– Устохонааш дар назди дари ҳавлии мо мебошад, вай либос тоза мекунад. Лекин ӯ ҳеҷ бадавлат нест. Вай барин одами хушахлоқро дар тамоми олам ёфта наметавонед.

– Ман файласуфи Юнони қадим – Суқротро гуфта истодаам. Мисли Суқрот, Арасту, Галилей хушахлоқ шавед!

– Ҷаноби муаллим, дар назди мо Аҳмадбой ном тунукафурӯше ҳаст. Чӣ, магар Суқроти гуфтагиатон аз вай ҳам хушахлоқтар аст?

– Бачаҳо, ахлоқ бо пул ҳеҷ як муносибате надорад. Дар таърих хушахлоқтарин одамоне гузаштаанд, ки онҳо аз гуруснагӣ мурдаанду вале виҷдони худро доғдор накардаанд.

– Ҷаноби муаллим, пас ахлоқ чизи бад набудааст-ку?

– Чизи бисёр хуб аст! Масалан, одами хушахлоқ гапи ҳақро ба ҳама натарсида гуфтан мегирад.

– Ман тағое дорам, ана, ӯро барои рӯйирост гапи ҳақро гуфтанаш аз партия хориҷ кардаанд.

– Ин гапи дигар. Ман аз сиёсат гап назадаам, ман аз ахлоқ гап зада истодаам. Канӣ, Оғуз, дурӯғ чист? Мо бояд ба гапи дурӯғ чӣ хел баҳо диҳем?

– Дурӯғ бисёр чизи хуб, ҷаноби муаллим. Агар дурӯғ гуфта тавонӣ – кори хеле хуб мешавад. Агар дурӯғ намегуфтам, маро ҳар рӯз мезаданд.

– Ба гапаш гӯш надиҳед, бачаҳо. Дар хотиратон бошад, ки бояд шумо аз калонҳо ибрат гиред.

– Ҷаноби муллим! Вале хоҳари ман ҳам ба модарам дурӯғ мегӯяд, модарам бошад ба падарам. Падарам бошад, вақте ки ба наздаш қарзхоҳон ба рӯёндани пул меоянд, мефармояд, ки ӯро дар хона нест гӯем.

– Дафъ шав аз синф! Баро! Бачаи нобакор!

– Ҷаноби муаллим, магар шумо нагуфтед, ки «Одами хушахлоқ, бояд гапи ҳақро гӯяд». Ана ман ҳам...

– Шин дар ҷоят!.. Бачаҳо, ахлоқ як чизи бисёр хуб аст. Ҳамаи шумоён бояд одамони хушахлоқ шавед. Масалан, агар ба касе қавл диҳед, ҳар чӣ ҳам шавад, ба қавлатон бояд вафо кунед.

– Ҷаноби муаллим, боре падарам ба ман нақл кард, ки як кас будааст, – номаш аз хотирам баромад, – ҳамон кас ба ӯ гуфтааст: «Коре мекунам, ки зиндагӣ осон шавад...».

http://eduportal.uz

– Дам шин! Ба ҳар ош қатиқ нашав! Бачаҳо! Аз ахлоқ дида чизи хубтар нест. Вақте ки шумо дар бораи ахлоқ китобе, ки хондед, дар ҳайрат мемонед. Ҳатто пайғамбарон ҳам онро таъриф мекунанд. Ахлоқ чизи бисёр хуб ва ҳатто чизи хеле аҷиб аст. Чизи чунон хуб, ки ... Ахлоқ чизи хуб аст. Ба худо, чизи хуб аст. Қасам мехӯрам, ки чизи хуб аст!

Дар ҳамин вақт «ҷирингӣ» карда, садое аз танаффус хабар дод. Муаллим арақи пешониашро пок карда, оҳи вазнине мекашад. Худоё, шукр, ки дарси ахлоқ ба охир расид.

ЗИНДА БОД, КИШВАРИ АЗИЗ!

Агар ту ба ин гап бовар кунӣ, пас ман зинда нестам.

Мо ба девори бинои ҳабсхона такя дода, дар офтоб гарм мешудем. Назоратчӣ Яримпирсиён дастонашро ба пушт карда чунон такаббурона аз назди мо гузашт, ки гӯё теппаҳои атрофро бо дастони худаш бунёд карда бошад.

– Ҳаққи гапро гӯям, кӣ зинда аст? Ҳамааш гап, – ҷавоб додам ман, – ба ҳаминаш ҳам шукр кун. Охир, шахсоне ҳастанд, ки рӯзашон аз рӯзи мо ҳам сахттар аст. Шукр кун, ки тану ҷонат саломат аст!

Не, оғобой! – эътироз кард ӯ. Зиндагӣ аз ин бадтар намешудагист. Ман гӯё дар қайди ҳаёт нестам. Намедонам чӣ тавр карда инро ба ту фаҳмонам? Ту маро, албатта, дида истодаӣ, вале ин ҳаргиз чунин маъно надорад, ки ман вуҷуд надорам. Ман дар қайди ҳаёт нестам. Ман инро бори аввал дар синни дувоздаҳсолагиам дониста будам. То ин вақт дар ноҳияи мо мактаби давлатӣ набуд. Ҳамон сол, вақте ки алифбои нав баромада дар ноҳияамон мактаби ибтидоӣ кушода шуд, одамони пешқадами шаҳрчаамон аҳд карданд, ки фарзандони худро ба мактаб монанд. Падарам худро аз қабили одамони пешқадам медонист, бинобар ин, вай хост, ки маро ҳам ба мактаб нависонад. Вай аз дастам гирифту он ҷо бурд. Директори мактаб аз падарам шаҳодатномаи таваллудамро талаб кард.

– Мо ҳанӯз барои ӯ шаҳодатномаи таваллуд нагирифтаем, – шояд, ки шаҳодатномаи ман ба кор ояд? – гуфт падарам.

Вале шаҳодатномаи падарам намешудааст. Дар мактаби Довудхоҷа, ки дар он ҷо бачаҳои ноҳияи мо хати кӯҳнаро меомӯхтанд, шаҳодатномаи таваллуди бачаро талаб намекарданд.

Ваде падарам мехост, ки ман дар мактаби нав хонам...

Маҷбур шуда ба аризанависе, ки рӯ ба рӯйи идораи давлатӣ менишаст, ариза нависонда гирифтем. Аризаро гирифта ба идорае, ки шаҳодатномаи таваллуд медиҳад, раҳсипор шудем. Амалдор аризаро гирифту ким-чӣ хел дафтарҳои ғафсро баровард. Онҳоро варақ зада, номи падарамро ёфт.

– Номат Рашид-мӣ? – пурсид вай аз падарам.

– Бале, – ҷавоб дод вай.

Амалдор дар ҳаққи падарам маълумотҳоро хондан гирифт:

– Соли таваллуд 1897... Маҳаллаи Тегирмонтеппа, кӯчаи Товусбӣ, рақами пештараи ҳавлӣ 51, наваш 23... Дар соли 1911 ба Ҳоҷарном духтаре хонадор шуд. Аз вай Амин ном писаре ёфтӣ. Рост аст?

– Дуруст, – ҷавоб дод падарам. – Ман мехоҳам ба писарам шаҳодатномаи таваллуд нависонда гирам ва ӯро ба мактаби давлатӣ диҳам. Вале то имрӯз чунин коғаз лозим нашуда буд.

Амалдор ба падарам бо тааҷҷуб нигоҳ кард.

– Ҷаноб, ба ту чӣ гуна шаҳодатнома лозим? – гуфт амалдор, – Писарат кайҳо мурдааст-ку!

– Мебахшед, шумо чиҳо гуфта истодаед! – саросема шуд падарам. – Ана писарам, вай ҳамроҳи ман аст.

Амалдор боз дафтарро хондан гирифт.

– Номат Рашид-мӣ?

– Рашид!

– Номи падарат Маҳмуд-мӣ?

– Бале инаш ҳам дуруст.

– Ту ба Ҳоҷар хонадор шудаӣ, ӯ аз ту Амин ном писаре зоид?

– Ҳақ асту рост. Айнан ҳамин тавр. Ҳозир мехоҳам,ки барои худи ҳамин Амин шаҳодатномаи таваллуд гирам.

http://edu portal.uz

– Ин чӣ хел мешудааст? Ҳамаи қайдҳо дуруст, вале мурдани Амин нодуруст будааст? Дар ин ҷо қайд шудааст, ки вай мурдааст, мо бошем, ба мурдаҳо шаҳодатномаи тавваллуд намедиҳем.

Ман гиря кардам.

– Бас кун, – фарёд зад падарам ба ман, – ба рӯйихати мурдагон даромадан кати кас намемурад!

– Ҷаноб бошад, мегӯяд, ки ман м-му-р-даам!

– Майлаш гуфтан гирад. Ту ба гапи ман гӯш кун.

– Дар дафтар қайдҳои нодуруст намешаванд, чӣ тавре, ки навишта шуда бошанд, ҳамон тавр ҳастанд, – гуфт амалдор. – Агар ягон қасде дошта бошед, аз ман ёрӣ умед накунед. Ба мурдагон шаҳодатнома намедиҳанд.

– Мо чӣ қасд доштаем? – бо изтироб пурсид падарам.

– Шумо гуноҳи бисёр доред, – ҷавоб дод амалдор, – шумо бо оқсаққол забон як мекунеду мурдаро зинда мегӯеду зиндаро мурда, умуман шумо чӣ хел ки хоҳед, ҳамон тавр фиреб медиҳед.

– Аҷиб, канӣ фаҳмем, писари мо кай мурдааст? – пурсид падарам.

Амалдор ба дафтар назар кард.

– Вай ба ҷанги якуми ҷаҳонӣ рафта буд. Соли 1915 дар Чанаккалъа» ҳалок шудааст. Мувофиқи ахбороти рақами сесаду сиву як таҳсими ҳаштоду панҷи идораи ҳарбия вайро ба рӯйихати мурдагон даровардаанд.

Падарам оташин шуда рафт.

– Гӯш кун, афандӣ, канӣ дафтаратро бин соли 1911 хонадор нашудаам?

– Бале, – ҷавоб дод амалдор, – ҳамин тавр навишта шудааст: ту дар соли 1911 хонадор шудаӣ.

– Ин тавр бошад, агар писарам дар рӯзи тӯй таваллуд шуда бошад ҳам, пас дар соли 1915 фақат чорсола мешуд. Чӣ тавр кӯдаки чорсола ба аскарӣ мераваду дар майдони муҳориба ҳалок мегардад?

Амалдор чӣ гуфтанашро надонист. Вай аввал ба ман як нигоҳ карду сонӣ ба дафтар, баъд ба падарам нигарист ва боз ба дафтар чашм дӯхту гуфт:

– Писари ту Амин соли 1896 таваллуд шудааст. Яъне, дар вақти ҳалок гардиданаш нуздаҳсола будааст.

– Писарам соли 1896 таваллуд ёфтааст? – гашта пурсид падарам. – Худо ёрат бошад, афандӣ, пас ман кай зоида шудаам, канӣ як дафтаратро бин.

Амалдор ба китобаш назар кард.

– Ту соли 1897 таваллуд шудай, – гуфт вай.

– Ҳой, афандӣ, ин қадар гоҷ нашав, аз ин мебарояд ман аз писарам як сол сонӣ зоида шудаам?

Амалдорони дар хона будагӣ ҳам ҷамъ шуданд. Вале ҳеҷ кас ин муамморо ҳал карда натавонист.

– Аз рӯйи маълумоти дар дафтар буда айнан ҳамин тавр аст, ба ин чӣ ҳам мегӯӣ, – гуфт амалдори мо. – Албатта, дар ин ҷо ягон хатое рафтааст, вале чӣ гуна хато?

– Ҷанобони мӯҳтарам, – мурочиат карда падарам ба амалдорон, – дар байни шумо ягон касе ёфт мешавад, ки вай аз падараш пеш таваллуд шуда бошад?

Амалдор якбора ба ғазаб омад:

– Ҳой, ту падари дигаронро ҳам ба ин ҷо қатӣ накун. Мо ба мурдагон шаҳодатнома намедиҳем! Вассалом!

Мо ҳамроҳи падарам назди мудири идораи қайдҳо рафтем. Падарам ба ӯ тамоми воқеаро нақл карда дод. Мудир ҳамроҳи мо аз хонаи поин, ба хонае ки як ғарам дафтарҳо хобида буданд, фаромад. Тамоми коғазҳои қайдро боз як бори дигар дида баромадем.

– Ҳамааш дуруст, – гуфт мудир. Дар китоб ҳам чунин навишта шудааст. Писарат дар соли 1915 ҳалок гардидааст. – Мудир ба андеша афтод. – Эҳтимол, ана ин тавр бошад, – нохост тахмин кард ӯ – Занат аз ту калон аст. Ба ҳар ҳол ту ӯро бева гирифтай. Вай бошад, аз шавҳари аввалааш Амин ном фарзанде доштааст. Писари ӯгаят аз ту як сол калон будааст. Вале чи хел шудааст, ки дар дафтар туро ҳамчун падар қайд кардаанд.

Ман гиря карда фиристодам.

– Ҳӯй, бас кун бача, – гуфт хашмгинона падарам. – Писари кӣ буданатро дафтар медонад-мӣ ё ман?

Амалдор эҳтиромкорона гуфт:

– Ин гапро аз куҷо фаҳмидед? Бешубҳа ҳамин тавр буд!

Падарам бесавод бошад ҳам, аз он одамони зуд тандиҳанда набуд.

– Ҳоҷар – духтари Боқир... Соли 1904 таваллуд ёфтааст, – дафтарро хонд амалдор.

– Пас, ба қавли шумо, – гуфт падарам, – зани ман соли 1904 таваллуд ёфтаасту писари ӯ Амин соли 1896, ҳамин тавр не? Ҳой, оё шумо ягон вақт шунидаед, ки бача ҳашт сол пеш аз модараш таваллуд шуда бошад?

Аз рӯйи дафтар маълум мешавад, ки ман як сол пеш аз падарам таваллуд шудааму ҳашт сол пеш аз модарам. Модарам ба падарам ҳанӯз дар сини ҳаштсолагиаш ба шавҳар баромадааст ва маро понздаҳ сол пеш аз тӯй шуданаш таваллуд кардааст.

Амалдорон, мудир – ҳама дар сари дафтар ғун шуданд. Онҳо сарҳояшонро хам карда ба фикр фурӯ рафтанд. Дар ин дам мудир муамморо ҳал кард:

– Шояд, ин тавр шуда бошаад: Ҳоҷар пеш шавҳар дошт ааст. Аз зани аввалини шавҳари якуми ӯ Амин ном писаре мондааст. Писари ӯгаи Ҳоҷар аз вай ҳашт сол калон будааст. Вақте ки шавҳараш мурдааст, вай писари ӯгаяшро бепарастор намонда, ҳамроҳи худ гирифтаасту ба Рашид расидааст. Ана аз ҳамин сабаб, Амин аз модари ӯгаяш ҳашт сол ва аз падари ӯгаяш як сол калон баромадааст.

– Маҳз ана ҳамин тавр шудааст, – гуфт амалдор, – фақат ҳамин тавр шуданаш мумкин аст.

– Ҳа, сабил монад! – Хашмгин шуд падарам. Чӣ ҳарза мегӯянд! Занам, дар ҳафтсолагиаш ба ман ба шавҳар баромадааасту пеш аз ман зани каси дигаре будааст.

– Хуб, майлаш, – гуфт мудир, – боз чӣ хел ҳам мешуд? Агар ту аз ин саҳеҳтар шарҳ дода тавонӣ, марҳамат.

Ман ҳанӯз гиря мекардам.

– Ҳой бача, ту ин қадар ҳунгос назан, – таскин медод маро падарам. – Хайр, ба мактаби Довудхоҷа меравӣ мемонӣ, ҷон халос.

Аз он рӯз вақти бисёре гузашт, ман калон шудам.

http://ziyouz.uz

Оё маро ба аскарӣ гирифтанд? Охир, ман мурдаам. Ман дар Чанаккалъа ҳалок гардидаам. Магар мурда ҷангида метавонад? Вале мо ба онҳо фаҳмонида натавонистем. Жандармҳо маро дастгир карда ба комиссариати ҳарбӣ бурданд. Падарам ҳам аз паи ман он ҷо омад.

– Ҷаноб, дар дафтар қайд шудааст, ки писарам мурдааст. Вай вуҷуд надорад. Агар зинда мебуд, ба ӯ шаҳодатномаи таваллуд медоданд.

Падарам ҳанӯз даҳон накушода сардори комиссариати ҳарбӣ дод зад:

– Ҳа, ту мехоҳӣ ин қаддарози бесӯлақайро аз хизмати ҳарбӣ пинҳон кунӣ?

Ҳамон дам маро ба аскарӣ фиристоданд. Рости гап, ман хурсанд шудам. Пас ман зинда будаам. Хеле хуб. Мӯҳлати хизмат ҳам ба охир расид. Рафиқонамро аз хизмат ҷавоб доданд, вале ба ман «озод шуд» гуфта ҳуҷҷат надоданд. Охир, чӣ тавр аз хизмат озод кунанд? Барои ин шаҳодатнома лозим аст, ки дар он адо кардани хизмати ҳарбӣ қайд карда мешавад. Вале ман ин гуна шаҳодатнома надорам. Пас, ман аз хизмат озод шуда наметавонам. Қисме, ки ман хизмат кардам, ба комиссариат талабномае фиристодааст, ки ба ман шаҳодатнома навишта диҳанд. Аз байн як моҳ нагузашта, аз он ҷо чунин ҷавобе омад: «Шахсе ки шумо барояш шаҳодатнома талаб карда будед, соли 1938 дар вақти адои хизмати ҳарбӣ дар ҷанги Дерсим ҳалок гардидааст».

– Дар он ҷо хатое содир шудааст, – гуфтам ман ба командири рота. – Ман дар Дерсим не, балки дар Чанаккалъа ҳалок гардидаам. Беҳтараш аз идораи қайдҳо талаб кунед, ки ба шумо маълумоти муфассал медиҳанд.

Чӣ чорае надидам, то исбот кунам, ки ман зиндаам! Охир, бе ин аз хизмат ҷавоб намедоданд. Ниҳоят, коғазе дода аз хизмат озод карданд ва ба хона фиристоданд.

Ба хона омада фаҳмидам, ки падарам мурдаасту қарзи бисёре доштааст. Вай панҷ ҳазор лир ба банк, ду ҳазор лир андози давлатӣ доданаш лозим будааст. Азбаски ман ягона меросхӯри падарам будам, қарзҳоро мебоист худам адо ме-

кардам. Амалдорони назорати молия ягон дақиқа ҳам маро ором намегузоштанд.

– Гӯш кунед, охир ман мурдагӣ – ку! Касе бовар накунад, аз комиссариати ҳарбӣ пурсад. Агар ба ин ҳам бовар накунад, пас аз идораи қайд пурсад. Одаме, ки дар қайди ҳаёт нест, оё метавонад қарзҳои падарашро адо кунад?

– Оё ту писари Рашидоғо нестӣ? Магар аз падарат рӯй мегардонӣ?

– Не, ман рӯй намегардонам. Вале ман дар қайди ҳаёт нестам...

Оҳ, оё ба инҳо гап маъқул карда мешавад! «Ҳар навъ карда ту бояд қарзи падаратро адо кунӣ!» Ман қарзро додан нахостам, вале ба ман гуфтанд, ки надиҳам, ба мероси падар соҳиб намешавам. Падарам бошад, замини бисёр, чарогоҳҳо, ҳавлӣ ва дӯконҳо дошт. Ман аз як ҷо пул қарз гирифтаму қарзро адо кардам. Хайр гуфтам, мероси падарро мегираму қарзамро медиҳам. Ҳатто бо хурсандӣ қарзро адо кардам. Вақте ки кас қарзашро адо мекунад, аққалан медонад, ки зинда аст. Вале гапи мероси падар баромада буд, ки кор ранги дигар гирифт! Писари падар буданамро чӣ тавр исбот кунам? Барои ин ҳатман шаҳодатномаи таваллуд лозим! Ба ман гуфтанд: «Охир ту мурдаӣ пас чӣ тавр соҳиби мероси падар мешавӣ? Ту пеш аз падарат вафот кардаӣ», – гуфтанд ба ман. Ба ҳамин тариқ, ман зинда будани худамро исбот карда наметавонистам. Ба онҳо гуфтам: «Хайр, охир ман дар назди шумо истодаам ё не? Шумо маро дида истодаед ё не? Ман дар назди шумо хода барин рост истодаам? Ба сафи армия хизмат кардам? Андоз додам?»

– Инҳо асос шуда наметавонанд, – ҷавоб доданд ба ман.

– Ту расман дар қайди ҳаёт нестӣ.

– Охир ман намурдаам-ку, – такрор кардам ман.

– Ту дар рӯйихати мурдагон ҳастӣ!

Ман онҳоро ба суд додам. Барои ҳимояи худ адвокат гирифтам. Дар суд аз вазорати молия ба муқобили ман юристе баромад кард. Вай манфиати давлатро эътироф намуда, тасдиқ намуд, ки азбаски падарам меросхӯре надорад, мебоист мулкаш ба хазинаи давлат гузарад. Вай якзайл: меросхӯр

мурдааст, – гӯён такрор мекард. Адвокати ман мегуфт, ки ман зиндаам, юрист мегуфт, ки мурдаам. Онҳо бо тамоми қувва баҳс мекарданд. Юристи вазорати молия чунин ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод кард, ки ман тайёр будам ба мурда буданам тан диҳам.

Судбозӣ ду сол давом кард. Азбаски шаҳодатномаи таваллуд надоштам, аз ҳеҷ куҷо кор ёфта натавонистам. То гулӯям ба қарз ғӯтидам. Боре ба ҷонам расиду гапҳои ба даҳонам омадаро гуфтам. Чӣ гуфтанамро дар хотир надорам. Маро дастгир намуда ҳабс карданд.

– Шумо чӣ ҳақ доред, ки маро ҳабс кунед? – гуфтам ман. – Охир, ман дар қайди ҳаёт нестам – ку! Оё мурдаро ҳам ҳабс мекунанд?

– Ҳой йигит, оё мурда ҳам гап мезанад? Ҷавони каппакалон шудаасту мегӯяд, ки мурдаам!

Рости гап, вақте ки маро ҳабс карданд, шод гардидам. Ба ҳар ҳол боварӣ ҳосил кардам, ки ҳанӯз зиндаам.

Ҳамин ки аз ҳабс озод шудам, маро боз маъюсӣ фаро расид. Дидам, ки ба мероси падар соҳиб намешавам. Қарзхоҳон маро танг мекарданд. Аз баҳри ҳама чиз гузаштаму ба Истамбул рафтам. Дар он ҷо ҳам кор ёфта натавонистам. Бо духтаре вохӯрдам. Хостам ба занӣ гирам. Аз идораи қайдҳо ҳазор ҳуҷҷат омада буд, ки ман мурдаам, ин хел бошад, чӣ тавр хонадор шавам? Ман бе ақди никоҳ ӯро ба занӣ гирифтам. Вале аз куҷо қути лоямут ёбам? Қарор додам, ки аз номи дигар як одам дӯконе кушоям. Модом, ки ман расман ба қатори мурдагон дохил шудаам, албатта, дӯкондор шуда наметавонистам. Ин ҳодиса як сол давом кард. Одаме, ки дӯкон ба номаш буд, пулҳоро гирифта гурехт. Лозим омад, ки андозҳоро ҳам худам диҳам. Ба ҳама мегуфтам, ки ман мурдаам, вале касе ба гапам бовар намекард.

Чӣ кор ҳам мекардам? Дуздӣ кардам. Дастгир карданд. «Ман расман дар қайди ҳаёт нестам», – гуфтам ман, аммо ба ин эътибор намедоданд. Мурда дуздӣ карда метавонистааст. Маълум шуд, ки дуздӣ кунӣ, зинда будаӣ. Ҳамин тавр хулоса мебарояд: ба мактаб равӣ, мегӯянд, ки мурдаӣ; сухан дар бораи хизмати ҳарбӣ равад, зиндаӣ; гап дар бораи аз хизмат озод шудан равад, қатори мурда мешуморанд, гап дар бораи

адои қарзи падар равад, ту зиндаӣ; мероси падарро талаб кунӣ, мегӯянд, ки дар қайди ҳаёт нестӣ, агар ҳабс карданӣ шаванд, ту зиндаӣ.

Шод будам, ки маро ба ҳабс гирифтанд. Ҳар чӣ ҳам бошад, расман мурда бошам ҳам, дар назари умум алҳол зиндаам. Ман чор фарзанд дорам, онҳо на зиндаанду на мурда; онҳо расман дар ин дунё таваллуд нашудаанд. Падар ки нашуд, фарзанд аз куҷо таваллуд мешавад?.. Пас аз се рӯз аз ҳабс озод мешаваму боз расман мемурам.

Назоратчӣ ҳуштакашро ба даҳонаш бурд, одамоне, ки дар рӯйи ҳавлӣ гашту гузор мекарданд, ба ҳабсхонаҳои худ даромаданд. Мо ҳам аз ҷо бархостем.

– Оғобой, – гуфт вай, – ман расман зинда нестам, зиндагӣ мекунам ё не, аз ин чӣ фоида? Муҳимтараш мамлакат зинда бошад. Чӣ гуфтед? Зинда бод, кишвари азиз, мо зинда набошем ҳам, мешавад!

http://eduportal.uz

МУНДАРИЧА

Омӯзгорон ва донишомӯзони мӯҳтарам 3
Адабиёти бадеӣ ва вазифаҳои он 4

АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ҳаёти адабӣ-маданӣ дар асрҳои XV–XVI 10
Абдураҳмони Ҷомӣ 14
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи ҳикоят, қитъа, мавзӯъ ва гояи асари бадеӣ 46
Алишери Навоӣ (Фонӣ) 49
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи анъана ва навоварӣ 65
Камолиддин Биноӣ 67
Зайниддин Маҳмуди Восифӣ 76
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи ёддошти бадеӣ 99
Бадриддин Ҳилолӣ 101
Назарияи адабиёт. Санъати тазод 137
Абдураҳмони Мушфиқӣ 139
Адабиёти асрҳои XVII–XVIII ва нимаи якуми асри XIX 152
Соиби Табрезӣ 164
Сайидои Насафӣ 173
Шавкати Бухороӣ 206
Назарияи адабиёт. Услуб ё худ сабки ҳиндӣ 217
Зебуннисо 219
Малеҳои Самарқандӣ 227
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи тазкира 234
Мирзо Абдулқодири Бедил 236
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи забон ва услуби асари бадеӣ 252
Муҳаммадшариф Гулханӣ 254
Абдулқодирхоҷаи Савдо 268
Назарияи адабиёт. Маълумот давр бораи ҳаҷв ва мутоибот 273
Аҳмади Дониш 275
Шамсиддин Шоҳин 298

http://ed.portal.uz

АДАБИЁТИ ЎЗБЕК

Бобораҳим Машраб 314
Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ 320

АДАБИЁТИ ҶАҲОН

Нодири Нодирпур 332
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи «шеъри нав» ва хусусиятҳои он 340
Азиз Несин 342

http://eduportal.uz

Asliddin Qamarzoda
Jumanazar Eshonqulov
Umeda Qamarova

ADABIYOT

Ta’lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning
8-sinfi uchun darslik

(Qayta ishlangan va to‘ldirilgan 5-nashri)

Original-maket «O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlangan,
100011, Toshkent, Navoiy ko‘chasi, 30

Муҳаррир *Илҳом Эшонқулов*
Мусаввир *Шамсиддин Ходжаев*
Муҳаррири техникӣ *Лина Хижова*
Ҳуруфчин *Нуриддин Аслиддинов*
Саҳифабанди компютерӣ *Кира Голдобина*

Литсензияи нашриёт AI 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 28 марти соли 2019 имзо гардид. Андозаи $60\times90^{1}/_{16}$.
Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Times New Roman Tj».
Кегли 11. Ҷузъи чопии шартӣ 22,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 23,22.
Адади нашр 6431 нусха. Супориши № 78.

Дар ХЭТН «G‘afur G‘ulom»-и Оҷонсии коммуникатсияҳои оммавии иттилооти назди маъмурияти Президенти Республикаи Ӯзбекистон чоп карда шуд. 100128, Тошканд, кӯчаи Лабзак, 86.

http://eduportal.uz

Қамарзода Аслиддин ва диг.

Қ 31 Адабиёт: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 8-ум / А. Қамарзода, Ҷ. Эшонқулов, У. Қамарова: Муҳаррири масъул Ҷ. Холмӯъминов. Нашри панҷуми такмилёфта – Т.: «O‘zbekiston». 2019. – 360 с.
I. 1,2 Муаллифдош.

ISBN 978-9943-01-512-8

УЎК 821.222.8(075)
КБК 83.3(0)

http://eduportal.uz

Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

№	Ному насаби донишомӯз	Соли хониш	Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан	Имзои раҳбари синф	Ҳолати китоб ҳангоми супоридан	Имзои раҳбари синф
1.						
2.						
3.						
4.						
5.						

Ҷадвали болоҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

Нав	Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан.
Хуб	Муқоваш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест.
Қаноатбахш	Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд.
Ғайриқаноатбахш	Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқарор карда намешавад.

http://eduportal.uz

http://eduportal.uz

Asliddin Qamarzoda
Jumanazar Eshonqulov
Umeda Qamarova

ADABIYOT

Ta'lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning
8-sinfi uchun darslik

(Qayta ishlangan va to'ldirilgan 5-nashri)

Original-maket «O'zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlangan,
100011, Toshkent, Navoiy ko'chasi, 30

Муҳаррир *Илҳом Эшонқулов*
Мусаввир *Шамсиддин Ходжаев*
Муҳаррири техникӣ *Лина Хижова*
Ҳуруфчин *Нуриддин Аслиддинов*
Саҳифабанди компютерӣ *Кира Голдобина*

Литсензияи нашриёт AI 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 28 марти соли 2019 имзо гардид. Андозаи $60\times90^{1}/_{16}$.
Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Times New Roman Tj».
Кегли 11. Ҷузъи чопии шартӣ 22,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 23,22.
Адади нашр 914 нусха. Супориши № 79.

Дар ХЭТН «G'afur G'ulom»-и Оҷонсии коммуникатсияҳои оммавии иттилооти назди маъмурияти Президенти Республикаи Ӯзбекистон чоп карда шуд. 100128, Тошканд, кӯчаи Лабзак, 86.

http://eduportal.uz